# МАҶМУАИ МАВОДИ

## КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ-АМАЛИИ ҶУМҲУРИЯВИИ «МУҚОВИМАТ БА САВДОИ ОДАМОН: МУШКИЛОТ ВА МУЛОҲИЗАҲО»

**(ш. Душанбе, 26 октябри соли 2023)**

# СБОРНИК МАТЕРИАЛОВ

## РЕСПУБЛИКАНСКОЙ НАУЧНО-ПРАКТИЧЕСКОЙ КОНФЕРЕНЦИИ «ПРОТИВОДЕЙСТВИЕ ТОРГОВЛИ ЛЮДЬМИ: ПРОБЛЕМЫ И ВЗГЛЯДЫ»

**(г. Душанбе, 26 октября 2023 года)**

**ДУШАНБЕ-2024**

# МАҶМУАИ МАВОДИ

## КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ-АМАЛИИ ҶУМҲУРИЯВИИ «МУҚОВИМАТ БА САВДОИ ОДАМОН: МУШКИЛОТ ВА МУЛОҲИЗАҲО»
## (ш. Душанбе, 26 октябри соли 2023)

# СБОРНИК МАТЕРИАЛОВ

## РЕСПУБЛИКАНСКОЙ НАУЧНО-ПРАКТИЧЕСКОЙ КОНФЕРЕНЦИИ «ПРОТИВОДЕЙСТВИЕ ТОРГОВЛИ ЛЮДЬМИ: ПРОБЛЕМЫ И ВЗГЛЯДЫ»
## (г. Душанбе, 26 октября 2023 года)

ДУШАНБЕ-2024

**ДАСТКАШӢ АЗ МАСЪУЛИЯТ**

Маҷмуаи мазкур бо кумаки мардуми Амрико эҷод шудааст, ки он аз тариқи Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) расонида мешавад. Мазмун ва мундариҷаи ин эҷод маҳсули Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, метавонад бо нуқтаи назари USAID ва Ҳукумати ИМА мувофиқат накунад.

**ТДУ 343.32 (575.3) (063.3)**
**ТКБ 67.99 (2) 93 (2 тоҷик)**
**М - 49**

**ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**А К А Д Е М И Я**

**МИНИСТЕРСТВО ВНУТРЕННИХ ДЕЛ**
**РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**А К А Д Е М И Я**

**Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии**
**«Муқовимат ба савдои одамон: мушкилот ва мулоҳизаҳо»**
**(ш. Душанбе, 26 октябри соли 2023)***

**Республиканская научно-практическая конференция**
**«Противодействие торговли людьми: проблемы и взгляды»**
**(г. Душанбе, 26 октября 2023 года)****

**Зери тахрири умумии**
**Под общей редакцией**
**АЛАМШОЗОДА А. А.**
муовини якуми вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-лейтенанти милитсия (первый заместитель министра внутренних дел Республики Таджикистан, генерал-лейтенант милиции)

Маҷмуаи маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Муқовимат ба савдои одамон: мушкилот ва мулоҳизаҳо» (ш. Душанбе, 26 октябри соли 2023) // Зери таҳрири А. А. Аламшозода. – Душанбе: Матбааи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. – 250 с.

Сборник материалов республиканской научно-практической конференции на тему «Противодействие торговли людьми: проблемы и взгляды» (г. Душанбе, 26 октября 2023 года) // Под ред. А. А. Аламшозода. – Душанбе: Типография МВД Республики Таджикистан, 2024. – 250 с.

**Муҳаррирони масъул:**
*Насуриён П. А.,*
*Раҳмадҷонзода Р. Р.*
**Муҳаррир:**
*Ҳайдарзода З. П.*
**Муҳаррири техникӣ:**
*Каримова Л. М.*

**Ответственные редакторы:**
*Насуриён П. А.,*
*Рахмаджонзода Р.Р.*
**Редактор:**
*Хайдарзода З. П.*
**Технический редактор:**
*Каримова Л. М.*

*Дар маҷмуа маърузаҳо ва мақолаҳои иштирокчиёни конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Муқовимат ба савдои одамон: мушкилот ва мулоҳизаҳо», ки санаи 26 октябри соли 2023 баргузор гардид, гирд оварда шудаанд. Мақолаҳо доираи васеи масъалаҳои марбут ба савдои одамонро дар бар мегиранд.*
*Нашрия метавонад барои муҳаққиқон, омӯзгорон, аспирантон ва донишҷӯён, инчунин доираи васеи хонандагоне, ки ба мушкилот ва дастовардҳои илми ҳуқуқшиносии мутахассисони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти муқовимат ба савдои одамон таваҷҷуҳ доранд, муфид бошад.*

*Сборник содержит доклады и статьи участников республиканской научно-практической конференции на тему «Противодействие торговли людьми: проблемы и взгляды», которая состоялась 26 октября 2023 года. В статьях отражен широкий круг вопросов, связанных с проблемами торговли людьми.*
*Издание может быть полезно для научных сотрудников, преподавателей, аспирантов и студентов, а также широкого круга читателей, интересующихся проблемами и достижениями отечественной и зарубежной юридической науки в области противодействия с торговлей людьми.*

**© Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024**
**© Академия МВД Республики Таджикистан, 2024**

---

** Маъруза ва мавод дар таҳрири муаллифон чоп карда мешаванд. Масъулият барои саҳеҳӣ, мукаммалӣ ва аслии мавод ба дӯши муаллифони онҳо мебошад.*
*** Доклады и материалы опубликованы в авторской редакции. Ответственность за достоверность, полноту и оригинальность материалов несут их авторы.*

**Мундарича**
**Содержание**

**Ализода З.** Сухани ифтитоҳӣ ... 6

**Аламшозода А. А.** Сухани ифтитоҳӣ ... 9

**Шодихон Ҷ.** Сухани ифтитоҳӣ ... 14

**Самад З. Т.** Сухани ифтитоҳӣ ... 18

**Абдулзода З. Н.** Сухани ифтитоҳӣ ... 21

**Абдуқодирзода С.** Сухани ифтитоҳӣ ... 23

**Одилзода Д. Р.** Сухани ифтитоҳӣ ... 26

**Абдулаҳадзода А. А., Анварзода А. А.** Таносуби зӯроварӣ дар оила ва зӯроварии гендерӣ бо савдои одамон ... 33

**Абдуллаева Р. А.** Криминологически значимые аспекты предупреждения в сфере торговли людьми ... 38

**Абдуллозода Н. Р.** Ҷанбаҳои тактикии фаъолияти воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар самти мубориза бар зидди савдои одамон ... 45

**Абдуҷаборов Б.** Ҳамкории ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо мақомоти давлатӣ: дастовардҳо ва мушиклоти мубрам ... 49

**Абрамова С. Р.** Некоторые проблемы расследования торговли людьми ... 50

**Аминова Ф. М.** К вопросу о торговле детьми в рамках применения вспомогательных репродуктивных технологий ... 52

**Анянова Е. С.** Международно-правовые основы противодействия торговле людьми в мировом океане ... 59

**Апухтин С. И., Титов А. Н.** Формы торговли людьми, их краткая характеристика и способы борьбы с ними ... 65

**Арипов А. Л.** Истифодаи иттилооти компютерӣ дар ошкор ва кушодани ҷиноятҳои марбут ба савдои одамон ... 72

**Бархатова Е. Н.** Вопросы уголовной ответственности и наказания за торговлю людьми ... 75

**Белокобыльская О. И.** О криминалистической и оперативно-розыскной характеристике преступлений, связанных с похищением людей в целях их продажи или получения выкупа ... 78

**Барилов А.** Сотрудничество программного офиса ОБСЕ с межведомственной комиссией по противодействию торговле людьми: достижения и решение актуальных проблем ... 84

**Власова Е. Л.** Международно-правовые основы борьбы с торговлей людьми и использованием рабского труда ... 87

**Давлатзода К. Д.** Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ: воситаи содиршавии савдои одамон ... 94

**Калюжный А. Н.** Тактические особенности осмотров мест вербовки жертв торговли людьми и использования рабского труда, мест их удержания, купли-продажи и эксплуатации жертв ... 100

**Каримзода У. К.** Международная миграция в современном мире ... 104

**Каххоров Д. Г., Фантров П. П., Дехерт А. А.** Анализ разъяснений верховного суда Российской Федерации по делам о преступлениях, совершенных с использованием электронных или ИТС, включая сеть «Интернет» ........................... 106

**Кенҷазода М. Т.** Муқовимат ба савдои одамон ........................................ 110

**Кубрикова М. Е.** Установление истины – право потерпевшего по уголовному делу о торговле людьми ........................................ 113

**Комилов Д. Р., Бойзода Ҷ. Ҷ.** Пешгирии зӯроварӣ дар ҷомеаи муосир ......... 116

**Лайкова Е. А.** Органы внутренних дел как специальный субъект предупреждения преступлений и административных правонарушений ....................... 119

**Мазарифов М. К.** Таъсири омилҳои коррупсионӣ ба инкишофи ҷинояти савдои одамон ........................................ 124

**Малышева И. С.** Теоретико-правовое исследование понятий «пытка» и «бесчеловечное или унижающее достоинство обращение или наказание» ................. 129

**Меҳрубони Ҷ.** Муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон ........................................ 131

**Муллоҷонова Н. А.** Масъалаҳои мубрами муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........................................ 134

**Назаров А. Қ.** Ҳамкории байналмилалӣ дар самти муқовимат ба савдои одамон ........................................ 137

**Попович М.** Международно-правовые аспекты борьбы с торговлей детьми и принудительными браками ........................................ 143

**Рауфов Ф. Х.** Мушкилоти назариявӣ ва амалии муқовимат ба савдои одамон ........................................ 147

**Рахмаджонзода Р. Р.** Учебное и научное обеспечение противодействия торговли людьми в Таджикистане ........................................ 153

**Раҳимзода В. Ю.** Интернет ҳамчун воситаи муосири ҷалби қурбониёни савдои одамон ва самтҳои муқовимат ба он ........................................ 157

**Рустамзода А. К.** Координация правоохранительных органов при сборе первичных данных о торговле людьми ........................................ 161

**Саидзода А. И.** Баъзан пешниҳодҳо дар самти муқовимат ба савдои одамон ... 164

**Самандаров Ф. С.** Нақши қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалӣ намудани сиёсати ҳукумати Тоҷикистон дар самти муқовимат ба савдои одамон ........................................ 165

**Сапаралиева С. М.** Вопросы противодействия торговле людьми и оказание помощи жертвам торговли людьми: опыт Республики Казахстан .................. 170

**Саркорова Ш. С.** Торговля людьми как признак деформации правосознания ........................................ 179

**Сафарзода Ҳ. С., Айнуддинзода Ш. А.** Занон ва кӯдакон ҳамчун қурбониёни савдои одамон дар задухӯрдҳои мусаллаҳона дар хориҷи кишвар .................. 181

**Солеҳзода Д. У.** Нақши коршиноси судӣ дар тафтиши ҷиноятҳои марбут ба мубориза бар зидди савдои одамон ........................................ 188

**Толонбаев У. С.** К вопросу о состоянии борьбы с торговлей людьми в Кыргызской Республике ........................................ 191

**Урфонзода Д. С. Одиназода А. Ғ.** Масъалаҳои банақшагирии тафтиши ҷиноятҳои савдои одамон дар мурофиаи ҷиноятӣ ........................................ 194

**Хайруллоев Ф. С.** Муқовимат бо савдои одамон дар радифи Консепсияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин ........................................ 198

**Ҳайдарзода З. П.** Дурнамои мукаммалсозии асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ дар баъзе воҳидҳои сохтории мақомоти корҳои дохилӣ дар самти муқовимат ба савдои одамон ........ 201
**Ҳайдарзода З. П., Ҳайдарзода Д. П.** Ҷанги таҳмилӣ-шаҳрвандӣ ҳамчун омили асосии пайдоиши савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши ҳокимияти давлатӣ дар муқовимат ба он ........ 209
**Ҳайдарзода М. П.** Пайдоиш ва ташаккулёбии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба савдои одамон ........ 218
**Шарипов Т. Ш., Холиқзода Ш. Л.** Савдои одамон: проблема ва мулоҳиза ..... 224
**Шарифзода В.** Пешгирии виктимологии ҷинояткории савдои одамон ........... 232
**Шукюров Ш. Т., Шукюрли М. Ш.** Государственная политика правоохранительных органов в области противодействия торговле людьми ........ 234
**Шульгин Е. П.** Информационная безопасность в контексте противодействия торговле людьми ........ 242
**Юсуфзода А. Ю., Самадзода И. А.** Миграционный процесс в обеспечении прав и свобод граждан Республики Таджикистан ........ 245

## СУХАНИ ИФТИТОҲИИ

**ЁРДАМЧИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚӢ, ДОКТОРИ ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ, ПРОФЕССОР**

**АЛИЗОДА ЗАРИФ**



# СИЁСАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ МУҚОВИМАТ БА САВДОИ ОДАМОН

## ПОЛИТИКА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ОБЛАСТИ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ТОРГОВЛЕ ЛЮДЬМИ

Конститутсияи Тоҷикистон эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ҳамчун яке аз вазифаҳои асосии ҳокимияти давлатӣ муқаррар менамояд. Ҳуқуқҳои инсон ва демократия яке аз унсурҳои калидии арзишҳои асосии ҷомеаи Тоҷикистон мебошад. Таъмини муқаррароти Конутитутсияро дар хусуси он, ки «ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд», давлат ба кас қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад (м. 17), мақсади стратегии давлат дониста шудааст.

Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ кӯшиш дорад, то мавқеи фаъолро баҳри ҳифзи ҳуқуқи инсон дар сатҳи байналмилалӣ тақвият диҳад.

Аз ин рӯ, Тоҷикистон бештари санадҳои байналмилалии танзимкунандаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсонро, ки аз ҷониби Созмони Миллали Муттаҳид (минбаъд – СММ) қабул шудаанд, ба тасвиб расонидааст. Ба хусус аз ҷониби Тоҷикистон ба тасвиб расонидани Конвенсияи СММ зидди ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ ва Протокол оид ба пешгирӣ ва рафъи савдои одамон, хусусан, занону кӯдакон ва ҷазо барои он, ки бо Қатъномаи 55/25 Ассамблеяи Генералии СММ аз 15-уми ноябри соли 2000 тасдиқ шудааст, тақвиятдиҳандаи гуфтаҳои болоянд, зеро савдои одамон, пеш аз ҳама, боиси поймол шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад. Савдои одамон ҳуқуқи инсонро ба ҳаёт, саломатӣ ва озодӣ вайрон мекунад. Дар қиёс бо дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ савдои одамон аз ҳама бештар ҳуқуқи инсонро поймол мекунад, зеро инсон дар он ба сифати объекти моликият баромад мекунад.

Савдои одамон зуҳуроти номатлуби бисёрҷанба ва хеле мураккаб буда, ба муносибатҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа зарар мерасонад. Қурбонӣ аз савдои одамон зарари бениҳоят зиёди моддӣ, маънавӣ ва ҷисмонӣ мебинад, бинобар ин дар шароити кунунӣ муқовимат ба савдои одамон чун ҷинояти нангину таҳқиркунандаи шаъну эътибори инсон, яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсати давлат буда, талаб менамояд, ки ҳамаи сохторҳои давлатию ҷамъиятӣ ва аъзои ҷомеа ба ин кирдори номатлуб мубориза оштинопазир баранд.

Азбаски муқовимат ба савдои одамон фаъолиятест, ки ба огоҳонидан, ошкор намудан, пешгирӣ кардан, таъқиб намудан, ба ҳадди ақал расонидани оқибатҳои савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни он нигаронида шудааст, пас,

онро, пеш аз ҳама, тавассути сиёсати давлат ба амал баровардан мумкин аст. Аз ин рӯ, муқаррароти моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» маҳз ба танзими ҳуқуқии сиёсати давлат дар ин самт нигаронида шудааст.

Сиёсати давлатӣ дар самти муқовимат ба савдои одамон яке аз самти муҳими сиёсати давлат дар соҳаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ба ҳисоб рафта, дар навбати худ яке аз самти сиёсати иҷтимоии давлат ба шумор меравад.

Сиёсати давлатӣ дар самти муқовимат ба савдои одамон бо назардошти ҳолатҳои зерин ташаккул меёбад:

– вазъияти дохилии муқовимат ба савдои одамон;
– вазъияти берунии муқовимат ба савдои одамон;
– ҳолати воқеии муқовимат ба савдои одамон;
– тамоюли ин намуди ҷинояткорӣ;
– пешгӯии афзоиши ин намуди ҷинояткорӣ;
– ҳолати расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон.

Амалишавии чунин сиёсат дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, ки ба муқовимат бар зидди ҷинояткории муташаккилонаи фаромиллӣ, савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни ҷиноятҳои зикргардида равона шудаанд, ба роҳ монда мешавад. Қонунгузор дар баробари нишон додани кирдорҳое, ки бо назардошти онҳо сиёсати давлат дар самти муқовимат ба савдои одамон ташаккул меёбад ва асосҳои амалишавии чунин сиёсат принсипҳоеро низ пешбинӣ намудааст, ки сиёсати давлатро дар ин раванд муайян менамоянд. Ба ин принсипҳо дохил мешаванд:

**1. Таҳия ва қабули қонунгузории миллӣ дар соҳаи савдои одамон.** Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми августи соли 2003 ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) моддаи нави 130(1) «Хариду фурӯши одамон»[1] илова карда шуд. Инчунин, ба моддаҳои 339 «Тасарруф ё вайрон кардани ҳуҷҷат, штамп, муҳр» ва 340 «Сохтакорӣ, тайёр кардан ё ба соҳибияти каси дигар додани ҳуҷҷат, мукофоти давлатӣ, штамп, муҳр ва бланкаҳои қалбакӣ» Кодекси ҷиноятӣ қисмҳои наве илова карда шуданд, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои содир кардани ин кирдор ва ҷазоро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ муқаррар намуд.

Иқдоми дигари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт таҳия гардидани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15-уми июли соли 2004 «Дар бораи мубориза ба хариду фурӯши одамон» буд. Қонуни номбурда асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии низоми мубориза ба муқобили савдои одамон, вазъи ҳуқуқии ҷабрдидагони савдои одамонро муайян намуда, аз муқаддима, 7 боб ва 24 модда иборат буд.

Дар рафти татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза ба хариду фурӯши одамон» муайян гардид, ки як қатор муқаррароти он ба мушаххасгардонӣ ва ворид намудани иловаҳо ба миён омад.

Аз ин рӯ, бо мақсади таҳким бахшидани асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии муқовимат ба савдои одамон, инчунин, барои муайян намудани системаи чораҳо оид ба ҳифз, расонидани кӯмак ба қурбониёни (ҷабрдидагони) савдои одамон ва тавонбахшии онҳо, ҷиҳати ҳамаҷониба ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» аз 26-уми июли соли 2014 дар таҳрири нав қабул шуд ва мавриди амал қарор дорад.

**2. Ташкил намудани мақоми ваколатдори ҳамоҳангсозандаи миллӣ дар самти мубориза ба савдои одамон.** Дар шароити муосири сиёсӣ ва иқтисодӣ, ки ҷиноткорӣ, ба хусус ҷиноятҳо дар самти савдои одамон ба дараҷаи хеле зиёд хусусияти мута-

[1] Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶТ: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми январи соли 2019, таҳти № 1554 // Дар таҳрири нав бо номи «Савдои одамон» қабул шуд.

шаккилиро соҳиб гардида, хусусияти фаромиллӣ ва байнидавлатиро касб кардаанд, зарурати ҳамоҳангсозии фаъолият оид ба муқовимат ба савдои одамон ба миён меояд. Фаъолияти ҳамоҳангсозӣ яке аз шартҳои зарурии муваффақият дар самти пешгирии савдои одамон ва мубориза ба он мебошад.

Барои амалӣ гардонидани чунин фаъолият Комиссияи байниидоравӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шудааст ва он мақомоти доимоамалкунандаи машваратии байниидоравӣ буда, ҳамоҳангсози фаъолияти вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, корхонаҳо муассиса ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликияташон дар самти муқовимат ба савдои одамон мебошад.

Ҳанӯз баҳри амалӣ намудани меъёри Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза ба хариду фурӯши одамон» аз 15-уми июли соли 2004 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми январи соли 2005 аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор Комиссияи байниидоравӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

**3. Таъсис додани воҳидҳои махсусгардонидашуда оид ба муқовимат ба савдои одамон.** Санаи 27-уми апрели соли 2004 дар сохтори Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шуъбаи мубориза бар зидди рэкет, одамрабоӣ ва хариду фурӯши одамон таъсис дода шуда буд. Ин Шуъба ва дигар мақомоти дахлдор дар самти муқовимат ба савдои одамон натиҷаҳои муайянро соҳиб шуданд. Ба ин нигоҳ накарда Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» бо мақсади баланд бардоштани самаранокии татбиқи чорабиниҳое, ки дар Нақшаи миллӣ пешбинӣ шудаанд, дар мақомоти корҳои дохилӣ, таъсиси низоми мутамаркази воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро пешбинӣ менамояд, ки он ба ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо мақсади ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, молу мулк, таъмини амнияти ҷамъиятӣ ва давлатӣ аз ҷиноятҳо дар самти савдои одамон махсус гардонида шудаанд (м. 17).

**4. Муассисаи давлатӣ ва ғайридавлатӣ оид ба расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба ба қурбониёни савдои одамон» бо мақсади расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон таъсиси муассисаҳои махсуси давлатиро дар ин самт пешбинӣ намудааст (м. 30). Муассисаҳо оид ба расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон метавонанд ҳам давлатӣ ва ҳам ғайридавлатӣ бошанд.

Қонуни мазкур тартиби таъсисёбӣ муассисаҳои махсуси ғайридавлатиро низ муқаррар кардааст. Чунончи, ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва дигар ташкилотҳо, инчунин, ба шахсони воқеӣ ҳуқуқ додааст, ки мутобиқи тартиби пешбиникардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон – муассисаҳои махсуси ғайридавлатиро, ки аз ҳисоби маблағҳои хусусӣ ё ҷалбшудаи онҳо маблағгузорӣ мешаванд, таъсис диҳанд.

Ба сифати ташкилотҳои байналмилалӣ метавонад ташкилотҳое аз қабили СБМ, ТБМ, САҲА ва ғайра баромад намоянд.

Муассисаҳои махсуси давлатӣ ва ғайридавлатӣ вазифаҳои зеринро оид ба расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон амалӣ менамоянд:

– муносибати инсондӯстона, ки шаъну шарафи инсониро паст намезанад;

– пешниҳоди паноҳгоҳи ройгон барои истиқомати муваққатӣ;

– таъмин намудан бо хӯрока, рахти хоб ва воситаҳои санитарию беҳдоштии ройгон ва дар ҳолатҳои зарурӣ бо либос;

– бо тарҷумони ройгон таъмин намудани қурбониёни савдои одамон бо мақсади мутобиқгардонӣ ва тавонбахшии иҷтимоии онҳо (барои шахсоне, ки забони давлатиро намедонанд ё ба таври кофӣ намедонанд);

– ба қурбонии савдои одамон дар шакли соддаю фаҳмо расонидани иттилоот оид ба мақсадҳои будубоши ӯ дар муассисаи махсус, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ӯ, қоидаҳои асосӣ, ки тартиботи дохилӣ дар муассисаи мазкур ба танзим медароранд;

– пешниҳод намудани иттилоот оид ба тарзҳои ҳифзи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии шахсони аз савдои одамон зарардида, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд;

– пешниҳод намудани кӯмаки ройгони тахассусии равонӣ;

– гузаронидани муоинаи аввалияи тиббӣ, ташкили расонидани кӯмаки таъҷилии тиббӣ ва кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ дар марказҳои саломатӣ, дармонгоҳҳо ва беморхонаҳо, аз ҷумла, ба занҳо дар давраи ҳомиладорӣ, дар давраи таваллуд ва пас аз таваллуд;

– расонидани кӯмаки ройгони ҳуқуқӣ дар ҳаҷме, ки барои таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии қурбониёни савдои одамон заруранд;

– мусоидат намудан барои ба оила ва ҷамъият баргардонидан, аз ҷумла, расонидани кӯмак дар ташкил намудани ҷустуҷӯи хешовандонашон.

Ҳанӯз соли 2007-ум дар асоси «Барномаи маҷмӯии мубориза ба муқобили савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010» бо мақсади ҳифз ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон Марказҳои дастгирӣ ва кӯмак таъсис ёфта буданд. Айни ҳол дар ду шаҳрҳои Тоҷикистон – Душанбе ва Хуҷанд чунин марказҳо фаъолият доранд.

**5. Қабули барномаҳои маҷмуӣ.** Муқовимат ба савдои одамон таҳия ва қабули нақшаи миллии фаъолият дар соҳаи мазкурро тақозо менамояд, зеро савдои одамон яке аз зуҳуроти хавфноки иҷтимоии фаромиллӣ ба ҳисоб рафта, дар арсаи байналмилалӣ ва миллӣ ҳамчун ҷиноятӣ поймолкунандаи ҷиддии ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад.

Дар давоми марҳилаҳои муқовимат ба савдои одамон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор барномаҳои маҷмӯи ва Нақшаҳои миллии муқовимат ба савдои одамонро таҳия ва қабул намудааст. Чунончи, «Барномаи маҷмӯии мубориза ба муқобили савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми майи соли 2006, таҳти № 213 тасдиқ шудааст; «Барномаи маҷмӯии мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2011, таҳти № 113 тасдиқ шудааст; «Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми июли соли 2016, таҳти № 326 тасдиқ шудааст; «Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021», ки ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми марти соли 2019, таҳти № 80; «Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми феврали соли 2022, таҳти № 55 тасдиқ шудааст.

Нақшаи миллӣ маҷмӯи чорабиниҳои фарогирандае мебошад, ки оид ба пешгирии савдои одамон, ошкор намудани шахсоне, ки қурбонии он гаштаанд, расонидани кӯмак ва ҳимоя намудани ин шахсон, инчунин, баргардонидани онҳо аз дигар давлатҳо, таъқиби ҷиноятии савдогарони одамон ва тайёр намудани кадрҳои соҳавӣ барои ташкилоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ равона гардидааст.

Имрӯз дар Тоҷикистон тамоми заминаҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иҷтимоӣ мавҷуд мебошад ва он имкон медиҳад, ки муқовимат бар зидди ин ҷинояти фаромиллӣ самаранок амалӣ гардида ба қурбониёни савдои одамон кӯмакҳои зарурӣ расонида шавад.

# СУХАНИ ИФТИТОҲИИ
## РАИСИ КОМИССИЯИ БАЙНИИДОРАВӢ ОИД БА МУҚОВИМАТ БА САВДОИ ОДАМОН, МУОВИНИ ЯКУМИ ВАЗИРИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ГЕНЕРАЛ-ЛЕЙТЕНАНТИ МИЛИТСИЯ

## АЛАМШОЗОДА АБДУРАҲМОН АЛАМШО



**Мухтарам иштирокчиёни конференсия,**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Савдои одамон, ки падидаи номатлуб ва ҷинояти вазнин ба ҳисоб меравад, солҳои охир ба яке аз масъалаҳои доғи рӯз табдил ёфта, ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст.

Бар асари низоъу мунокишаҳои дохилӣ ва ҷанг миёни баъзе кишварҳо дар сайёра раванди муҳоҷират ва фақру нодорӣ авҷ гирифта, дар ин росто дар гушаву канори олам, алалхусус кишварҳои ҷангзада ҳазорҳо нафар одамон, аз ҷумла занону кӯдакон дучори ин ҷинояти вазнин ва амалу кирдори ҷиноятkоронаи одамрабоён гардида истодаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радифи кишварҳои мутараққии дунё ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, бо дастгирӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони кишвар барои пешгирӣ ва муқовимат ба савдои одамон талошу кушиши зиёд ба харҷ медиҳад.

Ҳукумати Тоҷикистон дар ин самт зиёда аз 20 санади байналмилалиро қабул ва ба имзо расонида, дар қабули 8 санад дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил иштирок намудааст.

Ҳамзамон 15 санади дохилиҷумҳуриявиро қабул ва иҷрои онро таъмин кардааст.

Иштироки масъулини идораву вазоратҳои кишвар дар ин конференсия аз он шаҳодат медиҳад, ки мову шумо нисбат ба ин масъалаи мубрами рӯз, яъне мавзуи савдои одамон ва ҳалли мушкилоти муқовимат ба он бетараф нестем.

Бояд қайд намуд, ки соли 2022 то ин ҷониб бо дастгирии шарикони иҷтимоӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла Сафорати Штатҳои Муттаҳидаи Амрико дар Тоҷикистон, хусусан Департаменти мубориза бо маводи нашъадор ва ҷиноятkорӣ (INL – Айнэл) лоиҳаи Созмони байналмилалии муҳоҷират дар мавзӯи «Тоҷикистон: такмилдиҳии таъқиби ҷиноятӣ барои савдои одамон ва дастгирии қурбониёни он» амалӣ гардид.

Дар доираи лоиҳаи мазкур шумораи зиёди чорабиниҳои муҳим роҳандозӣ карда шуданд.

Масалан, бо супориши Комиссияи байнидоравӣ оид ба муқовимат ба савдои одамон гурӯҳи кории ҳукуматӣ таъсис дода шуд, ки дар он намояндагони Дасгоҳи

иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ, мутахассисони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Созмони байналмилалии муҳоҷират шомил карда шуданд.

Дар назди гурӯҳи кории мазкур вазифагузорӣ карда шуд, ки тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба самти муқовимат ба савдои одамон тааллуқ доранд, ташхис ва таҳлил намуда, таклифу пешниҳодҳои худро ҷиҳати такмили қонунгузории ҷорӣ, аз он ҷумла санадҳои идоравӣ ва байниидоравӣ пешкаш намоянд.

Дар натиҷа аз ҷониби гуруҳи корӣ дар давоми якуним сол 17 лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ омода карда шуданд.

Аз ҷумла:

1. Дастурамал оид ба расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон дар тавонбахшии иҷтимоӣ;
2. Дастурамал оид ба татбиқи тадбирҳои ба эҳтиёҷоти қурбониёни савдои одамон нигаронидашуда аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;
3. Дастурамал оид ба махфияти маълумоти шахсӣ дар бораи қурбониёни савдои одамон;
4. Дастурамал оид ба тартиби эътироф намудани қурбониёни савдои одамон ва намунаи қарор дар бораи он;
5. Дастурамал оид ба тартиби гузаронидани пурсиши кудак – қурбонии савдои одамон;
6. Индикаторҳо барои муайян намудани қурбониёни савдои одамон;
7. Фармоиши якҷояи субъектони бевоситаи муқовимат ба савдои одамон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал оид ба тартиби эътироф намудани қурбониёни савдои одамон»;
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни амалкунандаи самти муқовимат ба савдои одамон ва ғайра.

Гуфтан лозим аст, ки қисми зиёди ин лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тамоман нав мебошанд.

Қаблан ин санадҳо арзи вуҷуд надоштанд.

Ҳамин тариқ, низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ғанитар, серпаҳлӯ гардида, батанзимдарории самти мазкур боз ҳам пурзӯртар мегардад.

Албатта чунин навгониҳо дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаҳои пешқадами дигар кишварҳо, инчунин таҳлилу андешаҳои бевоситаи олимон ва мутахасиссони ватанӣ ба даст оварда шудааст.

Боварии комил дорем, ки қабули ин санадҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ ёфта, он барои беҳтар гардидани вазъияти муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни он такони ҷиддӣ медиҳад.

Бо мақсади амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нақшаҳои миллии миёнамуҳлат дар самти муқовимат ба савдои одамон қабул гардиданд.

Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024, ки айни ҳол амалӣ шуда истодааст. Бояд таъкид намоям, ки Нақшаи мазкур *панҷум маротиба* қабул шудааст.

Нақшаҳои мазкур яке аз ҳуҷҷатҳои муҳим ба ҳисоб рафта, вазифаҳои ҳамаи вазорату идораҳои вогузоршударо тақсимбандӣ намудааст.

Тибқи ин тақсимот фаъолият дар самти муқовимат ба савдои одамон аз лаҳзаи пешгирии ин падидаи номатлуб то расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон ба роҳ монда шудааст.

Дар давраи панҷ соли охир аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон 460 ҳолати ҷиноят марбут ба савдои одамон муайян карда шудааст.

Аз ҷумла:

– бо моддаи 130(1) «Савдои одамон» – 158 ҳолат;

– бо моддаи 167 «Савдои кӯдакон» – 66 ҳолат;

– бо моддаи 335(2) «Ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ» – 217 ҳолат ва ғайра.

Танҳо дар 9 моҳи соли 2023 дар кишвар:

– 42 ҳолати савдои одамон;

– 5 ҳолати савдои кудакон;

– 85 ҳолати ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ ба қайд гирифта шудааст.

Дар умум дар ҷумҳурӣ дар 5 соли охир 275 парвандаи ҷиноятӣ нисбати 283 айбдоршаванда *(71 мард ва 211 зан)* оғоз шудааст.

Дар доираи парвандаҳои ҷиноятӣ дар давраи номбаршуда аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 440 қурбониёни савдои одамон, аз ҷумла 200 мард ва 240 зан ва аз ин шумора 66 кудак муайян шудаанд.

Бо дастгирии Созмони байналмилалии муҳоҷират дар Тоҷикистон дар ҳамин давра зиёда аз 30 нафар *(зан)* қурбониёни савдои одамон аз хориҷи кишвар, аз ҷумла аз Арабистони Саудӣ, Туркия, Аморати Муттаҳидаи Араб, Ҳиндустон, Казоқистон ба Ватан баргардонида шуданд.

Кор бо қурбониён яке аз самтҳои афзалиятнок шуморида шуда, сол ба сол боварии шаҳрвандон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ зиёд гардида истодааст.

Масалан, аз ҷониби ташкилотҳои кӯмакрасон дар ин давра тақрибан ба 400 қурбониёни савдои одамон кӯмакҳои тиббӣ, равонӣ, ҳуқуқӣ, моддӣ-молиявӣ ва дигар намуд кӯмакҳо расонида шудааст.

Танҳо дар соли 2023 аз ҷониби ташкилотҳои ҷамъиятии «Корвони умед» ва «Фемида» 16 кӯмакӣ психологӣ, 1 кӯмаки тиббӣ, 15 кӯмаки иҷтимоӣ расонида шудааст.

Манфиатҳои 11 нафар қурбониёни савдои одамон дар суд дар доираи парвандаҳои ҷиноятӣ бо кӯмаки адвокат таъмин карда шудааст.

Чи тавре ки маълум аст, сол аз сол муайян ва ошкор намудани ҷиноятҳои болозикр зиёд шуда истодаанд ва латентнокии он кам гашта истодааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки қаблан қисми муайяни ҷиноятҳои бо савдои одамон алоқаманд бинобар сабаҳои гуногун ноошкор монда, нигаронии шаҳрвандон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналмилалиро ба миён меовард.

Айни замон бошад, бо тадбирҳои Ҳукумати кишвар ва дастгирии шарикони иҷтимоӣ иқтидори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пурқуват гардида, сатҳи малакаи касбии кормандон баланд ва боварии шаҳрвандон ба мақомоти давлатӣ зиёд шуда истодааст.

Ин аст, ки муайян ва ошкор намудани ҷиноятҳо дар ин самт зиёдтар шуда истодаанд.

Дар давоми солҳои охир бо мақсади баланд бардоштани малакаи касбии кормандон дар самти муқовимат ба савдои одамон шумораи зиёди семинарҳо, тренингҳо ва нишастҳо дар ҷумҳурӣ барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, суд, ҳукуматҳои маҳаллӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ баргузор гардиданд.

Аз ҷумла:

1) ҳамасола тақрибан 500 нафар ба чунин чорабиниҳо фаро гирифта шуданд.

Танҳо дар соли 2023 зиёда аз 150 нафар кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аз чунин курсҳои омӯзишӣ гузаронида шуданд;

2) барои аҳолии кишвар мунтазам корҳои фаҳмондадиҳӣ ва огоҳонӣ гузаронида шудаанд.

Масалан, ҳамасола тақрибан 100 ҳазор сокинони кишвар дорои иттилоот оид ба роҳҳои содир намудани савдои одамон ва оқибатҳои он мегарданд;

3) доир ба амалигардонии «Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024» нишастҳо ташкил карда шуданд *(22-23-юми августи соли 2023, шаҳри Душанбе)*;

4) дар мавзуи «Тақвият додани татбиқи механизми миллии бозравонии қурбониёни савдои одамон» мизи мудаввар гузаронида шуд *(санаи 29-уми августи соли 2023, шаҳри Душанбе)*;

5) оид ба «Такмили қонунгузорӣ ва расмиёти стандартии амалиёт оид ба татбиқи механизми миллии бозравонӣ оид ба мубориза ба савдои одамон» семинар ташкил карда шуд *(санаи 27-уми сентябри соли 2023, шаҳри Душанбе)*;

6) вобаста ба тарафҳои манфиатдор дар вилоятҳо, дар шаҳрҳои Кӯлоб, Бохтар, Хуҷанд ва Хоруғ нишастҳо доир карда шуданд *(сентябр-октябри соли 2023)*.

Ҳамзамон, фаъолияти Маркази таълимӣ ва таҳлилӣ дар назди кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тақвият ёфта истодааст.

Аз ҷониби ҳайати устодон ва профессорони Маркази мазкур ҳар сол треннингҳо ва курсҳои омӯзишӣ ҷиҳати баланд бардоштани малакаи касбии субъектони муқовиматбаранда гузаронида мешавад.

Инчунин, дар самти баланд бардоштани малакаи касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи барномаҳои махсуси таълимӣ машғулиятҳои дарсӣ дар самти муқовимат ба савдои одамон гузаронида мешаванд.

Аз ҷониби олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон даҳҳо мақолаҳои илмӣ, монографияҳо, дастурҳои таълимӣ ва дигар воситаҳои методӣ омода карда шудаанд.

Бо вуҷуди анҷом додани корҳои муфиду назаррас ҳоло дар самти мазкур мушкилиҳо ҷой дошта, мову шуморо водор месозад, ки барои бартараф кардани онҳо чораҳои мушаххас андешем.

Хотирнишон менамоям, ки аз ҷониби гузоришгарони Раёсати Департаменти давлатии Штатҳои Муттаҳидаи Амрико оид ба мониторинг ва мубориза бо савдои одамон талошҳо ва мавқеъгирии кишварҳои сайёра, аз ҷумла Ҳукумати Тоҷикистон дар самти муқовимат ба савдои одамон ҳамасола мавриди омӯзиш ва баҳогузорӣ қарор дода мешавад.

Тибқи маълумоти Департаменти болозикр Ҷумҳурии Тоҷикистон айни ҳол дар радифи дуюми радабандӣ қарор дорад.

Мавриди зикр аст, ки дар ҳолати як зина паст шудан дар радабандӣ, ин боиси коҳиш ёфтани нуфузи кишвар дар сатҳи байналмилалӣ гардида, маблағгузорӣ ва дигар кӯмакҳо аз ҳисоби донорҳо қатъ гардонида мешавад ва ин ба иқтисодиёти кишвар таъсири манфӣ мерасонад.

Камбудиҳое, ки аз ҷониби гузоришгарони Штатҳои Муттаҳидаи Амрико муайян карда мешаванд, аксар вақт дар натиҷаи бо таври дуруст ва ҳаматарафа пешниҳод накардани корҳои ба анҷомрасонидашуда аз ҷониби вазорату идораҳо мебошад.

Аз ин рӯ, аз вазорату идораҳои марбута хоҳиш карда мешавад, ки ҷиҳати ҳалли масъалаҳои болозикр чораҳои зарурӣ андешанд.

Бояд хотиррасон намоем, ки тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми марти соли 2023 самти фаъолияти Комиссияи байниидоравӣ оид ба муқовимат ба савдои одамон ба зиммаи Вазорати корҳои дохилӣ вогузор гардидааст.

Дар ин раванд аз ҷониби мо як қатор чорабиниҳо ҷиҳати ҷамъоварии маълумот оид ба рафти иҷрои муқаррароти қонуни самтӣ ва Нақшаи миллӣ андешида шуданд.

**Аз ҷумла:**

1) фаъолияти Комиссияҳои ҳудудии муқовимат ба савдои одамон дар шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳои ҷумҳурӣ мавриди санҷиш қарор дода шуданд.

Дар ин ҷода мавриди зикр аст, ки ҷиҳати таъмин намудани шафофият намояндаи Дафтари барномавии Созмони Аҳдномаи Ҳамкорӣ дар Аврупо дар Душанбе дар санҷишҳои мазкур иштирок дошт;

2) вобаста ба бартараф намудани камбудиҳо дар фаъолияти Комиссияҳои ҳудудӣ тавсияҳо пешниҳод карда шуданд;

3) ҷиҳати беҳдошти самти мазкур кӯмакҳои амалӣ ба вазорату идораҳо ва Комиссияҳои ҳудудӣ расонида шуданд;

4) ҳамкориҳои зич ва мутақобила бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ тақвият дода шуданд;

5) сомонаи расмии Комиссия байнидоравӣ фаъол гардонида шуд.

6) қаблан маблағгузории сомонаи мазкур аз ҷониби шарикони иҷтимоӣ ба роҳ монда шуда буд;

7) айни ҳол, сомона дар яке аз серверҳои Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда шудааст;

8) махзани ягонаи қайди ҷиноятҳои марбут ба савдои одамон барномасозӣ карда шуд;

9) ҳисоботи солонаи вазорату идораҳое, ки дар самти муқовимат ба савдои одамон масъул мебошанд, мавриди таҳлили ҷиддӣ қарор гирифтанд.

**Ҳозирини гиромӣ,**

Нақшаи миллӣ барои солҳои 2022-2024 иборат аз 73 банд аст.

Соли оянда муҳлати Нақша ба анҷом мерасад ва мову шуморо зарур аст, ки пурра бандҳои онро иҷро намоем.

Дар охир, ман ба шарикони иҷтимоӣ – Созмони байналмилалии муҳоҷират дар Тоҷикистон, ЮСАИД, Дафтари барномавии Созмони Аҳдномаи Ҳамкорӣ дар Аврупо ва Сафорати Штатҳои Муттаҳидаи Амрико дар Тоҷикистон ҷиҳати мусоидат намудан дар тақвият додани иқтидори сохторҳои давлатии Тоҷикистон, инчунин барои ташкил ва баргузор намудани чорабинии мазкур, миннатдории худро мерасонам.

Боварӣ дорам, ки ҳамкории мову шумо идома ёфта, барои боз ҳам равнақ ёфтани он мо ҳамаи талошу кушишҳоро ба харҷ медиҳем.

Инчунин, даъват менамоям, ки иштирокчиёни конференсия кушоду равшан дар бораи мушкилиҳои ҷойдошта ва бартараф намудани онҳо ҷиҳати беҳбудӣ дар ҷомеа фикру андешаҳои худро иброз менамоянд.

Ба ҳамагон дар иштироки чунин конференсия муваффақият хоҳонам.

## СУХАНИ ИФТИТОҲИИ
### МУОВИНИ ВАЗИРИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ТИББӢ

### ШОДИХОН ҶАМШЕД



## ОИД БА РАФТИ ИҶРОИ «НАҚШАИ МИЛЛИИ МУҚОВИМАТ БА САВДОИ ОДАМОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2022-2024»

О ПРОЦЕССЕ ИСПОЛНЕНИЯ «НАЦИОНАЛЬНОГО ПЛАНА ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ТОРГОВЛЕ ЛЮДЬМИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН НА 2022-2024 ГОДЫ»

**ҲОЗИРИНИ ГИРОМӢ,**

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба таъмини иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми феврали соли 2022, таҳти № 55 «Дар бораи Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024» тадбирҳои заруриро амалӣ намуд.

Яке аз субъектҳои татбиққунандаи сиёстат дар самти муқовимат ба савдои одамон ва пешниҳоди хизматҳои иҷтимоӣ ба ин категория дар сохтори вазорат Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасонии иҷтимоӣ ба қурбониёни савдои одамон ва ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила» мебошад. Ҳамзамон, тибқи фармоиши иҷтимоии давлатӣ ва тавассути маблағгузорӣ аз буҷети давлатӣ Ташкилоти ҷамъиятии «Фемида» низ дар самти тадбиқи сандаҳои меъёрии ҳуқуқии зикргардида бо мақсади хизматрасониҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла иҷтимоии равонӣ ва иҷтимоии ҳуқуқӣ ба қурбониёни савдои одамон фаъолияти худро ба роҳ мондааст.

Аз ҷониби ин хадамоти иҷтимоӣ ва дигар сохторҳои дахлдори вазорат тадбирҳои мушаххас оид ба иҷрои «Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024» вобаста ба бандҳои дахлдор амалӣ гардидаанд. Аз ҷумла: оид ба баргузор намудани муколамаҳои телевизионӣ ва радиоӣ дар самти муқовимат ба савдои одамон маврид ба зикр аст, ки кормандони Маркази ҷумҳуриявии хизматрасонии иҷтимоӣ ба қурбониёни савдои одамон ва ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иттилоотнокии аҳолӣ оид ба оқибатҳои амали номатлуби савдои одамон, ҳамзамон оид ба фаъолияти марказҳои мавҷуда дар самти хизматрасонии иҷтимоӣ ба

қурбониёни савдои одамон дар барномаҳои радиоӣ «Садои Душанбе», «Тоҷикистон» ва «Фарҳанг» иштирок намуда, маълумоти заруриро ба самъи аҳолии кишвар расонидаанд.

Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасонии иҷтимоӣ ба қурбониёни савдои одамон ва ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила» дар ҳамкорӣ бо мақомотҳои дахлдор ва ташкилотҳои ҷамъиятии дар самти муқовимат бо савдои одамон фаъолиятдошта дар байни аҳолӣ корҳои тарғиботию ташвиқотиро ба роҳ мондааст. Ҳамзамон кормандони Марказ дар якҷоягӣ бо сохторҳои дахлдор ва ташкилоти ҷамъиятии «Фемида» ба иштирокчиёни маракаҳои иттилоотӣ дар шахрҳои Ваҳдату Ҳисор, ноҳияҳои Рӯдакию Шаҳринав маводҳои иттилоотӣ (буклетҳо, брошюраҳо ва флайерҳо) тақсим карда шудаанд.

Мавриди зикр аст, ки дар соли 2022-2023 дар муассисаҳои давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» ва «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз давраҳои такмили ихтисос ва курси ихтисосгирии аввалия оид ба бемориҳои асаб 61 нафар табибон ва 10 нафар кормандони миёнаи тиббӣ, оид ба бемориҳои рӯҳӣ 19 нафар табибон гузаштанд.

Ҳамасола тақсимоти фардии донишҷӯёни соли шашуми муассисаҳои давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино», «Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон», Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гузаронида мешавад. Дар соли таҳсили 2022-2023 ба 3 нафар донишҷӯён ихтисоси табиби бемориҳои рӯҳӣ ва ба 148 нафар донишҷӯён ихтисоси табиби бемориҳои асаб дода шуд.

Инчунин, кормандони Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасонии иҷтимоӣ ба қурбониёни савдои одамон ва ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила» барои тақвият додани малакаву дониш ва хубтару беҳтар ба роҳ мондани хизматрасонии иҷтимоӣ ба қурбониёни савдои одамон ва ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила дар якчанд семинарҳои омӯзишӣ иштирок намуданд. Илова бар ин, дар Марказ омӯзиши таҷрибаи пешқадами кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аз ҷумла: Федератсияи Русия, Қазоқистон, Арманистон, Гурҷистон ва Ӯзбекистон тавассути маводҳои мавҷуда дар шабакаи интернетӣ ба роҳ монда шудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ» дар дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ 330 нафар кормандони иҷтимоиро ба курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ дар ҳаҷми 126 соат фаро гирифтааст. Ба нақшаи таълимии муассисаи мазкур мавзуи «Хизматрасонии иҷтимоӣ бо ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ва қурбониёни савдои одамон» ҷой дода шуда, барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисос омӯзонида шуд.

Дар самти тайёр намудани кадрҳои донандаи усулҳои муосири равонӣ, рӯҳӣ ва омӯзгорӣ дар субъектҳои муқовимат ба савдои одамон барои муоширaт бо қурбониёни савдои одамон, таъмини бомувозинати раванди нигоҳдорӣ ва азнавкунонии миқдор ва сифати ҳайати кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи касбии онҳо Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» масъалаи пешгирии савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамонро ба нақшаи соати тарбиявии донишҷӯён ворид карда, ба таври мунтазам дар соатҳои тарбиявӣ масъалаи мазкурро баррасӣ менамояд.

Ҳамзамон, Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба барномаҳои таълимии кафедра ва курсҳои дахлдор, аз ҷумла кафедраи сиҳатии ҷомеа, иқтисод, идороти тандурустӣ бо курси омори тиббӣ, ки дар он ба ғайр аз шунавандагони худи кафедра боз шунавандагони кафедраҳои дигари донишкада новобаста аз ихтисос барои гузаштани дарси ҳамҳудуд (фанҳои умумиихтисосӣ)

ташриф меоваранд, соатҳои таълимиро вобаста ба масъалаҳои алоқаманд ба ташкили хизматрасонии тиббию иҷтимоӣ ба қурбониёни савдои одамон ворид кард. Дар соли 2022-2023 дар кафедраи сиҳатии ҷомеа, иқтисод, идороти тандурустӣ аз курси омори тиббӣ зиёда аз 125 нафар табибон ва 9 нафар кормандони миёнаи тиббӣ аз курсҳои ихтисосгирии аввалия ва давраҳои такмили ихтисос гузаштанд.

Ҳамзамон, ҷиҳати ба номгӯйи мавзуъҳои рисолаҳои дипломӣ ва хатмкунии муассисаҳои номбаршуда ворид намудани масъалаҳои муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон кор идома дорад. Таҳияи рисолаҳои дипломӣ ва хатмкунӣ аз ҷониби донишҷӯён дар кафедраҳои кори иҷтимоии Донишгоҳи миллли Тоҷикистон, Донишгоҳи хусусии тиббӣ ва иҷтимоӣ, ҳамчунин, Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ ба роҳ монда мешавад.

Бо мақсади тақвият бахшидани амалҳо дар самти муқовимат ба савдои одамон дар ҳамкорӣ бо дафтари барномавии САҲА дар Тоҷикистон ташкилоти ҷамъиятии «Фемида» моҳи марти соли 2022 дар шаҳри Душанбе, барои кормандони МД «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасонии иҷтимоӣ ба қурбониёни савдои одамон ва ҷабридидагони зӯроварӣ дар оила» кормандони чор ноҳияи шаҳри Душанбе, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ду тренинги омӯзишии дурӯза вобаста ба мавзуъҳои: «Вазъи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дастовард ва мушкилиҳои соҳа»; «Асосҳои меъерии ҳуқуқӣ дар соҳаи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон (санадҳои байналмилалӣ ва миллӣ)»; «Мафҳум, марҳилаҳо, усулҳои савдои одамон»; «Стратегияи расонидани кӯмаки тавонбахшӣ ва барқарорсозӣ ба қурбониёни савдои одамон»; «Муаммоҳои психологӣ ва психологияю иҷтимоӣ, талаботҳо доир ба саломатии психологӣ»; «Ёрии иҷтимоии равонӣ ба қурбониёни савдои одамон».

Вобаста ба фаъолгардонӣ ва дастгирӣ намудани фаъолияти сомонаи вазорат ва субъектҳои дигари муқовимат ба савдои одамон низ тадбирҳо амалӣ гардида, сомонаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон-moh.tj бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ фаъолияти босамар дорад ва ҳамарӯза дар он маводҳои соҳавӣ ба нашр мерасанд. Дар бахши «Ҳифзи иҷтимоӣ»-и сомонаи вазорат «Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми феврали соли 2022, таҳти № 55 тасдиқ шудааст, инчунин, «Нақшаи дохилиидоравӣ оид ба муқовимат ба савдои одамон дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024» аз 27-уми апрели соли 2022, таҳти № 305» ҷойгир карда шудаанд, ки масъулин ҷиҳати корбарӣ ва иҷрои саривақтии бандҳои нақшаҳои мазкур аз онҳо истифода менамоянд.

Ҳамзамон, дар назди Маркази матбуоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ нашрияи – «Паёми шифо» фаъолият менамояд, ки дар он низ доир ба мавзуи мадди назар мақолаҳо ба нашр мерасанд.

Маврид ба зикр аст, ки дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2011 ин ҷониб Комиссияи ахлоқӣ оид ба пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон бо мақсади пешгирӣ аз хариду фурӯши узв ва бофтаҳои инсон тасис дода шуда, дар Шӯъбаи ҳуқуқи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйхати донорҳо ва бемороне, ки тибқи протоколи Комиссияи ахлоқӣ барои гузаронидани ҷарроҳии пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон иҷозат дода шудааст, мавҷуд мебошад. Ҷарроҳиҳои пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон дар муассисаҳои давлатии «Маркази миллии илмии пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон» ва «Беморхонаи ҷумҳуриявии клиникии ноҳияи Данғара» гузаронида мешаванд Бояд қайд намуд, ки дар вақти гузаронидани ҷарроҳӣ дар муассисаҳои номбурда ягон ҳолати қонунвайронкунӣ ошкор нагардидааст.

Вобаста ба таъмини қурбониёни савдои одамон ба хизматрасониҳои тиббӣ қайд кардан зарур аст, ки тибқи муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми декабри соли 2008, таҳти № 600 «Дар бораи Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ» ба қурбониёни савдои одамон хизматрасонии тиббии ройгон расонида мешавад ва дар доираи имконияҳои мавҷуда бо маводҳои дорувории ройгон низ таъмин карда мешаванд. Инчунин, ёдовар мешавем, ки аз ҷониби Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасонии иҷтимоӣ ба қурбониёни савдои одамон ва ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила» бевосита ба ин категория кӯмакҳои равонӣ, тавонбахшӣ, ҳуқуқӣ, тиббӣ (дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои тиббӣ) таъмин намудан бо ҷои зисти муваққатӣ таъмин гардида, дар доираи имкониятҳои мавҷуда маводҳои доруворӣи ройгон дастрас гардидааст. Дар соли 2022 ва 9 моҳи соли 2023 аз тарафи маркази мазкур дар ҳамкорӣ бо дигар мақомотҳои дахлдор ба 170 нафар, аз ҷумла 14 нафар қурбониёни савдои одамон хизматрасонӣ шудааст. Ҳамзамон, қайд кардан зарур аст, ки вазорат ҳамкориро бо ҳама мақомотҳои дахлдори давлатӣ, ташкилотҳои байналимилалӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба роҳ монда, баҳри боз ҳам беҳтар намудани хизматрасонӣ ба қурбониёни савдои одамон кор бурда истодааст.

Бо мақсади фарогирии бештар ва пешниҳоди хизматҳо ба қурбониёни савдои одамон ва ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила дар сатҳи маҳал Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки дар солҳои 2023-2024 филиаи Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасонии иҷтимоӣ ба қурбониёни савдои одамон ва ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила»-ро дар маркази вилоятҳо таъсис диҳад.

Маврид ба зикр аст, ки дар баробари корҳои анҷом додашуда, ҳамчунин ҷиҳати босамар тадбиқ намудани «Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024» мушкилоти мавҷуд набудани сохторҳои Марказ дар дигар минтақаҳои кишвар мавҷуд мебошад. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки филиалҳои Маркази ҷумҳуриявии хизматрасонии иҷтимоӣ ба қурбониёни савдои одамон ва ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила» дар маркази вилоятҳо низ таъсис дода шуда, хизматрасониҳо бевосита дар сатҳи маҳал ба ин категорияи осебпазир расонида шаванд. Бо назардошти ин, саҳмгузории шарикони рушд метавонист ба ҳалли ин мушкилот мусоидат намояд.

Ҳамин тариқ, масъалаи тадбиқи саривақтии «Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024» зери назорати доимии роҳбарияти вазорат қарор дошта, минбаъд низ тадбирҳои зарурӣ амалӣ хоҳанд гашт.

# СУХАНИ ИФТИТОҲИИ

## ДИРЕКТОРИ АГЕНТИИ НАЗОРАТИ МАВОДИ НАШЪАОВАРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ГЕНЕРАЛ-МАЙОРИ ХИЗМАТИ НАЗОРАТИ МАВОДИ НАШЪАОВАР

## САМАД ЗАФАР ТАҒОЙ



**ҲОЗИРИНИ ГИРОМӢ,**

Бо истифода аз фурсати муносиб мехоҳам, маълумоти мухтасарро оид ба корҳои анҷомдода шуда дар самти муқовимат ба савдои одамон аз ҷониби кормандони Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таваҷҷуҳатон расонам.

Агентӣ ҷиҳати иҷрои саривақтии бандҳои дахлдори нақша-чорабиниҳои муштарак дар самти муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон як қатор корҳоро ба анҷом расонидааст.

Бо мақсади баланд бардоштани савияи дониш, малакаи касбӣ, омӯзиши таҷрибаи кории кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Марказии таълимии Агентӣ дар якҷоягӣ бо ташкилоту созмонҳои кӯмакрасони хориҷӣ мунтазам семинару тренингҳои омӯзишӣ дар самти муқовимат ба савдои одамон ва дигар ҷиноятҳои ба он алоқаманд ташкил ва баргузор карда мешаванд.

Дар ин раванд дар Марказі таълимии Агентӣ курси махсуси тайёрии хизматӣ-низомӣ барои кормандони ҷавони Агентӣ ташкил ва баргузор карда шуд, ки аз ҳисоби кормандони ботаҷрибаи раёсату шуъбаҳои Агентӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар доир ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ, низоми махфият дар фаъолияти ҳамарӯза, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, пешгирии паҳншавии руҳияи экстремистӣ, муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон, моддаҳои психотропии нав ва пешгирии нашъамандӣ семинарҳо гузаронида мешаванд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар давоми ҳамин сол бо мақсади такмил ва баланд бардоштани малакаи касбӣ, ихтисос ва савияи дониш семинару курсҳои омӯзишӣ дар самтҳои дахлдор ташкил ва баргузор карда шуд, ки дар онҳо кормандони Агентӣ ва кормандони дигар вазорату идораҳои дахлдори кишвар иштирок намуданд.

Инчунин, бо мақсади омузиши таҷрибаи кории мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Гурҷистон дар самти муқовимат бо савдои одамон, намояндаи Агентӣ дар курси омузишӣ аз санаи 24-28-уми апрели соли ҷорӣ иштирок намуда, бо намояндагони Вазорати корҳои дохилӣ, Прокуратураи генералӣ, Вазорати тандурустӣ ва Вазорати адлияи Ҷумҳурии Гурҷистон вохурӣ намудаанд.

Бо мақсади пешгирӣ, ошкор намудани ҷиноятҳои марбут ба савдои одамон дар фурудгоҳҳо, истгоҳҳои роҳи оҳан, терминалҳои мусофиркашонӣ ва гузаргоҳҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар маҳаллаҳое, ки тибқи омор қурбониёни савдои одамон зиёдтар ба қайд гирифта шудаанд, чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ ва оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар давоми соли 2023 гузаронида шудааст.

Дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдори кишвар, аз ҷумла, Прокуратураи генералӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Хадамоти гумрук, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ бо мақсади пешгирии наврасону ҷавонон аз омилҳои номатлуби ифротгароӣ, савдои одамон ва нашъамандию нашъаҷаллобӣ, бо истиқоматкунандагони маҳаллаҳои «Якка-Тут», «Қуштеппа-2», «Деҳқонобод-2», «Деҳқонобод-3», «Алачабофон-1» ва «Раҳмон Набиев», минтақаи № 34, кормандон ва соҳибкорони марказҳои савдои ҶДММ «Бозори Корвон», «Ганчина», «Панҷшер», «Дарёбод» ва Литсейи касбии алоқа вохӯриҳо ташкил ва баргузор карда шудааст. Инчунин, дар давоми соли 2023 дар якҷоягӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Душанбе, Ҳисор, Турсунзода, Ваҳдат ва ноҳияҳои Шаҳринаву Рӯдакӣ бо фаъолон, раисони ҷамоатҳо, маҳаллаҳо, сардорони раёсати маориф, роҳбарони муассисаҳои тандурустӣ, наркологҳо ва имомхатибони масҷидҳо вохӯриҳо ташкил ва баргузор карда шуд.

Дар баробари ин оид ба пешгирии наврасону ҷавонон аз омилҳои номатлуби нашъамандӣ, ифротгароӣ, муқовимат бо терроризм ва экстремизм, хавфи қурбонии савдои одамон ва дар робита ба ин падидаҳои номатлуб, баланд бардоштани ҳисси ватандустӣ ва арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ, вохӯриҳо ташкил намуда корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шудааст.

Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили маҷмӯӣ ва арзёбии ҳолати мубориза бо ҷиноятҳои вобаста ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, прекурсорҳои онҳо ва алоқамандии чунин ҷиноятҳоро бо савдои одамон ва ҷиноятҳои ба он алоқаманд, мегузаронад.

Дар давоми соли 2023 Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҷиноятҳои алоқаманд бо савдои одамон, зиёда аз 11 маълумоти моҳияти оперативӣ дошта дастрас карда дар асоси онҳо чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро гузаронида истодаанд. Дар асоси як маълумоти оперативӣ Парвандаи баҳисобгирри оперативӣ оғоз карда шуд ва санҷиши маълумот идома дорад. Ҳамчунин вобаста ба қонуншиканиҳои марбут ба савдои одамон 1 ҳолати қонуншиканӣ муайян карда шуда, баъд аз тартиб додани маводҳои лозима, барои додани баҳои ҳуқуқӣ ба Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд, ки дар натиҷа нисбати шаҳрванд парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шуд ва ӯ аз ҷониби суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба ҷавобгарии маъмурӣ ҷалб карда шуд.

Соли 2022 бошад, дар натиҷаи гузаронидани як қатор чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз ҷониби кормандони Агентӣ, дар ноҳияи А. Ҷомии вилояти Хатлон, як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вақти фурухтани кудаки навзоди худ, дастгир карда шуд. Аз рӯйи ҳодисаи мазкур, аз ҷониби Раёсати Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, аз руи тобуъияти тафтишотӣ ба Прокуратураи вилояти Хатлон ирсол карда шуд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки яке аз мушкиитҳои асосии муайянкунии чунин ҷиноят ин аст, ки ҷиноятҳои вобаста ба савдои одамон характери трансмиллӣ доранд. Ҷабрдидагон ё қурбониёни савдои одамонро баъд аз хариду фурӯш ё ин, ки рабуда шуданашон дар аксар ҳолатҳо ба хориҷи кишвар мебаранд ва онҳоро дар хориҷа истисмор мекунанд, ки дар хориҷи кишвар қарор доштанашон барои ошкор намудани ин ҳолат монеъагиҳои зиёдро ба миён мебиёрад. Ҳуқуқу озодиҳои ҷабрдидагон дағалона поймол мешавад, онҳо шароити иваз кардани ҷойи буду бош ва

дастрасӣ ба алоқа надоранд. Бо ҳамин сабаб қисми зиёди ин ҳолатҳо ноошкор мемонанд, ки ин ҳолат боиси нигарони аст.

Дигар мушкилии ноошкор мондани ҳамин гуна ҷиноят, ин муроҷиат накардан барои гирифтани ёрии ҳуқуқӣ ва тиббӣ аз тарафи ҷабрдидагон, тарс аз паҳн шудани хабар дар байни ҳамсояҳо ва шиносон оид ба фаъолияти ҳангоми дар истисмор қарор доштанашон, қабул нагардидан аз тарафи оила ва хешовандони наздик ва паст шудани шаъну шарафи онҳо дар ҷамъият, аст.

Бинобар гуфтаҳои боло, пешниҳод менамоем, ки ҷиҳати баланд бардоштани савияи дониш ва малакаи касбии кормандони субъектҳои муқовимат ба савдои одамон курсҳои омузишӣ, тренингҳо бо ҷалби устодоне, ки дар ошкор намудани ин гуна ҷиноят на танҳо таҷрибаи назариявӣ балки таҷрибаи бои амалияви ҳам дар кишварҳои осебпазир доранд, гузаронида шавад. Ҳамчунин бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои осебпазир созишномаҳо барои ҳамкориҳои муштарак баста шаванд, ки дар ҳолатҳои зарурӣ маълумотҳои оперативии ворид гардида бо таври фаврӣ тавасути шахсони тамос ё афсарони алоқа санҷида шаванд ва ҳолати ба миён омадани оқибатҳои вазнин пешгирӣ карда шавад.

Дар охир қайд карданиям, ки Агентӣ дар самти ошкор намудани ҷиноятҳои ба савдои одамон алоқаманд, муайян намудани фаъолияти гурӯҳҳои ҷинояткори нашъаҷаллоб, ки ба савдои одамон алоқаманданд ва дорои робитаҳои байналмилалӣ мебошанд, инчунин шахсоне, ки ба чунин ҷиноятҳо даст доранд ва қурбонии имконпазири савдои одамон дониста мешаванд, дар якҷоягӣ бо дигар субъектҳои ваколатдор минбаъд низ ҳамкориро идома медиҳад.

**СУХАНИ ИФТИТОҲИИ**
**МУОВИНИ ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**АБДУЛЗОДА ЗИЁДУЛЛО НАЗАР**



# НАҚШИ МАОРИФ ДАР САМТИ МУҚОВИМАТ ВА АМАЛИГАРДОНИИ НАҚШАИ МИЛЛИИ МУҚОВИМАТ БА САВДОИ ОДАМОН БАРОИ СОЛҲОИ 2022-2024

## РОЛЬ ОБРАЗОВАНИЯ В ОБЛАСТИ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ И РЕАЛИЗАЦИИ НАЦИОНАЛЬНОГО ПЛАНА ПО ПРОТИВОДЕЙСТВИЮ ТОРГОВЛЕ ЛЮДЬМИ НА 2022-2024 ГОДЫ

**Муҳтарам раиси конференсия,**
**Ҳозирини гиромӣ,**

Ба Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташкили чунин як чорабиние, ки ба амалишавии «Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024» бахшида шудааст, миннатдории худро баён менамоям.

Тибқи талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи инсон аз зумраи арзишҳои олӣ ба ҳисоб рафта, таъмини дахлнопазирии шахс вазифаи асосии давлат ба шумор меравад, ки ҳамеша дар ҳифзу ҳимояи он тамоми сохторҳои давлатӣ фаъолияти худро равона намудаанд. Савдои одамон дар миқёси ҷаҳонӣ ҳамчун ҷинояти поймолкунандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шакли муосири ғуломӣ таҳти таваҷҷуҳи ҷиддии ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дорад.

Давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои инсон пайваста тадбирҳои мушаххас меандешад. Аз ҷумла, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза ба хариду фурӯши одамон» аз 15-уми июли соли 2004, таҳти № 47 ва дар таҳрири нав қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» аз 26-уми июли соли 2014, №1096 тасдиқи ин гуфтаҳост.

Ҳамзамон, ҷиҳати боз ҳам вусъат бахшидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми феврали соли 2022, таҳти № 55 «Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон барои солҳои 2022-2024» қабул карда шуд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани

кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» ҳамчун субъекти дигари давлатии амаликунандаи муқовимат ба савдои одамон ба ҳисоб меравад.

Тибқи банди 4 моддаи 8 Қонуни мазкур Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор гардидааст, ки воситаҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимиро оид ба масъалаҳои ошкор кардани савдои одамон ва тарзҳои муқовимат ба он, ки барои табақаҳои гуногуни аҳолӣ ва омӯзиш дар муассисаҳои таълимӣ таъйин гардидаанд, таҳия ва тасдиқ намояд.

Аз ин рӯ, Вазорати маориф ва илм дар асоси Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024, ки бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8-уми апрели соли 2022, таҳти № 438 тасдиқ шудааст, ҷиҳати таҳияи барномаҳои болозикр корҳои судмандро идома дода истодааст.

Аз ҷумла, оид ба омӯзиш ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ дар самти истифодаи интернет ва сомонаҳои иҷтимоӣ вобаста ба маҳдудияти дастрасии кӯдакон ба маълумоти паҳнгардидаи интернет ва сомонаҳои иҷтимоӣ, ки ба саломатӣ, инкишофи маънавӣ ва рӯҳии онҳо зарар мерасонанд, аз ҷониби Маркази ҷумҳуриявии таълимии методӣ назди вазорат «Китобчаи ҷайби қоидаҳои бехатарии истифодаи интернет» ва «Китобчаи ҷайби қоидаҳои бехатарии шахсӣ» таҳия шуда, дар рафти омӯзиш қарор дорад.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иттиллоъ медиҳад, ки бо мақсади баланд бардоштани маърифтанокии аҳолӣ ва иттилоотонии кӯдакон, ҷавонону омӯзгорон оид ба оқибатҳои ногувори савдои одамон ва истисмори меҳнати кӯдакон, пешгирӣ, рафъ ва огоҳонидани аҳолӣ аз ҷониби муассисаҳои соҳаи маориф 339 маротиба чорабиниҳои иттилоотонӣ, бо фарогирии 46940-нафар баргузор карда шуд.

Ҳамзамон, аз ҷониби кормандони дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои тобеи он дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ва ноҳияҳои шаҳри Душанбе рӯзҳои 13-18-уми марти соли 2023 бо иштироки хонандагони синфҳои 9-11, омӯзгорон, муовинони директор оид ба тарбия, роҳбарони созмони хонандагони муассисаҳои таълимӣ, кормандони раёсат, шуъба ва бахши маориф семинарҳои омӯзишӣ баргузор карда шуданд.

Дар маҷмуъ, дар семинарҳои омӯзишӣ 4731 нафар иштирок намуданд.

Боиси қайд аст, ки муассисаҳои соҳаи маориф пайваста ҷиҳати баланд бардоштани маърифатнокии аҳолӣ, аз ҷумла кӯдакон чорабиниҳои фарҳангию варзиширо баргузор менамояд.

Маҳз баргузории чорабиниҳои иттиллотӣ ва семинарҳои омӯзишӣ имконият медиҳад, ки маърифатнокии аҳолии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон баланд бардошта шавад.

Аз ин рӯ, Вазорати маориф илми Ҷумҳурии Тоҷикистон омода аст, ки ҷиҳати татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» ва «Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024» ҳамкориро бо ҳамаи шарикони рушд ба роҳ монад ва дар иҷрои бандҳои Нақша чорабиниҳои мазкур иштирок ва мусоидат намояд.

## СУХАНИ ИФТИТОҲИИ
## РАИСИ ШУРОИ УЛАМОИ МАРКАЗИ ИСЛОМИИ ТОҶИКИСТОН, ДОКТОРИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

## АБДУҚОДИРЗОДА САИДМУКАРРАМ



# МУҚОВИМАТ БА САВДОИ ОДАМОН АЗ НИГОҲИ ДИН

## ПРОТИВОДЕЙСТВИЕ ТОРГОВЛЕ ЛЮДЬМИ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ РЕЛИГИИ

**БА НОМИ ХУДОВАНДИ ҶОНУ ХИРАД,**
**К-АЗ ИН БАРТАР АНДЕША БАРНАГЗАРАД…**

Ҳамду сано Худовандро, ки моро ба беҳтарин сурат офарид ва дуруду саломи бепоён бар хотами пайғамбарон ҳазрати Муҳаммади Мустафо (с) ва бар хонадони поку ёрону пайравонаш бод.

Худованд инсонро дар зеботарин низом ва накӯтарин сурат офарид, дар ӯ рӯҳро дамид, пас малоикаҳоро барои саҷда кардан ба ӯ фармон дод, ӯро ба илму маърифат, ки тавассути он саодати дунё ва охиратро меёбад, роҳнамоӣ намуд. Барояш ақлу идроку забону тамиз бахшид, неъматҳои бешумору бебаҳо дод, тамоми ашёи осмону заминро мусаххари ӯ сохт, ӯро халифаи хеш дар рӯйи замин таъйин кард, то онро обод намояд ва бо ин ҳама вайро гиромӣ доштааст.

Худованд тамоми шароити зиндагиро дар олам фароҳам намуд, то инсон ба таври шоиста ва хуб дар он зиндагӣ кунад. Аз тарафи дигар инсонҳоро ба гунае офаридааст, ки онҳо ногузиранд дар шакли ҷомеаҳо зиндагӣ кунанд. Пас дар дунёи инсонҳо ҷомеаҳо падид омад ва инсонҳо дар шаклҳои гуногун бо якдигар дар иртиботу муомила қарор гирифтанд.

Дар дини мубини Ислом ба бузургдошту эҳтироми инсон ва фазлу бартарии ӯ нисбат бар дигар мавҷудоти ҳастӣ таъкиди фаровон шудааст. Худованд дар каломи худ мефармояд:

«Мо фарзандони Одамро бузургмартаба сохта, онҳоро дар биёбону дарё бардоштем (болои маркаб ва киштӣ савор гардонидем) ва аз ҳалолу покиҳо ризқу рӯзиашон додем ва онҳоро дар ниҳояти фазлу карам болои дигар махлуқот бартарӣ додем» (Сураи «Исро», ояти 70).

Таҳқири инсонҳо ба хотири фақру тангдастӣ, нотавонӣ ва ё симои зоҳириашон ба фармудаҳои Худованду Паёмбари акрам (с) ва мақоми волои одамият мухолиф аст. Паёмбари Ислом (с) дар ҳадисе фармудаанд: «Худованд ба ман ваҳй фиристод, ки бо ҳамдигар тавозуъ дошта бошед, то ин ки касе бар дигаре фахр нафурӯшад ва яке бар дигаре саркашӣ накунад» (Муслим).

Мутаассифона дар ҷаҳони муосир зуҳуроте вуҷуд дорад, ки ба ин дастуроти илоҳӣ комилан дар тазод аст. Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф намудааст, ки хариду

фурӯши одамон дар шаклҳои гуногуни зуҳури худ (истисмори шаҳвонӣ ва меҳнатӣ, ғуломии маишӣ, ҷалб намудан ба иқтисодиёти ниҳонӣ ва ғайра) яке аз шаклҳои барои инсоният хатарноки фаъолияти ҷинояткоронаи муташаккил ва вайронкунии ҳуқуқи инсон мебошад. Маълумоти оморӣ ба таври дақиқ ба болоравии савдои одамон дар бисёр кишварҳои ҷаҳон гувоҳӣ медиҳад. Агар дар давоми чор асри ғуломдорӣ гардиши он аз 12 миллион зиёд нашуда бошад, пас дар давоми 30 соли охир танҳо дар Осиё шумораи занону кӯдакон, ки ба асорати шаҳвонӣ фурӯхта шудаанд, ба 30 миллион нафар расидааст. Қисми зиёди ин тиҷорати зиддиинсонӣ дар дасти ташкилотҳои ҷиноятӣ қарор дорад.

Мувофиқи ҳисоботи Созмони Милали Муттаҳид ҳамасола беш аз 4 миллион нафар одамон дар саросари ҷаҳон барои иҷрои корҳои маҷбурӣ аз сарҳадоти кишварҳои дигар гузаронида шуда, хариду фурӯши одамон баробари хариду фурӯши маводи нашъаовар ва силоҳ барои гурӯҳҳои муташаккили ҷинояткор фаъолияти бештар даромаднок ва нисбатан бехавф маҳсуб меёбад.

Аксарияти давлатҳои Аврупои Ғарбӣ давлатҳои қабулкунандаи қурбониёни хариду фурӯши одамон ё транзити онҳо мебошад, зеро қурбониёни хариду фурӯши одамон дар бисо ҳолатҳо аз тарафи гурӯҳҳои ҷинояткор аз як давлат ба давлати дигар интиқол дода мешаванд. Мувофиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳар як давлат уҳдадор аст, ки вайрон намудани ҳуқуқи инсонро пешгирӣ намояд, дар ҳолати содир шудани чунин вайронкуниҳо мавриди санҷиш қарор диҳад, чорабиниҳои дахлдорро нисбат ба шахсоне, ки ҳуқуқи инсонро вайрон мекунанд, андешад ва ҷуброни зарари маънавӣ ва моддиро ба ҷабрдидагон таъмин намояд. Ба рушди ин амали нангин якчанд омилҳо, аз ҷумла: афзоиши рӯзмарраи сатҳи бекорӣ, пастравии вазъи иҷтимоию иқтисодии занон, даромади зиёди моддӣ гирифтани гурӯҳҳои ҷиноятӣ аз ин намуди савдо ва ғайра боис гардидаанд.

Аз нигоҳи дини мубини Ислом афроди ҷомеа бо якдигар мисли бародар ва ба манзалаи аъзои як хонавода ҳастанд. Дар ояти 13-уми сураи «Ҳуҷурот» омадааст:

«Эй мардум! Мо шуморо аз як марду як зан офаридем ва шуморо ба қабилаҳову ҷамоатҳо тақсим намудем, то якдигарро аз наздик бишиносед. Ҳамоно ки гиромитарини шумо назди Худо ботақвотарини шумост».

Эҳтироми мардум ва донистани қадри онҳо бузургтарин чизест, ки Ислом ба он даъват менамояд. Оиша (р) мегӯяд: «Паёмбар (с) маро мефармуд, то қадри мардумро бидонам» (Муслим).

Инсон мавҷуди иҷтимоӣ аст ва ногузир бояд дар канори дигарон зиндагӣ кунад ва бо онҳо муомила ва нишасту бархост дошта бошад. Дар натиҷаи ин иртиботҳо гоҳе инсонҳо бо ҳам наздиктар мешванд ва дар масири кору зиндагӣ мушовиру ёрдамчии ҳамдигар мегарданд. Ин пайванди бародарона аст, ки дар дини мубини Ислом нисбати он таъкиди фаровон шудааст.

Инсон узви ҷамъият ҳисоб ёфта, ҳар фард ба ёрии фарди дигар муҳтоҷ аст. Дар ҳадисе омадааст: «Касе, ки дар ёрии бародари худ бошад ва эҳтиёҷоти ӯро барорад, Худованд мададгори ӯ мебошад» (Бухорӣ ва Муслим).

Инсони хайрхоҳ, ки ахлоқи хуб дорад, доимо кӯшиш мекунад, ки мақсадаш кори нек бошад. Шахси мусалмон ҳамчун шахси инсонпарвар мардумро қатъи назар аз нажоду миллаташон офаридаи Худованд долиста, бо онҳо бо назари хайрхоҳона муносибат мекунад. Худованд ба мо ақлу хирад додааст, то ба василаи он некро аз бад шиносем. Паёмбар (с) фармудаанд: «Касоне, ки ҳурмати калонсолони моро ба ҷо намеоранд ва ба кӯдакони мо раҳм намекунанд, аз уммати ман нестанд» (Тирмизӣ).

Савдои одамон падидаи иртиҷоии бисёрҷабҳа ва хеле мураккаб буда, ба муносибатҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа иртибот дорад. Дар робита бо хавфи махсусан калони ҷамъиятӣ доштани ин падидаи номатлуб ва оқибатҳои имконпазири манфии иҷтимоӣ ва сиёсии он ҳар фарди ҷомеаро лозим аст, ки дар муқобили ин амали нангин бетараф набошад. Лозим ба ёдоварӣ аст, ки омили асосии пешрафти давлат

ташаккули низоми пешрафти ҳуқуқӣ ва устувории қонуният дар ҷомеа мебошад. Ҳама муносибатҳо бояд дар асоси ҳуқуқ танзим карда шаванд, ҳамаи одамон тобеи ҳуқуқ бошанд, қонун муқаддас дониста шавад ва бечунучаро риоя гардад.

Дини мубини Ислом тамоми мафҳумоти гиромидошти табақотиро дар байни мардум, ки бар асоси молу мақом, аслу насаб, вазифаю мансаб, рангу хун бошад, лағв намуд. Мусалмононро чунон тарбия кард, ки дар онҳо мизони дурустро барои қадрдонии онҳо дар асоси ахлоқи иҷтимоӣ ба бор овард. Ҳазрати Пайғамбар (с) баён намудаанд, ки ҳеҷ фазилате байни мардум вуҷуд надорад, магар ба андозаи тақво ва амали накӯ. Ҳар имтиёз ва ё фазилатеро, ки мардум бар ғайри ин асос муқоиса менамоянд, бекор ва мардуд аст.

Ҳама инсонҳо аз ҳар нажоду ранг ва сарзамине, ки бошанд, бо ҳар забоне, ки суҳбат кунанд, аз ҳар қишру табақае, ки бошанд, фарзанди Одаманд ва дар манзалати фарзандии вай дар як мартаба қарор доранд. Расули гиромӣ (с) дар Ҳаҷҷатул-видоъ ба ҷамъи зиёде аз мардум чунин фармуданд: «Эй мардум! Парвардигоратон яке аст ва падаратон низ якест. Ҳамаи шумо аз Одам ҳастед ва Одам аз хок офарида шудааст. Ҳеҷ арабе бар ғайри араб ва ҳеҷ сафедпӯсте бар сиёҳпӯст ба ҷуз василаи покӣ ва парҳезгорӣ бартарӣ надорад» (Муснади Аҳмад).

Мақому манзалати инсон дар назди Худованд бисёр воло ва мартабааш дар Ислом баланд аст. Шояд инсоне либоси сода, ҷисми лоғар ва андоми қабеҳ дошта бошад, вале ҷойгоҳи ӯ дар назди Худованд болотар ва дар дили мардум маҳбубтар бошад.

Таҳқири инсон ва поймол кардани ҳуқуқи ӯ сифати бадест, ки сабаби ғазабу иқоби Худо мегардад. Худованд фармудааст:

«Эй касоне, ки имон овардаед, ҳеҷ тоифае тоифаи дигареро масхара накунад. Шояд он тоифа беҳтар аз инҳо бошанд. Ва на зане аз зане (масхара кунад). Шояд он зан беҳтар аз инҳо бошад. Ва ба худ лақабҳои бад намонед. Бад номе аст фисқ баъди Ислом. Ва ҳар ки тавба накунад, пас онҳоянд золимон» (Сураи «Ҳуҷурот», ояти 11).

Қадри мардумро донистан, манзалати онҳоро ҳифз кардан ва ҳуқуқи онҳоро адо кардан вазифаи ҳар фард аст. Паёмбар (с) фармудаанд: «Мусалмон бародари мусалмон аст. Ба ӯ ситам намекунад, хораш намедорад ва таҳқираш намекунад. Тақво дар ин ҷост – ва се бор ба синааш ишорат намуд. Барои инсон ҳамин миқдор гуноҳ кофист, ки бародари мусалмонашро таҳқир намояд. Хун, мол ва обрӯи ҳар мусалмон барои мусалмони дигар ҳаром аст» (Муслим).

Мо бояд дорои ҷамъияте бошем, ки дар он озодӣ, дӯстӣ, баробарии умум ва ҳурмату эҳтиром байни одамон пурра тантана дошта бошад. Роҳи ягонаи барпо намудани чунин ҷамъият кӯшидан дар илму дониш ва такмили маърифатнокии одамон мебошад. Имрӯз бояд тавре амал ва зиндагӣ кунем, ки барои насли оянда намунаи ибрат бошад. Худованд шоҳиди аъмоли бандагон аст ва ҳамаи мо фардо дар пешгоҳи Ӯ тибқи амалҳоямон подошу мукофот мегирем.

# СУХАНИ ИФТИТОҲИИ
## МУОВИНИ РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ
## ОДИЛЗОДА ДИЛБАР РАҲИМ



**ҲОЗИРИНИ ГИРОМӢ,**

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар робита ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми феврали соли 2022, таҳти № 55 «Дар бораи Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024» маълум менамояд, ки дар ин давра корҳои муайяне ба анҷом расонидааст.

Бо мақсади татбиқи самарабахши қарори мазкур қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 6-уми апрели соли 2022, таҳти № 149 «Дар бораи Нақшаи чорабиниҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе оид ба муқовимат ба савдои одамон барои солҳои 2022-2024, ҳайати Комиссия ва Низомномаи Комиссияи байниидоравии шаҳрӣ оид ба муқовимат ба савдои одамон» ба имзо расида, барои иҷроиш ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои И. Сомонӣ, Шоҳмансур, Сино ва Фирдавсии шаҳри Душанбе, инчунин ба сохторҳои дахлдор ирсол карда шудааст.

Доир ба иҷрои банди 2 Нақша чорабиниҳои қарори мазкур оид ба гузаронидани чорабиниҳои иттилоотию фаҳмондадиҳӣ ва маърифатӣ дар байни аҳолӣ, аз ҷумла ноболиғон, ҷавонон, занон ва муҳоҷирони меҳнатӣ бо мақсади огоҳонидани шаҳрвандон вобаста ба оқибатҳои савдои одамон аз ҷониби сохторҳои дахлдори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе корҳои назаррасе ба анҷом расонида шудааст.

Аз ҷумла, аз ҷониби Раёсати кор бо занон ва оилаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар якҷояги бо Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, шуъба ва бахшҳои кор бо занон ва оилаи ноҳияҳои пойтахт ҷиҳати тақвият додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тарғиби моҳияти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва гимназияҳои пойтахт, бо сокинони шаҳракҳо, маҳаллаҳо ва минтақаҳои 33 ва 82-и ноҳияҳои пойтахт бо фарогирии 5087 нафар суҳбату вохӯриҳо баргузор карда шуд.

Аз ҷониби Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе миёни сокинони шаҳри Душанбе, аз ҷумла ноболиғону ҷавонон, занон ва муҳоҷирони меҳнатӣ бо мақсади огоҳонидани шаҳрвандон вобаста ба оқибатҳои савдои одамон чорабиниҳои иттилоотию фаҳмондадиҳӣ ва маърифатӣ гузаронида шуда, давоми соли 2023, 203 хониши сиёсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои

таҳсилоти миёна ва олии касбии ҳудуди шаҳри Душанбе бо ҷалби 32510 нафар хонандагону донишҷӯён ташкил ва баргузор карда шуд.

Вобаста ба иҷрои банди 4 Нақша оид ба ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои варзишию оммавӣ зери унвони «Нест бод савдои одамон!» тибқи нақшаи чорабиниҳои варзишӣ аз ҷониби Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе ва бахшҳои ноҳиявии он чорабиниҳои варзишию оммавӣ зери унвони «Нест бод савдои одамон!» ташкил ва баргузор карда шуд. Дар ин замина давоми моҳҳои апрел ва майи соли 2023 дар асоси нақшаи мазкур мусобиқаҳои варзишии дохилимактабӣ аз рӯйи намуди волейбол, футбол, баскетбол, шоҳмот, шашка, гуштин ва мусобиқаи дав бо ҷалби васеи хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҳудуди шаҳри Душанбе баргузор карда шуд. Инчунин, дар ҳудуди шаҳри Душанбе дар асоси нақшаи муштараки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе, бахш оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдаки Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе пайваста рейду санҷишҳо дар мавзуи «Нест бод савдои одамон!» баргузор менамоянд.

Доир ба иҷрои банди 7 Нақша дар хусуси ташкил ва гузаронидани семинарҳо ҷиҳати инкишоф додани малакаи касбии мутахассисони соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, аъзои Комиссияи байниидоравии шаҳрӣ оид ба муқовимат ба савдои одамон дар самти пешгирии савдои одамон аз ҷониби Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Сино, И. Сомонӣ, Фирдавсӣ ва Шоҳмансури шаҳри Душанбе семинари омӯзишӣ таҳти унвони «Мубориза бар зидди савдои одамон – вазифаи ҳар як шаҳрванд» ташкил ва баргузор карда шуд. Зимнан давоми соли 2023 дар ҳудуди ноҳияҳои шаҳри Душанбе мизҳои мудаввар ва чорабиниҳои иттилоотӣ дар мавзуҳои мухталиф вобаста ба савдои одамон баргузор гардид.

Дар робита ба иҷрои банди 9 Нақша оид ба дар барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва барномаву нақшаҳои соҳавии дигар пешниҳод намудани маблағгузорӣ (додани қарзҳои имтиёзнок, грантҳо ва имтиёзҳои меҳнатии дигар ва ташкили соҳибкории хурду миёна) ҷиҳати бо кор таъмин намудани қурбониёни савдои одамон тавре маълум аст, айни ҳол дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе 4 адад муассисаҳои давлатии «Ҳунарҳои мардумӣ» кору фаъолият доранд, ки дар назди муассисаҳо ва дар шаҳраку маҳаллаҳои ноҳияҳо 81 адад маконҳои ҷамъиятии касбомӯзӣ кору фаъолияташро ба роҳ мондаанд, ки дар онҳо курсҳои кутоҳмуддати касбомӯзӣ ташкил карда шудааст, ки 494 нафар занону ҷавондухтарони ҳунарманд ба шогирдон аз рӯйи ихтисосҳои дӯзандагӣ, қаннодӣ, адрасбофӣ, қолинбофӣ, попуридӯзӣ ва қаламарезиро меомӯзонанд.

Дар иртибот ба масъалаи мазкур аз ҷониби Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе ва бахшҳои ноҳиявии он курсҳои кутоҳмуддати омӯзишии дӯзандагӣ, бофандагӣ, қаннодӣ ва пазандагӣ бо ҷалби ҷавонони ниёзманд ва қурбониёни савдои одамон таҳти унвони «Ҳунар омӯз к-аз ҳунармандӣ» таъсис дода шуда, 30 нафар ҷавондухтарони оилаҳои ниёзманд аз маҳаллаҳои пойтахт давоми 2 моҳ ба омӯзиши касбу ҳунар фаро гирифта шуда, ба онҳо дар вазъияти тантанавӣ шаҳодатномаи хатм супорида шуд.

Дар ин раванд ба Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкории истеҳсолии шаҳри Душанбе» бо мақсади ташкили ҷойҳои нави корӣ тавассути ҷудо намудани қарзҳои имтиёзнок ҷиҳати ташкили соҳибкории хурду миёна ба субъектҳои соҳибкорӣ дар асоси қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 26-уми январи соли 2023, таҳти № 22 «Дар бораи ҷудо намудани маблағ» аз ҳисоби маблағҳои озоди буҷети шаҳри Душанбе 50,0 миллион сомонӣ ҷиҳати таъмини шароити мусоид баҳри рушди соҳибкорӣ ва пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ба соҳибкории истеҳсолии шаҳри Душанбе ҷудо карда шуд.

Аз ибтидои фаъолият то ба ҳолати 23-юми июни соли 2023 дар асоси қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои нозирони Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкории истеҳсолии шаҳри Душанбе» шартномаҳои қарзии баимзорасида ва таъминнокии амволҳои гаравӣ ба 47 лоиҳаи субъектҳои соҳибкорӣ ба маблағи умумии 160,0 миллион сомонӣ қарзҳои имтиёзнок ҷудо карда шудааст.

Дар соли 2023 аз ҷониби Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкории истеҳсолии шаҳри Душанбе» дархости 8 субъекти соҳибкорӣ ба маблағи умумии 78,2 миллион сомонӣ дастгирӣ карда шуда, дар доираи шартномаҳои хатти қарзии сеҷониба ва таъминнокии амволҳои гаравӣ ба субъектҳои соҳибкории номбурда ба маблағи умумии 29,8 миллион сомонӣ қарзҳои имтиёзнок дода шуд. Дар маҷмуъ, дар соли 2023 бо назардошти қарорҳои қаблии қабулнамудаи Шӯрои нозирон ва шартномаҳои хатти қарзии баимзорасида 40,1 миллион сомонӣ ба субъектҳои соҳибкорӣ қарзҳои имтиёзнок дода шуд.

Бо ҷудо намудани қарзҳои имтиёзноки Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкории истеҳсолии шаҳри Душанбе» дар корхонаҳои истеҳсолии дастгиришуда зиёда аз 3000 ҷойҳои корӣ нигоҳдорӣ карда шуда, беш аз 1000 ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шуд.

Вобаста ба иҷрои талаботи банди 17 Нақша дар хусуси иттилоотонии кӯдакон, ҷавонон ва падару модарон оид ба оқибатҳои ногувори савдои одамон ва истисмори меҳнати кӯдакон аз ҷониби Раёсати кор бо занон ва оилаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе санаи 10-уми феврали соли 2023 дар Муассисаи давлатии «Маркази рушди истеъдодҳо»-и назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, семинар-машварат дар мавзуи «Чораҳои фардии пешгирии зӯроварӣ дар оила» бо иштироки субъектони пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила бо фарогирии 45 нафар доир карда шуд.

Инчунин, Раёсати кор бо занон ва оилаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар ҳамкорӣ бо Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе ва Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе бо мақсади ҷалби бештари наврасону ҷавонон ба таҳсил, идомаи таҳсил дар донишгоҳу донишкадаҳои олию касбӣ семинари омӯзишӣ-иттилоотӣ, машваратӣ ва ҳуқуқӣ дар маҳаллаҳои осебпазир оид ба дур мондани духтарон аз таҳсил таҳти унвони «Таҳсилот барои ҳама» миёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 6, 31, 101 ва 72 бо фарогирии 925 нафар омӯзгорону хонандагон аз ҳисоби духтарон ташкил ва баргузор намуданд.

Аз ҷониби Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе бо мақсади ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳои иттилоотию маърифатӣ оид ба огоҳонии шаҳрвандон, аз ҷумла, ноболиғон, ҷавонон ва падару модарон вобаста ба ҳолат ва оқибатҳои савдои одамон нақшаи чорабиниҳо таҳия ва тасдиқ карда шуда, барои иҷроиш ба шуъбаҳои маориф ва сохторҳои тобеи Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе ирсол карда шудааст.

Дар давраи сипаригардидаи соли 2023 дар доираи Нақшаи вохӯриҳои Раёсати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе ва Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе дар муассисаҳои таълимии №№ 8, 10, 53, 70-и ноҳияи И. Сомонӣ, №№ 16, 29, 31, 36, 48, 55, 71 ва 107-и ноҳияи Шоҳмансур, №№ 5, 24, 58, 72, 76, 78 ва 124-и ноҳияи Фирдавсӣ, №№ 32, 33, 43, 56, 59, 60, 66, 67, 80, 81, 86, 88, 89, 91, 92, 93, 95, 96, 99, 111, 112, 115, 116 ва 133-и ноҳияи Сино ва Гимназияи № 2 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе корҳои фаҳмондадиҳӣ баргузор гардид. Доир ба иҷрои банди 18 нақша оид ба расонидани кӯмак ва дастгирии ятимонхатмкунандагони интернатҳо барои идомаи таҳсили касбӣ ва бо кор таъмин намудани онҳо (қурбонии эҳтимолии савдои одамон) аз ҷониби Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе дар моҳи майи соли 2023 ҷавонони имконияташон маҳдуд, ятимони кулл ва ҷавонони аз оилаҳои камбизоатбуда аёдат карда шуда, кӯмакҳои моливу пулӣ ба онҳо расонида шуд. Дар маҷмуъ аз ҷониби Раёсати кор бо

ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе дар чор ноҳияи шаҳри Душанбе 27 нафар ҷавонони имконияташон маҳдуд, ятимони кулл ва ҷавонони аз оилаҳои камбизоат таҳти унвони «Пешвои миллат – ғамхори мо ҷавонон» аёдат гардида, ба онҳо ба маблағи 10680 сомонӣ кӯмакҳои моливу пулӣ расонида шуд.

Ятимони кулл-хатмкунандагон, аз ҷумла хатмкунандагони мактаб-интернатҳо, ки тариқи Маркази миллии тестӣ барои дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ ҳуҷҷат месупоранд, аз пардохти маблағ барои бақайдгирӣ (300 сомонӣ) озод буда, ҳамзамон барои дохилшавӣ дар ҳаҷми 150 балл имтиёз дода мешавад. Барои нимятимон 50 фоизи маблағ барои бақайдгирӣ пешбинӣ гардидааст.

Оид ба иҷрои банди 20 Нақша дар хусуси таҳия, чоп ва паҳн намудани овезаҳо, навиштаҷоти таблиғотӣ, тақвимҳо, китобчаҳо, маводи дигари тақсимотии хусусияти таблиғотӣ ва маърифатидошта оид ба муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон аз ҷониби Раёсати кор бо занон ва оилаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе бо мақсади расонидани кӯмаки саривақтӣ ба ҷабрдидагони савдои одамон, пешгирии низоъҳо ва таъмини ҳамкориҳо бо сохторҳо санаи 2-юми марти соли 2023 миёни кормандони муассисаҳои давлатии тандурустӣ, Муассисаи давлатии «Маркази худшиносии бонувон дар шаҳри Душанбе» ва ташкилотҳои ҷамъиятие, ки дар самти кор бо занон, ҷавонон ва кӯдакон фаъолият доранд, 150 адад варақаҳои тарғиботӣ тақсим карда шуд.

Аз ҷониби Раёсати кор бо занон ва оилаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар ҳамкорӣ бо Муассисаи давлатии «Маркази худшиносии бонувон дар шаҳри Душанбе» санаи 12-уми майи соли 2023 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи: «Таҳкими масъалаҳои оиладорӣ дар замони муосир» бо ҷалби коршиносону мутахассисон ташкил ва баргузор карда шуд. Дар фарҷоми чорабинии мазкур миёни коршиносону иштирокчиён саволу ҷавоб доир гардида, аз ҷониби мутахассисони соҳа ба саволҳои донишҷӯён посух дода шуда, ба иштирокчиён 180 адад варақаҳои таблиғотӣ оид ба муқовимат ба савдои одамон тақсим карда шуд.

Аз ҷониби Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе низ аксияи тарғиботию ташвиқотӣ таҳти унвони «Нест бод савдои одамон» дар ҳудуди ноҳияҳои Сино, Фирдавсӣ, Шоҳмансур ва И. Сомонии шаҳри Душанбе ташкил ва баргузор карда шуд.

Аз тарафи Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе бо мақсади иҷрои банди мазкур дар муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе шиору овезаҳо таҳти унвони «Муқовимат бо савдои одамон» ва ҳифзи ҳуқуқи кӯдакону наврасон овезон карда шудаанд. Инчунин, аз ҷониби хонандагон ва омӯзгорону мураббиён эҷод намудани мақола, иншо саҳначаҳо, варақаҳои хусусияти иттилоотӣ ва таблиғотиву маърифатидошта ба роҳ монда шудааст. Ин гуна шиору овезаҳо дар Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе, муассисаҳои давлатии таълимии Литсейи №№ 1, 2 ва 3 барои хонандагони болаёқат, гимназияҳои №№ 1, 2, 3 ва 4, муассисаҳои типпи мактаб-интернатҳои №№ 1, 2, 3 ва 4, муассисаи таълимии №№ 8, 9, 14, 16, 20, 21, 25, 37, 40, 41, 42, 51, 55, 56, 65, 72, 89, 95, 100, 101 ва дигар муассисаҳо мавҷуданд.

Оид ба иҷрои банди 23 Нақша дар хусуси идомаи таъмини риояи манъи истифодаи меҳнати маҷбурии кӯдакон дар корҳои саҳроӣ, тавассути гузаронидани санҷишҳои муштарак аз ҷониби Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе ва бахшҳои ноҳиявии он дар ҳамбастагӣ бо намояндагони бахш оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, Раёсати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе, прокуратураи шаҳри Душанбе, Раёсати тандурустии шаҳри Душанбе, Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе ва дигар сохторҳои марбутаи шаҳрӣ рейду санҷишҳо дар корхонаву муассисаҳо ва бозорҳои ҳудуди ноҳияҳои Сино, Фирдавсӣ, Шоҳмансур ва И. Сомонии шаҳри Душанбе гузаронида шуд.

Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе дар вобастагӣ ба идома додани манъи истифодаи меҳнати маҷбурии кӯдакон дар корҳои саҳроӣ, махсусан хонандагони муассисаҳои таълимии аз ноҳияи Рӯдакӣ воридшуда ва пешгирии истифодаи меҳнати кӯдакон дар корҳои вазнину ғайрисанитарӣ пайваста корҳои фаҳмондадиҳӣ ва пешгириро дар муассисаҳои таълимии пойтахт доир менамояд. Аз тарафи роҳбарони муассисаҳои таълимии ноҳияҳои пойтахт бо мақсади расонидани кӯмакҳои педагогӣ ва равонӣ ҳар рӯзи шанбе «Рӯзи падару модар» эълон карда шудааст. Дар ин рӯз волидайн ба дарсҳо, чорабиниҳо, ҷаласаҳо ва дар дарсҳои иловагӣ иштирок намуда, оид ба рафтору кирдор, ахлоқ ва таҳсили фарзандон маълумотҳои лозимӣ пайдо мекунанд. Вобаста ба ин, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 19, 25, 27, 32, 33, 37, 47, 50, 54, 56, 59, 87, 88, 89, 90, 91, 92, 95, 97, 98, 101, 111, 112, 114, 116, 118 ва 133-и ноҳияи Сино, №№ 2, 16, 20, 21, 23, 31, 35, 36, 39, 63,71, 100, 103, 104, 106 ва 107-и ноҳияи Шоҳмансур, №№ 3, 5, 17, 18, 22, 24, 28, 30, 40, 41, 42, 45, 49, 51, 57, 58, 72, 75, 76, 77, 78, 119, 120, 123, 124, 127, 129, 130 ва гимназияи №74-и ноҳияи Фирдавсӣ, №№ 1, 4, 6, 7, 8, 10, 13, 26, 34 ва 44-и ноҳияи И. Сомонӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ баргузор гардид.

Оид ба иҷрои банди 30 Нақша дар хусуси ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои иттилоотӣ, варзишӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва конфронсҳо бо мақсади пешгирӣ, рафъ ва огоҳонидани аҳолӣ аз хатарҳо ва оқибатҳои савдои одамон ва ҷиноятҳои ба он алоқаманд Муассисаи давлатии «Телевизиони Душанбе дар ҳамкорӣ бо Маркази матбуоти Раёсати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии дар шаҳри Душанбе барномаи «Соярӯшан»-ро ҳар ҳафта манзури бинандагон менамояд, ки дар он баробари дигар амалҳои ҷиноятӣ доир ба ин масъала низ маводҳо инъикос карда мешаванд. Аз ҷониби Муассисаи давлатии рӯзномаи «Паёми Душанбе» дар шаш моҳи соли 2023 доир ба масъалаи мазкур 10 мақолаву гузориш ба табъ расонида шуд.

Дар ин раванд аз ҷониби Раёсати кор бо занон ва оилаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе санаи 19 январи соли 2023 дар толори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шоҳмансур вохӯрии судманд бо собиқадорон, фаъолзанон, раисони шаҳраку маҳаллаҳо аз ҳисоби занон, раисони Шӯроҳои кор бо занон бо фарогирии 250 нафар доир карда шуд.

Инчунин, оид ба пешгирӣ, рафъ ва огоҳонидани аҳолӣ аз хатарҳо ва оқибатҳои савдои одамон ва ҷиноятҳои ба он алоқаманд дар ҳамкорӣ бо Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, Муассисаи давлатии «Маркази худшиносии бонувон дар шаҳри Душанбе», шуъба ва бахшҳои кор бо занон ва оилаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои пойтахт бо ҷалби мутахассисону коршиносон семинар-машваратҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 7, 9, 14, 16, 21, 28, 100, 103, 107 ва 108 бо фарогирии 1738 нафар ҷавонону наврасон баргузор карда шуд. Бо мақсади пешгирӣ, рафъ ва огоҳонидани аҳолӣ аз хатарҳо ва оқибатҳои савдои одамон ва ҷиноятҳои ба он алоқаманд Раёсати кор бо занон ва оилаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар ҳамкорӣ бо шуъбаву бахшҳои кор бо занон ва оилаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои пойтахт, ташкилотҳои ҷамъиятии «Фемида», «Корвони умед» ва Муассисаи давлатии «Маркази худшиносии бонувон дар шаҳри Душанбе» бо ҷалби коршиносон баргузории семинар-машваратҳо, конференсияҳо, вохӯриҳо дар Донишгоҳи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, Донишгоҳи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 37, 25, 101 ва шаҳраку маҳаллаҳои ҳудуди ноҳияи Сино бо фарогирии 1150 нафар баргузор намуд.

Аз ҷониби Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе ва бахшҳои ноҳиявии он чорабиниҳои варзишӣ аз рӯйи намуди волейбол, футбол, баскетбол, шоҳмот, шашка, гуштин ва мусобиқаи дав бо ҷалби васеи хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии

ҳудуди шаҳри Душанбе баргузор карда шуд. Инчунин, аз ҷониби Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе санаи 19-уми майи соли 2023 дар толори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Форуми шаҳрии ҷавонон таҳти унвони «Муқовимат ба ифротгароӣ – омили муҳими рушди босуботи ҷомеа» бо иштироки намояндагони вазорату идораҳо, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои шаҳри Душанбе, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, роҳбарият ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, миёнаи умумӣ ва ҷавонони фаъоли ҳудуди пойтахт доир гардид.

Дар муассисаҳои таълимии тобеи Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе ва муассисаҳои таълимии ноҳияҳои шаҳри Душанбе чорабиниҳои варзишию оммавӣ, хусусан бо ҷалби васеи ҷавонон бо мақсади пешгирӣ, рафъ ва огоҳонидани онҳо аз хатарҳои савдои одамон ва ҷиноятҳои ба он алоқаманд ба роҳ монда шуда, ба роҳбарони муассисаҳо супориш дода шудааст, ки дар ҷамомадҳои пагоҳирӯзӣ ҳар ҳафта суҳбатҳо доир намоянд.

Ҷиҳати иҷрои талаботи банди 41 Нақша дар хусуси ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо шариконӣ рушд, ҷомеаи шаҳрвандӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ дар самти ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ, расонидани кӯмакҳои моддӣ, тиббӣ, иҷтимоӣ ва ба меҳнат фаро гирифтани қурбониёни савдои одамон аз ҷониби Раёсати кор бо занон ва оилаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе санаи 30-юми майи соли 2023 дар толори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе семинар-тренинги омӯзишӣ дар мавзуи «Ҳамоҳангсозии соҳаи тандурустӣ ва марказҳои ёрирасон дар шаҳри Душанбе» миёни директорони марказҳои саломатии шаҳрӣ, кормандони соҳаи тандурустӣ, марказҳои ёрирасон, шуъбаҳои офиятбахши тиббию иҷтимоии шаҳри Душанбе ва дигар ниҳодҳои давлатӣ бо фарогирии 50 нафар иштирокчиён ташкил ва баргузор карда шуд.

Аз ҷониби Шуъбаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе доир ба масъалаи мазкур дар нимаи аввали соли 2023 як қатор мулоқоту вохӯриҳо ва чорабиниҳои ташвиқотӣ дар самти муқовимат бо савдои одамон дар ҳамкорӣ бо дигар идораву сохторҳои дахлдор анҷом дода шуд. Аз ҷумла, бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе 7 маротиба ҷиҳати ба роҳ мондани омӯзиши пайвастаи қонунгузорӣ, амалисозии муқовимат бо савдои одамон, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии мардум, солимнигоҳдории фазои мазҳабӣ, терроризму хурофотпарастӣ, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ дар самти одамрабоӣ ва дигар масъалаҳои ҷорӣ бо даъват ва иштироки намояндагони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, кормандони донишгоҳу донишкадаҳои кишвар, имомхатибони масҷидҳои шаҳри Душанбе ва дигарон бо фарогирии 1890 нафар мулоқотҳо, чорабиниҳои ташвиқотӣ ва корҳои фаҳмондадиҳию тарбиявӣ баргузор карда шуд.

Тибқи ахбороти пешниҳоднамудаи Раёсати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе дар давраи сипаригардида дар ҳудуди шаҳри Душанбе ҳамагӣ 1 ҳолати хариду фурӯши одамон ва 1 ҳолати одамрабоӣ ба қайд гирифта шудааст. Иҷрои сифатнок ва самарабахши қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми феврали соли 2022, таҳти № 55 «Дар бораи Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024» аз ҷониби сохторҳои дахлдори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе таҳти назорати қатъи қарор дода шуда, минбаъд низ корҳо дар ин самт пурзӯр карда мешаванд.

**ТДУ 304.2+343.4**

***АБДУЛАҲАДЗОДА А. А.***
*Сардори кафедраи фанҳои ҳуқуқӣ-гражданиии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия*
*E-mail: vohid.0303@mail.ru*

***АНВАРЗОДА А. А.***
*Муаллими кафедраи фанҳои ҳуқуқӣ-гражданӣ факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтенанти калони милитсия*

# ТАНОСУБИ ЗЎРОВАРӢ ДАР ОИЛА ВА ЗЎРОВАРИИ ГЕНДЕРӢ БО САВДОИ ОДАМОН

## ВЗАИМОСВЯЗЬ СЕМЕЙНОГО И ГЕНДЕРНОГО НАСИЛИЯ С ТОРГОВЛЕЙ ЛЮДЬМИ

Савдои одамон дар замони имрўза ба яке аз масъалаҳои муҳим табдил ёфта, миқёси паҳншавии он кулли мамолики ҷаҳонро фаро гирифтааст. Аз ҷумла савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ як масъалаи ташвишовар мебошад. Бо назардошти он, ки бархе шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кор ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд, баъзан маврид қурбонии ҷинояти савдои одамон мегарданд. Қисми зиёди ҷиноятҳои савдои одамон хусусияти фаромилӣ доранд. Айни замон ҷинояткорон аз имкониятҳои пешрафтаи илму техника истифода намуда, қурбониёнро тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ бо ваъдаи таъмини кори мувофиқ, ва ба даст овардани музди маоши хуб барои истисмор ҷалб менамоянд.

Симои ҷабрдидагони ҷинояти савдои одамонро агар аз нуқтаи назари гендерӣ таҳлил намоем маълум мегардад, ки аксаран занон истисморӣ шаҳвонӣ ва мардон бошанд дар соҳаи меҳнат истисмор мешаванд. Аз нуқтаи назари синусол бошад қурбони ҷинояти савдои одамон мардони қобили меҳнат, ҷавондухтарон ва кўдакон низ қурбонии савдои одамон мешаванд.

Бо назардошти масъалаи муҳим будани савдои одамон дар замони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин масъала таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад. Дар сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Комиссияи байниидоравӣ оид ба муқовимат ба савдои одамон» ташкил шудааст. Дар сохтори ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Маркази муқовимат ба савдои одамон» ташкил шудааст, ки ҳадафу вазифаҳои асосии ин марказ аз пешгирӣ ва ошкоркунии ҷиноятҳо дар соҳаи мазкур иборат мебошад.

Яке аз сабабҳои қурбонии савдои одамон шудан ин проблемаи зўроварӣ дар оила, риоя нагардидани баробарии гендерӣ ва зўроварии гендерӣ мебошад, ба шўғл ҷалб нагардидани занон, ки ин масъала ба фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ алоқамандии зич дорад.

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки ба савдои одамон рабт дорад ин проблемаи зўроварии гендерӣ вайрон кардани принсипи баробарии гендерӣ ва зўроварӣ дар оила мебошад. Пешгирӣ, ошкор ва муқовимат ба мушкилоти зўроварӣ дар оила аз фъолияти кормандони милитсия вобастагии калон дорад. Бо ҳамин мақсад мо тасмим гирифтем, ки дар мақолаи мазкур атрофи мушкилоти зўроварӣ дар оила ва зўроварии гендерӣ, инчунин барои пешгирии он, ки баъзан мавридҳо оқибати он ба ҷинояти савдои одамон оварда мерасонад андешаҳои худро иброз намуда барои пешгирии ин зўҳуроти номатлуб таклифҳои мушаххас манзур намоем.

Бояд қайд намуд, ки вожаи гендер иқтибосӣ буда, дар қонунгузории Ҷумҳурии

Тоҷикистон, забони тоҷикӣ, ва адабиёти илмию таълимӣ давоми солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон корбурд мешавад. Аммо ба масъалаи фаъолгардонии нақши занон, ки нақши онҳо дар идоракунии давлат, хизмати давлатӣ, соҳаҳои истеҳсолӣ, дастрасӣ ба неъматҳои моддӣ ва иҷрои дигар вазифаҳои давлатию ҷамъиятӣ, кам ба назар мерасид аз даврони Иттиҳоди Шӯравӣ аҳамият дода мешуд.

Калимаи «гендер» дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ба маънои ҷинс, ҷинсият (мард ва зан) маънидод шудааст[1].

Мафҳуми рассмии гендер бошад дар моддаи 1 қисми 1 сархати якуми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 89 аз 1-уми марти соли 2005 «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» бо мазмуни зайл оварда шудааст, «гендер, гендерӣ – муносибатҳои иҷтимоии байни мардону занон, ки дар ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҳуқуқ, идеология, фарҳанг зоҳир мегардад[2].

Қонуни мазкур мафҳуми расмии гендерро ба маънои муносибати иҷтимоӣ муқаррар намудааст, аммо дар фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ бошад он ба маънои ҷинс, маънидод шудааст. Ба андешаи мо мафҳуми дар қонун овардашуда, яъне муносибати иҷтимоӣ «нақши иҷтимоии» мардону занон дуруст буда, тафсири забонии он дар фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ нодуруст маънидод шудааст.

Бояд хотиррасон намуд, ки айни замон яке аз самтҳои сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро сиёсати гендерӣ ташкил медиҳад. Сиёсати гендерӣ фаъолияти давлатӣ ва ҷамъиятие, ки ба таъмини баробарии муносибатҳои мутақобилаи мардон ва занон равона шудааст[3]. Аз рӯйи моҳият ва талаботи сиёсати гендерӣ мардон ва занон баробарҳуқуқ мебошанд. Мазмуну мақсади баробарҳуқуқӣ ҳуқуқ, ӯҳдадорӣ ва масъулияти баробари мардон ва занон дар назди қонунро ифода мекунад.

Аз рӯйи талаботи гендерӣ мардону занон дар мавқеи баробар қарор дошта, барои ин ё он ҷинс ягон афзалият, бартарият ё имконияти махсус аз рӯйи аломати ҷинс муқаррар карда намешавад. Ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун муайян кардааст[4]. Поймол кардани ҳуқуқи мардону занон манъ аст. Вайронкунии принсипе, ки ба баробарии гендерӣ асос ёфтааст, (гузаронидани сиёсати давлатӣ ё содир кардани амалиёти дигаре, ки мардону занонро аз рӯйи ҷинс дар мавқеи нобаробар қарор медиҳад), поймолкунии ҳуқуқ шуморида мешавад ва бояд бо тартиби муқарраркардаи қонуни бартараф карда шавад.

Баробарии гендерӣ – баробарии вазъи ҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо, ки ба ҳарду ҷинс озодона инкишоф додани қобилияти тавоноӣ, маҳорат ва малакаашонро барои иштирок дар раванди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва азхудкунии натиҷаи он имконият медиҳад.

Вобаста ба ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба

---

[1] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз ду ҷилд). Ҷилди 1 (А – Н) // Зери таҳрири С. Назарзода (Раис), А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. – Душанбе: «Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ», 2008. – С. 317.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» аз 1-уми марти соли 2005, таҳти № 89 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2005. – № 3. – Мод. 129.

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» аз 1-уми марти соли 2005, таҳти № 89 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2005. – № 3. – Мод. 129.

[4] Масалан муқаррароти моддаи 17 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13-уми ноябри соли 1998 – «Маҳдуд кардани ҳуқуқи шавҳар оид ба талаби бекор кардани ақди никоҳ. Шавҳар ҳуқуқ надорад ҳангоми ҳомиладории зан ва дар давоми якуним соли пас аз таваллуди кӯдак бе розигии зан ба суд оиди бекор кардани ақди никоҳ даъво пешниҳод намояд».

Маҷлиси олии кишвар қайд кард[1], ки тайи солҳои соҳибистиқлолӣ Ҳукумати мамлакат бо мақсади дастгирии занону бонувон ва баланд бардоштани мавқеи онҳо дар ҷомеа бисёр тадбирҳои судмандро амалӣ намуд.

Ҳоло аз шумораи умумии хизматчиёни давлатӣ 25 фоиз, аз ҷумла кадрҳои роҳбарикунанда қариб 20 фоизро бонувону занон ташкил медиҳанд.

Инчунин, бонувону занон дар соҳаи маориф 73 фоиз, тандурустӣ 71, фарҳанг 47, бонкдорӣ 39, алоқа 25, аз ҷумла дар соҳаи хизматрасонии иттилоотӣ қариб 40 фоиз мебошанд.

Таъсиси грантҳои президентӣ ба густариши фаъолияти соҳибкории занону бонувон мусоидат намуд ва онҳо дар баробари беҳтар сохтани шароити оилавии худ ҳоло ба рушди иқтисоди кишвар низ таъсири назаррас расонида истодаанд.

Соли 2022 ба зиёда аз 600 ҳазор занону бонувон аз ҷониби муассисаҳои бонкӣ ба маблағи беш аз 3 миллиарду 400 миллион сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба соли 2018 – 2,4 баробар зиёд мебошад.

Умуман, дар панҷ соли охир маблағи қарзи ба занону бонувон пешниҳодшуда 12,1 миллиард сомониро ташкил кардааст.

Дар 21 соли охир беш аз 504 ҳазор духтарону бонувон муассисаҳои ҳамаи зинаҳои таҳсилоти касбиро хатм карда, соҳибкасб шудаанд.

Аз ин ҳисоб 239 ҳазор нафари онҳо соҳиби маълумоти олӣ гардида, ҳоло боз 100 ҳазор нафар духтарон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳсил карда истодаанд.

Таваҷҷуҳи хосаи Пешвои миллат муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон ба нақши занон дар доираи паём ба он мақсад аст, ки ҳоло ҳам фаъолияти онҳо дар баъзан сохторҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти корҳои дохилӣ назаррас нест. Аз ин нуқтаи назар Пешвои миллат пайваста барои фаъолгардонии онҳо, дастуру супоришҳои мушаххас медиҳад.

Яке аз мақомоти давлатӣ, ки фаъолнокии занон барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, пешгирии ҷиноят, савдои одамон, ҳуқуқвайронкуниҳо ва пешгирии зӯроварӣ дар оила нақши муҳим мебозад мақомоти корҳои дохилӣ мебошад. Айни замон шумораи занҳо дар Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1585 нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин шумора 720 нафар афсарон ва боқимонда ҳайати қаторӣ мебошанд. Аз ин шумора 94 нафар дар мансабҳои роҳбарикунанда 3 нафар муфаттиш ва 3 нафари дигар таҳқиқбаранда мебошанд[2]. Ин шумора дар муқоиса ба мардон хеле кам буда, ҳангоми амалӣ намудани вазифаҳои милитсия, аз ҷумла ҳангоми пешгирии зӯроварӣ дар оила ва кор бо ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила таъсири манфии он эҳсос мешавад.

Баъзан мавридҳо ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила, ки аксарияташон занон мебошанд, наметавонанд оид ба мушкилоташон (ҷароҳатҳои бадан, оид ба зӯроварии шаҳвонӣ ва ғайра) ба кормандони милитсия, нозирони минтақавие, ки дар Тоҷикистон дар ин вазифа фақат мардон фаъолият мекунанд муроҷиат намоянд. Мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ оид ба масъалаи зӯроварии ҷинсию гендерӣ, инчунин бояд ба ҷинси корманди милитсия, ки бо ҷабрдидагони зӯроварӣ ва зӯроварон муошират мекунанд, диққат дода шавад[3]. Яъне ба ҷабрдидаи зан бояд кор-

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23-юми декабри соли 2022 // [Захираи электронӣ]. – URL: http://www.president.tj/node/29823. (санаи муроҷиат: 20.10.2023).

[2] Натиҷаҳои арзёбии эҳтиёҷот барои тавсеаи имконоти занон дар бахши амният ва занон-нозирони милитсия барои пешгирӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои зӯроварии ҷинсӣ-гендерӣ. – Душанбе: ҶДММ «Хирадмандон», 2022. – С. 8.

манд-зани милитсия муошират намояд, гирифтани баёнот ва дигар ҳаракатҳои тафтишотӣ, беҳтар аст, ки аз ҷониби кормандони ҳамҷинс гузаронида шаванд. Аммо ҳаракатҳои тафтишотие, ҳастанд, ки онҳо ба таври ҳатмӣ бояд аз ҷониби корманди ҳамҷинс (зан ё мард) гузаронида шаванд.

Чунин ҳаракати мурофиавӣ, ки дар он бояд шахси ҳамҷинс иштирок намояд дар моддаи 186 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне шаҳодаткунонӣ муқаррар шудааст.

Тибқи қисми 1 моддаи мазкур барои дар бадани инсон ошкор кардани нишонаҳои махсус, осори ҷиноят, захмҳои ҷисмонӣ, муайян кардани ҳолати мастӣ ё дигар хусусият ва аломатҳое, ки барои парванда муҳиманд, ба шарте, ки он муоина кардан (экспертиза)-ро тақозо накунад, мумкин аст, шаҳодаткунонии гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида ё шоҳид ба ҷо оварда шавад. Дар бораи гузарониданi шаҳодаткунонӣ муфаттиш қарор мебаррорад.

Шаҳодаткунонӣ аз ҷониби муфаттиш бо иштироки шахсони холис, дар мавридҳои зарурӣ бошад, бо иштироки духтур ба ҷо оварда мешавад. Дар ҳолатҳое, ки ин амали тафтишӣ бо бараҳна кардани шахси муоинашаванда алоқаманд бошад, муоина бо иштироки шахсони холиси ҳамҷинс анҷом дода мешавад.

Муфаттиш ҳангоми муоинаи шахси ҷинси дигар иштирок намекунад, ба шарте, ки он бо бараҳна кардани шахс алоқаманд бошад. Дар ин сурат муоина аз ҷониби духтур бо иштироки шахсони ҳамҷинси холис анҷом дода мешавад[1].

Чунин амалҳо танҳо хоси фаъолияти муфаттишон набуда, дигар кормандони милитсия, низ ба ин масъала бояд ҳангоми баррасии арзу шикоят ва мурочиатҳои шаҳрвандон диққат диҳанд. Бо назардошти он, ки шумораи занҳо дар мақомоти корҳои дохилӣ кам ҳастанд, баъзан чунин ҳолат барои ба милитсия мурочиат кардани ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила, аз ҷумла ҷабрдидагони ҷинси зан монеа мешавад.

Бо ҳамин мақсад дар доираи ислоҳоти милитсия дар сохтори Раёсати ҳифзи тартиботи ҷамъиятии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2010 ҳабдаҳ воҳиди кории нозирон оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила таъсис дода шудааст, ки ба ин вазифа асосан нозирон аз ҳисобӣ корманд-занони мақомоти корҳои дохилӣ таъин карда мешаванд[2]. Ин ҳабдаҳ нозир дар раёсат ва ноҳияҳои дохили шаҳри Душанбе, баъзан ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва раёсатҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар вилоятҳои Мухтори Куҳистони Бадахшон, Суғду Хатлон фаъолият доранд. Қайд кардан зарур аст, ки ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила дар дигар шаҳру ноҳияҳо ба хизматрасонии чунин нозирон дастрасӣ надоранд. Ба андешаи мо мувофиқи мақсад мебошад, ки воҳидҳои кории чунин нозирон, яъне оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар дигар шаҳру ноҳияҳо ташкил карда шавад.

Дар иртибот ба ҳамин масъала бояд қайд намоем, ки дар дигар шаҳру ноҳияҳо вазифаи нозирони пешгирии зӯроварӣ дар оила бар души нозирони минтақавии милитсия вогузор шудааст. Дар байни нозирони минтақавии милитсия ягон нафар зан фаъолият намекунад[3]. Чунин ҳолат барои мурочиати ҷабрдидагони ҷинси зан дар баъзан мавридҳо мушкилӣ эҷод мекунад. Онҳо, яъне ҷабрдидагони ҷинси зан барои мурочиат ба мардон дар бисёр мавридҳо ба мушкилӣ рӯ ба рӯ мешаванд.

---

[3] Натиҷаҳои арзёбии эҳтиёҷот барои тавсеаи имконоти занон дар бахши амният ва занон-нозирони милитсия барои пешгирӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои зӯроварии ҷинсӣ-гендерӣ. – Душанбе: ҶДММ «Хирадмандон», 2022. – С. 7.

[1] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 2009, таҳти № 564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – № 12. – Мод. 815-816.

[2] Фармони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 217 аз 17-уми марти соли 2010.

[3] Натиҷаҳои арзёбии эҳтиёҷот барои тавсеаи имконоти занон дар бахши амният ва занон-нозирони милитсия барои пешгирӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои зӯроварии ҷинсӣ-гендерӣ. – Душанбе: ҶДММ «Хирадмандон», 2022. – С. 8.

Яъне ҷабрдидагони ҷинси зан ҳама мушкилоташонро ба нозирони минтақавии милитсияи ҷинси мард гуфта наметавонанд.

Аз рӯйи стереотипҳои нодуруст баъзан маврид аз рӯйи баррасии муроҷиат аз ҷониби корманди ҷинси мард (агар ҷабрдидаи зӯроварӣ зан бошад) ё ҳангоми муроҷиати ҷабрдидаи зӯроварии хонаводагӣ ба корманди ҷинси мард (нозирони минтақавии милитсия) боиси вайрон шудани муносибатҳои оилавӣ мегардад. Ҳатто ба шуъбаҳои корҳои дохилӣ ворид шудан баъзан мавридҳо барои муракаб гаштани вазъияти оиладории ҷабрдидагон (ҳамсарон) оварда мерасонад.

Аз ин ҷиҳат хуб мешуд, ки ба вазифаи нозири минтақавии милитсия занон низ ба кор қабул мешуданд. Ақалан дар ҳар як Шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ як ё ду нафар занон дар чунин вазифаҳо фаъолият мекарданд.

Дар чунин маврид талботи гендерӣ, ки яке аз самтҳои сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад риоя гардида, аз тарафи дигар барои ҳалли мушкилоти ҷабрдидагони зӯроварии дар оила, ки аксарияти онҳоро занон ташкил медиҳанд, мусоидат менамуд. Ҳамзамон роҳи дигар ҳалли ин мушкилот зиёд намудани воҳидҳои кории нозирони пешгирии зӯроварӣ дар оила мебошад. Чунин таҷриба дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон истифода мешавад. Яъне дар Шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ ҳар як шаҳру ноҳия нозирон оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила фаъолият намуда, ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ба хизматрасонии онҳо дастрасӣ доранд. Айни замон, ки аксарияти ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила занон мебошанд, ба вазифаи нозирони пешгирии зӯроварӣ дар оила низ аз ҳимсоби корманд-занон таъин карда мешаванд.

Дар ҳолате, ки ҷиҳати баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа чораҳои дахлдор андешида мешавад, занон ба шӯғл ҷалб мешаванд, онҳо қурбонии ҷинояти савдои одамон аз ҷумла дар самти истисмори шаҳвонӣ намешаванд. Дар мавриде, ки зӯроварӣ дар оила пешгирӣ мешавад, манфиатҳои ҷабрдидагони зуроварӣ ҳимоя мешаванд, нисбати зӯроварон чораи дахлдор андешида мешавад, оила мустаҳкам ва меҳру муҳабат, ҳамдигарфаҳмӣ дар он пойдор мегардад. Заноне, ки қурбонии савдои одамон мешаванд (истисморӣ шаҳвонӣ) ба фоҳишагӣ даст намезананд, қурбонии истисморӣ шаҳвонӣ намешаванд. Таҷриба нишон медиҳад, аксарият заноне, ки қурбонии савдои одамон мешаванд, ҷабрдидаи истисморӣ шаҳвонӣ мешаванд.

Ҷинояткорон занонеро, ки оилаи солим надоранд, дар натиҷаи зӯроварии гендерӣ оилаҳояшон вайрон ва ақди никоҳашон бекор шудааст онҳоро бо ваъдаи кори муносиб дар хориҷи кишвар бо роҳи фиреб ҷалб намуда, қурбонии истисморӣ шаҳвонӣ мешаванд. Бо ҳамин мақсад агар пеши роҳи зӯроварӣ дар оила гирифта ва баробарии гендерӣ таъмин шавад чунин мушкилотҳо аз байн мераванд.

Як нуктаро бояд хотиррасон намоем, ки ҳарчан аз рӯйи талаботи гендерӣ зану мард дар мавқеи баробар қарор гиранд, ҳам аммо дар мақолаи мо бештар сухан оид ба масъалаи балан бардоштани нақши зан ва аҳамияти гендерии он меравад. Ин маънои вайрон кардани баробарии гендерӣ ва баробарҳуқуқии гендериро надошта, дар ҳамин мақола бештар ба нақши занон таваҷҷуҳ кардан аз он сабаб аст, ки айни замон шумораи корманд-занон дар мақомоти корҳои дохилӣ чихеле, ки дар боло қайд кардем нисбат ба мардон кам мебошад. Аз ин ҷиҳат мо бештар ба нақши занон ва аҳамияти фаъорлияти онҳо дар мақомоти корҳои дохилӣ таваҷҷуҳ намудем.

**УДК 343. 43**

***АБДУЛЛАЕВА Р. А.***
*Заведующая кафедрой уголовного права Российско-Таджикского Славянского Университета (РТСУ), доктор юридических наук, доцент*
*E-mail: ranoabdullaeva777@mail.ru*

# КРИМИНОЛОГИЧЕСКИ ЗНАЧИМЫЕ АСПЕКТЫ ПРЕДУПРЕЖДЕНИЯ В СФЕРЕ ТОРГОВЛИ ЛЮДЬМИ

За последние десять лет на одно из главенствующих мест по степени общественной опасности вышло преступления касающиеся торговли людьми к ним можно отнести: трудовую, сексуальную эксплуатацию, принуждения и торговлю органами, тканями и частями тела человека. На сегодняшний день по разным источникам цифра жертв торговли людьми колеблется от 700 000 до 4 000 000 ежегодно. Торговля людьми достаточно широко распространена в мире, является наиболее быстро развивающимся видом преступной деятельности, занимает третье место по прибыльности после торговли наркотиками и оружием. Доходы организованных преступных группировок от торговли людьми исчисляются десятками миллионов евро, долларов. По некоторым оценкам экспертов ЮНЕСКО, Международной организации труда (МОТ), например, работорговля существует в 127 странах мира, а эксплуатация рабов имеет место в 137 странах. В 148 странах мира были выявлены 50 тысяч жертв торговли людьми, однако реальных цифр не знает никто. Жертвами принудительного труда являются 5,7 млн. детей и 1 млн. девочек ежегодно принуждают к занятию проституцией[1]. Более того, доходы от продажи людей вносят свою лепту в финансовое обеспечение международной террористической деятельности. В этой связи становится ясным, что данное явление высоко латентное.

Негативное явление торговля людьми как единая криминологическая проблема требует своего разрешения. Необходимо всестороннее и глубокое исследование ее природы, причины и условия возникновения, механизмы проявления, соотношения с другими социальными явлениями и отраслями. Сложившаяся ситуация требует уяснения сущности названного явления, специального криминологического анализа их детерминации.

Раскрыть механизмы возникновения преступного поведения возможно путем изучения социальных и психофизиологических детерминантов преступного поведения, особенностей личности преступника, которые проявляются в процессе взаимодействия с социальной средой. Лишь при этих условиях можно выработать комплекс эффективных мер профилактического междисциплинарного и межотраслевого воздействия.

Следует отметить, что за последние десятилетия в Республике Таджикистан, как и во многих других странах Центральной Азии, возросло количество преступлений против чести, свободы и достоинства личности. В их числе торговля людьми – вид преступной активности транснационального характера, ставший объектом повышенного внимания правоохранительных органов. Количество зарегистрированных в Республике Таджикистан преступлений данной категории в период 2010-2018 гг. выросло более чем на треть (37,7 %), а преступлений, сопутствующих тор-

---

[1] UNODC: Global Report on Trafficking in Persons 2016 // [Электронный ресурс]. – URL: https: //www.unodc.org/documents/data-and-analysis/glotip/2016_Global_Report_on_Trafficking_in_Persons.pdf (дата обращения: 20.06.2018)

говле людьми, – почти на четверть (24,3 %)[1]. С января по июль 2022 года в республике зарегистрировано 53 случая торговли людьми, об этом в ходе пресс – конференции заявил министр внутренних дел Таджикистана Рамазон Рахимзода[2]. Следует также отметить, что торговля людьми являясь формой организованной преступности, осуществляется организованными группами, имеющими четкую структуру и иерархию командования. Подробное её изучение позволит более глубоко понять организационные аспекты торговли людьми, роль и функции различных участников, а также способы взаимодействия их с другими видами организованной преступности.

Руководство Республики Таджикистан, осознавая угрозы, исходящие от торговли людьми, считает противодействие преступности данной категории одной из первостепенных задач. Причиной ее распространенности признано отсутствие на начальной стадии становления Республики Таджикистан в качестве суверенного демократического правового государства должной реакции правоохранительных органов и общества в целом, так ка это явление было новым для всех нас и мы не сталкивались, будучи союзным государством, это было новой современной формой организованной (профессиональной) преступности.

Требовались срочные научно обоснованные организационные меры, информационное, психолого-педагогическое, нравственно-духовное воздействие на все слои общества, для чего необходимо комплексное изучение и анализ различных аспектов противодействия рассматриваемому виду преступности. Поэтому противодействие торговле людьми лишь посредством издания законодательных предписаний не дает эффекта и по сей день, это комплексная работа всех институтов права и общества. Проблема усугубляется тем, что торговля людьми, будучи крайней формой неуважения к правам, чести, свободе и достоинству личности, обладает высокой степенью скрытости, как мы уже отмечали. Отдельные ее разновидности практически не выявляются и, соответственно, не пресекаются органами правопорядка, что также обусловливает рост этой формы организованной преступности. Кроме того, она является высокодоходным видом незаконной коммерции. Средства, получаемые от торговли людьми, используются, в том числе, и для поддержки международных террористических структур.

Прибыльность, невысокий риск разоблачения и привлечения преступников к ответственности, низкие пределы уголовно-правовых санкций за торговлю людьми делают ее привлекательной сферой криминального бизнеса.

Следует отметить, что в Республике Таджикистан уже проделана определенная работа по противодействию данной криминальной угрозе. Так, имплементация в 2003 г. большинства международных правовых актов, направленных на борьбу с торговлей людьми, ознаменовала начало нового этапа формирования правовых и организационных основ данного направления правоохранительной деятельности: определен ее субъектный состав, в структуре республиканского МВД создано специализированное подразделение, совершенствуется ведомственная правовая база этой работы.

---

[1] *Хайдарзода З. П.* Некоторые проблемы правового регулирования в Республике Таджикистан вопросов организации статистического учета преступлений, связанных с торговлей людьми // Инновационные подходы в решении современных проблем социальной, гуманитарной и экономической сферы: сборник публикаций по итогам факультетских и межвузовских научно-практических конференции в декабре 2017 г. Часть 1. – М.: «Спутник+», 2018. – С. 197-206; *Хайдарзода З. П.* Правовые и организационные основы деятельности органов внутренних дел Республики Таджикистан по противодействию торговле людьми: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2019. – С. 3; *Хайдарзода З. П.* Правовые и организационные основы деятельности органов внутренних дел Республики Таджикистан по противодействию торговле людьми: монография. – Душанбе: «Мехроч-Граф», 2020. – С. 5.

[2] Пресс-конференция Министра МВД Республики Таджикистан Рамазон Рахимзода // [Электронный ресурс]. – URL: https://tj.sputniknews.ru/20220719/mvd-tajikistan-torgovlya-ludi-1050096652. html (дата обращения: 11.10.2023).

Вместе с тем сохранился ряд факторов, негативно влияющих на организацию противодействия торговле людьми. В их числе: несовершенство законодательства; противоречия межведомственного характера и иные бюрократические препоны; дефекты механизма внутреннего и внешнего взаимодействия в этой сфере; отсутствие системы критериев и показателей оценки данного направления правоохранительной деятельности; слабые контакты с правоохранительными органами зарубежных государств, на что обратили внимание 76,2 % опрошенных респондентов из числа руководителей и специалистов органов внутренних дел, прокурорских работников и сотрудников иных правоохранительных структур, что отразил в своей научной работе З. П. Хайдарзода[1].

Следует отметить что, например, С. И. Винокуров предлагает «по-новому воспринимать и оценивать понятие «торговля людьми» как комплексное криминологическое явление... полное отражение которого одной уголовно-правовой нормой практически невозможно»[2]. Соглашаясь с утверждением о комплексном характере проблемы торговли людьми, отметим, что, многообразием форм характеризуется, на наш взгляд, не само преступление, а эксплуатация, являющаяся его целью.

С 2004 года Республикой Таджикистан параллельно началось принятие и национального законодательства, был принят Закон Республики Таджикистан «О борьбе против торговли людьми» от 15 июля 2004 г., за № 47, однако 2008 году в силу принятия двух модельных законов государствами-участниками СНГ, Таджикистан стал обязан имплементировать эти два закона в силу этого 2014 году был принят новый Закон Республики Таджикистан «О противодействии торговле людьми и оказании помощи жертвам торговли людьми» от 26 июля 2014 г., за № 1096[3].

Таджикистан как член стран СНГ принял комплексные совместные меры правового, социально-экономического, информационного и иного характера в борьбе с торговлей людьми, а также меры защиты жертв торговли людьми и их реабилитации[4]. Существует так же ряд международных договоров и соглашений в рамках этого сотрудничества таких, как конвенция «О правовой помощи и правовых отношениях по гражданским, семейным и уголовным делам» (Минск, 22 января 1993 г.), конвенция «О правовой помощи и правовых отношениях по гражданским, семейным и уголовным делам (Кишинёв, 7 октября 2002 г.) соглашение «О сотрудничестве государств-участников Содружества Независимых Государств в борьбе с торговлей людьми, органами и тканями человека» (Минск, 25 ноября 2005 г.), решение Совета глав государств «О Программе сотрудничества государств-участников Содружества Независимых Государств в борьбе с торговлей людьми на 2007-2010 гг.» (Минск, 28 ноября 2006 г.). Этими документами предусмотрено осуществление сотрудничества правоохранительных органов в таких основных формах, как обмен

---

[1] *Хайдарзода З. П.* К вопросу о совершенствовании деятельности, направленной на противодействие торговле людьми в Республике Таджикистан // VII Балтийский юридический форум «Закон и правопорядок в третьем тысячелетии»: материалы международной научно-практической конференции, 14 декабря 2018 г. / Отв. ред. док. юрид. наук С. В. Векленко. – Калининград: Калининградский филиал СПбу МВД России, 2019. – С. 181-184. *Хайдарзода З. П.* Правовые и организационные основы деятельности органов внутренних дел Республики Таджикистан по противодействию торговле людьми: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2019. – 276 с.

[2] *Винокуров С. И.* К вопросу о путях реформирования международного законодательства в сфере борьбы с торговлей людьми (основные тезисы) // Российский следователь. – 2014. – № 8. – С. 49-53.

[3] Закон Республики Таджикистан «О борьбе против торговли людьми» от 15 июля 2004 г., за № 47 [Электронный ресурс]. – Доступ из ЦБПИ «ADLIA»; Закон Республики Таджикистан «О противодействии торговле людьми и оказании помощи жертвам торговли людьми» от 26 июля 2014 г., за № 1096 [Электронный ресурс]. – Доступ из ЦБПИ «ADLIA».

[4] Соглашение о сотрудничестве государств-участников Содружества Независимых Государств в борьбе с торговлей людьми, органами и тканями человека от 25 ноября 2005 г. // [Электронный ресурс]. – URL: http://cis.minsk.by (дата обращения: 20.10.2023).

оперативной, криминалистической, статистической и иной информацией, в том числе:

– сведениями о готовящихся и совершенных преступлениях, легализации доходов от этих деяний и причастных к ним физических или юридических лицах;

– исполнение запросов о проведении оперативно-розыскных мероприятий;

– планирование и осуществление скоординированных оперативно-розыскных и профилактических мероприятий;

– обмен нормативными правовыми актами, публикациями и научно-методическими материалами;

– обмен опытом работы, проведение рабочих встреч, консультаций, совещаний, практических конференций и семинаров, а также совместных научных исследований;

– разработка и осуществление согласованных мер предупреждения и пресечения использования сети Интернет в целях торговли людьми;

– обмен опытом внедрения информационных систем паспортно-визового контроля, включая использование биометрических данных.

Международное же сотрудничество правоохранительных органов за рамками СНГ позволяет решать законными методами такие задачи, как пресечение сокрытия преступлений и результатов их совершения за рубежом, бегства преступников за рубеж; раскрытие преступлений, совершенных за рубежом; раскрытие преступлений, начавшихся в одном государстве и завершенных в другом. С его помощью реализуется принцип неотвратимости наказания за преступление. Изучение международного сотрудничества правоохранительных органов чрезвычайно важно, так как оно позволяет учитывать ряд новых форм и методов преступной деятельности, порожденных развитием средств связи и коммуникации, увеличением потоков миграции, усложнением и интернационализацией бизнес-процессов.

Анализ же изучения общей статистики преступлений в республики позволяет сделать вывод о том, что большая часть преступлений, касающихся торговли людьми являются высоко латентными, но тем не менее наблюдается рост в состояние, структуре и динамике. Поэтому выявление криминологических характеристик преступлений в сфере торговли людьми могут служить основой для выработки мер предупреждения таких преступлений, а также послужат базой для нахождения путей совершенствования национального уголовного законодательства, регулирующего преступления против свободы, чести и достоинства личности.

Переходя к систематизации криминологически значимых признаков личности преступника-торговца, работорговца и эксплуататора. Можно сделать ряд основополагающих выводов, характеризующих группу риска по совершению преступлений в сфере использования рабского труда и торговли людьми: в формировании умысла на совершение преступлений в сфере эксплуатации ведущую роль играет корыстный мотив. Последний тесно связан с индивидуальными личностными чертами группы лиц, являющихся субъектами данной категории преступлений: среди них доминируют лживость, жестокость, расчетливость и претенциозность, что проявляется в стремлении к внешним проявлениям успеха. Это служит стимулом к обогащению любой ценой и реализации антигуманных способов достижения материального благополучия, из которых торговля людьми и использование эксплуатация человека и его рабского труда являются для личности субъективно приемлемым способом.

На основании изученных нами данных можно сделать вывод о том, что личность преступника, организовавшего эксплуатацию и торговлю взрослыми людьми, значительно отличается от личности преступника, торговавшего детьми или же совершившего единичную сделку в отношении ребенка. Так, торговцы собственными детьми отличаются податливостью на соблазны и слабоволием, сломленностью, ко-

торые облегчают возникновение корыстной мотивации и сопровождаются нестойкостью морально-нравственных личностных установок.

Несмотря на неоднородность проявления личности эксплуататора и преступника-работорговца в психической деятельности, различия в основных параметрах ее свойств и видов, проведенных исследований позволяет выделить целый ряд существенных признаков и черт личности эксплуататоров и работорговцев, на основании которых стала возможной их классификация с последующей выработкой индивидуально – профилактических мер, наиболее эффективных для личности такого преступника каждой группы в частности это характеристика и классификация криминогенных факторов, определяющих происхождение преступлений в сфере эксплуатации. Выделены факторы экономического, социального, политического и духовного характера.

Максимально эффективные для предупреждения использования рабского труда и торговли людьми направления общесоциальной профилактики, осуществляемые через совокупность мероприятий, обеспечивающих прогрессивное развитие общества в экономической (стабилизация экономики, развитие промышленности, снижение инфляции, введение льготных налоговых режимов для организаций, улучшающих условия труда работников), политической (совершенствование трудового, гражданского, семейного, уголовного законодательства, борьба с нищетой, безработицей, повышение расходов государственного бюджета на социальную сферу), духовной (формирование развитой и высокоморальной личности, с высоким культурно-образовательным уровнем), семейно-бытовой (упрощение процедуры усыновления, оказание помощи детям из неблагополучных семей) и других сферах.

Выделение повышенно-криминогенных факторов, то есть (несовершеннолетние из неблагополучных семей, лица без определенного источника дохода, безработные, группы населения, находящиеся за чертой бедности, легальные доходы которых не могут обеспечить их существования) и повышенно-виктимные (регионы с интенсивными миграционными оттоками, субъекты, которые наиболее не защищены от насилия и обмана – несовершеннолетние, молодые женщины) социальные группы, объекты, сферы деятельности. Разработаны меры виктимологической профилактики с учетом типологии жертв преступлений в сфере эксплуатации, а также признаки, по которым возможна верификация вероятной жертвы использования рабского труда и торговли людьми, но этого явно недостаточно, как мы видим из практики.

Конечно же, практически всеми странами накоплен определенный опыт профилактики и борьбы с преступлениями в сфере эксплуатации. Однако, по различным оценкам неправительственных организаций, ученных и т.д., принятые меры по разным причинам работают еще недостаточно эффективно. В большинстве стран Европейского Союза наблюдается тенденция к ужесточению санкций за торговлю людьми. Так, одним из наиболее эффективных способов борьбы с организованной преступностью в Европе считается конфискация имущества и доходов, добытых преступным путем. В ряде международных документов содержатся рекомендации о включении положений о полной конфискации всех таких доходов в национальный бюджет.

Особенно эффективными мерами по борьбе с торговлей людьми, распространенными в странах Европы, считаем социальную и психологическую помощь жертвам торговли людьми, осуществляемую как государством, так и общественными организациями, и фондами. Подобная помощь стимулирует жертв торговли людьми сотрудничать с правоохранительными органами. Полагаем целесообразным создание специальных центров помощи жертвам торговли людьми и в Республики Таджикистан, причем в каждом городе, области, районе. Необходимо заниматься трудоустройством жертв от торговли людьми и опекать их так как они получили силь-

ный стресс и теряют веру в людей, а порой становятся полностью нетрудоспособными людьми после пережитого.

Следует отметить, что важнейшими факторами, способствующими преступности в сфере торговли людьми в странах мира, являются:

1) Высокий уровень коррупции. Как показывает практика, в использование рабского труда и торговлю людьми оказываются вовлеченными сотрудники различных государственных учреждений и правоохранительных органов.

2) Криминогенным потенциалом обладают межнациональные межэтнические и межрелигиозные противоречия.

3) В период различного рода вооруженных конфликтов особо изуверские и масштабные формы приобретает незаконный оборот человеческих органов.

4) Отсутствие заинтересованности в решении проблемы проституции как фактора, способствующего развитию использования рабского труда и торговли людьми.

5) Современную работорговлю невозможно искоренить, пока она экономически выгодна десяткам государств. Некоторые государства, экономика которых построена вокруг секс-индустрии, заинтересованы в постоянном притоке «свежей крови», росте рынка отдельных услуг, что способствует развитию экономики в целом.

6) Безразличное отношение системы здравоохранения стран, когда к ним приводят пациентов с различными отклонениями организма и болезнями. Особое внимание следует уделять психическому состоянию человека, его психосоматике. Общение с медперсоналом (доктором, врачом, медсестрой, медбратом и т.д) должно проходить исключительно наедине и конфиденциально, что бы жертвы могли сообщить о своей проблеме, а медперсонал в свою очередь охране, службе безопасности и правоохранительным органам, не выходя от пациента.

Все эти факторы присущи не одной стране, а множеству государств приобретая глобальную проблему для человечества. Следует также отметить и виктимологические факторы торговли людьми и жертвами от неё:

1) В сегодняшней существует сильный перекос в доходах. Одни просто «с жиру бесятся» другие находятся за чертой бедности. Естественно это приводит к тому, что люди становятся готовы на все ради получения прибыли и обретения хоть каких-то достойных условий жизни. А другие в грош не ставят человеческую жизнь, не говоря о достоинстве, чести другого лица.

2) Большое влияние на рост количества преступлений в сфере использования рабского труда и работорговли оказывает отсутствие социальных программ, стимулирующих повышение благосостояния женщин, детей, мужчин, семьи.

3) Правовая безграмотность или нигилизм населения, а также необъективное информирование населения о широкой распространенности таких преступных явлений, как использование рабского труда и торговля людьми в государствах.

4) Кризис института семьи – одна из основных причин использования рабского труда и торговли людьми. Распад семей, отсутствия модельного поведения семьи как здоровой ячейки общества, отсутствия должного воспитания, содержания семьи, вопросы гестационного и традиционного суррогатного материнства.

Для искоренения вышеперечисленного необходимо принять следующие меры по предупреждению такого негативного явления, как торговля людьми, и они должны быть, во-первых, **общесоциального** характера:

1) реализация и защиту прав и законных интересов граждан, охрана их жизни, здоровья, свободы, чести и достоинства личности;

2) обеспечение оптимальных условий формирования личности, устранение источников отрицательного воздействия на условия жизни и воспитания;

3) стабилизацию политической и экономической ситуации в странах;

4) воспрепятствование проникновению лидеров преступного мира в политику, духовенство, государственные органы, правоохранительные органы, ограничение и запрет экономической деятельности лидеров преступного мира;

5) изучение социально-экономических и иных ресурсных условий, обеспечивающих деятельность по предупреждению использования рабского труда и торговли людьми, повышение расходов государственного бюджета на социальную сферу;

6) сокращение официальной и скрытой безработицы;

7) проведение активной пропаганды уголовного закона, использование средств массовой информации, современных форм и методов агитационно-пропагандистской работы в развитии духовно-нравственной и социально-психологической сфер общества и особенно в молодежной среде.

Во-вторых, **специально-криминологического** характера предупреждению торговли людьми. Здесь важное значение должно отводиться разъяснению молодым людям алгоритма действий в реальных жизненных ситуациях, когда они могут оказаться в сфере внимания торговцев людьми, осуществляющих конкретные действия по реализации своих преступных замыслов. Необходимо знать ряд элементарных правил поведения, например, никому не передавать на хранение свой паспорт, знать наизусть серию, номер, кем выдан и когда. Есть правила оказание экстренной медпомощи каждому человеку в любой стране бесплатно по правилам ВОЗ, например, приступ аппендицита, жертва теракта и т.д., необходимо знать свой резус крови, военнослужащим – номер своего жетона. Этим простым правилам нужно обучать любого человека.

В комплексных же специальных мерах по предупреждению рассматриваемых преступных деяний одна из важных ролей должна принадлежать мониторингу и аналитической оценке ситуации. Можно выделить следующие объекты для мониторинга и анализа: процессы трудовой миграции, их видоизменение, уровень криминализации; процессы внутригосударственной миграции, а также выезд граждан за границу и некоторые другие. Необходима координация действий сельских и городских правоохранительных органов, взаимный обмен информацией о мигрантах-девушках, контроль за их устройством в городе, связями, материальным положением, взаимоотношениями и контактами с родителями в городах, областях, районах, кишлаках, поощрение полезных отношений; пресечение пьянства, алкоголизма и наркомании, проституции, попрошайничества в целях предупреждения торговли людьми.

Необходимо контролировать связь с диаспорами, с представителями духовенства, что бы они опекали и знали кто, где работает, живет, как устроился. Человек не должен быть всеми брошен и предоставлен сам себе иначе риски попасть в число жертв торговли людьми увеличиваться в десятки раз. Так же важным направлением профилактики торговли людьми являются проверки соблюдения миграционного и трудового законодательства руководителями организаций при использовании иностранной рабочей силы. Особое место занимает проблема мониторинга жизнедеятельности детей, переданных для воспитания на различные условия в приемные семьи или детские дома.

В-третьих, **индивидуального характера** по предупреждению преступлений в сфере использования торговли людьми, целесообразно применять не только к лицам, ранее судимым за преступления в сфере эксплуатации, а также за иные преступления, но и к лицам, антиобщественное поведение, образ жизни и криминологически значимые личностные и психофизиологические особенности которых свидетельствуют о том, что совершение исследуемых преступлений ими достаточно вероятно[1].

---

Основными направлениями социально-психологической работы являются:

– социально-психологическая диагностика осужденных, разработка социально-психологического паспорта исправительного учреждения, отрядов, выявление «групп риска»;

– психопрогнозирование поведения в исправительном учреждении и после освобождения, составление индивидуальных программ ресоциализации;

– социальная помощь и другие. В целях индивидуальной профилактики лиц, находящихся в группе риска, возможно применение мер непосредственного воздействия в соответствии с их типологией.

Подытоживая все выше сказанное, отметим лишь одно: имплементацией международно-правовых актов, направленных на борьбу с торговлей людьми и ужесточением норм уголовного судопроизводства проблему не решить. Необходимо в первую очередь, не забывать о потенциальной жертве, то есть, вопросы профилактики, предупреждения и различного вида помощи от моральной до материально-правовой, должна быть на первом месте.

**ТДУ 343.98**

***Абдуллозода Н. Р.***
*Сардори кафедраи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии факултети № 4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия*
*E-mail: abdulloev-a@mail.ru*

# ҶАНБАҲОИ ТАКТИКИИ ФАЪОЛИЯТИ ВОҲИДҲОИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ ДАР САМТИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ САВДОИ ОДАМОН

## ТАКТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНЫХ ПОДРАЗДЕЛЕНИЙ ПО БОРЬБЕ С ТОРГОВЛЕЙ ЛЮДЬМИ

Дар ҷаҳони имрӯза дар баробари терроризму эстремизм, сепаратизим, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар таҳдидҳои геополитикӣ савдои одамон низ мушкилоти нигаронкунанда мебошад. Масъалаҳои марбут ба савдои одамон дар шароити имрӯза таҳти таваҷҷуҳи ҷиддии ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дорад, зеро он ҳамчун зуҳуроти манфӣ ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаи инсонӣ зарари ҷубронннопазир мерасонад[1].

Савдои одамон мушкилоти глобалӣ буда, тамоми ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст. Кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истисно нестанд[2].

Мувофиқи маълумотҳои Созмони Байналмилалии Муҳоҷират, ҳар сол тахминан 4 млн одамон дар ҷаҳон қурбонии ҷинояти савдои одам мешаванд ва ин ба ҷинояткорон дар 1 сол зиёда аз 7 млрд доллари ИМА фоидаи соф меорад[1].

[1] *Полянская Е. М.* Вопросы криминологической характеристики торговли людьми и использования рабского труда / Е. М. Полянская // Общество и право. – 2009. – № 5 (27). – С. 209-213.

[1] *Валиев Д., Юлдошева З.* Савдои одамон – хатар ба ҷомеаи ҷаҳон! // [Захираи электронӣ]. – URL: https://www.tajmedun.tj/ (санаи мурочиат 25.09.2023).

[2] *Бухоризода Б., Шарифзода Ф.* Учебное пособие для специалистов по выявлению и раскрытию торговли людьми в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2020. – 81 с.

Мубориза бар зидди савдои одамон бе истифодаи воситаю усулҳои муайян ошкор, пешгирӣ, бартараф ва кушодани ин намуд ҷиноятҳо ғайриимкон аст. Чунин имкониятро фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ медиҳад.

Доир ба ҷиноятҳои марбут бо савдои одамон маълумоти оперативие, ки дар вақти амалӣ намудани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба даст оварда мешавад баъзан ягона сарчашмаи исботкунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ аст. Ин маълумотҳо бояд ба талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ҷавобгуй бошанд ва барои ташаккули далелҳо дар раванди тафтиши парвандаи ҷиноятӣ мусоидат кунад. Чи хеле, ки дар моддаи 84 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда шудааст маводи дар ҷараени фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба даст овардашуда ба сифати далел эътироф карда мешавад, агар онҳо бо риояи муқаррароти Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъоварӣ шуда бошад[2].

Маълумотҳое, ки бо роҳи гузаронидани ҷорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба даст омадаанд ҳангоми тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ҳамчун натиҷаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар раванди исботкунӣ бевосита ба сифати далели шайъӣ истифода бурда мешаванд, новобаста аз он, ки онҳо ошкоро ё ғайриошкоро ба даст омадаанд. Лекин, дар ҳар ҳолат эътироф намудани онҳо ба сифати далелҳои шайъӣ бо тартиби ба онҳо баҳои мурофиавӣ додан аз нуқтаи назари мансубият, имконпазирӣ, саҳеҳ, пурра ва кифоя будан алоқаманд аст[3].

Вобаста ба ин, О. Л. Журба чунин мешуморад, ки бевосита воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҷинояткорон ва ҷиноятҳои вобаста ба савдои одамонро муайян мекунад ва натиҷаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар ин ҳолат асос барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ дар ин самт мегардад[4].

Яке аз ҳадафҳои асосии фаъолияти воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти мубориза бар зидди савдои одамон ин роҷеъ ба кофтукови доимӣ ва ҷамъоварии маълумот оид ба содир намудани ин намуд ҷиноятҳо гувоҳӣ медиҳад.

Роҳҳое, ки ба воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ имконият медиҳанд, ки дар мубориза бар зидди савдои одамон натиҷаи дилхоҳ ба даст оранд бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25-уми марти соли 2011, таҳти № 687 (минбад – Қонуни ФОҶ) ба танзим даровarda мешавад. Номгӯйи чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯие, ки дар қ. 1 м.6 Қонуни ФОҶ[5] омадааст, ба воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ имконият медиҳад, ки маълумотҳои оперативии заруриро доир ба содиршавии ҷиноятҳо дар самти савдои одамон ба даст оранд. Аз тарафи воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ доир ба ҷиноятҳои марбут ба савдои одамон вобаста ба тарз ва роҳҳои ошкор ва муайян намудани шахсони онҳоро тайёркунанда, содиркунанда ё содиркарда чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ гузаронида мешавад. Вобаста ба ин лозим аст намудҳои зерини чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро ҷудо намоем: пурсиши оперативӣ, ҷамъоварии маълумот, мушоҳидаи оперативӣ, муоинаи оперативии манзил, ҳуҷраҳо, биноҳо, иншоот, қитъаҳои маҳал ва воситаҳои нақлиёт, гӯш кардани гуфтугуҳои телефонӣ ва сабти

---

[1] *Шарипов Т. Ш., Рауфов Ф. Х., Сафарзод А. И., Раҳматҷонов Б. Н.* Муқовимат ба савдои одамон: воситаи илмӣ-амалӣ. Нашри 2-юм. – Душабе, 2017. – С. 104.

[2] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 2009 // [Захираи электронӣ]. – URL: https: // www.mmk.tj/ (санаи муроҷиат 25.09.2023).

[3] *Раҳимзода Р. Ҳ.* Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ: Китоби дарсӣ. Нашри 5. – Душанбе: «Эр-граф», 2019. – С. 346.

[4] Журба О. Л. Принципы взаимодействия следственных и оперативных подразделений при возбуждении уголовных дел о торговле людьми // Вестник Краснодарского университета МВД России. – 2015. – № 2 (28). – С. 77.

[5] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25-уми марти соли 2011, таҳти № 687 // [Захираи электронӣ]. – URL: https://www.mmk.tj/ (санаи муроҷиат: 27.09.2023).

онҳо, харидории санҷишии оперативӣ, воридсозии оперативӣ ва эксперименти оперативӣ[1].

Мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бояд имконияти гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро ҳангоми амалӣ намудани вазифаҳо танҳо дар доираи вазифаҳои аниқ ҳали худро меёбанд. Натиҷаҳои чунин фаъолият бояд як самти мушаххас ва мақсади ниҳоиро дошта бошанд, ки он на танҳо ба даст оавардани маълумоти дорои аҳамияти оперативӣ дошта оид ба савдои одамон, инчунин истифодаи онҳо дар раванди исботкунӣ дар ҳамаи марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

З. П. Ҳайдарзода қайд мекунад, ки самаранокии муқовимат ба савдои одамон дар ҳама шакл ҳамон вақт амалӣ мешавад, ки агар мо аҳли ҷомеаро ҷалб намоем. Дар ин раванд нақши асосиро ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ мебозанд[2], ки дар ин ҷода мо бо ӯ ҳамфикр мебошем.

Бинобар ҳамин ба воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳангоми фаъолият намудан барои ошкор ва муайян намудани шахсоне, ки ҷиноятҳои марбут ба савдои одамонро тайёр мекунанд, содир мекунанд ё содир кардаанд доимо бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналмилалие, ки фаъолияташон оид ба расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон алоқаманд аст ҳамкорӣ намоянд. Чи тавре ки ба мо маълум аст қурбониёни савдои одамон дар аксар вақт бо намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ихтиёран дар алоқа барои мусоҳиба намебароянд ва дар ҳамин ҳолат воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ метавонанд аз кӯмаки ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналмилалие, ки фаъолияташон оид ба расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон аст истифода баранд. Воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бояд доимо бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналмилалие, ки фаъолияташон оид ба расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон алоқаманд мебошад дар тамос буда ва якдигарфаҳмӣ намоянд. Танҳо ба роҳ мондани чунин ҳамкории воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ метавонанд мунтазам маълумотҳои дорои аҳамияти оперативӣ дошта аз чунин ташкилотҳо нисбат ба қурбониёни савдои одамон ва гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ, ки бо савдои одамон машғуланд гирад. Чунин маълумотҳо бо тартиб додани ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматӣ ҳангоми пурсиши намояндагони чунин ташкилотҳо ва қурбониёни савдои одамон, ки ба онҳо кӯмак расонида мешавад муқаррар карда мешавад. Маълумотҳои ба даст оварда шуда ба воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ имконият медихад, ки санҷишҳои дахлдор бо роҳҳои гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар боло қайд гардида амалӣ намоянд.

Вобаста ба ин А. И. Сафаров қайд мекунад, ки тарзҳои ҷалбкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои хоси худро дорад. Савдогарони одамон ба воситаи шиносҳо, хешу табор, ҳамшаҳриҳо, ҳамкорҳо ва дигар роҳҳо аз гурӯҳи зерини одамон қурбониҳои ояндаи эътимолиро ҷустуҷӯ мекунанд, ба монанди аз оилаҳои камбизиоат, ки шароитҳои иқтисодиашон вазнин доранд; аз оилаҳои душвортарбия ва носолим; аз оилаҳое, ки падар ё модари худро гумкадаанд ва ё оилаҳое, ки бе сарпараст мондаанд. Онҳо медонанд, ки ин гурӯҳе аз одамон зудбовар мешаванд ва бо роҳи фиреб, қаллобӣ ва суйистифодаи боварӣ онҳоро метавонад розӣ кунонанд ва барои истисмори шаҳвонӣ ва меҳнатӣ ба хориҷи кишвар интиқол диҳанд. Ҳамин тавр, хулоса кардан мумкин аст, ки солҳои пешин аксаран занҳо бо роҳи фиреб, яъне бо баҳонаи бо кор таъмин кардан бурда мешуданд, аммо ҳоло бошад қисми зиёди занҳо дар асоси розигӣ ҷиҳати машғул шудан ба танфурӯшӣ бурда мешаванд,

[1] *Бухоризода Б., Шарифзода Ф.* Учебное пособие для специалистов по выявлению и раскрытию торговли людьми в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2020. – С. 41.
[2] *Ҳайдарзода З. П.* Правовые и организационные основы деятельности органов внутренних дел Республики Таджикистан по противодействию торговле людьми: монография / под научной редакцией И. Ю. Захватова. – Душанбе: «Меҳроҷ-Граф», 2020. – С. 135.

вале қариб дар ҳамаи ҳолатҳо шароити воқеии кор бо шароити ба онҳо ваъдашуда мувофиқат намекунад[1].

Таҳлили парвандаҳои ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки яке аз тарзҳои маъмули назорати қурбониҳои савдои одамон ин дар сурати расидан ба давлати таъинотӣ муқаррар намудани асорати қарзӣ мебошад. Ҳарчанд одамҷаллобон ҳаҷми аниқи асорати қарзиро дар ибтидо муайян мекунанд, вале пас аз пурра адо кардани маблағи қарз низ онҳо ҷабрдидагонро озод намекунанд. Масалан «К.М.» аз одамҷаллобон 4 ҳазор доллар қарздор буд, вале дар асл 20 ҳазор доллар бо роҳи истисмори шаҳвонӣ аз ӯ ситонида гирифта шудааст[2].

Чун қоида ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва тиҷоратӣ фаъолияти хизматрасонии худро ба шаҳрвандон пешниҳод менамоянд ба монанди:

– ширкатҳо кортаъминкунанда ва сафарбар намудани одамон барои кор ба хориҷи кишвар;

– ширкатҳои сайёҳӣ;

– ташкилотҳои таълимии ғайридавлатӣ, ки бо гузоронидани семинар-машваратҳо дар ҳудуди ҷумҳурӣ ва берун аз он машгуланд;

– ширкатҳои тиҷоратие, ки бо ташкил намудани чорабиниҳои фароғатӣ ташкил мекунанд ба монанди ташкил намудани шабнишиниҳо дар ҷойҳои дилхушкунӣ ва ғайра;

– бо воситаи шабакаҳои интернетӣ.

Бо воситаи чунин ташкилотҳо ё ширкатҳо гурӯҳи ҷинояткорон бо ҷалбкунии одамон машғул ҳастанд ва чун қоида ба онҳо ваъда медиҳанд, ки дар хориҷи кишвар онҳоро бо кори хуб ва маоши баланд таъмин менамоянд ва ҳангоми ба хориҷа омаданошон чунин одамони фиребхӯрдаро гурӯҳи ҷинояткорон истисмори меҳнатӣ ё шаҳвонӣ менамоянд. Мавриди қайд аст, ки на ҳамаи ташкилотҳо ё ширкатҳои дар боло зикр шуда бо чунин намуд ҷиноятҳо машғуланд, мо танҳо хостем, қайд намоем, ки гурӯҳои ҷиноятие, ки бо ҷалбкунии одамон машғул ҳастанд метавонанд бо воситаи ташкил ва ба қайд гирифтани чунин ташкилотҳо ва ширкатҳо амалҳои ҷиноятии худро амалӣ намоянд. Барои ҳамин ба воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ зарур аст, ки бо гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ташкилотҳо ва ширкатҳои дар боло қайдшударо, ки фаъолияташон шубҳанок аст зери назорати оперативӣ қарор диҳанд.

Таҳлили таҷрибаи судӣ нишон дод, ки тақрибан 95 % ҷиноятҳои марбут ба савдои одамон аз ҷониби гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ содир карда шудаанд[3].

Ҳамин тариқ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯие, ки ба муқобили савдои одамон мубориза мебаранд вазифадоранд, ки дар фаъолияти худ маълумот доир ба чунин намуд ҷиноятҳо ҷамъоварӣ намуда дар доираи парвандаҳои баҳисобгирии оперативӣ, чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ гузаронанд, ки минъбад тавонанд натиҷаҳои онро дар тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ҳамчун далелҳои исботкунӣ истофода баранд.

[1] *Шарипов Т. Ш., Рауфов Ф. Х., Сафарзод А. И., Раҳматҷонов Б. Н.* Муқовимат ба савдои одамон: воситаи илмӣ-амалӣ. Нашри 2-юм. – Душабе, 2017. – С. 109.

[2] *Шарипов Т. Ш., Рауфов Ф. Х., Сафарзод А. И., Раҳматҷонов Б. Н.* Муқовимат ба савдои одамон: воситаи илмӣ-амалӣ. Нашри 2-юм. – Душабе, 2017. – С. 109.

[3] *Шарипов Т. Ш., Рауфов Ф. Х., Сафарзод А. И., Раҳматҷонов Б. Н.* Муқовимат ба савдои одамон: воситаи илмӣ-амалӣ. Нашри 2-юм. – Душабе, 2017. – С. 110.

**ТДУ 323.22/.28**

***АБДУҶАБОРОВ Б.***
*Директори ташкилоти ҷамъиятии «Фонди Рушди Ҷомеа», Роҳбари Шабакаи Ташкилотҳои Ҷамъиятии «Умед»*
*E-mail: abakhtier@yahoo.com*

## ҲАМКОРИИ ТАШКИЛОТҲОИ ҶАМЪИЯТӢ БО МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ: ДАСТОВАРДҲО ВА МУШКИЛОТИ МУБРАМ

### СОТРУДНИЧЕСТВО ОБЩЕСТВЕННЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ С ГОСУДАРСТВЕННЫМИ ОРГАНАМИ: ДОСТИЖЕНИЯ И АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ

Лутфан аз номи аъзоени Шабакаи Созмонҳои Ҷамъияти минатдории хешро барои ташкилкунандагони ин конфронс – Вазорати корҳои дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маблағузорони ин конфронс шарикони рушд ба монанди САҲА, Созмони Байналмилли Муҳоҷират дар Тоҷикистон баен менамоям.

Шабакаи Ташкилотҳои Ҷамъиятии «Умед» иборат аз 20 созмонҳои ҷамъиятӣ мебошанд, ки дар асоси меморандуми ҳамкорӣ фаъолиятро бахри мусоидат ба пешгирии савдои одамон ва расонидани кӯмак ба муҳоҷирони меҳнатии баргашта ба роҳ мондаанд.

Муҳтарам Раисикунандаи ин маҷлис, муовини якуми Вазир Аламшозода Абдураҳмон Аламшо ва ҳайати нишаст!

Ҳамкории созмонҳои ҷамъиятӣ бо субъектони бевоситаи давлатӣ ба монанди Вазорати корҳои дохилӣ, Прокуратура ва дигар субъектон, аз ҷумла, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумитаи кор бо занон, ҳукуматҳои маҳал басо хуб ба роҳ монда шуда, баҳри муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониён ва қурбониени эҳтимолӣ мо пайваста мусоидат намуда истодаем.

Оид ба иҷрои бандҳои «Нақшаи милли оид ба муқовимат ба савдои одамон баро солҳои 2022-2024» мо ба ҳамбастагии идораву кумитаҳои давлатӣ, бо иштироки намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ қариб ба 2500 нафар маводи иттилоотӣ ва воқифгардонӣ вобаста ба хатарҳои савдои одамон тақсим намудем. Ба зиёда аз 1000 нафар маъракаҳои омузишӣ гузаронида шуданд, ки дар он маслиҳатҳои ройгони ҳуқуқӣ, равони ба қурбониёни эҳтимолӣ расонида шуданд.

Бо ҳамбастагии идораҳои дахлдор ба монанди Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумитаи кор бо занон ва дигар субъектон барномаҳои иттилооти воқифгардонӣ дар телевизион ва радиоҳои маҳал ташкил карда шуданд. Дар он мутахасисион оид ба қонкнгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бобати савдои одамон ва пешгирии он гуфта гузаштанд.

Бо ҷалби сармояи шарикони рушд Созмони Байналмилли Муҳоҷират дар Тоҷикистон ва дигар Созмонҳои байналмилаллӣ барои тавонбахшии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, реинтегратсиякунонии муҳоҷирони меҳнатии баргашта ва қурбониени эҳтимолӣ кӯмакҳо бахри ташкили ҷойи кор, маводу ғизо ва ташкили соҳибкорӣ расонида шуданд. Шумораи онҳо зиёда аз 150 нафар дар солҳои 2022-2023 ташкил дод.

Баҳри ҳамкории судманд бо мақомоти корҳои дохилӣ ва прокуратура дар якчанд конфронсҳои илмӣ ва амалӣ, ташкили барномаҳои воқифгардонии минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ ширкат намудем.

Вобаста аз фурсат якчанд таклиф ва пешниҳод доштем:

– Дар ҷойҳо ва шаҳру ноҳияҳо кори комиссияи байниидоравӣ оид ба муқовимат ба савдои одамон пурзур карда шавад.

– Пайваста омӯзишҳо ва маъракаҳои иттилоотиву воқифгардонӣ бо ҳамкории созмонҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти ҳифз ҳуқуқ ташкил карда шаванд.

– Механизми бозравонӣ боз ҳам пурзуртар карда шавад.

– Бо аъзоёни шабакаи Ташкилотҳои ҷамъиятии «Умед» меморандуми ҳамкорӣ байни Вазорати корҳои дохилӣ баста шавад, то ки иҷрои нақшаи миллӣ дар шаҳру ноҳияҳо боз фароҳамтар ба роҳ монда шаванд.

Ва дар охир гуфтаниам, мо пайваста барои ҳамкорӣ бо мақомоти давлативу ҷамъиятӣ баҳри рушди ватанамон, решакан намудани ҷинояткорӣ ва фароҳам овардани ҳаёти осуда ва татбиқи нақшаҳои давлатӣ омода ҳастем.

**УДК 343.431**

***Абрамова С. Р.***
В соответствии с ранее указанным приказом МВД России от 17 января 2006 г., за № 19 «О деятельности органов внутренних дел по предупреждению преступлений» на сотрудников УУП также возложены конкретные обязанности и задачи, а именно:

– выявлять лиц, связанных с незаконным оборотом наркотических средств, психотропных веществ и их прекурсоров, сильнодействующих веществ, новых потенциально опасных психоактивных веществ;

– устанавливать организаторов либо содержателей притонов для потребления наркотических средств и психотропных веществ, занятия проституцией, а также лиц, вовлекающих несовершеннолетних в совершение преступлений и иных антиобщественных действий;

– принимать меры превентивного характера в целях предупреждения тяжких и особо тяжких преступлений против жизни и здоровья граждан, общественного порядка и общественной безопасности и т.д.

Необходимо отметить, что особое внимание уделяется работе с семьей, а именно с детьми и подросткам, поскольку в этой возрастной группе формируются первое представление о правилах поведения и законности[3]. Так к примеру, по статистическом данным МВД России, примерно 3,9 % от всех раскрытых в стране (1 966,8 тыс., по сравнению с прошлым годом 2 004,1 тыс.) в 2022 году преступлений совершены подростками либо при их участии. Всего были выявлены 37 953 несовершеннолетних преступника[4].

Поэтому необходимо подчеркнуть, что не мало важную роль в предупреждение преступлений и пресечений административных правонарушений в сфере семьи и несовершеннолетних занимают сотрудники подразделений по делам о несовершеннолетних (далее – ПДН).

Согласно приказа МВД России от 15 октября 2013 г., за № 845 «Об утверждении Инструкции по организации деятельности подразделений по делам несовершеннолетних органов внутренних дел Российской Федерации» в пределах своей компетенции выполняют следующие обязанности и задачи:

– выявляют лиц, вовлекающих несовершеннолетних в совершение преступлений и (или) антиобщественных действий, кроме того, проводят профилактическую

---

[1] Федеральный закон от 7 февраля 2011 г., за № 3-ФЗ (ред. от 04.08.2023 г.) «О полиции» // [Электронный ресурс]. – URL: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_110165/?Ysclid=lnl108pprr130551941. (дата обращения: 20.09.2023).

[2] Приказ МВД России от 29 марта 2019 г., за № 205 «О несении службы участковым, уполномоченным полиции на обслуживаемом административном участке и организации этой деятельности» // [Электронный ресурс]. – URL: https://www.garant.ru/products/ipo/prime/doc/72188134/?ysclid=lnl116f7o4106252014 (дата обращения: 20.09.2023).

[3] Предупреждение преступлений и административных правонарушений, совершаемых несовершеннолетними: курс лекций / [С. В. Иванцов, О. Н. Ивасюк, Е. А. Соломатина и др.]; Федеральное государственное казенное образовательное учреждение высшего образования «Московский университет МВД Российской Федерации имени В. Я. Кикотя». – М.: Московский ун-т МВД России им. В. Я. Кикотя, 2017. – 242 с.

[4] Состояние преступности в России за 2022 г. // [Электронный ресурс]. – URL: http://mvd.ru/Deljatelnost/statistics/reports (дата обращения: 27.09.2023).

беседу с несовершеннолетними их родителями и иными законными представителями;

– выявляют во время проведения профилактических мероприятий принадлежность подростков к группам антиобщественного, экстремистского и иного характера и т.д.

Важный вклад в профилактику преступности и негативных социальных явлений делают наряды патрульно-постовой службы полиции, подразделения по вопросам миграции, сотрудники подразделений Государственной инспекции безопасности дорожного движения, подразделений по исполнению административного законодательства, подразделений дознания, подразделений уголовного розыск, подразделений экономической безопасности и противодействия коррупции, подразделений по противодействию экстремизм, линейных управлений, отделов (отделений) МВД России на железнодорожном, водном и воздушном транспорте[1].

Таким образом, функции и полномочия органов внутренних дел, как специального субъекта играют основную роль в предупреждении преступлений и административных правонарушений, так как они являются неотъемлемой частью системы обеспечения общественной безопасности и общественного порядка, а также выполняют ряд задач, которые направлены на защиты правопорядка и граждан. Без их активного участия невозможно обеспечить благополучие и стабильность в здоровом обществе.

**ТДУ 343.5 (575.3)**

***Мазарифов М. К.***
*Мудири кафедраи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ*
*E-mail: 985404848m@gmail.com*

## ТАЪСИРИ ОМИЛҲОИ КОРРУПСИОНӢ БА ИНКИШОФИ ҶИНОЯТИ САВДОИ ОДАМОН

### Влияние коррупционных факторов на развитие преступления торговли людьми

Истисмори одам аз ҷониби одам аз қадимулайём ҷой дошт ва шакли аз ҳама қадимтарини он ғуломӣ буд. Дар Рим ва Юнони қадим савдои одам ҳамчун ғулом ҳодисаи муқаррарӣ буд. Бо мурури замон инсоният дарк намуд, ки ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои инсон арзиши олӣ дорад.

Дар замони муосир савдои одам на танҳо ҳамчун падидаи манфии иҷтимоӣ эътироф гардидааст, балки барои ин кирдор ҷавобгари ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст. Савдои одамон ҳамчун ҷиноят дар ҳамаи давлатҳои ҷаҳон маҳкум карда шудааст. Он як шакли ғайриқонунии хариду фурӯш ба ҳисоб рафта, ба ҷабрдидагон зарарҳои психологӣ ва физикӣ мерасонад, инчунин хавфи сироят ёфтан ба бемориҳои ВНМО-ро ба вуҷуд меорад.

Мувофиқи Протоколи иловагӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи савдои одамон, хусусан занону кӯдакон ва ҷазо барои он ба Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ аз 12-уми декабри соли

[1] *Дроздов В. Ю., Хлыстова Н. Б.* Криминология. Учебник. – М.: КноРус, 2019. – С. 132.

2000 таҳти мафҳуми савдои одамон ин харидан ё фурӯхтан, бо таҳдиди зӯрӣ ё дигар намуди маҷбуркунӣ ба даст овардани одам бо мақсади истисмор мебошад.

Аслан шахсоне, ки ба содир намудани ҷинояти савдои одамон даст мезананд, мақсади асосиашон ба даст овардани фоида аз ҳисоби фурӯхтани одам мебошад. Одамони фурӯхташуда бо мақсадҳои гуногун, аз ҷумла, барои иҷрои меҳнати маҷбурӣ, хизматрасониҳои шаҳвонӣ, гадоӣ дар кӯчаҳо, манбаи фурӯши узвҳои инсон, интиқолдиҳандаи маводи мухаддир ва дар солҳои охир ҳамчун ҷанговар дар ҷангҳо истифода бурда мешаванд[1].

Имрӯзҳо ҷинояти савдои одамон ва дигар шаклҳои истисмори одам сарҳад надошта, ҳам дар мамлакатҳои мутараққӣ ва ҳам дар кишварҳои қафомонда дида мешавад. Ин ҷиноятҳо ба ҷабрдидагон чунон захмҳои психологӣ, физикӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии вазнин мерасонанд, ки барқароршавӣ ва ба ҷомеа баргарштани онҳоро хеле душвор мегардонад.

Агар дар давоми чор асри давраи ғуломдорӣ 12 миллион нафар қурбонии савдои одамон гардида бошанд, дар давоми 30 соли охир танҳо дар Осиёи Миёна шумораи занону кӯдаконе, ки ба асорати шаҳвонӣ фурӯхта шудаанд, ба 30 миллион нафар расидааст. Аксарияти ин ҷиноятҳо аз ҷониби гурӯҳҳо ва ташкилотҳои ҷиноятӣ содир карда шудааст[2].

Савдои одамон баъди аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудани Протокол оид ба пешгирӣ ва рафъи хариду фурӯши одамон, хусусан занону кӯдакон ва ҷазо барои он, ки ба Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ илова гардидааст, бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 1-уми августи соли 2003, таҳти № 45 ҳамчун ҷиноят муқаррар карда шудааст[3].

Ин ҷиноят хариду фурӯши одамон номида мешуд ва бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2-юми январи соли 2019, таҳти № 1554 савдои одамон ном гирифт.

Донистани сабаб ва омилҳое, ки ба инкишофи савдои одамон замина мегузоранд, дар пешгирӣ ва аз байн бурдани он нақши муҳим мебозад. Баъд аз муайян намудани ин сабабу омилҳо маълум мегардад, ки барои чӣ ҳоло ҳам ин падидаи номатлуб дар ҷомеа ҷой дорад[4].

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки яке аз сабаб ва омилҳои асосӣ дар ин самт омилҳои коррупсионӣ мебошанд. Омилҳои коррупсионӣ сабаби он мегарданд, ки шахсони ин ҷиноятро содирнамуда аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дур монанд. Бо роҳи додани пора ё анҷом додани дигар хизматрасониҳои хусусияти молумулкидошта ба шахсони мансабдор шахсоне, ки ҷинояти савдои одамонро содир намудаанд факти содир намудани ҷиноятро пинҳон менамоянд.

Падидаи коррупсия дар содир намудани ҷинояти савдои одамон дар як давлат метавонад ба инкишофи ин намуди ҷиноят дар давлати дигар мусоидат намояд. Зеро дар аксари ҳолатҳо қурбониёни савдои одам ба давлатҳои дуюм ва сеюм интиқол дода мешаванд.

Тавре ки аз диспозитсияи моддаи 130(1) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) бармеояд, савдои одамон ин харидан ё фурӯхтани

---

[1] *Ванюшева Я. В.* Коррупционные факторы, способствующие торговле людьми // Эвразийская адвокатура. – 2017. – № 5 (30). – С. 89.

[2] *Синицын Ф. Л.* Международное законодательство по проблеме торговля людьми. – Пермь, 2000. – С. 4.

[3] Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / зери таҳрири Ҳ. Ҳ. Шаприпов. – Душанбе: «Глобус», 2008. – С. 366.

[4] *Петросян С., Хачатрян Г.* Торговля людьми (траффикинг). – Ереван, 2013. – С. 33.

одам, инчунин нисбат ба ӯ анҷом додани дигар аҳдҳои ғайриқонунӣ мебошад. Ин амалҳо бо якчанд тарзу роҳҳо, аз ҷумла бо маҷбуркунӣ, рабудан, фиреб, бо истифодаи зӯроварӣ анҷом дода мешаванд[1].

Бинобар сабаби он ки кӯдакон як қисми муҳим ва заифи ҷомеа мебошанд, барои савдои онҳо дар моддаи алоҳидаи Қонуни ҷиноятӣ ҷавобгарӣ пешбинӣ гардидааст. Тибқи моддаи якуми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» аз 26-уми июли соли 2014, таҳти № 1096 ҳама гуна амал ё аҳде, ки ба воситаи онҳо кӯдак ғайриқонунӣ аз тарафи падару модар, дигар намояндаи қонунӣ ё дигар шахсе, ки кӯдак доимӣ ё муваққатӣ дар парастории вай қарор дорад, ба дигар шахс бар ивази подоши моддӣ ё дигар ҷуброн, бо мақсади истисмори ӯ ва ё ба даст овардани фоидаи моддӣ ё дигар фоида, инчунин бо мақсади фарзандхондии ғайриқонунии кӯдак, новобаста аз тарзҳои ҳангоми он истифодашаванда супорида мешавад, савдои кӯдакон мебошад[2].

Мувофиқи диспозитсияи моддаҳои 130(1) ва 167 КҶ ҶТ, инчунин моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» яке аз роҳҳои содир намудани ҷинояти савдои одамон ин аз ҷониби шахси мансабдор ё шахсе, ки ба зиммаи ӯ функсияҳои идоракунӣ, ваколатҳои ташкилию амрдиҳӣ ё маъмурию хоҷагидорӣ дар ташкилотҳои давлатӣ, тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо вогузошта шудаанд, инчунин дигар корманди мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо истифода намудани вазъи хизматии худ ва ё ваколатҳои хизматии ба онҳо додашуда мебошад.

Дар ҳолати истифодаи мақоми хизматӣ аз ҷониби шахси мансабдор ё намояндаи ҳокимият дар содир намудани ҷинояти савдои одамон аломатҳои ҷинояти коррупсионӣ низ дида мешавад.

Дар тафсири КҶ ҶТ омадааст, ки субъекти ҷинояти моддаи 130(1) шахси мукаллафи ҷисмонии ба синну соли 16 расида мебошад[3]. Дар ин ҷо қисми 2 банди «е» ҳамин модда ба эътибор гирифта нашудааст. Зеро ин банд содир намудани ҷиноятро аз тарафи шахси мансабдор ё намояндаи ҳокимият бо истифодаи вазифаҳои хизматӣ, ё дигар шахсе, ки дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ё дигар ташкилотҳо вазифаи идоракуниро иҷро мекунад, пешбинӣ менамояд.

Аз ин рӯ, субъекти ҷинояти савдои одамон на танҳо шахси мукаллафи ба синни 16 солагӣ расида, балки шахси мансабдор ё намояндаи ҳокимият низ мебошад. Шахси мансабдор ё намояндаи ҳокимият субъекти бевоситаи ҷиноятҳои коррупсионӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, агар ҷинояти савдои одамон аз ҷониби ин шахси мансабдор ё намояндаи ҳокимият бо истифода аз мақоми хизматӣ содир гардад, хусусияти коррупсионӣ мегирад.

Чуноне ки В. И. Динека қайд менамояд, ки субъекти ҷиноятe, ки бо суиистифода аз мансаб содир карда мешавад, танҳо шахсе шуда метавонад, ки қобилияти ҳуқуқдории муайян (ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мушаххас, ваколат, мақом) дошта, иштирокчии доираи муайяни муносибатҳои ҳуқуқӣ буда, барои иҷрои амалҳои мушаххас имконият дорад[4].

[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, таҳти № 574 // [Захираи электронӣ]. – URL: http://mmk.tj/content/#collapse-266 (санаи муроҷиат: 10.10.2023).

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон» аз 26-уми июли соли 2014, таҳти № 1096 // [Захираи электронӣ]. – URL: http://mmk.tj/content/#collapse-266 (санаи муроҷиат: 10.10.2023).

[3] Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / зери таҳрири Ҳ. Ҳ. Шарипов. – Душанбе: «Глобус», 2008. – С. 367.

[4] *Динека В. И.* Ответственность за должностные преступления по уголовному праву России (уголовно-правовые и криминологические аспекты): автореф. дис. … докт. юрид. наук. – М., 2002. – С. 16.

Намояндаи ҳокимият бошад, шахсе мебошад, ки бо доштани функсияи ҳокимиятӣ ва ҳамчунин хусусияти амалҳои намояндаи ҳокимият бо доираи вазифаҳое, ки дар назди мақомоти давлатӣ гузошта шудааст, муайян карда мешавад[1].

Дар «Тартиби баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми октябри соли 2022, таҳти № 506 қабул гардидааст, феҳристи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта муқаррар карда шудааст, ки мутобиқ ба қисми 7 моддаи 161 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, 51 моддаи КҶ ҶТ-ро (аз бобҳои 26, 27, 30, 31, 32 ва 33) дар бар мегирад[2].

Гарчанде ки дар ҷиноятҳои савдои одамон – моддаи 130(1) ва савдои кӯдакон – моддаи 167 КҶ ҶТ истифодаи мақоми хизматӣ ё ваколатҳои мансабӣ пешбинӣ гардида бошад ҳам, аммо ба феҳристи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта дохил карда нашудааст.

Коррупсия ва иштироки шахсони мансабдор дар ҷиноятҳое, ки ба савдои одамон алоқаманд мебошанд, чун ҳамеша диққати ҷиддиро талаб менамояд. Шахси мансабдор ё намояндаи ҳокимият метавонад ҳамчун ташкилкунанда, таҳриккунанда, иҷрокунанда ё ёрдамчӣ дар содир намудани ин ҷиноят иштирок намояд.

Кирдорҳои коррупсионӣ шароит фароҳам меоваранд, ки ҷинояти савдои одамон содир карда шавад. Масалан, шахси масъули нуқтаи гузаргоҳи гумрукӣ бо гирифтани пора барои бидуни ҳуҷҷати муайяншуда ва иҷозати зарурӣ аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани қурбонии савдои одамон мусоидат менамояд. Ӯ бо ин кирдор якум, ҷинояти савдои одамонро руйпӯш менамояд ва дуюм, ба содир гардидани ҷинояти ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон замина мегузорад.

Ё иштироки шахси мансабдор дар фарзандхондии ғайриқонунӣ, яъне, шахсе, ки мехоҳад ба савдои кӯдак даст занад, кӯдакро ғайриқонунӣ фарзандхон мекунад. Дар ин амал шахси мансабдор бо гирифтани пора ё дигар фоидаи молумулкӣ мусоидат менамояд[3].

Дар ҷараёни фарзандхонӣ баъзан ҳолатҳои коррупсионӣ дида мешавад. Шахсони мансабдоре, ки уҳдадории ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ноболиғонро бар дӯш доранд, бо мақсадҳои ғаразнок даст ба тиҷорати ҷиноятӣ мезананд. Аз ин лиҳоз, дар таҷриба татбиқи институти фарзандхонӣ ба мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ мегардад[4].

Мувофиқи моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7-уми августи соли 2020, таҳти № 1714 яке аз кирдорҳои шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда, ки барои коррупсия шароит ба вуҷуд меоранд, ин истифода аз мақоми хизматии худ дар ҳалли масъалаҳое мебошад, ки ба манфиатҳои шахсӣ, хешовандон ё шахсони сеюм алоқаманд ҳастанд[5].

Тавре ки аз мисолҳои дар боло овардашуда бармеояд, истифодаи мақом ва ваколатҳои хизматӣ аз ҷониби шахси мансабдор бо ғараз ва манифати шахсӣ ё гуруҳӣ

---

[1] *Алексеев И. А.* К вопросу об отличиях муниципально-правовой отсетственности от иных видов юридической ответственности // Государственная власть и местное самоуправление. – 2016. – № 9. – С. 40-45.

[2] *Мазарифов М. К., Қодирӣ З. А.* Ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта: воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2023. – С. 18.

[3] *Ванюшева Я. В.* Коррупционные факторы, способствующие торговле людьми // Эвразийская адвокатура. – 2017. – № 5 (30). – С. 90.

[4] *Глушков А. И.* Проблемы доказывания коррупционных преступлений по уголовным делам о незаконном усыновлении (удочерении) // Наука и школа. – 2015. – № 6. – С. 19.

[5] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7-уми августи соли 2020, таҳти № 1714 // [Захираи электронӣ]. – URL: http://mmk.tj/content/#collapse-266 (санаи муроҷиат: 13.10.2023).

на танҳо сабаби сар задани ҷиноятҳои коррупсионӣ, балки заминаи содир намудани ҷинояти савдои одамон низ мегарданд.

Ба ин гуна кирдорҳо ғайриқонунӣ тайёр намудани ҳуҷҷатҳои расмӣ, ғайриқонунӣ эътироф намудани фарзандхонӣ, мусоидат ба убури ғайриқонунии сарҳади давлатӣ мисол шуда метавонанд.

Вақте ки омилҳои коррупсионӣ сабаби инкишофи ҷинояти савдои одамон мешаванд, мантиқан аз байн бурдани онҳо метавонад боиси кам содир гардидани ин ҷиноят гардад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» аз 26-уми июли соли 2014, тахти № 1096 мафҳуми муқовимат ба савдои одамон дода шудааст, ки он маҷмуи чорабиниҳои муайянро оид ба мубориза ба муқобили савдои одамон ифода менамояд. Муқовимат ба савдои одамон аз огоҳонидан, ошкор намудан, пешгирӣ кардан, ба ҳадди ақал расонидани оқибатҳои савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни он иборат мебошад[1].

Савдои одамон чун мушкилии ҷаҳонӣ ва ҷинояти трансмиллӣ эътироф гардидааст. Солҳои охир вобаста ба вазъи тағйирёбандаи ҷаҳон ва бухронҳои сиёсиву иқтисодӣ ин ҷиноят афзоиш ёфтааст. Сабаби асосии ин ҳолат зиёд гардидани гурӯҳҳои нисбатан осебпазири ҷомеа мебошад. Ба ин гурӯҳҳо занон ва духтарон, кӯдакон, гурезаҳо, муҳоҷирон, шахсони бешаҳрванд, шахсоне, ки дар камбизоатӣ зиндагӣ мекунанд, шасхоне, ки ба таҳсилот дастрасӣ надоранд ва шахсоне, ки бесарпаноҳ мондаанд дохил намудан мумкин аст[2].

Аз ин рӯ, барои муқовимат ба савдои одамон бояд ҳамкории байни давлатҳо дар шакли табодули иттилоот ва ёрии ҳамдигарӣ ба роҳ монда шавад. Тибқи «Нақшаи ҷаҳонии амал оид ба мубориза бо савдои одамон», ки аз тарафи Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид 30-юми июли соли 2010 қабул карда шудааст, ҳамаи давлатҳои ҷаҳон ба ҳамгироии самаранок дар мубориза ба савдои одамон ва ҳимояи ҳуқуқҳои шахсони аз он зарардида даъват карда шудаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ин масъала таваҷҷӯҳи хоса дошта, тадбирҳои судманд андешида истодааст. Дар Тоҷикистон сиёсати давлатӣ дар самти муқовимат ба савдои одамон ба принсипҳои ба ҷавобгарӣ накашидани шахсони аз савдои одамон зарардида, таъмини дастрасии озод ва ройгони қурбониёни савдои одамон ба адолати судӣ, махфиёна будани иттилоот дар бораи қурбониёни савдои одамон ва наздикони онҳо асос ёфтааст.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми феврали соли 2022, тахти № 55 «Нақшаи милии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024» қабул карда шудааст. Дар доираи нақшаи мазкур гузаронидани чорабиниҳои иттилоотию фаҳмондадиҳӣ ва маърифатӣ дар байни аҳолӣ, баргузор намудани муколамаҳои телевизионӣ ва радиоӣ, ташкил ва гузаронидани тренингҳо дар самти муқовимат ба савдои одамон, тайёр ва баланд бардоштани дониш ва малакаи касбии шахсони масъули муқовимат ба савдои одамон, чорабиниҳо оид ба ҳимояи қурбониёни савдои одамон ва расонидани кӯмак ба онҳо пешбинӣ гардидааст.

[1] *Холиқзода А. Ғ., Шарипов Т. Ш., Солиев К. Ҳ., Табаров Н. А., Ғафуриён А. М.* Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон». – Душанбе, 2017. – С. 44.

[2] Сомонаи расмии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // [Захираи электронӣ]. – URL: https://ombudsman.tj/ma-ola-o/19-ma-ola-o/629-baze-az-masala-oi-savdoi-odamon-dar-um-urii-to-iliston.html (санаи муроҷиат: 12.10.2023).

**УДК 340.12**

***Малышева И. С.***
*Начальник кафедры социально-гуманитарных и государственно-правовых дисциплин Воронежского института ФСИН России, кандидат юридических наук, подполковник внутренней службы*
*E-mail: malir2004@mail.ru*

# ТЕОРЕТИКО-ПРАВОВОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ ПОНЯТИЙ «ПЫТКА» И «БЕСЧЕЛОВЕЧНОЕ ИЛИ УНИЖАЮЩЕЕ ДОСТОИНСТВО ОБРАЩЕНИЕ ИЛИ НАКАЗАНИЕ»

Человек, его права и свободы являются высшей ценностью и ориентиром для внутренней и внешней политики большинства стран мира. Основываясь на данном утверждении, отметим, что в настоящее время во всех государствах деюре запрещены пытки, насилие, жестокое обращение с человеком (например, ст. 21 Конституции РФ 1993 г., ст. 15 Конституции Королевства Испании 1978 г., ст. 36 Конституции Катара 2005 г., ст. 18 Конституции Республики Таджикистан 1994 г. и др.). В правовом поле запрет на жестокое обращение с человеком определяется как абсолютная гарантия соблюдения прав человека, в силу чего запрет не может быть отменен или ограничен ни при каких обстоятельствах.

В настоящее время вопросы, связанные с жестоким обращением, находятся в поле внимания как на международном уровне, так и национальном.

Начало межгосударственному сотрудничеству в исследуемой сфере послужил Нюрнбергский процесс, в ходе которого вскрылись многочисленные факты массовых пыток и бесчеловечного обращения фашистских преступников с военнопленными и гражданским населением в ходе второй мировой войны[1]. В целях противодействию такого рода деятельности в 1948 году международным сообществом была принята Всеобщая декларация прав человека[2], в которой нашли свое отражения такие фундаментальные права как право на жизнь, на свободу и на личную неприкосновенность (ст. 3) и запрет на пытки и жестокое, бесчеловечное или унижающее достоинство человека обращение и наказание (ст. 5).

Вскоре, вышеуказанные положения были подтверждены и развиты другими значимыми международными документами: Международным пактом о гражданских и политических правах (1966 г.) и Декларацией о защите всех лиц от пыток и других жестоких, бесчеловечных или унижающих достоинство видов обращения и наказания (1975 г.)[3] принятыми Генеральной Ассамблей ООН.

Жестокое обращение с человеком выражается в пытках, жестоком, бесчеловечном или унижающим достоинство человека обращение и наказание. Однако, осуждая действия такого рода, вплоть до 1975 года ни один международный документ не приводил трактовку указанный понятий. Впервые пояснения, что считается пыткой было установлено Декларация 1975 года, хотя она и не имела обязательной

---

[1] *Лосицкая Л. К.* Международно-правовое сотрудничество в сфере борьбы с пытками и жестоким, бесчеловечным или унижающим достоинство обращением или наказанием: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2003. – 200 с.

[2] Права человека: сборник международных документов / Сост. и автор вступит. статьи Л. Н. Шестаков. – М.: Изд-во Московского ун-та, 1986. – 232 с.

[3] Декларация о защите всех лиц от пыток и других жестоких, бесчеловечных или унижающих достоинство видов обращения и наказания (принята резолюцией 3452 (XXX) Генеральной Ассамблеи ООН от 09.12.1975 г.) // [Электронный ресурс]. – URL: http://www.consultant.ru/document/ cons_doc _LAW_5531/ (дата обращения 17.10.2023).

юридической силы. В частности, статьей 1 устанавливалось, что пытка означает любое действие, посредством которого человеку намеренно причиняется сильная боль или страдание, физическое или умственное, со стороны официального лица или по его подстрекательству с целью получения от него или от третьего лица информации или признаний, наказания его за действия, которые он совершил или в совершении которых подозревается, или запугивания его или других лиц[1]. Определенный прогресс в сфере запрета противодействия жестокому обращению с человеком международное сообщество достигло в течение 80-х и 90-х годов XX века. В этот период в международных договорах и стандартах универсального характера установлен абсолютный запрет жестокого обращения с человеком, а также разработан конкретный механизм противодействия такого рода обращению с человеком.

Если говорить о региональных международных документах в рассматриваемой сфере, то необходимо упомянуть следующие:

– Африканская хартия прав человека и народов (1981 г.). Данный документ интересен тем, что к формам жестокого обращения помимо вышерассмотренных относятся еще и рабство.

– Межамериканская конвенция по предупреждению пыток и наказанию за них (1985 г.). Данный документ определяет пытку более широко, чем универсальные международные документы, в частности, включая в него «применение к лицу методов, направленных на уничтожение личности жертвы или уменьшение его физических или умственных способностей, даже если они не причиняют физической боли или душевных страданий».

– Декларация о правах человека АСЕАН (2012 г.) и Азиатская хартия по правам человека (1998 г.).

– Арабская хартия прав человека (2004 г.).

– Каирская декларация о правах человека в исламе (1990 г.).

– Конвенция СНГ о правах и основных свободах человека (1995 г.) и др.

Необходимо отметить, что международные акты, устанавливая запрет на жестокое обращение с человеком, не дают всестороннего его определения. Так, пытка определяется через перечисления актов пыток. К тому же в это определение не включается боль или страдания, которые возникают лишь в результате законных санкций, неотделимы от этих санкций или вызываются ими случайно.

Что касается других форм жестокого обращения (бесчеловечное» обращение, «унижающее достоинство» обращение), то они либо вовсе не раскрываются, либо используют при их определении множество оценочных понятий, толкование которых либо не дается компетентными органами. С точки зрения международного права, применение пыток является грубым нарушением прав человека и не может быть оправдано никакими обстоятельствами. При рассмотрении данного вопроса интересна позиция Европейского суда по правам человека, который взял на себя функцию толкования положений международных договоров и стандартов. Суд не однократно обращал внимание на то, что не существует конкретного и ограниченного списка действий (бездействий), однозначно трактующихся как пытки. Если содеянное не может быть квалифицировано как пытка, оно рассматривается Судом как возможное бесчеловечное или унижающее достоинство обращение или наказание. Так если совершенное деяние в отношении человека превышает минимальный уровень жестокости, то оно расценивается как пытка, а если нет – то как жестокое или бесчеловечное обращение. Обращение может быть расценено как унижающее достоинство в случаях, когда вызывает у жертвы чувство страха, мучений или непол-

[1] Декларация о защите всех лиц от пыток и других жестоких, бесчеловечных или унижающих достоинство видов обращения и наказания (принята резолюцией 3452 (XXX) Генеральной Ассамблеи ООН от 09.12.1975 г.) // [Электронный ресурс]. – URL: http://www.consultant.ru/document/ cons_doc _LAW_5531/ (дата обращения 17.10.2023).

ноценности, способное унизить ее достоинство и, возможно, сломать ее физическое и психологическое сопротивление.

Оценка указанного минимального уровня жестокости относительна и проводится с учетом таких факторов как фактические обстоятельства произошедшего; степень, манеру и способ унижения; последствия унижения; оценку (степень жестокости) унижения в глазах окружающих и (или) субъективную оценку жертвы, ее восприятие случившегося. Международное сообщество призывает все государства мира рассматривать пытки в соответствии со своим национальным законодательством как преступления, запретить любые ссылки на «приказ вышестоящего начальника или государственной власти» или «на исключительные обстоятельства» для оправдания пыток.

На национальном уровне принцип на запрет бесчеловечного и жестокого обращения с человеком находит свое закрепление в правовых актах, имеющих высшую юридическую силу. Так, Конституция Российской Федерации, являющая основой правовой системы России, устанавливает, что высшей ценностью в РФ являются человек и его права и свободы (ст. 2). Она также закрепляет, что никто не должен повергаться пыткам или другому жестокому, или унижающему достоинство обращению и наказанию (ст. 21 (ч. 2)). При этом подчеркивается, что в Российской Федерации права и свободы человека признаются и гарантируются согласно общепризнанным принципам и нормам международного права (ст. 17 (ч. 1)).

Далее принцип запрещения пыток отражается в более специальных актах. Например, в ст. 7 Уголовного Кодекса Российской Федерации и в ст. 9 Уголовно-процессуального Кодекса Российской Федерации. Заметим, что определение «пытки» в наше законодательство было введено лишь в 2003 году[1].

Таким образом, запрет на жестокое обращение с человеком признается не только отдельно взятыми государствами, но и всем международным сообществом. Однако, установив такого рода запрет соответствующие понятия не раскрываются, что позволяет уходить от наказания за такого рода действия.

**ТДУ 340.12**

***Меҳрубони Ҷ.***
*Дотсенти кафедраи фанҳои умумитахассусии Коллеҷи милитсияи*
*ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қароргоҳ дар ш. Кӯлоб, капитани милитсия*
*E-mail: kolledzhvkd.kulob@mail.ru*

## МУҚОВИМАТ БА САВДОИ ОДАМОН ВА РАСОНИДАНИ КӮМАК БА ҚУРБОНИЁНИ САВДОИ ОДАМОН

### Противодействие торговле людьми и помощь жертвам торговли людьми

Дар ҷомеаи мутаммадин озодиии инсон яке аз арзишҳои олӣ ва таъмини дахлнопазирии шахс вазифаи асосии давлату ҳукумат ба шумор меравад. Яке аз проблемаҳои асосие, ки микёси сайёраро фаро гирифтааст, савдои одамон ба шумор меравад, ки ҳамчун ҷинояти поймолкунандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шакли му-

[1] О внесении изменений и дополнений в Уголовный кодекс Российской Федерации: Федеральный законом от 8 декабря 2003 г., за № 162-ФЗ // Парламентская газета. – 2003. – № 231

осири ғуломӣ таҳти таваҷҷуҳи ҷиддии ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дорад. Хусусияти фаромиллӣ ва муташаккилии ҷинояти мазкур фаъолияти ҳамбаста, фарогир ва ҳамаҷониба бо ҳам мувофиқашудаи давлатҳоро тақозо менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бо ин зуҳуроти манфӣ дар канор набуда, дар самти мазкур як қатор тадбирҳои назррас ва мушахахасро роҳандозӣ намудааст. Арзиши олӣ ва эътироф намудани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ аз моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма гирифта, ҳамзамон мутобиқи моддаи 18 он дахлнопазирии шахсро давлат кафолат медиҳад[1].

Бояд зикр намуд, ки дар ин самт қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста дар ҷараёни такмил қарор дорад.

Ҳанӯз 15-уми декабри соли 2000 Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид зидди ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ ва протоколҳои иловагии он аз ҷумла, Протокол дар бораи пешгирӣ ва рафъи савдои одамон, хусусан занону кӯдакон ва ҷазо барои он ва Протоколи зидди воридкунии ғайриқонунии муҳоҷирон тавассути хушкӣ, баҳр ва ҳаво имзо ва 29-уми майи соли 2002, таҳти № 645 тасдиқ гардид. Дар баробари ин, аз ҷониби Тоҷикистон 26-уми декабри соли 1993 Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак, ки ба фурӯши кӯдакон, фоҳишагарии кӯдакон ва порнографияи кӯдакона дахл дорад ба тасвиб расид.

Бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми августи соли 2003, таҳти № 33 ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати бо таҳдиди татбиқи ҷазо манъ намудани кирдорҳои алоқаманд ба савдои одамон тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд.

Иқдоми нисбатан муҳим ин таҳия гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза ба хариду фурӯши одамон» аз 15-уми июли соли 2004, таҳти № 47 ва дар таҳрири нав Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» аз 26-уми июли соли 2014, таҳти № 1096 (минбаъд – Қонун) ба шумор меравад. Қонуни мазкур аз 9 боб ва 48 модда иборат аст[2].

Мавриди зикр аст, ҳадафи ин Қонун асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии муқовимат ба савдои одамон, системаи чораҳо оид ба ҳифз, расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон ва тавонбахшии онҳоро муқаррар карда, муносибатҳои ҷамъиятиро дар самти муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон танзим менамояд.

Зери мафҳуми «савдои одамон маънои бо мақсади истисмор ҷалб кардан, интиқол додан, супоридан, пинҳон кардан ё ба даст овардани одамон бо роҳи таҳдиди зӯроварӣ ё истифодаи он, ё дигар шаклҳои маҷбурнамоӣ, рабудани инсонҳо, қаллобӣ, фиребгарӣ, сӯистифода аз мансаб ё ҳолати оҷизӣ ё бо роҳи ришвадиҳӣ дар намуди маблағ ё фоида барои ба даст овардани розигии шахсе, ки шахси дигарро назорат менамояд, фаҳмида мешавад. Истисмор ҳадди ақал истифодаи фоҳишагарии шахсон ё дигар шаклҳои истифодаи шаҳвонӣ, меҳнати маҷбурӣ, ғуломӣ ё урфу одатҳои ба ғуломӣ монанд, вазъияти ноилоҷӣ ё гирифтани узвро дар бар мегирад». Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо Протокол дар шарҳи мафҳуми савдои одамон дар баробари ҷалб кардан, интиқол додан, пинҳон кардан ва супоридан, инчунин «пешниҳод намудан» ҳамчун амал пешбинӣ гардидааст, ки метавонад мушкилиҳоро дар амалия эҷод намояд.

Зери мафҳуми «пешниҳод намудан» дар савдои одамон аслан маънои пешниҳоди шифоҳӣ фаҳмида мешавад, зеро қадами минбаъдаи он дар савдои одамон «супоридани одам» ба шумор меравад. Инчунин, зарур аст, ки дар баробари пешниҳоди одам субъекти кирдори мазкур амалҳои минбаъдаро, ба монанди омода

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.1999, 22.06.2003 ва 22.05.2016). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 8.
[2] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – № 7 (қ. 1). – Мод. 393.

намудани ҳуҷҷати шахсе, ки ҳамчун қурбонии савдои одамон дода мешавад, паҳн намудани иттилооти дахлдор ва монанди инҳо, иҷро намояд. Вагарна исботи далели содир намудани ҷинояти мазкур душвор мегардад.

Мавзуи савдои одамон ин падидаи номатлуб на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми ҷаҳон реша давонда, ҳамасола ҳазорон нафар сокинони сайёра аз кишварҳои гуногун қурбонии чунин ҳолатҳо мешаванд. Вале оморҳои ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки бештар занону кӯдакон қурбонии ин гурӯҳҳо мегарданд. Одамон чӣ гуна қурбонии чунин гурӯҳҳо мешаванд? Бо кадом роҳҳо онҳоро ҷалб мекунанд? Дар ин корҳо кадом гурӯҳҳои манфиатхоҳ даст доранд? Чӣ бояд кард, то садди роҳи ин раванд гирифта шавад? Инҳо суолҳоеанд, ки ҷавоби худро меҳоҳанд.

Мутахассисон мегӯянд, ки бештари қурбониёни савдои одамонро ҷавонон ташкил медиҳанд. Ба доми чунин нафарон бештар афроде гирифтор мешаванд, ки аз оилаҳои осебпазиранд, ё ин ки вазъи молиявии бад доранд. Он оилаҳое, ки саробон надоранд ё ин ки вазъи молияшон хеле вазнин аст.

Чандин марҳилаҳои дурударозе ҳастанд, ки бо қурбониёни савдои одамон анҷом дода мешавад. Ин нафарон аввалан аз эътимолият кор мегиранд ва вақте онҳоро ба дом афтонданд, ба гирифтани ҳуҷҷатҳои шахсӣ гӯё барои қайд ё барои ҷойгир намудани қурбонӣ дар объекти таҳти назорат ё беҳуқуқ тарки ҳудуди он мебошад. Пас аз ин бо психологияи онҳо кор мекунанд, бо истифодаи зӯроварӣ, тарс додан, ҷазодиҳӣ, намоишкоронаи қурбонии дигар, то куштор, шиканҷа, гуруснагӣ ва дигар чораҳои ба инҳо монанд, рафтор мекунанд. Сипас, марҳилаи ба дигар кас фурӯхтан фаро мерасад. Равоншиносон низ мегӯянд, ки онҳо бо одамони заъиф бештар сару кор мегиранд ва онҳоро мағзшӯи карда, зуд ба доми худ гирифтор мекунанд. Онҳое, ки ба савдои одамон машғуланд, аз нигоҳи равонӣ низ бо қурбониёнашон назар мекунанд ва бо психикаи онҳо сарукор мегиранд.

Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф намудааст, ки хариду фурӯши одамон (ки онро трафик низ меноманд) дар шаклҳои гуногуни зуҳури худ (истисмори шаҳвонӣ ва меҳнатӣ, ғуломии маишӣ, ҷалб намудан ба иқтисодиёти ниҳонӣ ва ғайра) яке аз шаклҳои барои инсоният хатарноки фаъолияти ҷиноятконаи муташаккил ва вайронкунии ҳуқуқи инсон мебошад. Аз рӯйи иттилооти намояндаи САҲА оид ба мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон Хелги Конрад, ҳамасола танҳо ба давлатҳои Аврупо аз 200 то 500 ҳазор нафар одамон интиқол дода шуда, ба қурбониёни хариду фурӯши одамон шомил мегарданд; 60 фоизи онҳоро занҳо ва 40 фоизашонро мардҳо ташкил медиҳанд. Дар Россия бошад, мутобиқи иттилооти хонум Конрад, ҳамасола то 40 ҳазор нафар шахсон қурбонии хариду фурӯши одамон мешаванд. Тибқи иттилоӣ Департаменти давлатии ИМА, ҳамасола дар ҷаҳон зиёда аз 700 ҳазор нафар одамон фурӯхта ва тавассути сарҳадҳои давлатӣ интиқол дода мешавад. Аз рӯйи баҳодиҳии созмони ғайриҳукуматии байналмилалии API-Slayery international дар ҷаҳон зиёда аз 27 миллион одамон ба таври воқеӣ ғулом мебошанд.

Маълумоти оморӣ ба таври дақиқ ба болоравии савдои одамон дар бисёр кишварҳои ҷаҳон гувоҳӣ медиҳад. Агар дар давоми чор асри ғуломдорӣ гардиши он аз 12 миллион зиёд нашуда бошад, пас дар давоми 30 соли охир танҳо дар Осиё шумораи занону кӯдакон, ки ба асорати шаҳвонӣ фурӯхта шудаанд, ба 30 миллион нафар расидааст. Қисми зиёди ин тиҷорати зиддиинсонӣ дар дасти ташкилотҳои ҷиноятӣ қарор дорад.

Мувофиқи ҳисоботи СММ ҳамасола беш аз 4 миллион нафар одамон дар саросари ҷаҳон барои иҷрои корҳои маҷбурӣ аз сарҳадоти кишварҳои дигар гузаронида шуда, ин фаъолият ба синдикатҳои ҷиноятпеша соли хариду фурӯши одамон баробари хариду фурӯши моводи нашъаовар ва яроқ барои гурӯҳҳои муташаккили

ҷинояткор фаъолияти бештар даромаднок ва нисбатан бехавф маҳсуб меёбад[1]. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар мубориза бо савдои одамон фаъолтар гардонидааст. Дар м. 130 ва м. 167 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои савдои одамон бо мақсади истисмори меҳнатӣ ва шаҳвонӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ таъин гардида, ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то ҳашт сол пешбинӣ шудааст, ки ин ба андозаи кофӣ ҷазои сахт аст, ҳамчунин нисбат ба савдои одамон бо мақсади истисмори шаҳвонӣ, мутаносибан ба ҷазоҳо барои дигар ҷиноятҳои вазнин (масалан, таҷовуз). Дар моддаи 167 мафҳуми савдои кӯдакон, аз ҷумла фарзандхонии ғайриқонунӣ бидуни мақсади истисмор ба таври васеъ мушаххас шудааст; бинобар ин, муқаррар кардан душвор аст, ки чӣ қадар парвандаҳои тафтишшуда, оғозшуда ва маҳкумшуда аз рӯйи моддаи 167 унсурҳое дар бар мегиранд, ки ба таърифи маъмулии савдои одамон ҷавобгӯ мебошанд[2].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кӯшишҳо барои ҳимояи қурбониёни савдои одамон дастгирӣ менамояд. Тоҷикистон фаъолияти худро дар доираи ММҲ идома медиҳад, ки он тартиботи хаттии расмиро дар бар мегирад. Ҳукумат татбиқи чораҳоро оид ба пешгирии савдои одамон идома дода истодааст. Қонуни дар соли 2014 қабулшуда ва мубориза Ҳукумат бар зидди савдои одамон заминаи ҳуқуқӣ гузошт ва дар натиҷа комиссияи миллии байниидоравии муқовимат ба савдои одамон таъсис ёфт. Ин ниҳод вазифадор аст, ки ҳамоҳангсозии талошҳои Ҳукуматро дар мубориза бо савдои одамон ба роҳ монад.

Дар тартиботи хаттии расмӣ протоколҳои муоина, равонакунӣ ва дастгирии қурбониён тавсиф мешаванд. Аммо ҳамаи ин барои роҳнамоии кори байниидоравӣ дар мубориза бо савдои одамон кофӣ нест. Ҷинояти савдои одамон ба ҷамъият хавфнокии махсус дошта, ба ҷиддан поймол кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон таъсири манфии худро мерасонад. Мутаассифона, савдои одамон мушкили ҷиддии ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон боқӣ мемонад. Дар ҳамкории наздик бо ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон, донорҳо, Ҳукумати Тоҷикистон ва ниҳодҳои марбутаи дигар, СБМ дар Тоҷикистон фаъолияти худро дар ин самт идома медиҳад, то дар наҷоти қурбониён аз ин чоҳ саҳми худро бигзорад.

**ТДУ 343.431**

***Муллоҷонова Н. А.***
*Муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ*
*E-mail: Shukrona_78@mail.ru*

## МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ МУҚОВИМАТ БА САВДОИ ОДАМОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ТОРГОВЛЕ ЛЮДЬМИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

[1] *Хайдарзода З. П.* Правовые и организационные основы деятельности органов внутренних дел Республики Таджикистан по противодействию торговле людьми: монография / под научной редакции И. Ю. Захватова. – Душанбе: «Мехроч-Граф», 2020. – С. 10-11.
[2] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, таҳти № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. – № 9. – Мод. 68-69 (ҚҶТ аз 19.07.2022, № 1896).

Дар Тоҷикистони муосир имрӯзҳо сулҳу ваҳдати миллӣ ҳукмрон аст ва чунин вазъияти оромро то андозае вазъи ҷиноят ва ҷинояткорӣ халалдор менамояд. Тибқи талаботи моддаи 17 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) «Кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) содиршудаи гунаҳгоронаи барои ҷамъият хавфноке, ки ҳамин Кодекс бо таҳдиди татбиқи ҷазо манъ кардааст, ҷиноят эътироф мешавад. Ҷинояткорӣ бошад, унсури таркибии яке аз фанҳои таълимӣ ва соҳаи алоҳидаи илм буда, ҳодиса ва ё зуҳуроти таърихан тағйирёбанда ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба масъалаи вазъияти ҷинояткорӣ зимни ироаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» санаи 21 декабри соли 2021 қайд гардид, ки «Муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир яке аз сарчашмаҳои асосии маблағгузории терроризми байналмилалӣ ба ҳисоб рафта, бо дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, аз ҷумла, ифротгароӣ, савдои одамон ва хариду фурӯши силоҳ робитаи ногусастанӣ дорад.

Аз ин лиҳоз, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои марбутаи кишварро зарур аст, ки фаъолияти худро дар самти пешгирӣ ва мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ба таври ҷиддӣ тақвият бахшида, тамоми имкониятҳоро барои ошкор намудани гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятпеша ва қочоқи маводи мухаддир сафарбар намоянд»[1].

Дар замони муосир яке аз намудҳои ҷиноятҳое, ки ба шахсият, манфиати шахсият хавфи ҷиддӣ ба миён меоваранд, ин «Савдои одамон» (м. 130(1)) ва ҷиноятҳои бо савдои одамон алоқаманд («Одамрабоӣ» – б. «б» ва «в» қ. 3 м. 130); «Ғайриқонунӣ маҳрум кардан аз озодӣ» (б. «б» қ. 3 м. 131); «Савдои кӯдакон» (м. 167); «Истифодаи ноболиғ бо мақсади истеҳсол намудани мавод ё предметҳои порнографӣ» (м. 241(2)); «Ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қ. 3 м. 335); «Ташкили воридшавии ғайриқонунии шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ташкили гузариши транзитии ғайриқонунӣ ба воситаи ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қ. 3 м. 335(1)); «Ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ» (м. 335(2)); «Тасарруф ё вайрон кардани ҳуҷҷат, штамп, муҳр» (қ. 3 м. 339); «Сохтакорӣ, тайёр кардан ё ба соҳибияти каси дигар додани ҳуҷҷат, мукофоти давлатӣ, штамп, муҳр ва бланкаҳои қалбакӣ» (қ. 3 м. 340) КҶ ҶТ мебошанд, ки муқовимат ва мубориза бар зидди бештари онҳо хусусияти байналмилалӣ гирифтааст.

Савдои одамон дар намуди мустақил вуҷуд доштанаш мумкин нест ва хоҳу ноҳоҳ дар бисёр ҳолатҳо бо дигар ҷиноятҳои мушаххас алоқаманд аст ва пайваста мебошад. Савдои одамон – ба навъи муосири ғуломдорӣ мубаддал гардида, бо поймолкунии бераҳмонаи ҳуқуқҳои инсон вобастагӣ дорад. Дар натиҷаи содиршавии ин ҷиноят одам аз «шахсият» ба «чиз» табдил меёбад, ки мумкин аст, харида ва ё фурӯхта шавад. Савдои одамон – раванди мураккабест, ки дар он қурбонӣ як қатор марҳилаҳои гуногунро, аз қабили пешниҳод намудан, ҷалб кардан, интиқол, пинҳон кардан, супоридан ё гирифтан бо истифодаи маҷбуркунӣ, рабудан, фиреб ва ғайра, ки онро поймол кардани ҳуқуқҳои инсон ташкил медиҳанд, ба одамон таҳдиди қурбонишавиро дар ҳар як марҳилаи номбурда, таҳдиди маҳрум шудан аз озодӣ, шаъну шараф, инчунин ҳаёт ва саломатӣ, набудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ ё ёрии тиббӣ, набудани шароитҳои санитарӣ, дастрасӣ ба таҳсил ё тамос бо оила, ки ба озодии ҷисмонии шахс таҳдид мекунанд, мегузарад.

То имрӯз дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи номбурда аз тарафи олимону мутахассисони зиёди ватаниву хориҷӣ тадқиқ шудааст.

---

[1] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми декабри соли 2021 // [Захираи электронӣ]. – URL: www.Prezident.tj. (санаи муроҷиат: 10.10.2023).

Бо мақсади такмил додани қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муқовимат бо савдои одамон соли 2019 як қатор тағйирот ва иловаҳои назаррас ворид карда шуданд.

Ҳамин тавр, дар моддаи 130(1) КҶ ҶТ мафҳуми нави савдои одамон муқаррар карда шуда, аломатҳои иловагии он ба диспозитсияҳои ин меъёр дохил карда шуданд. Моддаҳои 130(2) «Истифодаи меҳнати ғуломона» ва моддаи 132 КҶ ҶТ «Ҷалби одамон барои истисмор» хориҷ карда шуданд. Барои бартараф кардани камбудиҳои мавҷудаи меъёрҳои моддаи 130(1) КҶ ҶТ ва моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон»[1] аз 26-уми июли соли 2014, таҳти № 1096 мафҳуми нави савдои одамон муқаррар карда шудааст, ки бешубҳа боиси дастгирӣ мебошад.

Маълумоти Созмони Байналмилалии Муҳоҷират нишон медиҳад, ки шумораи ҳодисаҳои савдои одамон дар 11 соли охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб ду баробар афзудааст ва қариб 700 шаҳрванди кишвар қурбонии ин ҷиноят шудаанд[2]. Қисми асосии ин шаҳрвандон (347 нафар) духтарон ва занони синну соли гуногун мебошанд.

Тибқи маълумоти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, танҳо дар соли 2018 мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 44 парвандаи ҷиноятиро бо моддаҳои 130(1), 132 ва 167 Кодекси ҷиноятӣ, соли 2019 бошад, 29 парвандаи ҷиноятӣ ва соли 2020 бошад, 3 парвандаи ҷиноятӣ бо ҳамин моддаҳо оғоз карда шудаанд[3].

Аммо ба муқовимати ҳамаҷониба нигоҳ накарда, солҳои охир ин намуди ҷиноятҳо, аз ҷумла савдои одамон ҳамоно зиёд шуда истодааст.

Содиршавии шумораи чунин ҷиноятҳо вобаста ба шароити иқтисодиёти ҳифзнашудаи як қатор аҳолӣ, бекорӣ, ба даст овардани фоида, мастӣ ва ғайра ҳолатҳои номатлуб мебошад, ки шахсро барои содир намудани ин гуна ҷиноятҳо водор месозад.

Бесабаб Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид накарда буданд, ки «Мо ҳанӯз дар оғози марҳилаи демократикунонии ҷомеа ва саргоҳи роҳи дурударози ташаккули давлати воқеан демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ қарор дорем. Ба итминони комил гуфта метавонем, ки бо гузоштани қадамҳои устувор ва пай дар пай дар ин роҳ ба мо муяссар шуд, ки ҷомеаи кишварро ворид низоми демократӣ намоем».

Дар айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити тамоман нави таърихӣ, сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоӣ қарор дорад. Давлати мо тавонист, ки дар як муддати кӯтоҳ аз бӯҳрони ниҳоят шадиди сиёсӣ-зиддияту низоъҳои дохилӣ ва мушкилоти вазнини иқтисодӣ баромада, имрӯз ба як давлате табдил ёбад, ки дар он низоми ҳуқуқӣ хеле мутараққӣ ва муосир амал мекунад.

Омили асосии пешрафти давлат ташаккули низоми пешрафти ҳуқуқӣ ва устувории қонуният дар ҷомеа мебошад. Ҳама муносибатҳо бояд дар асоси ҳуқуқ танзим карда шаванд, ҳамаи одамон тобеи ҳуқуқ бошанд, қонун муқаддас дониста шавад ва бечунучаро риоя гардад.

Инчунин, мувофиқи мақсад мебуд, агар санксияи моддаи 130(1) КҶ ҶТ вазнинтар карда шавад.

[1] Ахбори Маљлиси Олии Љумњурии Тољикистон. – 2014. – № 7 (қ. 1). – Мод. 393.
[2] Сомонаи расмии Созмони Байналмилалии Муњољират. Бюро дар Федератсияи Россия // [Захираи электронӣ]. – URL: http://moscow.iom.int/ (санаи муроҷиат: 08.09.2023).
[3] Сомонаи расмии Суди Олии Љумњурии Тољикистон // [Захираи электронӣ]. – URL: http:// sud.tj/ (санаи муроҷиат: 20.09.2023).

**ТДУ 341.24+343.1**

***Назаров А. Қ.***
*Мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
*E-mail: avazjonn@mail.ru*

# ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР САМТИ МУҚОВИМАТ БА САВДОИ ОДАМОН

## МЕЖДУНАРОДНОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО В ОБЛАСТИ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ТОРГОВЛЕ ЛЮДЬМИ

Ҳамкории байналмилалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хусусиятҳо ва мушкилоти ба худ хосси тафтишотро дорад ва баъзан метавонад самти нодуруст интихоб карда шавад.

Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз ҳама мушкилот ва нокомиҳои эҳтимолӣ, ҳамкории байналмилалӣ аҳамияти бузург дошта, барои ноил шудан ба муваффақият дар мубориза мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бар зидди савдои одамон, ҷиноятҳои муташаккили байналмилалӣ зарур аст.

Санади якуми қабулкардаи ҷомеаи ҷаҳонӣ оид ба мушкилоти савдои одамон ин Даъватҳои Конференсияи Лондон оид ба мубориза ба муқобили савдои занон бо мақсадҳои истифодабарии шаҳвонӣ (соли 1899) ва бастани созишномаҳои бисёрҷониба ва ташкили кумитаҳои дахлдори миллӣ буд[1].

Соли 1904 ҳуҷҷати аввалини ҳатмӣ – Шартномаи байналмилалӣ оид ба мубориза бо савдои ғуломони сафедпӯст қабул шуда буд, ки барои мубориза бо ин падидаҳо равона карда шуд. Ҳамин тавр, истилоҳи «ғуломони сафедпӯст» ба вуҷуд омад[2]. Дар он вақт диққати асосӣ ба занони Британияи Кабир дода мешуд, ки дар кишварҳои қитъаи Аврупо ба фоҳишагӣ маҷбур карда мешуданд.

Соли 1910 Конвенсияи байналмилалӣ оид ба мубориза ба муқобили савдои ғуломони сафедпӯст қабул карда шуд, ки тибқи Конвенсия кишвари тасдиқкарда уҳдадор шуд, ки шахси ба занҷаллобӣ машғулшударо ҷазо диҳад[3].

Таҳти сарпарастии Лигаи Миллатҳо соли 1921 «Конвенсияи мубориза ба муқобили савдои одамон» қабул карда шуд. Конвенсия таъқиботи ҷиноятиро нисбат ба шахсоне, ки савдои кӯдаконро содиркунанда, пешбинӣ мекард.

Соли 1926 Конвенсия дар бораи ғуломдорӣ қабул гардид, ки дар он таърифи истилоҳҳои «ғуломдорӣ» ва «ғуломфурӯшӣ» чӣ гуна фаҳмида мешавад, дода шуда буд[4].

Конвенсияи байналмилалӣ оид ба мубориза бо савдои занон соли 1933 қабул гардида, давлатҳои иштирокчиро уҳдадор намуд, ки шахсоне, ки ба савдои занон, сарфи назар аз розигии зан машғул мешаванд, ҷазо диҳанд.

Принсипи ҳамкории давлатҳо яке аз принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Меъёрҳои аз тарафи умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ

---

[1] *Левченко Е.* Международные документы и соглашения против торговли женщинами // [Электронный ресурс]. – URL: Женские миры – 99. Западный опыт и гендерные исследования в России. (owl.ru) (дата обращения: 10.09.2023).

[2] *Ванюшёва Я. В.* Коррупционные факторы, способствующие торговле людьми // Евразийская адвокатура. – 2016. – № 5(30). – С. 80-96.

[3] *Ванюшёва Я. В.* Асари зикршуда. – С. 80-96.

[4] *Ванюшёва Я. В.* Асари зикршуда. – С. 95.

дар соҳаи мубориза бар зидди савдои одамон дар як қатор декларатсияю конвенсияҳои байналмилалӣ, протоколҳои онҳо, инчунин резолютсияҳо ва тавсияҳои ташкилотҳои байналмилалӣ қайд карда шудаанд.

Аз ибтидои асри XX дар ин самт як қатор санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ қабул карда шудаанд: Конвенсияи СММ дар бораи мубориза бар зидди савдои одамон ва истисмори фоҳишагӣ аз 21-уми марти соли 1950; Конвенсияи иловагии СММ дар бораи барҳам додани ғуломӣ ва савдои ғулом аз 7-уми сентябри соли 1956; соли 1989 Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак қабул карда шуд, ки якчанд моддаҳои бевосита ба савдои кӯдакон дахл дорад. Аз ҷумла, моддаи 32 Конвенсияи мазкур тарафҳоро уҳдадор мекунад, ки кӯдаконро аз истисмори иқтисодӣ ва аз ҳама гуна корҳое, ки барои ҳаёт ва саломатии онҳо хатарнок аст, ҳифз намоянд. Инчунин моддаи 34 Конвенсия давлатҳоро уҳдадор мекунад, ки кӯдаконро аз ҳамаи намудҳои истисмори шаҳвонӣ ва зӯроварӣ ҳифз намоянд. Бар замми ин, Конвенсия ба кӯдакон ҳуқуқи дастгирии иҷтимоӣ ва моддиро медиҳад, ки барои пешгирӣ намудани ғайриқонунӣ баровардан ё савдои кӯдакон зарур мебошад. Тибқи моддаи 39 давлатҳои иштирокчӣ уҳдадоранд, ки табобат ва муносибати заруриро ба ҷабрдидагони савдо барои беҳтар гардонидани ҳамгироии иҷтимоии онҳо таъмин намоянд[1].

Соли 1993 Конференсияи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон «Эъломияи Вена»-ро қабул намуд, ки моддаи 18 он ба муқовимат ба савдои занон бахшида шудааст. Дар Эъломия фоҳишагӣ ҳамчун сабаби аввалини савдои одамон баррасӣ карда намешавад, балки баръакс савдои одамон чун сабаби баъзе намудҳои зӯроварӣ бар зидди занон гардидааст.

Эъломия ба мушкилоти савдои одамон дар ҳошияи зӯроварӣ бар зидди занон дахл намуда, аз ҷумла савдои занон ва маҷбур намудани онҳоро ба фоҳишагӣ ба намудҳои зӯроварӣ бар зидди занон мансуб медонад.

Соли 1995 дар Пекин Конференсияи байналмилалии чорум оид ба вазъияти занон барпо гардид. Дар қатори дигар масъалаҳо, дар он масъалаи савдои занон баррасӣ карда шуд. Иштирокчиёни конференсия қайд намуданд, ки «Мубориза самаранок бо савдои занон ва духтарон бо мақсади фоҳишагӣ, мушкилоте мебошад, ки ҷомеаи байналмилалиро ба ташвиши ҷиддӣ овардааст»[2]. Баррасии масъалаи татбиқи Конвенсияи соли 1949 «Оид ба мубориза бо савдои одамон ва истисмори онҳо аз тарафи шахсони сеюм» ва ҳамчунин санадҳои дигари дахлдор ва баланд бардоштани самаранокии онҳо зарур аст.

Январи соли 1997 дар сессияи 51 Ассамблеяи Генералии СММ ду қатъънома – № 51/65 «Зӯроварӣ бар зидди заноне, ки барои дарёфти кор муҳоҷират мекунанд» ва № 51/66 «Савдои занон ва духтарон» қабул шуда буд.

Протоколи факултативии № 2 ба Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак оид ба савдои кӯдакон, танфурӯшии кӯдакон ва порнографияи кӯдакон аз 25-уми майи соли 2000; Конвенсияи СБМ таҳти № 182; Конвенсияи зидди ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ ва Протоколи иловагии он аз 15-уми ноябри соли 2000 қабул карда шуд.

Асоси ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бо савдои одамон Конвенсияи СММ алайҳи ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ аз соли 2009 ва Протоколи иловагии он оид ба пешгирӣ, ҷилавгирӣ ва муҷозоти савдои одамон мебошад.

---

[1] Международно-правовые основы борьбы с незаконной миграцие и торговля людьми: Сб. док. / Сост. В. С. Овчинский. – М.: ИНФРА-М, 2004. – 300 с.; Конвенции и соглашения // Официальный сайт ООН [Электронный ресурс]. – URL: Конвенции и соглашения за 2010-2019 гг. – Декларации, конвенции, соглашения и другие правовые материалы (un.org) (дата обращения: 10.09.2023).

[2] Женщиный и гендерное равенство. Четвертая Всемирная конференция по положению женщин // Официальный сайт ООН [Электронный ресурс]. – URL: https://www.un.org/ru/ conferences/ women (дата обращения: 10.09.2023).

Таҷрибаи беш қариб сисолаи мавҷудияти ИДМ нишон медиҳад, ки муттаҳид кардани талошҳои кишварҳои узви ИДМ дар мубориза бо ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, аз ҷумла савдои одам дар фазои пасошӯравӣ аҳамияти худро гум намекунад. Вобаста ба ин, таҳлили механизмҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалии дар ИДМ амалкунанда барои мубориза бо ин амалҳои ғайриқонунӣ бамаврид аст. Масъалаи мубориза бо савдои одамон бори нахуст дар Созишномаи ҳамкории кишварҳои узви ИДМ дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ аз 25-уми ноябри соли пешбинӣ шудааст. Ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ИДМ оид ба масъалаи баррасӣ дар асоси Конвенсия оид ба кӯмаки ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ доир ба парвандаҳои маданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ, ки 22-юми январи соли 1993 дар шаҳри Минск ба имзо расида буд, сурат мегирад. Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди савдои одамон, узвҳо ва бофтаҳои инсон аз 25-уми ноябри соли 2005 низ дар ин самт як қадами муҳим буд. Барои мубориза бо ин амалҳои ғайриқонунӣ дар дохили ИДМ механизмҳои гуногуни ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ истифода мешаванд. Дар сатҳи сарони давлатҳо Барномаҳои ҳамкорӣ барои давлатҳои аъзои ИДМ дар самти мубориза бо савдои одамон (барои солҳои 2007-2010, 2011-2013, 2014-2017) қабул карда шудаанд. Заминаи ҳамаҷонибаи ҳуқуқии ҳамоҳангсозии мубориза бар зидди савдои одамон фароҳам оварда шудааст: Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ дар соли 2008 лоиҳаи се санади намунавии қонунгузориро – оид ба мубориза бар зидди савдои одамон, расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон, дар бораи муттаҳид кардан ва бо ҳам мувофиқ кунондани қонунгузории мамлакатҳои ИДМ дар ин соҳа. Дар солҳои 2000-ум Шӯрои вазирони корҳои дохилии кишварҳои ИДМ як қатор ҳуҷҷатҳоеро қабул намуд, ки ба мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккил, аз ҷумла зидди савдои одамон нигаронида шудаанд, Рӯйхати маълумотҳоеро, ки ба Бонки байнидавлатии иттилоот пешниҳод шудаанд, тасдиқ карданд. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои ИДМ фаъолиятро оид ба доираи васеи проблемаҳои мубориза бо савдои одамон, ки дар барномаҳои байнидавлатӣ пешбинӣ шудаанд, аз ҷумла дар шакли қаламрави давлатҳои иштирокчӣ андешидани тадбирҳои комплексӣ ва амалиёти махсус ҳамоҳанг мекунанд.

Бо арзёбии вазъ ва тамоюлҳои умумии мубориза бар зидди савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд қайд кард, ки сарфи назар аз натиҷаҳои муайяни мусбат дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар соҳаи баррасишаванда, сатҳи баланди латентии ин намуди ҷиноят боқӣ мемонад. Ин маълумотҳо аз пажуҳишҳои мухталиф ва иттилооти созмонҳои байналмилалӣ ва ғайридавлатӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки теъдоди қурбониёни савдои одамонро, ки барои кӯмак ба онҳо муроҷиат кардаанд, инъикос мекунанд.

Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бо ҷиноятҳо дар соҳаи савдои одамон мавқеи хеле муҳимро ишғол мекунанд. Ҳамин тариқ, омӯзиши фаъолияти Созмони Паймони Амнияти Дастаҷамъӣ (минбаъд – СПАД) нишон медиҳад, ки он дар мубориза бо савдои одамон ҷойгоҳи хоса дорад. Созмони Паймони Амнияти Дастаҷамъӣ ташаббуси фаъолсозӣ ва амиқсозии минбаъдаи ҳамкорӣ дар самти мубориза бо савдои одамон бо мақомоти салоҳиятдори СММ, САҲА ва ИДМ мебошад. Дар формати СПАД ҳамасола маҷмӯи чорабиниҳои оперативӣ-пешгирикунанда ва амалиёти махсус ҷиҳати мубориза бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва савдои одамон гузаронида мешавад, ки ба ошкор ва ҷилавгирӣ аз амалҳои ҷиноии бахшида шудаанд. Бо ҳамин мақсадҳо машваратҳои сершумор ташкил ва гузаронида мешаванд, ки барои муайян кардани миқёс ва муайян кардани сатҳи латентнокии ҷиноятҳои марбут ба савдои одамон нигаронида шудаанд. Иштирокчиёне, ки имкони идомаи корҳоро оид ба ташкил ва гузаронидани корҳо дар формати СПАД маҷмӯаҳои инфиродии мақсадноки чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва амалиёти махсуси муқовимат ба фаъолияти иттиҳодияҳои муташаккили ҷиноӣ дар соҳаи «савдои одамон»-ро муайян мекунанд.

Созмони дигари муҳимми байналмилалие, ки бо ҷинояткорӣ дар ин самт мубориза мебарад, Интерпол мебошад, ки ҳадафи он ба ҳама мақомоти миллии ҳифзи ҳуқуқ дар кӯшиши ҳалли ин мушкилот ва баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ аз он мусоидат мекунад. Интерпол бо бисёр ҳукуматҳо ҳамкорӣ мекунад, то дар мубориза бар зидди зуҳуроти савдои одамон кӯмак расонад[1]. INTERPOL ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи миллӣ воситаҳо ва захираҳо медиҳад, то созмонҳоеро, ки паси муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва савдои одамон, муайян кунанд[2].

Проблемаи мубориза бар зидди савдои одамон имрӯз ҳам ниҳоят муҳим боқӣ мемонад. Аксари субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки мақсади онҳо мубориза бо ин падидаи номатлуб мебошад, дар ин самт бо баровардани миқдори зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқии аз ҷониби дигар субъектони ҳуқуқи байналмилалӣ амалӣ гардида, субъекти ҳуқуқии худро муайян менамоянд.

Имрӯз дар ИДМ барои ин самти муҳими муборизаи муштарак бо ҷиноятҳои муташаккил заминаи ҳамаҷонибаи ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудааст. Дар ин замина шартномаҳои байналмилалиро метавон зикр кард:

– Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ аз 25-уми ноябри соли 1998;

– Созишнома дар бораи ҳамкории давлатҳои аъзои ИДМ дар масъалаи баргардонидани ноболиғон ба давлатҳои истиқомати доимӣ аз 7-уми октябри соли 2002;

– Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди савдои одамон, узвҳо ва бофтаҳои инсон аз 25-уми ноябри соли 2005;

28-уми ноябри соли 2006 сарони ҳашт кишвари ИДМ (Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ҷумҳурии Арманистон, Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Қазоқистон, Қирғизистон, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Украина) Барномаи ҳамкории давлатҳои аъзои ИДМ дар мубориза бар зидди савдои одамон барои солҳои 2007-2010 қабул намуданд.

Барномаи мазкур фарогирандаи масоилҳои зер мебошад:

– тавсеа ва таҳкими заминаи ҳуқуқии байналмилалии ҳамкорӣ;

– такмил ва ҳамоҳангсозии қонунгузории миллӣ;

– гузаронидани амалҳои ҳамоҳангшудаи мурофиавӣ, чорабиниҳои пешгирикунанда, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва амалиёти махсус;

– таъминоти иттилоотӣ ва илмии ҳамкорӣ;

– татбиқи пайвастаи муқаррароти ҳуҷҷатҳои бунёдии СММ дар ин самт;

– хамкорӣ дар тайёр кардан ва такмили ихтисоси мутахассисон.

Дар мубориза бар зидди савдои одамон ба мақомоти махсуси ИДМ, аз қабили Шӯрои вазирони корҳои дохилӣ, Шӯрои роҳбарони мақомоти амниятӣ ва хадамоти махсус, Шӯрои ҳамоҳангсозии додситонҳои генералӣ, Бюрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мубориза бо ҷиноятҳои муташаккил ва дигар намудҳои ҷиноятҳои хатарнок ба роҳ монда шудааст. Барнома ба онҳо ҷиҳати амалӣ намудани чорабиниҳои ҳамоҳангшудаи мурофиавӣ, пешгирию тафтишотӣ ва амалиёти махсус оид ба мубориза бар зидди савдои одамон ва пеш аз ҳама, муайян ва аз байн бурдани каналҳои воридот ва содироти қурбониёни савдои одамон, муайян ва рафъи фаъолиятҳои марбут ба ҷиноятҳои савдои одамонро пешбинӣ менамояд.

Рӯзҳои 23-24-уми майи соли 2012 дар шаҳри Москав таҳти сарпарастии Котиботи Созмони Паймони Амнияти Дастаҷамъӣ ва Бюрои Созмони Байналмилалии Муҳоҷират дар Москав «Мизи мудаввар»-и байналмилалӣ дар мавзуи «Такмили

[1] *Котляров И. И., Пузырева Ю. В.* Международная организация уголовной полиции: история и современность // Вестник Московского университета МВД России. – 2016. – № 8. – С. 27.

[2] *Эриашвили Н. Д., Иванова Ю. А., Шохов К. Е.* Интерпол как ключевая международная организация в области противодействия экологическим преступлениям и изобличения лиц их совершивших // Вестник экономической безопасности. – 2021. – № 3. – С. 67-75.

ҳамкориҳо байни мақомоти салоҳиятдори ташкилотҳои байналмилалӣ дар мубориза бар зидди савдои одамон» гузаронида шуд.

Дар мизи мудаввар роҳбарони сохторҳои қудратии кишварҳои узви СПАД, ки дар мубориза бо савдои одамон машғуланд, намояндагони мақомоти салоҳиятдори оинномавӣ ва сохторҳои ҳамкории саноатии ИДМ, шуъбаҳои дахлдори СММ, САҲА, котиботи СПАД ширкат доштанд. Иштирокчиёни «Мизи мудаввар» аҳамияти баланди нақшаи глобалии амалиёти Созмони Милали Муттаҳид оид ба мубориза бо савдои одамонро, ки аз ҷониби Ассамблеяи Генералӣ моҳи июли соли 2010 қабул шуда буд, қайд намуда, аҳамияти самти амалии ҳамкории байналмилалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар тафтишоти парвандаҳои ҷиноӣ таъкид намуданд.

Дар мизи мудаввар зарур дониста шуд, самаранокии пешгирии савдои одамон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани гунаҳкорон, ҳимоя ва барқарор намудани ҳуқуқҳои қурбониёни савдои одамон зарур аст. Иштирокчиёни мизи мудаввар қайд карданд, ки яке аз мушкилиҳои муҳим, ки дар солҳои охир ҷомеаро ба ташвиш овардааст, савдои одамон, ки шакли муосири ғуломӣ ба ҳисоб меравад, бо мақсади истисмори меҳнатӣ ва шаҳвонӣ, гирифтани узв ва бофтаҳои инсон, талбандагӣ ва истисмори маҷбурӣ гардидааст. Дар дигар соҳаҳо ва бо вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон, ки дар қонунгузории байналмилалӣ ва миллӣ пешбинӣ шудаанд, сурат мегирад.

Ба вазифаҳое, ки давлатҳо дар раванди ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бар зидди ҷинояти савдои одамон ҳал мекунанд, аз инҳо иборатанд:

1) созишнома дар бораи гурӯҳбандии ҷиноятҳое, ки барои якчанд ё ҳамаи давлатҳо хавф доранд;

2) ҳамоҳангсозии тадбирҳо оид ба пешгирӣ ва рафъи чунин ҷиноятҳо;

3) муқаррар намудани тобеияти тафтишии ҷиноятҳо ва ҷинояткорон;

4) таъмини ногузирии ҷазо;

5) расонидани ёрии ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, аз ҷумла супоридани ҷинояткорон[1].

Барномаҳои амали давлатҳо ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ чӣ дар сатҳи байналмилалӣ ва ҳам дар сатҳи миллӣ се самти асосии фаъолиятро дар соҳаи мубориза бар зидди савдои одамон таъкид мекунанд:

– пешгирӣ (гузаронидани маъракаҳои иттилоотӣ барои гурӯҳҳои осебпазир, барои мутахассисоне, ки вобаста ба фаъолияти худ ба мушкилоти савдои одамон дучор мешаванд, инчунин барои оммаи васеъ; таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимӣ);

– кӯмак ба қурбониёни савдои одамон ва ҳифзи онҳо (тадбирҳо оид ба офиятбахшӣ ва реинтегратсияи қурбониён);

– таъқиб ва ҷазо (ташкили заминаи қонунгузорӣ ва ҳифзи ҳуқуқ бо мақсади ошкор ва муҷозот кардани ҷинояткороне, ки савдои одамонро ташкил мекунанд).

Айни замон корҳо оид ба ҳамоҳангсозии қонунгузории миллии давлатҳои аъзои ИДМ бо роҳи таҳия ва ворид намудани Кодекси ҷиноии намунавии мавҷудаи давлатҳои аъзои ИДМ бо мақсади ягона кардани мафҳуми «савдои одамон» моддае, ки ҷавобгарӣ барои савдои одамонро пешбинӣ мекунад, идома дорад.

Нақшаи глобалии амалиёти СММ оид ба мубориза бо савдои одамон дар соли 2010 ва хазинаи ихтиёрии боварии СММ барои қурбониёни савдои одамон, бахусус занон ва кӯдаконро таъсис дод, ки аз ҷониби СММ идора карда мешавад. Сарфи назар аз он ки ҳамасола кишварҳои узв ва донорҳои бахши хусусӣ ба Фонди мазкур 400 ҳазор доллари амрикоӣ ворид мекунанд.

---

[1] *Игнатенко Г. В.* Международное право и внутригосударственное право: проблемы сопряженности и взаимодействия: сб. научных публикаций за сорок лет (1972-2011 годы). – М., 2012. – С. 416.

Мубориза муассир бо ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ бидуни назардошти вижагиҳои минтақавӣ ғайриимкон аст, аз ин рӯ, 31-уми январи соли 2018 САҲА нақшаи амалиёти муштаракро барои солҳои 2018-2019 ба имзо расониданд, ки дар 12 самт, ки яке аз онҳо мубориза бо савдои одам мебошад. Ҳамкориҳои расмӣ дар асоси нақшаҳои амалиёти муштарак байни САҲА ва UNODC соли 2011 ба роҳ монда шуда буд, ки ин нақшаи чорум аст.

Барои такмил додани заминаи ташкилии ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бо савдои одамон, имкони таъсиси гурӯҳи кории доимӣ барои ҳамоҳангсозии фаъолияти муштарак дар ин самт бамаврид аст. Дар доираи ҳамкориҳои байнидавлатӣ гузаронидани тадқиқоти махсус, ки ба омӯзиши вазъи воқеии савдои одамон, равишҳои асосии муайян кардани унсурҳои таркибии ҷиноят, баҳодиҳии ҳуқуқии онҳо ва таҳияи механизми самараноки мубориза бо онҳо нигаронида шудааст, ба мақсад мувофиқ аст. Мубодилаи таҷрибаи байналмилалӣ дар самти мубориза бо савдои одамон, баланд бардоштани малакаи мутахассисон, табодули маълумот дар бораи ҷиноятҳо ва шахсони ба он дастдошта муҳим ба назар мерасад.

Дар робита ба мавҷуд набудани талаботи ягона оид ба пешниҳоди маълумот оид ба хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии савдои одамон, ба мақсад мувофиқ аст, ки масъалаи таҳияи стандартҳои чунин бақайдгирӣ ва ташкили махзани ягонаи иттилоотӣ оид ба шумораи ҷиноятҳо, қурбониёни савдои одамон ва шахсони ба савдои одамон ҷалбшуда, инчунин маркази иттилоотӣ бо мақсади истифодаи имкониятҳои он барои шаклҳои соддакардашудаи ҳамкорӣ дар ошкор ва тафтиши савдои одамон ба роҳ монда шавад. Дар чаҳорчӯбаи созишномаҳои байнидавлатӣ мониторинги вазъ дар соҳаи мубориза бар зидди савдои одамон ва фаъолияти оммавӣ – тарбиявӣ бо истифода аз воситаҳои ахбори омма пешбинӣ кардан ба мақсад мувофиқ аст.

Зарур аст, ки дар ин самт аз захираҳои Шабакаҳои интернетӣ фаъолонатар истифода бурда шавад, зеро аз як тараф, бештари одамон аз онҳо истифода мебаранд, аз ҷониби дигар, ҷинояткорон низ технологияҳои муосирро истифода мебаранд ва қисми зиёди амалиёти ҷиноятии марбут ба савдои одамон ба фазои маҷозӣ фаъолона ҳаракат мекунанд (ҷалб кардани қурбониёни эҳтимолӣ тавассути сайтҳои интернетӣ, саноати порнографӣ, – «гуфтушунидҳои» шаҳвонӣ бо ноболиғ бо мақсади ҷалби алоқаи ҷинсӣ ва ғ.). Ба таҳияи тадбирҳое, ки ба эътидол овардани равандҳои муҳоҷират ва беҳтар намудани назорати сарҳад нигаронида шудаанд, таваҷҷӯҳи махсус бояд дод. Мунтазам такмил додани тахассуси касбии кормандони хадамоти муҳоҷират, гумрук ва сарҳад зарур аст.

Ҷиҳати беҳтар намудани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ нисбат ба ин намуди ҷиноятҳо чораҳои зеринро андешидан зарур аст, аз ҷумла: баланд бардоштани самаранокии иҷрои дархостҳои ташкилотҳои байналмилалӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои хориҷӣ, ки тавассути каналҳои Интерпол ирсол мешаванд; такмил додани ҳамкориҳо ва ҳамоҳангсозии кӯшишҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳое, ки аъзои ИДМ мебошанд, барои ҷилавгирӣ аз фаъолияти ҷиноии шахсоне, ки воқеан ин намуди тиҷорати ҷиноятиро ташкил мекунанд ё назорат мекунанд.

Дар доираи созмонҳои байналмилалии минтақавӣ таъсиси мақомҳои ҳамоҳангсоз (ИДМ, САҲА, СПАД ва ғайра) бо мақсади беҳтар намудани мубориза бар зидди ҷиноятҳои марбут ба савдои одамон ба мақсад мувофиқ аст. Ба чунин мақомоти ҳамоҳангсоз бояд намояндагони давлатҳо, ки кормандони мақомоти салоҳиятдоре мебошанд, ки барои мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи савдои одамон ваколатдор мебошанд, дохил карда шаванд. Савдои одамон мушкилоти глобалӣ буда, барои ҳалли он стратегияи васеи миқёсро дар асоси кӯшишҳои миллӣ таҳия кардан зарур аст.

**УДК 343.431+341.1**

***Попович М.***
*Ассистент кафедры международного права юридического института Российского университета дружбы народов имени Патриса Лумумбы*
*E-mail: milicapopovic209@yahoo.com*

# МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВЫЕ АСПЕКТЫ БОРЬБЫ С ТОРГОВЛЕЙ ДЕТЬМИ И ПРИНУДИТЕЛЬНЫМИ БРАКАМИ

**В** последние годы торговля людьми стала одним из наиболее прибыльных явлений на международной арене, однако по размеру получаемой прибыли уступает торговле наркотиками и оружием. Многие организации и ученые считают, что трудовая эксплуатация гораздо более распространена, чем сексуальная, что подтверждается тем фактом, что рынок труда гораздо шире, чем рынок секс-индустрии. Согласно статистическим данным, в 2021 г. в «современном рабстве» находилось почти 50 миллионов человек, среди которых 27,6 миллионов были заняты принудительным трудом[1]. С другой стороны, наряду с трудовой и сексуальной эксплуатаций, дети, особенно девочки, согласно статистике, нередко бывают жертвами, так называемых, детских браков, что также можно отнести к торговле людьми, учитывая тот факт, что эти браки обычно заключаются при отсутствии согласия и/или воли детей, а причина самого брака нередко материальная и/или финансовая прибыль семьи или третьих лиц. По данным за 2021 г., 22 миллиона людей оказались в ловушке принудительных браков[2]. Некоторые ученые отмечают, что речь идет не о заключении брака, а именно о продаже ребенка, чаше всего невестки. Данная проблематика далее в тексте будет более подробно рассмотрена.

Отмечая деятельность международных межправительственных организаций, в первую очередь роль Организации Объединённых Наций (далее – ООН), Международной организации труда (далее – МОТ), а также региональных правозащитных организаций, таких как Совет Европы (далее – СЕ) и Африканский Союз (далее – АС), следует проанализировать механизмы, созданные в рамках них для борьбы с торговлей людьми. 20 ноября 1989 г. в рамках ООН была принята *Конвенция о правах ребенка*[3], представляющая собой самый значимый документ по защите прав детей на универсальном уровне. Согласно ст. 1 Конвенции, «ребенком является каждое человеческое существо до достижения 18-летнего возраста, если по закону, применимому к данному ребенку, он не достигает совершеннолетия ранее»[4]. Конвенция содержит перечень основных прав детей, а также позитивных обязанностей для государств-членов, а в частности, ст. 35 содержит прямое обязательство государств-членов принимать все необходимые меры для предотвращения торговли детьми в любых целях, а также для предотвращения похищения детей. В 2000 г. были приняты два факультативных протокола к Конвенции, один касающиеся торговли деть-

---

[1] Force Labour and Forced Marriage // International Labour Organization, Walk Free, International Organization for Migration, 2022. – P. 1-2.
[2] Force Labour and Forced Marriage // International Labour Organization, Walk Free, International Organization for Migration, 2022. – P. 1-2.
[3] Конвенция о правах ребенка // Организация Объединённых Наций, 1989 г. [Электронный ресурс]. – URL: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/childcon.shtml (дата обращения: 03.09.2023).
[4] Конвенция о правах ребенка // Организация Объединённых Наций, 1989 год, статья 1. // Организация Объединённых Наций, 1989 г. [Электронный ресурс]. – URL: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/ conventions/childcon.shtml (дата обращения: 03.09.2023).

ми, детской проституции и детской порнографии[1] и второй, касающийся участия детей в вооруженных конфликтах[2]. В 2011 г. был приняты Факультативный протокол к Конвенции о правах ребенка, касающийся процедуры сообщений[3], позволяющий индивидуальным лицам и группам лиц подавать жалобы в соответствующий Комитет против государств-членов (если государство-член приняло юрисдикцию данного Комитета по рассмотрению таких жалоб).

Статья 1 *Факультативного протокола к Конвенции о правах ребенка, касающегося торговли людьми, детской проституции и детской порнографии 2000 г.* запрещает торговлю детьми, детскую проституцию и детскую порнографию, а ст. 2 содержит определение данных деяний и гласит: «a) торговля детьми означает любой акт или сделку, посредством которых ребенок передается любым лицом или любой группой лиц другому лицу или группе лиц за вознаграждение или любое иное возмещение; b) *детская проституция* означает использование ребенка в деятельности сексуального характера за вознаграждение или любую иную форму возмещения; c) *детская порнография* означает любое изображение какими бы то ни было средствами ребенка, совершающего реальные или смоделированные откровенно сексуальные действия, или любое изображение половых органов ребенка главным образом в сексуальных целях»[4].

В 2000 г. резолюцией 55/25 Генеральной Ассамблеи ООН была принята *Конвенции ООН против транснациональной организованной преступности*[5]. Помимо Конвенции были приняты три дополнительных протокола, и наиболее важным для нашей тематики является *Протокол о предупреждении и пресечении торговли людьми, особенно женщинами и детьми, и наказании за нее*[6], более известный как Палермский протокол. Этот Протокол в ст. 3 содержит определение торговли людьми.

Торговцы людьми часто находят своих потенциальных жертв среди женщин и девочек в странах со сложными социально-экономическими условиями. Многие из них страдают как от физических, так и от психологических пыток в результате насилия, которому они подвергаются в семье и браке[7]. Хотя «детский брак» не представляет собой правовой термин и его определение в вышеизложенных договорах не найти, и, хотя в большинстве государств лицо до 18 лет не может заключить брак, за исключением некоторых исключительных случаев, он широко используется в повседневной жизни. Так *Конвенция о ликвидации всех форм дискриминации в отношении женщин 1979 г.* в п. 2 ст. 16 содержит такое положение «обручение и брак

---

[1] Факультативный протокол к Конвенции о правах ребенка, касающийся торговли детьми, детской проституции и детской порнографии // Организация Объединённых Наций, 2000 г. [Электронный ресурс]. – URL: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/rightschild_ protocol2. shtml (дата обращения: 14.10.2023).

[2] Факультативный протокол к Конвенции о правах ребенка, касающийся участия детей в вооруженных конфликтах // Организация Объединённых Наций, 2000 г. [Электронный ресурс]. – URL: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/rightschild_protocol1.shtml (дата обращения: 14.10.2023).

[3] Факультативный протокол к Конвенции о правах ребенка, касающийся процедуры сообщений // Организация Объединённых Наций, 2011 г. [Электронный ресурс]. – URL: https:// www.un.org/ru/ documents/decl_conv/conventions/child_optprot.shtml (дата обращения: 14.10.2023).

[4] Факультативный протокол к Конвенции о правах ребенка, касающийся торговли детьми, детской проституции и детской порнографии // Организация Объединённых Наций, 2000 г., статья 2.

[5] Конвенции ООН против транснациональной организованной преступности. [Электронный ресурс]. – URL: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/orgcrime.shtml (дата обращения: 14.09.2023).

[6] Протокол о предупреждении и пресечении торговли людьми, особенно женщинами и детьми, и наказании за нее. [Электронный ресурс]. – URL: https://www.un.org/ru/documents/ decl_conv/ conventions/protocol1.shtml (дата обращения: 14.09.2023).

[7] *Solntsev A. M., Popovic M.* Trafficking in Women and Girls on a Global Level under International Law // Kutafin Law Review, 2023.

ребенка не имеют юридической силы»; в упомянутой Конвенции о правах ребенка также перечислены права ребенка, которые нарушаются вредной практикой «детских браков», а также необходимость защиты ребенка от вредной традиционной практики (которая, безусловно, включает «детские браки», хотя термин сам по себе в Конвенции прямо не упоминается); *Конвенция Совета Европы о предотвращении и борьбе с насилием в отношении женщин и домашним насилием 2011 г.* (Стамбульская конвенция) в ст. 37 обязывает государства-члены криминализировать принуждение взрослого или ребенка к вступлению в брак. Следует также упомянуть *Дополнительную Конвенцию ООН об упразднении рабства, работорговли и институтов и обычаев, сходных с рабством 1956 г.*, которая обязывает государства принимать все меры для запрещения и отказа от различных институтов и практик, ведущих к принудительному браку, таких как обещание или выдача женщины замуж, если она не имеет права отказать, выплаты родителям, опекунам или другому лицу или группе; право мужа, его семьи или рода выдать жену другому лицу при получении определенной выгоды, ценности или по какой-либо иной причине; или наследование женщины другим лицом после смерти ее мужа (ст. 1 Дополнительной конвенции).

Несмотря на вышеизложенные международные договоры и их отдельные положения, а также деятельность международных организаций искоренить практику детских браков крайне сложно. По данным ЮНИСЕФ[1] около 12 млн девочек в мире «выходит замуж» до 18 лет, при этом наибольшее количество таких случает зафиксировано в государствах Центральной и Западной Африки, где 4 из 10 девочек выходит замуж слишком молодыми. Данная практика намного реже применяется в отношении мальчиков, но, все-таки, она есть, особенно в таких государствах, как, например, Белиз, Суринам, Никарагуа[2]. Пока в некоторых государствах мира эта практика действительно уменьшается, как например в странах Северной Африки и Ближнего Востока, в других увеличивается, особенно в зонах конфликтов, таких как Сирия и Йемен[3].

Важно отметить, что в 2015 г. всеми государствами-членами ООН была принята Повестка дня в области устойчивого развития на период до 2030 г.[4] Цель 5.3 нацелена на искоренение всех вредных практик, таких как детские, ранние и принудительные браки. Но, успеть искоренить данную практику до 2030 г. почти невозможно, а наоборот, существует реальная угроза, что к этому году эти статистические данные увеличатся.

Изучая данную тематику на международном уровне, невозможно не отметить роль вышеупомянутого Комитета по правам ребенка, действующего в рамках системы договорных органов ООН, а также Специального докладчика о торговле детьми, детской проституции и детской порнографии. *Комитет по правам ребенка* состоит из 18 независимых экспертов, которые осуществляют мониторинг выполнения государствами-членами Конвенции о правах ребенка и вышеупомянутых факультативных протоколов к ней. Комитет обладает рядом функций, среди прочего, рассмотрением периодических докладов государств-членов о выполнении соответствующих обязательств, в итоге чего излагает государству-члену свои рекомендации в виде *заключительных замечаний (concluding observations)*; рассматривает индивиду-

---

[1] United Nations International Children's Emergency Fund (Детский фонд Организации Объединённых Наций).

[2] Global databases based on Demographic and Health Surveys (DHS), Multiple Indicator Cluster Surveys (MICS) and other national surveys 2007-2018 // UNICEF, 2021. [Электронный ресурс]. – URL: https://mics.unicef.org./surveys (дата обращения: 02.09.2023).

[3] *Йованович С.* «Дечиjи бракови» у сенци кривичних дела // Юридический факультет, Университет Унион. – Белград, 2022. – С. 48-50.

[4] Преобразование нашего мира: повестка дня в области устойчивого развития на период до 2030 г. // Организация Объединённых Наций, 2015 г. [Электронный ресурс]. – URL: https://sdgs.un.org/2030agenda (дата обращения: 20.10.2023).

альные жалобы, полученные от лица или групп лиц против государств-участников Конвенции и третьего факультативного протокола 2011 г. (выступил в силу в 2014 г.) на предполагаемые нарушения Конвенции и/или протоколов к ней; проводит расследования предполагаемых серьезных и систематических нарушений прав, закрепленных в перечисленных договорах[1].

Мандат *Специального докладчика по вопросу о торговле детьми, детской проституции и детской порнографии* был учрежден в 1990 г. в соответствии с резолюцией 1990/68 (от 7 марта 1990 г.) Комиссии ООН по правам человека. Этот мандат был продлен и Советом по правам человека. В соответствии с резолюцией 7/13 Совета по правам человека, основными функциями Специального докладчика являются: рассмотрение вопросов, связанных с вышеизложенными проблемами; анализ коренных причин торговле детьми, детской проституции и детской порнографии; поддержание диалога с правительствами, межправительственными организациями и гражданским сообществом по данной проблеме; выявление новых форм данного преступления и формулирование конкретных рекомендаций по борьбе с ними; сотрудничество с другими механизмами и органами ООН и т. п.[2] Специальный докладчик должен ежегодно предоставлять доклад о выполнении своей работы Совету по правам человека. На данный момент специальным докладчиком является г-жа *Мама Фатима Сингхте* из Гамбии (с 2020 г.).

На национальном уровне, на примере в Российской Федерации, необходимо отметить статью 22 Конституции РФ, которая гласит «каждый имеет право на свободу и личную неприкосновенность», а также две статьи Уголовного кодекса РФ: 127.1 «Купля-продажа человека, иные сделки в отношении человека, а равно совершенные в целях его эксплуатации вербовка, перевозка, передача, укрывательство или получение – наказываются принудительными работами на срок до пяти лет либо лишением свободы на срок до шести лет. (те же деяния, совершенные… б) в отношении несовершеннолетнего…)» и 127.2, запрещающая использование рабского труда.

В заключении можно отметить, что международно-правовая база в данном направлении достаточно разнообразная. В национальных конституциях и законодательствах большинства государств содержатся положения, запрещающие торговлю людьми, в том числе несовершеннолетними. С другой стороны, практика показывает, что современное рабство до сих пор проявляется в самых различных формах во всех частях мира, и что данная проблема имеет транснациональных характер, затрагивающий как уголовные аспекты международного права, так и международную защиту прав человека. Активность и сотрудничество в предотвращении и борьбе против торговли детьми должно усиливаться, как на национальном, так и на международном уровне. Такие шаги должны поддерживаться, в первую очередь, государствами и международными межправительственными организациями, но тем не менее и гражданским сообществом в целом и частным сектором.

---

[1] *Солнцев А., Конева А.* Юридический статус актов договорных органов по правам человека в национальных правовых системах // Международное правосудие. – 2013. – № 4 (8). – С. 82-93.
[2] Резолюция 7/13 // Совет по правам человека, 2006 г., п. 2.

**ТДУ 343.412.2**

***Рауфов Ф. Х.***
*Прокурори ноҳияи Шаҳритус, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*E-mail: farruh_raufov@mail.ru*

# МУШКИЛОТИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИИ МУҚОВИМАТ БА САВДОИ ОДАМОН

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И ПРАКТИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ТОРГОВЛЕ ЛЮДЬМИ

Савдои одамон ҷинояти муташаккили фаромиллӣ аст, ки ба аксари ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд таҷовуз намуда, ба оқибатҳои номатлуб боис мегардад.

Омӯзиши Паёмҳои Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ дар давоми 20 соли охир (солҳои 2003-2022) нишон дод, ки дар аксари онҳо Пешвои миллат бо эҳсоси нигаронӣ аз хатари савдои одамон ҳушдор дода, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва аҳли ҷомеаро ба пешгирӣ ва муқовимат ба он даъват намудаанд. Пешвои муаззами миллат солҳои 2003-2010 савдои одамонро ба таври махсус қайд накарда бошанд ҳам, ба таври умумӣ ҷомеаро баро мубориза ба муқобили ҷиноятҳои фаромиллӣ даъват намудаанд. Солҳои 2011-2014 бошад, Президенти кишвар ҳар сол бемайлон дар Паёмҳояшон ба таври махсус мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, суд ва прокуратураро ҷиҳати муқовимат ба савдои одамон, ки он солҳо бо мафҳуми «хариду фурӯши одамон» ифода мегардид, вазифадор намудаанд).

Чунончи, «Бори дигар таъкид месозам, ки фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, суд ва прокуратура бояд, пеш аз ҳама, ба таъмини амнияти миллӣ, волоияти қонун, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, терроризм, экстремизм, коррупсия, хариду фурӯши одамон ва таҳкими сулҳу суботи ҷомеа равона карда шавад[1].

Ё худ, «Мубориза бар зидди терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, хариду фурӯши одамон, муқовимат бо коррупсия ва дар маҷмуъ ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии давлат, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ мебошанд[2].

Иқтибоси дигар: «Мехоҳам таъкид намоям, ки терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, хариду фурӯши одамон ва дар маҷмуъ ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ имрӯз ба хатари ҷиддӣ табдил ёфта, боиси ташвиши ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидаанд»[3]. Ё ин ки, «Муқовимат ба терроризм, экстремизм,

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20-уми апрели соли 2011 // [Захираи электронӣ]. – URL: http://www.president.tj/node/193 (санаи муроҷиат: 05.11.2023).
[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20-уми апрели соли 2012 // [Захираи электронӣ]. – URL: http://www.president.tj/node/1084 (санаи муроҷиат: 05.11.2023).
[3] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми апрели соли 2013 // [Захираи электронӣ]. – URL: http://www.president.tj/node/4318 (санаи муроҷиат: 05.11.2023).

хариду фурӯши одамон ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ вазифаи ҷонии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад»[1].

Шуруъ аз соли 2015 то инҷониб Ҷаноби Олӣ дар Паёмҳои худ ҳарчанд ба таври махсус зарурати муқовимат ба савдои одамонро таъкид накарда бошанд ҳам, вале онро бо мафҳуми умумии ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ баён намудаанд.

Чунончи: «Тоҷикистон дар оянда низ дар ҳалли масъалаҳои мубрами ҷомеаи байналмилалӣ, аз қабили мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, *ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ*, қочоқи силоҳ ва маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ, ҳамчунин, мутобиқшавӣ ба пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва рафъи оқибатҳои он саҳми босазо хоҳад дошт»[2].

Чунин муносибати Пешвои муаззами миллат ба он асос ёфта буд, ки то ибтидои соли 2015 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамаи санадҳои зарурии байналмилалии ҳуқуқӣ дар самти муқовимат ба савдои одамон ҳамроҳ гардида, ё онҳоро тасдиқ намуда, меъёрҳои онҳоро ба қонунгузории миллӣ ворид (имплементатсия) намуд. Ҳамзамон, 26-уми июли соли 2014 Қонуни мукаммали соҳавии миллӣ «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» қабул ва мавриди амал қарор дода шуда, дар ин самт кишвар ба пешравиҳои назаррас ноил гардид. Мутаассифона, ҳолати дар Паёмҳои Сарвари давлат дар солҳои 2015-2022 бевосита зикр нагардидани хатару пайомадҳои номатлуби савдои одамон ва ба таври умумӣ дар доираи ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ баён гардидани ин зуҳуроти номатлуб боиси он гардид, ки баъзе аз коршиносон чунин ҳисобиданд, ки хатари савдои одамон дар мамлакат ба ҳадди камтарин фаромада, зарурати муборизаи шадид бо он мавҷуд нест, ҳол он, ки хатари ин зуҳуроти фаромиллӣ рӯзафзун аст. Аз ин рӯ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва аҳли ҷомеаро зарур аст, ки бо дарки дурусти мазмуну муҳтавои Паёми Пешвои муаззами миллат муқовимат ба савдои одамонро афзун намоянд.

Мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти роҳбарии Прокурори генералии кишвар, генерал-полковники адлия Раҳмон Юсуф Аҳмадзод ҷиҳати таҳкими фаъолияти марбут ба муқовимат ба савдои одамон ва пешгирии ин зуҳуроти номатлуб ҳамаи чораҳои зарурииро меандешад. Ин ҷо баъзе мушкилоти назариявӣ ва амалии муқовимат ба савдои одамон, ки шартан тасниф гардидаанд, баён карда мешаванд:

**Мушкилоти 1: Зарурати чун ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ эътироф намудани истифодаи хизмати фоҳишаҳо.** Мутобиқи банди 27-и Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018 чун яке аз чорабиниҳо оид ба пешгирии савдои одамон дар давоми солҳои 2016-2017 «таҳия намудани пешниҳод ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҲМ ҶТ) ҷиҳати пешбинӣ намудани ҷавобгарии маъмурӣ барои истифодаи хизмати фоҳишаҳо»-ро пешбинӣ гардида буд[3], вале он то имрӯз беиҷро мондааст.

Дар моддаи 130 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии кишвар барои машғул шудан ба фоҳишагӣ ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ шудааст[4], аммо шахсоне, ки хизмати фоҳишаҳоро истифода мебаранд, беҷазо мемонанд.

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми апрели соли 2014 // [Захираи электронӣ]. – URL: http://www.president.tj/node/6598 (санаи муроҷиат: 05.11.2023).

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми декабри соли 2022 // [Захираи электронӣ]. – URL: http://www.president.tj/node/29823. (санаи муроҷиат: 05.11.2023).

[3] Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018 [Захираи электронӣ]: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми июли соли 2016, таҳти № 326. – Дастрасӣ аз ММИҲ «ADLIA».

[4] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми декабри соли 2008 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2008. – № 12 (қ. 1). – Мод. 990.

Гузашта аз ин, истифодабарандагони хизмати фоҳишаҳо боз дар мурофиаҳои судии маъмурӣ баромад карда, ба муқобили фоҳишаҳо ба сифати шоҳид нишондод медиҳанд. Бечазо мондани истифодабарандагони хизмати фоҳишаҳо, бешак, ба афзоиш ёфтани сатҳи фоҳишагарӣ дар кишвар мусоидат менамояд.

Прокуратураи ноҳияи Шаҳритус бо ташаббуси худ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ»-ро омода намудааст, ки мутобиқи он ба Кодекси мазкур моддаи 130(1) «Истифодаи хизмати фоҳишаҳо» илова карда мешавад. Тибқи тағйиротҳои воридшаванда барои бори аввал истифода намудани хизмати фоҳишаҳо ҷазои маъмурӣ дар намуди ҷарима ба андозаи аз бист то чил нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва барои дар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани ҳамин кирдор ҷарима ба андозаи аз чил то шаст нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё ҳабси маъмурӣ ба муҳлати аз даҳ то понздаҳ шабонарӯз таъйин карда мешавад.

Ногуфта намонад, ки ин ҷазо аз ҷазои маъмурӣ барои машғул шудан ба фоҳишагӣ (м. 130 КҲМ ҶТ) вазнинтар хоҳад буд. Лоиҳаи Қонуни мазкур то охири соли равон ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гардида, дар сурати дастгирӣ ёфтанаш ба мақомоти қонунгузори кишвар пешниҳод карда мешавад.

**Мушкилоти 2: Мавҷуд набудани ҷавобгарии маъмурӣ ё ҷиноятӣ барои ифшо кардани иттилооти махфиёна дар бораи қурбониёни савдои одамон.** Мутобиқи қисми 6 моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон»[1] аз 26-уми июли соли 2014, таҳти № 1096 ифшо кардани иттилооти махфиёна дар бораи қурбониёни савдои одамон, инчунин дигар иттилооти махфиёна, ки дар ҷараёни амалигардонии мониторинг ба даст оварда шудаанд, манъ аст.

Ҳамчунин мутобиқи қисми 3 моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» маълумоте, ки сирри шахсӣ ва оилавии шахсони аз савдои одамон зарардидаро ташкил медиҳанд, новобаста ба он, ки ҳанӯз ба шахс мақоми ҳуқуқии қурбонии савдои одамон дода нашудааст, махфиёна (конфиденсиалӣ) мебошад. Аммо ин муқаррарот бо ягон меъёри қонунгузории маъмурӣ ё ҷиноятӣ таҳкими худро наёфтааст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ барои чунин амалҳо, яъне ифшо кардани иттилооти махфиёна дар бораи қурбониёни савдои одамон, инчунин дигар иттилооти махфиёна, ки дар ҷараёни амалигардонии мониторинг ба даст оварда шудаанд, инчунин ифшо намудани маълумоте, ки сирри шахсӣ ва оилавии шахсони аз савдои одамон зарардидаро ташкил медиҳанд, ҷавобгарии дахлдор пешбинӣ карда шавад.

**Мушкилоти 3: Бо декриминализатсияи моддаи 132 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҷалби одамон барои истисмор» аз 2-юми январи соли 2019 ин ҷиноят аз байн рафт, вале қаблан даҳҳо нафар бо ин модда бо ҳукмҳои судӣ маҳкум гардида, ё парвандаҳои ҷиноятӣ нисбаташон бо асосҳои ғайрисафедкунанда қатъ карда шудааст.** Масалан, танҳо дар солҳои 2016-2017 аз тарафи воҳидҳои тафтишотии кишвар 18 парвандаи ҷиноятӣ нисбати 22 нафар бо моддаи 132 Кодекси ҷиноятӣ «Ҷалби одамон барои истисмор» тафтиш гардида, бо тасдиқи фикри айбдоркунӣ ба судҳо фиристода шуда, судшавандагон бо ин модда маҳкум гардидаанд. Бо аксари ин парвандаҳо қисми маводҳо нисбати шахсоне, ки аз тафтишот пинҳон шуданд, ба пешбурди алоҳида ҷудо шуда, нисбати онҳо бо моддаи 132 Кодекси ҷиноятӣ ғоибона қарор дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан бароварда шуда, ҷустуҷӯи онҳо эълон гардидааст.

Ин ҷо силсилаи саволҳо ба миён меоянд: Агар ин шахсони қаблан маҳкумшуда ё нисбаташон парвандаи ҷиноятӣ қатъшуда барои сафед карданашон мурочиат ку-

[1] Ахбори Маљлиси Олии Љумњурии Тољикистон. – 2014. – № 7 (қ. 1). – Мод. 393.

нанд, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ бояд чӣ гуна рафтор намоянд. Агар ҷуброни зарар талаб кунанд чӣ? Шарикони ин нафарони маҳкумшуда, ки дар ҷустуҷӯ қарор доранд, агар қатъ кардани парвандаи ҷиноятиро нисбаташон талаб кунанд чӣ? Мо ба моддаи 130(1) Кодекси ҷиноятӣ кирдори онҳоро бандубаст карда наметавонем, зеро шарикони онҳо бо моддаи 132 Кодекси ҷиноятӣ маҳкум шудааст ва ин ҷо талаботи преюдитсия амал мекунад. Агар шарикони ин ҷинояткорони маҳкумшуда дастгир шаванд, бо кадом модда бояд кирдор бандубаст шавад?

– бо моддаи 132, яъне «Ҷалби одамон барои истисмор»? Не, чунки ин модда декриминализация шуда, аз Кодекси ҷиноятӣ хориҷ шудааст[1].

– бо моддаи 130(1), яъне «Савдои одамон»? Боз ҳам не, чунки дар ин сурат талаботи моддаи 13 Кодекси ҷиноятӣ вобаста ба қувваи бозгашти қонуни ҷиноятӣ вайрон карда мешавад.

Ба замми ин, нисбати онҳо талаботи преюдитсия амал мекунад, зеро шарикони ҷиноятии онҳо маҳз бо моддаи 132 Кодекси ҷиноятӣ, яъне барои «Ҷалби одамон барои истисмор» маҳкум шудаанд ва бандубасти кирдори онҳо ба моддаи дигари Кодекси ҷиноятӣ ғайриимкон аст.

Инчунин 2-юми январи соли 2019 «Истифодаи меҳнати ғуломона» (м. 130(2) Кодекси ҷиноятӣ) низ чун ҷиноят аз байн рафт[2]. Агар бо ин модда маҳкумшудаҳо мавҷуд бошанду барои сафед кардани худ муроҷиат кунанд-чӣ?

Аз ин рӯ, таклиф менамоем, ки бо ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба хариду фурӯши одамон ва хариду фурӯши ноболиғон» № 12 аз 23-юми декабри соли 2011 (бо тағйироту иловаҳо аз 23.11.2012, № 32) бояд ба ин масъалаҳо низ равшанӣ андохта шавад.

**Мушкилоти 4: Масъалаи ҷустуҷӯ ва дастгир кардани савдогарони одамон дар хориҷи кишвар.** Муддати зиёда аз 20 сол аст, ки савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун ҷиноят эътироф карда шудааст, нисбати даҳҳо нафар савдогарони одамон ва шарикони онҳо, ки аз тафтишот пинҳон шудаанд, ҷустуҷӯ эълон карда шудааст. Аммо, омӯзиши амалияи дастгир намудани савдогарони одамон нишон медиҳад, ки онҳо асосан дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми бозгашташон аз кишварҳои таъинотӣ дастгир мешаванд. Ягон нафари онҳо дар худи давлатҳои таъинотӣ дастгир нашудаанд. Саҳми мақомоти ҷустуҷӯии давлатҳое, ки он ҷо шаҳрвандони мо мавриди истисмор қарор мегиранд, ночиз мебошад.

Аз ин рӯ, таклиф менамоем, ки бо пурзӯр намудани ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақомоти ҷустуҷӯи ҷиноятии давлатҳои таъинотӣ бояд дар самти дастгир кардани савдогарони одамон дар ҳудуди ин кишварҳо чораҳои муассир андешида шаванд. Инчунин бо Покистан, Таиланд ва Ҳиндустон, ки солҳои охир чун давлатҳои нави таъинотӣ барои қурбониёни савдои одамон аз Ҷумҳурии Тоҷикистон зуҳур намудаанд, шартномаҳои ҳамкорӣ дар самти муқовимат ба савдои одамон баста шаванд.

**Мушкилоти 5: Набудани гурӯҳҳои муштараки оперативӣ-тафтишотӣ бо кишварҳои таъинотӣ дар самти муқовимат ба савдои одамон.** Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аксари давлатҳои таъинотӣ, ки он ҷо шаҳрвандони мо мавриди истисмор қарор мегиранд, шартномаҳои ҳамкории ҳуқуқиро ба имзо расонидааст.

Аммо, чунин шартномаҳои ҳамкорӣ кофӣ нестанд. Айни ҳол дар рафти тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ асосан шахсоне, ки қурбониёни савдои одамонро ба истисмор ҷалб намудаанд, яъне ҷалбкунандагон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида

---

[1] Бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми январи соли 2019, таҳти № 1554 «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» хориҷ карда шуд. [Захираи электронӣ]. – Дастрасӣ аз ММИҲ «ADLIA».

[2] Бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми январи соли 2019, таҳти № 1554 «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» хориҷ карда шуд. [Захираи электронӣ]. – Дастрасӣ аз ММИҲ «ADLIA».

мешаванд. Шахсоне, ки хизмати қурбониёнро истифода намудаанд, инчунин ташкилкунандагон ва иҷрокунандагони бевоситаи ҷинояти савдои одамон аксаран беҷазо мемонанд, азназаргузаронии ҷойҳои ҳодиса ва видеокамераҳои мушоҳидавӣ, пурсиши шоҳидони бевоситаи ҷиноят, дарёфт ва ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ кардани далелҳои шайъӣ ва дигар далелҳои зарурӣ ғайриимкон буда, дархостҳое, ки ба кишварҳои таъинотӣ бо мақсади гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-тафтишотӣ фиристода мешаванд, аксаран беиҷро мемонанд. Аз ин рӯ, имрӯз мебояд дар ин самт фаротар рафт.

Таклиф менамоем, ки бо давлатҳои таъинотӣ шартномаҳои ҳамкорӣ вобаста ба таъсис додани гурӯҳҳои муштараки оперативӣ-тафтишотӣ ҷиҳати муқовимат ба савдои одамон баста шуда, дар ҳудуди ин кишварҳо амалиётҳои муштараки оперативӣ-тафтишотӣ дар ин самт гузаронида шаванд. Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи таъсиси чунин гурӯҳҳои муштараки оперативӣ-тафтишотиро бо Федератсияи Россия дорад.

**Мушкилоти 6: Савдои фаромиллӣ ва савдои дохилии одамон.** Айни ҳол дар фаҳмиши умумии чи ҳуқуқшиносон ва чи мардуми оддӣ савдои одамон танҳо чун савдои фаромиллии одамон фаҳмида мешавад. Омӯзиши адабиёти мавҷуда ва амалияи тафтишотӣ-судӣ нишон дод, ки савдои дохилии одамон на танҳо мавриди таҳлил ва тадқиқоти ҷиддӣ қарор дода намешавад, балки аксаран байни он ва савдои фаромиллӣ фарқ гузошта намешавад. Тадқиқоти мукаммале, ки нимаи дуюми соли 2017 бо ташаббуси Созмони Байналмилалии Муҳоҷират ва бо дастгирии Бюрои ИМА оид ба муборизаи байналмилалӣ бо маводи нашъадор ва фаъолияти ҳифзиҳуқуқӣ (INL) ва Агентии ИМА оид ба ҳамкории байналмилалӣ аз ҷониби коршиноси байналмилалӣ – хонум Астрид Гантерер оид ба савдои дохилии одамон анҷом дода шуд, гувоҳи ин гуфтаҳо мебошад[1]. Таклиф менамоем, ки зуҳуроти савдои дохилии одамон мунтазам мавриди таҳлил ва тадқиқи ҳамаҷониба қарор дода шуда, ҷиҳати ошкор ва пешгирӣ намудани ҷиноятҳои ба савдои дохилии одамон алоқаманд чораҳои зарурӣ андешида шавад. Инчунин Номгӯи ҷиноятҳои ба савдои одамон алоқаманд, ки 2-юми июли соли 2019 тасдиқ гардидааст, такмил дода шуда, ба он ҷиноятҳои марбут ба савдои дохилии одамон, масалан, ҷалби шахси ноболиғ ба гадоӣ (м. 166 КҶ ҶТ), ба фоҳишагӣ ҷалб намудан (м. 238 КҶ ҶТ) ва ғайра дохил карда шаванд.

**Мушкилоти 7: Зарурати омода кардани муфаттишони касбӣ дар самти тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба савдои одамон.** Чунин шуъбаву бахшҳо оид ба тафтиши ҷиноятҳои ба савдои одамон алоқаманд бояд дар ВКД ва Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистн таъсис дода шаванд. Набудани муфаттишони дар самти тафтиши парвандаҳои ҷиноятии ба савдои одамон алоқаманд махсусгардонидашуда боиси он мешавад, ки ин категорияи парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби муфаттишони гуногун ва баъзан коромӯзони камтаҷриба тафтиш гардида, на ҳамеша сифати зарурии тафтиши пешакӣ ва ҳифзи воқеии ҳуқуқҳои қурбониёни савдои одамон таъмин карда мешавад.

**Мушкилоти 8: Зарурати омода кардани равоншиносони касбӣ дар самти расонидани кӯмаки равонӣ ба қурбониёни ҷиноятҳои ба савдои одамон алоқаманд.** Чунон, ки маълум аст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муассисаҳои олии таълимии омӯзгорӣ равоншиносони умумӣ омода карда мешаванд. Равоншиносии ҳуқуқӣ, ки дар факултети ҳуқуқшиносӣ ба донишҷӯёни ин факултет омӯзонида мешавад, оид ба ин соҳаи муҳими шинохти тинати инсон танҳо маълумоти сатҳӣ медиҳад. Равоншиносони умумӣ, ки аз илми равоншиносии ҳуқуқӣ ва донишҳои зарурӣ оид ба расонидани кӯмаки равонӣ ба қурбониёни савдои одамон бебаҳраанд, дар тафтишоти пешакӣ ва мурофиаи судӣ аксаран иштироки камсамар ва ҳатто бесамар доранд. Аз ин рӯ, бояд бо таъсиси курсҳои дарозмуддати омӯзишӣ (аз 6 моҳ

[1] *Астрид Гантерер.* Савдои дохилии одамон дар Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – 67 с.

[3] Глоссарий терминов и понятий, используемых государствами – участниками СНГ в пограничной сфере, утвержденный постановлением Межпарламентской Ассамблеи государств – участников СНГ от 13.04.2018 г., за № 47-13 // Инфо. бюл. Межпарламентской Ассамблеи СНГ, 2018 г., № 69.

[4] Глоссарий терминов и понятий, используемых государствами – участниками СНГ в пограничной сфере, утвержденный постановлением Межпарламентской Ассамблеи государств – участников Со-

Относительно торговли людьми Н. А. Мулладжанова отмечает: «она как современная форма бизнеса – одна из самых распространенных форм транснациональной преступности, одна из форм проявления организованной преступности, которая одновременно стала и видом современного бизнеса. Сегодня становится все более очевидным, что содержание торговли людьми не исчерпывается продажей женщин и детей, в которую вовлечены международные преступные группы, а включает в себя и различные формы эксплуатации человека человеком[1].

Подводя итог, следует отметить, что объективными факторами торговли людьми выступают не только правовые, социальные, политические, но и экономические противоречия, а субъективными факторами выступает психическое отношение личности к праву, правовой действительности, его антиправовая мотивация.

**ТДУ 343.431**

***Сафарзода Ҳ. С.***
*Профессори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети № 6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия*
*E-mail: h.safarov@mail.ru*

***Айнуддинзода Ш. А.***
*Сардори кабинети кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети № 6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтенанти калони милитсия*

## ЗАНОН ВА КӮДАКОН ҲАМЧУН ҚУРБОНИЁНИ САВДОИ ОДАМОН ДАР ЗАДУХӮРДҲОИ МУСАЛЛАҲОНА ДАР ХОРИҶИ КИШВАР

### ЖЕНЩИНЫ И ДЕТИ КАК ЖЕРТВЫ ТОРГОВЛИ ЛЮДЬМИ В ВООРУЖЕННЫХ КОНФЛИКТАХ ЗА РУБЕЖОМ

Барои ноил шудан ба самаранокии пешгирии ифротгароӣ дар баробари омӯхтани шахсияти ҷинояткор, сабабу шароитҳои содир намудани ҷиноят, инчунин ҳамаҷониба омӯхтани шахсияти занону кӯдакон, қурбониёни ҷиноят ва тамоми ҳолатҳое, ки ба туфайли онҳо инсонҳо дар чунин ҳолати ногувор қарор гирифтаанд, зарур аст. Омӯзиши ҷиноятҳои дорои хусусияти ифротӣ бидуни таҳлили виктимологӣ барои пешгирии ҳама зуҳуроти ифротгароӣ нопурра ва нодуруст хоҳад буд. Азбаски криминологҳо қайд мекунанд, ки бидуни омӯхтани хусусиятҳои шахсияти қурбониёни ҷиноят, пешгирӣ наметавонад аз таърифҳои қаблан мавҷудбуда фаротар бошад[2].

«Виктимология» ҳамчун истилоҳи илмию ҳуқуқӣ маънои илм оид ба омӯзиши қурбонии ҷиноятро дорад[3]. Аз ин рӯ, пешгирии виктимологӣ дар марҳалаи кунунии

дружества Независимых Государств от 13 апреля 2018 г., за № 47-13 // Информационный бюллетень Межпарламентской Ассамблеи СНГ, 2018 г., за № 69.

[1] *Мулладжанова Н. А.* Некоторые вопросы теории и практики законодательного противостояния торговле людьми в Республике Таджикистан. [Электронный ресурс]. – URL: http://vestnik.tj/soc_doc/2014/n3/RU/mulladjanova_na.pdf (дата обращения: 16.10.2023).

[2] *Ёров Ё. Х.* Предупреждение органами внутренних дел Таджикистана мошенничества в отношении собственности граждан: дис. кан. юрид. наук. – Душанбе, 2022. – С. 191.

рушди илми криминология яке аз самтҳои муҳими чорабиниҳои умумиҷтимоӣ ва махсуси криминологӣ ба ҳисоб меравад, ки ба рафъи майлҳои манфии қурбонӣ, баланд бардоштани қобилияти муҳофизатии қурбониёни эҳтимолии ҷиноят ва таъмини амнияти онҳо нигаронида шудааст[1]. Азбаски баъзе занону кӯдакон зери таъсири идеологӣ ва равонии ҷинояткорони болиғ мегарданд, дар мавзуи мо бошад мавриди фишори моилгарон – идеологҳои ташкилотҳои экстремистӣ-террористӣ мегарданд[2]. Аз ҷумла, зери таъсири мардоне, ки зану фарзандони худро маҷбур кардаанд, ки ҳамроҳашон ба минтақаҳои даргириҳои мусаллаҳона ба хориҷа раванд.

Мувофиқи мазмуни моддаи 1 Конвенсияи иловагӣ дар бораи барҳам додани ғуломӣ, савдои ғуломон ва ниҳодҳо ва одатҳои шабеҳи ғуломӣ «агар зан пас аз марги шавҳараш ба мероси шахси дигар гузарад ё наврас аз ҷониби волидайн ё шахси дигар ба парастории дигар кас бо мақсади истисмори ӯ ё меҳнати ӯ бо ҷуброн ё бе ҷуброн супорида шавад», зуҳуроти ғуломӣ дониста мешавад ва ҳамаи давлатҳо бояд барои пешгирӣ кардани чунин аъмол чораҳои зарурӣ андешанд[3].

Бесабаб нест, ки ҳангоми тасниф намудани шаклу намудҳои истисмори ҷиноятии шахс дар баробари намудҳои маъмули он, аз қабили «истисмоти шахвонӣ», «меҳнатӣ» ва ғайра, истисмор дар рафти амалиёти террористию экстремистӣ дар минтақаҳои амалиёти ҷангӣ ва низоъҳои ҳарбӣ низ таъкид карда мешавад[4].

Қобили зикр аст, ки то моҳи феврали соли 2018 бо дастури Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 21 оила дар ҳайати 83 нафар аз Сурия ба Ватан баргардонида шуданд. Аз ин шумор 22 нафар занон, 17 нафар мардон, 26 нафар духтарон ва 18 нафар писарон буданд. 25-уми июли соли 2022 бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 146 занону кӯдакони дигар аз манотиқи даргириҳои Сурия ба Ватан баргардонида шуданд[5]. Дар маҷмуъ то моҳи октябри соли 2023 беш аз 350 занону кӯдакон аз Сурия, Ироқ ва дигар манотиқи ҷангзада ба Тоҷикистон баргардонида шудаанд.

Ин занону кӯдакон аъзои хонаводаи гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ дар Сурия ва Ироқ буданд. Аксари мардони ин хонаводаҳо баъд аз маҳви Давлати исломии Ироқу Шом (ДИИШ) ва ё бо номи «Давлати исломӣ» дар минтақа кушта ва ё нопадид шудаанд. Дар натиҷа, бисёре аз занон бори дуюм ва сеюм бо аъзои дигари ин созмони террористӣ издивоҷ карданд. Бархе аз занone, ки бева мондаанд, барои таъмини оилаашон духтарони ноболиғро (13-15 сола) ба аъзои гурӯҳҳои экстремистӣ-террористӣ ба шавҳар доданд. Писарони 12-18 сола низ дар корҳои вазнини ҷисмонӣ, омодагии ҳарбӣ ва амалҳои террористӣ мавриди истисмор қарор гирифтанд. Аз ҷумла, баъзе кӯдакон ҳамчун маргталаб таълим дода шуданд.

Тундгароёни исломӣ дар тамоми манотиқи даргириҳои Сурия, Ироқ, Афғонистон ва ғайра ноболиғонро дар қишрҳои поёнии ҷомеа ба гурӯҳҳои террористӣ ҷалб мекунанд. Мисоли равшани чунин мавқеъгирии мо вазъи сокинони манотиқи марзии Афғонистон (Хуст, Пактиё, Пактика) бо Покистон шуда метавонад. Сокинони

---

[3] *Гаджиева А. А* Учебное пособие (курс лекций) по дисциплине «Виктимология» для направления подготовки «Юриспруденция», профиль «Уголовное право». – Махачкала: ДГУНХ, 2016. – С. 5.
[1] Виктимологические проблемы борьбы с преступностью: сборник науч. трудов / Ред. кол. Н. И. Трофимов и др. – Иркутск: изд-во Иркутского института, 1982. – С. 16.
[2] *Коваленко В. И.* Теоретические и прикладные проблемы противодействия криминальной эксплуатации человека (криминологическое исследование): дис. ... док. юрид. наук. – М., 2017. – С. 7.
[3] Международно-правовые основы борьбы с незаконной миграцией и торговлей людьми: сбор. док. / Сост. В. С. Овчинский. – М.: ИНФРА-М, 2004. – С. 81.
[4] *Коваленко В. И.* Теоретические и прикладные проблемы противодействия криминальной эксплуатации человека (криминологическое исследование): дис. ... док. юрид. наук. – М., 2017. – С. 206.
[5] Азия Плюс // [Захираи электронӣ]. – URL: https://asiaplustj.info/ru/news/centralasia/20230830/ v-kirgizstan (санаи муроҷиат: 22.10.2023).

ин манотиқ қаблан мегуфтанд, ки ташкилоти экстремистӣ-террористии «Толибон» кӯдаконро ба сафи бомбгузорони интиҳорӣ ҷалб мекунанд. Волидайни онҳо танҳо замоне воқиф мегардиданд, ки писарашон аз ҷониби ин гурӯҳ дар ҳамлаҳои террористӣ ба ҳайси интиҳорӣ истифода гардида, мефавтитанд. Ба чунин оилаҳо барои фавти фарзандашон аз ҷиниби ин ташкилоти экстремистӣ-террористӣ маблағи муайяни пулӣ дода мешудааст.

Толибон аз соли 2000-ум инҷониб дар таълими бомбгузорони маргталаб аз қишрҳои осебпазири аҳолӣ таҷриба доранд. Масалан, ба гуфтаи шоҳидони айнӣ, Толибон ба мактаби шаҳри Тунк омада, 30 нафарро бо зӯрӣ ё фиреб аз мактаб бурданд. Синну соли кӯдакон аз 11 то 15 сола буда аст[1].

Раиси собиқ Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Ҳомид Карзай ба мушкилоти истифодаи «бомбаҳои зинда» дахл карда, қайд карда буд, ки «имрӯз дар кишвар вазъияте вуҷуд дорад, ки як ҷавонро барои гирифтани дониш ба мактаб мефиристанд ва дар онҳо ӯро маргталаб месозанд»[2].

Агар дар замони собиқ ҷумҳурӣ будани Афғонистон аксари ингуна мадрасаҳо дар марзи Покистон ҷойгир буданд, ҳоло Толибон «имконияти бузург» доранд, то дар саросари Афғонистон бомбгузорони маргталабро тайёр кунанд.

Ҳангоми таҳлили сабабҳои иштирок ва психолигияи ҷангҷӯён, ки ба ДИИШ пайваста буданд, муайян гардид, ки ангезаҳои мазҳабӣ на он қадар муҳиманд. Зеро аксари онҳо дониши ниҳоят сусти динӣ доранд. Дар маҷаллаи бритониёӣ New Republic пажӯҳишгари бритониёӣ Меҳдӣ Ҳасан қайд мекунад, ки ду ҷангҷӯи ҷавон пеш аз сафар ба Сурия дар интернет танҳо китобҳои одитарини динро хонда буданд. Таблиғоти «Давлати исломӣ» маҳз ба ҳамин гуна ҷавонони ноогоҳ нигаронида шудааст. Инҳо ҷавонони аз ҷомеа ва фарҳанги инсонӣ ва исломи воқеӣ ҷудошуда, мутаассиб ва манқурд мебошанд.

Ин ҳолатҳо собит мекунанд, ки дар минтақаҳои задухӯрдҳои мусаллаҳона дар хориҷи кишвар занону кӯдакон ба осонӣ аъзои созмонҳои экстремистӣ-террористӣ гардида, дар натиҷа ба ҳолати ғуломӣ, истисмори шаҳвонӣ ва меҳнатӣ меафтанд. Аз ин лиҳоз, онҳо бояд қурбонии савдои одамон, ки бо зуҳуроти экстремизм ва терроризм алоқаманданд, эътироф карда шаванд.

Дар ин бора муфассалтар дар «Ҳисобот оид ба хариду фурӯши одамон барои соли 2023, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи 2 боқи монд, зикр шудааст. Аз ҷумла, қайд гардидааст: «Занону кӯдакони тоҷике, ки дар манотиқи даргирӣ, аз ҷумла урдугоҳҳои паноҳандагон дар Сурия ба сар мебаранд, зери хатари ҷалби гурӯҳҳои мусаллаҳ қарор доштанд. Иддае аз чунин муҳоҷирони тоҷик барои пардохти қарзи худ дар Русия барои ширкат дар ҷангҳои Сурия ҷалб карда шудаанд. Гуфта мешавад, ки иддае аз фарзандони ҷангҷӯёни тоҷики ДИИШ дар Ироқу Сурия барои истифода дар задухӯрдҳои мусаллаҳона омӯзиш гирифтаанд.

Қочоқчиёни инсон ҳамчунин занону духтарони тоҷикро ба Афғонистон интиқол дода, онҳоро барои қарзи оилавиашон маҷбуран ба шавҳар доданд, истисмори шаҳвонӣ ва хидмати иҷбории хонагӣ ҷалб намудаанд, ки унсурҳои қочоқи инсонро бараъло дар бар мегиранд[3].

Дар банди 1 моддаи 9 «Протокол оид ба пешгирӣ ва рафъи савдои одамон, махсусан занон ва кӯдакон, ки илова ба Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ» мебошад, дарҷ мегардад, ки давлатҳои узв дар асоси маҷмӯӣ, сиёсатҳо, барномаҳо ва дигар тадбирҳоро оид ба ҳифзи қур-

---

[1] Taliban Commander Vows New Wave of Suicide Attacks. British Channel Four News Release 2, March 2007.
[2] *Senlis K.* Afghanistan, Countering the Insurgency in Afghanistan: Losing Friends and Making Enemies. London: MF Publishing, February 2007. – P. 56.
[3] Гузориш оид ба савдои одамон дар соли 2023: Тоҷикистон (Радифи 2) // [Захираи электронӣ]. – URL: usembassy.gov (санаи муроҷиат: 17.10.2023).

боиёни савдои одамон, махсусан занон ва кӯдакон аз ревиктимизатсия таҳия ва қабул мекунанд. Аз ҷумла, дар банди 5 ҳамин модда зикр мегардад, ки «Давлатҳои иштирокчӣ дар қонунгузорӣ ва дигар тадбирҳоро дар соҳаи маориф, фарҳанг, ҳаёти иҷтимоӣ, ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷониба оид ба мубориза бар зидди савдои одамон, аз ҷумла занон ва кӯдакон қабул ва такмил медиҳанд»[1].

Инчунин банди 2 моддаи 10 Протокол давлатҳои аъзоро вазифадор мекунад, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, муҳоҷират ва дигар мақомоти дахлдорро оид ба пешгирии савдои одамон сафарбар намоянд. Дар моддаи 14, 15 Протокол механизми тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисосро дар ин самт тавсия медиҳад, ки барои омода кардани чунин кадрҳо дар соҳаи мубориза бо ифротгароӣ дар меҳвари муқовимат ба савдои одамон хеле ҷолиб ба назар мерасад.

Тибқи талаботи Конвенсияи байналмиллалӣ оид ба ҷалб, истифода, маблағгузорӣ ва таълими зархаридон, ки бо қарори Ассамблеяи Генералӣ аз 4-уми декабри соли 1989, таҳти № 44/34 қабул шудааст, ҷалб, истифода, маблағгузорӣ ва таълими зархаридон бояд ҷиноятҳои вазнини барои ҳама ба ҳисоб гирифта шаванд. Давлатҳо ва ҳар шахсе, ки чунин ҷиноятҳоро содир кардааст, бояд таъқиб ё истирдод карда шаванд. Тафовути аслии афроди ғайриқонунӣ дар даргириҳои мусаллаҳона дар Сурия ва Ироқ иштироккарда аз зархаридон дар он аст, ки зархаридон асосан бар ивази пул ва аъзои зиёди созмонҳои ифротӣ-террористӣ дар асоси ақидаҳои таҳрифшудаи динӣ-сиёсӣ дар чунин задухӯрдҳо ширкат мекунанд. Зеро дар аксари мавридҳо ҷавонони ноогоҳ аз пасандозҳои шахсии худ барои анҷоми амалҳои террористӣ истифода мекунанд ва ин гуна аъмолро «ҷиҳод» меҳисобанд.

Дар ин замина, бояд гуфт, ки аз 1081 нафар (то моҳи феврали соли 2016) иштирокчмёни задухӯрдҳои мусаллаҳонаи хориҷи кишвар, ки ба ДИИШ пайваста буданд, 42 нафари онҳо занон будаанд.

Аз 42 нафар занони ширкаткунанда 15 нафар (35,71 %) сокинони вилояти Суғд, 13 нафар (30,95 %) вилояти Хатлон, 8 нафар (19,04 %) шаҳри Душанбе, 2 нафар (4,76 %) ноҳияи Шаҳринав, 1 нафар (2,38 %) шаҳри Ваҳдат, 1 нафар (2,38 %) шаҳри Турсунзода, 1 нафар (2,38 %) шаҳри Ҳисор ва 1 нафар (2,38 %) ноҳияи Рӯдакӣ буданд.

На танҳо шумораи муайяни занон гирифтори чунин ҷаҳонбинии манфии динӣ-экстремистӣ шуданд, балки 161 нафар мардоне, ки ҳаводорони ашаддии гурӯҳҳои экстремистӣ-террористӣ буданд, зану фарзандони ноболиғи худро ба ин гирдоб кашиданд. Аз 161 чунин оилаҳо: 199 нафар (36,31 %) мардоне, ки дар чунин оилаҳо нақши асосиро ишғол кардаанд, 182 нафар (33,21 %) занон, 75 нафар (13,68%) духтарони ноболиғ ва 92 нафар (16,78 %) писарони ноболиғ буданд.

Шиддати фаъолияти ҷиноятии мардону занон дар содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ нишон медиҳад, ки ҳиссаи занон дар сохтори умумии чунин ҷиноятҳо чандон зиёд нест. Аммо дар зери таъсири мардон занону кӯдакони зиёде қурбони амалҳои ифротгароиву террористии аъзои ин созмонҳо гардиданд.

Занон ва кӯдакон 60 дарсади қурбониёни қочоқи инсонро ташкил медиҳанд, ки аксари онҳо аз хонаводаҳои камбизоат ҳастанд. Қочоқчиён аз ноумедии одамоне, ки аз минтақаи мунокишаҳои ҷангӣ фирор карданӣ мешаванд, набудани имкониятҳои иқтисодӣ ва заифии руҳӣ ва равонии онҳо истифода бурда, қурбониёни савдои одамонро ба доми фиреби худ меандозанд.

Мувофиқи талаботи банди 3 моддаи 6 Протокол оид ба пешгирӣ ва рафъи савдои одамон, бахусус занон ва кӯдакон, ки Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид ба муқобили ҷиноятҳои муташаккили фаромилиро пурра месозад, давлатҳои аъзо бояд ҷиҳати таъмини офияти ҷисмонӣ, равонӣ ва иҷтимоии қурбониёни савдои

[1] Международно-правовые основы борьбы с незаконной миграцией и торговлей людьми: Сб. док. / Сост. В. С. Овчинский. – М.: ИНФРА-М, 2004. – С. 134.

одамон чораҳо андешанд, аз ҷумла вобаста ба кортаъминкунӣ, маориф ва касбомузӣ. Ба онҳо ёрии ҳуқуқӣ, тиббӣ, психологӣ ва моддӣ расонанд.

Тибқи банди 12 «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», яке аз самтҳои муҳими рафъи сабабу шароитҳои ифротгароӣ офиятбахшӣ ва ба ҳаёти осоишта баргардонидани шахсони дорои гузаштаи ифротгароӣ ва террористӣ мебошад, аз ҷумла:

– баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ ва таҳаммулпазирии ҷомеа нисбат ба шахсони дорои гузаштаи ифротгароӣ ва террористӣ, ки ба ҳаёти осоишта баргардонида шудаанд ё дар ҳолати офиятбахшӣ қарор доранд;

– таҳияи барномаи тавонбахшӣ ва ба ҳаёти осоишта баргардонидани маҳбусон, ки барои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ-террористӣ, аз ҷумла иштирок дар даргириҳои ҳарбӣ дар қаламрави давлатҳои хориҷӣ маҳкум шудаанд;

– андешидани чораҳо оид ба бозгашт, солимии тиббӣ ва рӯҳӣ, таъмини кор ва таҳсили занон ва кӯдаконе, ки аз минтақаҳои ҷангзада дар кишварҳои дигар баргардонида шудаанд ё баргардонида мешаванд;

– офиятбахшӣ ва реинтегратсияи ҷангҷӯёне, ки аз иштирок дар задухӯрдҳои мусаллаҳона дар қаламрави кишварҳои дигар саркашӣ намуда, баргаштаанд, инчунин шахсоне, ки ихтиёран аз иштирок дар ташкилотҳои экстремистӣ ва террористии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мамнуъшуда, даст кашидаанд.

Муаллифи мақола бо мақсади татбиқи банди 52 «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» лоиҳаи «Барномаи баргардонидан, офиятбахшӣ ва мутобиққунонӣ ба ҳаёти муқаррарӣ шаҳрвандонеро, ки ихтиёран аз иштирок дар задухӯрдҳои мусаллаҳона дар хориҷа ва ё содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ-террористидошта даст кашидаанд, таҳия кардааст. Барномаи мазкур ҳадафҳо, вазифаҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатиро ҷиҳати муттаҳидсозии тадбирҳои муштараки мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалиро дар ин самт муайян мекунад. Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2015-2022 дар доираи татбиқи корҳои густурдаи профилактикӣ ва фаҳмондадиҳӣ дар маҷмуъ 930 нафар аъзои ташкилотҳои экстремистӣ-террористӣ ва иштирокчиёни даргириҳои мусаллаҳонаи хориҷӣ (аз ҷумла зиёда аз 350 нафар занону кудакон) ба Ватан баргардонида шудаанд. Тибқи талаботи меъёрҳои ҳавасмандгардонии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (сидқан аз кирдори худ пушаймон шудан) ин шахсон аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шудаанд.

Дар Барномаи мазкур вазифа ва функсияҳои мақомоти дахлдори давлатӣ оид ба баргардонидан, офиятбахшӣ ва мутобиқсозии ин гуна шахсон ба ҳаёти осоишта машаххас карда шудаанд. Аз ҷумла механизми роҳандозии корҳои тарбиявӣ дар байни қишрҳои васеи аҳолӣ, дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ ва ғайра.

Дар ин замина, махсусан қайд кардан лозим аст, ки дар сатҳи баланди касбӣ омода ва паҳн намудани филмҳои ҳуҷҷатии кӯтоҳмуддати (25-35 дақиқа) дорои сенарияҳои гуногун оид ба истисмори шаҳвонӣ, меҳнатӣ, иқтисодӣ, аз ҷумла истисмори ҷангии занону кӯдакон дар даргириҳои мусаллаҳона дар Сурия, Ироқ, Афғонистон дар васоити ахбори омма ва интернет ба табақаҳои гуногуни ҷомеа таъсири калон мерасонад. Зеро чунин ташвиқу тарғиб метавонад ба бисёр оилаҳое, ки аъзоёнашон ҳамасола барои муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа мераванд, таъсири мусбӣ расонад. Чунки теъдоди зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ дар ширкатҳои хусусии сохтмонӣ, нуқтаҳои савдо, масҷидҳо ва дигар ҷойҳои ҷамъшавии муҳоҷирони корӣ тахти фишори руҳиву равонӣ ва идеологии моилгарони гурӯҳҳои экстремистӣ қарор мегиранд. Моилгарон ба воситаи интернет низ дар ифротӣ гардонидани мафкураи ҷавонон хеле фаъол буда, бинобар надоштани донишҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ, надонистани забони русӣ ва мутаносибан фарҳанги кишварҳои хориҷӣ ва ви-

жагиҳои тафаккури онҳо, аксар вақт боиси ихтилофи ҷаҳонбинии тарафҳо мегардад.

Муҳоҷирони корӣ бо дарёфти маблағи муайян пеш аз ҳама телефонҳои мобилии васеъи бисёрфунксионалӣ харидорӣ намуда, ба шабакаи интернетии баландсуръат пайваст мегарданд. Аммо мафкураи мазҳабию зӯроваронаи динӣ дар фазои интернетӣ бо суръати баланд паҳн гардида истодааст. Аз ин лиҳоз, хоҳ мо мехоҳем, хоҳ на, чунин равандҳо ба ҷаҳонбинии ҷавонон бе таъсир намемонад. Тибқи таҳлилҳои коршиносон дар муддати хеле кӯтоҳ (аз 2 то 6 моҳ) моилгарони ташкилоти экстремистстӣ-террористӣ қодиранд, ки ноболиғону ҷавонони 14-27 солаи камсаводу ноогоҳро ба террористони эҳтимолӣ табдил диҳанд.

Паҳншавии мунтазами идеологияи экстремистии мазҳабӣ дар пасманзари низоъҳои мусаллаҳона дар Сурия, Ироқ, Афғонистон ва ҳоло дар Фаластин, ғояи муттаҳидсозии умумиҷаҳонии уммати мусулмон дар ташкили «хилофати одилонаи исломӣ» дар ҷаҳонбинии чунин ҷавонон ба «идеал» носозгор табдил мeёбад, ки онҳоро мунтазам ба хушунату зӯроварӣ сафарбар менамояд. Чунин хушунати мазҳабӣ ва равонӣ пеш аз ҳама занон ва кӯдакони хурдсолро фаро мегирад. Азбаски бархе аз ҷавонони мутаассиб ба таври мунтазам ба хонаводаҳои худ маблағҳои пулӣ мефиристанд бо ин васила онҳо модарону падарон ва хоҳарону додарони ноболиғи худро дар ҳолати вобастагӣ қарор дода дар бораи зиндагии оядаи онҳо шартҳои худро таҳмил месозанд. Аз ҷумла, онҳо хоҳарон, модарон ва дигар хешовандони наздикашонро маҷбур мекунанд, ки сару либоси барои мардуми мо бегонаро ба бар кунанд, аз тамошои телевизион, гӯш кардани мусиқӣ, дохилшавӣ ба донишгоҳҳо ва кору фаъолият даст кашанд.

Мутаассифона, ба далели он ки 90 % кулли мусалмонони ҷаҳон Исломро дар сатҳи рӯякӣ – эҳсосотӣ медонанд, бисёре аз онҳо (ҳатто омӯзгорону олимони сатҳҳои гуногун) зери таъсири чунин «мусалмонҳои салафӣ» қарор гирифтаанд, ки онҳо ғайр аз хондани дуо ва аз ёд донистани якчанд ояту ҳадис аз ҷавҳари аслии дини мубини ислом бехабаранд. Аммо онҳо худро мусулмони «ҳақиқӣ» ва муборизи роҳи «ҳақ» эҳсос мекунанд. Яке аз самтҳои стратегии пешгирии ифротгароӣ дар байни занону ноболиғон, ки аксар вақт қурбонии чунин зуҳурот мегарданд, ташаккули идеологияи қавии зидди экстремистӣ дар байни онҳо мебошад, ки ҳалли ҳамаҷонибаи масъалаҳои илмию педагогӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иттилоотӣ, маърифатӣ ва тарбиявиро тақозо менамояд.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ чунин хавфу хатарро дар тамоми манотиқи дунё эҳсос намуда, таҳти сарпарастии ЮНЕСКО як қатор ташаббусҳоро ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар соҳаи эҳтиром ба фарҳангҳои гуногун ва таҳаммулпазирӣ нисбат ба тамоми миллату халқиятҳо, рад кардани радикализми исломӣ роҳандозӣ карда истодааст. Аз ҷумла, тибқи қарори ЮНЕСКО дар соли 2015, кишварҳои узв бояд «ба азхудкунии донишу малакаҳои ҳама донишҷӯён барои пешбурди фарҳанги сулҳ, пешгирии хушунату зӯроварӣ дар асоси эътиқодҳои диниву мазҳабӣ ва эҳтиром гузоштан ба ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон мусоидат кунанд»[1]. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, ЮНЕСКО дар соли 2016 дастур барои муаллимон оид ба муқовимат бо ифротгароии хушунатомезро нашр кард ва дар моҳи марти соли 2017 дастури нави захиравӣ бо номи «Пешгирии ифротгароии хушунатомез тавассути таълим – Дастур барои роҳбарон» вобаста ба банақшагирӣ ва татбиқи чорабиниҳои муассири таълимӣ дар соҳаи маориф ба табъ расонида шуд.

Ҳанӯз соли 2000-ум Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати татбиқи ташаббуси дар боло зикргардидаи ЮНЕСКО-ро дарк карда буд. Дар робита ба ин, 2-

[1] Решение 197 EX/46 «Роль ЮНЕСКО в популяризации образования в качестве инструмента предотвращения насильственного экстремизма», 2015 // [Электронный ресурс]. – URL: http://unesdoc.unesco.org/images/0023/002351/235180r.pdf (дата обращения: 07.02.2018).

юми ноябри соли 2007, таҳти № 543 қарори мазкур қабул гардид, ки дар он «Барномаи давлатии мубориза бо ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015» тасдиқ карда шуд. Дар банди 2.6-и Барнома муқаррар карда шудааст, ки «бо мақсади коҳиш додани омилҳое, ки ба паҳншавии ақидаҳои ифротгароии дорои хусусияти динӣ мусоидат мекунанд, кор оид ба омӯзиши дурусти арзишҳои ахлоқӣ ва талаботи дини ислом ташкил карда шавад». Аммо дар пайи чашмгириҳои бархе аз мансабдорон фанни «Таълими исломӣ» аз барномаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ хориҷ карда шуд ва мувофиқан ин иқдоми Ҳукумат натиҷаи чашмрас набахшид. Ба андешаи мо, дар тамоми мактабу донишгоҳҳо ҷорӣ намудани курсҳои махсуси муқовимат бо ифротгароӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки натанҳо асосҳои динии таҳаммулпазирӣ, балки ҷанбаҳои таърихӣ, сиёсӣ, адабӣ, криминологӣ ва ҳуқуқии муқовимат бо ифротгароиро муаррифӣ намоянд. Зеро раванди ташаккули ҷаҳонбинӣ мутаносибан шахсияти кӯдакон ва занони оянда дониши амиқи муқовимат бо унсурҳои ифротгароиро тақозо мекунад.

Чунин бархӯрд инчунин аз муқаррароти ҳуҷҷатҳои консептуалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки дар онҳо қайд шудааст, ки «пешгирии радикализм дар байни ноболиғон ва ҷавонон бояд аз синни томактабӣ ва мактабӣ, вақте ки дар кӯдак ҳисси муҳаббат ба Ватан ташаккул меёбад, ҳал карда шавад. Дар мактабҳо бояд фанҳое таълим дода шаванд, ки ба мактаббачагон ҳисси эҳтироми инсонро ҳамчун шахсият, сарфи назар аз миллат, нажод, дин ва маҳал таълим диҳанд. Шароитеро фароҳам оваранд, ки ба кӯдакон имкон диҳанд, ки ба ҷараёни иттилооти манфӣ дуруст вокуниш нишон диҳанд ва худро аз таъсири он муҳофизат кунанд. Чунин чорабиниҳо барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ, коллеҷу техникумҳо, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ муассир хоҳад буд.

Бо назардошти афкори иброзгардида чунин хулоса ва пешниҳодҳоро дар муқовимат ба экстремизм ва савдои одамон манфиатпазир меҳисобем:

1) Таҳлили санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар самти савдои одамон собит месозанд, ки занону кӯдакони дар минтақаҳои ҷангзада қарордошта, ки ба истисмори меҳнатӣ, шаҳвонӣ ва ё дар зери фишор ва зӯроварӣ барои иштирок дар чунин муноқишаҳо ҷалб гардидаанд, ҳамчун қурбониёни савдои одамон эътироф гардида, давлатҳои узви Созмони Милали Муттаҳид мувазззаф мебошанд, ки чораҳои офиятбахшӣ, мутобиққунонӣ ба ҳаёти осоишта, аз ҷумла таълиму тарбия, ёрии ҳуқуқӣ, равонӣ, иҷтимоӣ ва бо ҷойи кор таъмин намудани чунин қурбониёнро роҳандозӣ намоянд.

2) Дар сатҳи байналмилалӣ стратегияи муқовимат ба ҷалби занону кӯдакон барои истифода дар задухӯрдҳои мусаллаҳона ташаккулёфта, дар самти пешгирии ин раванд методологияи омода сохтани дастурҳои таълимӣ аз ҷониби созмони бонуфузи байналмилалии ЮНЕСКО пешниҳод гардидааст, ки барои давлатҳои узви Созмони Милали Муттаҳид роҳнамои манфиатпазир маҳсуб меёбад.

3) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дар амал татбиқ намудани уҳдадориҳои байналмилалии худ дар самти мазкур дар «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатӣ рафъи сабабу шароитҳои ифротгароӣ, офиятбахшӣ ва ба ҳаёти осоишта баргардонидани шахсони дорои гузаштаи ифротгароӣ-террористӣ ва баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ ва таҳаммулпазирии ҷомеа нисбат ба чунин шахсонро эътироф кардааст.

4) Бо мақсади татбиқи талаботи банди 52 «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» лоиҳаи «Барномаи офиятбахшӣ, мутобиққунонӣ ба ҳаёти осоишта баргардонидани шаҳрвандони ихтиёран аз иштирок дар задухӯрдҳои мусаллаҳона дар хориҷи кишвар ё содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ-террористидошта дасткашида», таҳия гардида барои тасдиқ намудан ба мақомоти салоҳиятдори давлатӣ пешниҳод шудааст. Дар Барномаи мазкур ҳадафҳо, вазифаҳо ва тадбирҳои

муштараки мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалиро дар ин самт мушаххасан муайян гардидаанд.

5) Яке аз самтҳои стратегӣ дар муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар соҳаи маориф коркард намудани дастурҳои таълимии аз ҷиҳати илмӣ-методологӣ мукаммал барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ, коллеҷу техникумҳо, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таблиғоти касбии зидди экстремистӣ-террористӣ дар васоити ахбори омма ва шабакаи интернетӣ маҳсуб меёбад.

**ТДУ 343.987**

***Солеҳзода Д. У.***
*Сардори шуъбаи криминалистии Маркази ҷумҳурявии экспертизаи судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*E-mail: sudexpertiz-tj@mail.ru*

## НАҚШИ КОРШИНОСИ СУДӢ ДАР ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲОИ МАРБУТ БА САВДОИ ОДАМОН

### Роль судебного эксперта в расследовании преступлений, связанных с торговлей людьми

Инсон дар ҳама давру замон волотарин мавҷудот эътироф мегардид. Ва риоя гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон боиси барқарор гардидани низоми ҷомеа ва тадбиқ гардидани дигар ҳуқуқу озодиҳо мегардад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун волоторин санади ҳуқуқӣ ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар радифи аввал мегузорад. Мутобиқи моддаи 5 Конститутсияи кишвар «инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд»[1]. Аз ин меъёри конститутсионӣ бармеояд, ки волотарин арзиш, ки баҳри ҳифзи он тамоми санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ ба тавсиб расонида шудаанд, ин риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун волотарин мавҷудоти биологӣ ба ҳисоб меравад.

Аммо мутаассифона, баъзе аз инсонҳо баҳри манфиати худ ҳуқуқу озодиҳои якдигарро на танҳо ки маҳдуд, балки комилан онро аз арзиши инсонӣ берун ба мисли як ашё ба муомилот мебароранд. Инсон дар ҳама ҳолат дорои озодӣ аст, вале шароити иҷтимоӣ ва ё ҳам манфиатталабии баъзе аз гурӯҳҳо сабаби чунин муомилотҳо мегардад.

Мушкилии муайян намудани савдои одамон дар имрӯзҳо яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Ин намуди ҷиноят кирдоре эътироф гардидааст, ки боиси поймол гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсоният мегардад. Баҳри ошкор намудани ин намуди ҷиноят истифодаи дониши коршиноси судӣ аз аҳамият холӣ намебошад.

Тавре ки ба мо маълум аст, экспертизаи судӣ дар айни замон дар ошкор намудани аксарияти ҷинояту ҷинояткорӣ нақши ҳалкунандаро иҷро намуда истодааст. Тавассути гузаронидани тадқиқоти экспертӣ механизми содир намудани ҷиноятҳо барои мақомоти тафтиш муайян карда мешавад. Воқеан агар ба марҳилаи тафтиши

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.1999, 22.07.2003 ва 22.05.2016) // [Захираи электронӣ]. – URL: www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 12.11.2023).

ҷиноятҳо нигарем баръало мушоҳида менамоем, ки аксарият ҷиноятҳо дар асоси хулосаи эксперт тартиби басту банди онҳо муайян карда мешаванд. Дар замони ҳозира донишҳои махсуси коршниосони судӣ дар ошкорнамоии аксарияти ҷиноятҳо истифода карда мешавад. Новобаста аз мақоме, ки қонунгузорӣ ба хулосаи коршиноси судӣ вобаста ҳайси далел эътироф намудани он додааст, дар ифшосозии ҷинояткорӣ аз хулосаи коршиноси судӣ истифода бурда мешавад. Коршиноси судӣ субъекте мебошад, ки дорои дониши махсус буда, вобаста ба ҳолати кор ва ҷинояти содиргардида дорои манфиат нест ва танҳо дар асоси доштани дониши ҳуқуқии худ ва донишҳои махсусе, ки хос будани ӯро собит месозанд, барои ҳалли парвандаҳо дар раванди мурофиа ва ё ҳам дар давраи тадқиқот нақши ҳалкунанда дорад. Дар ҳоли ҳозир ҷинояткорон бо истифода аз техникаву технологияи замонавӣ намудҳои нави ҷиноятро ба вуҷуд овардаанд, ки баҳри ошкорнамоии онҳо истифода бурдан аз воситаҳои илмӣ-техникии криминалистӣ ва аз донишҳои махсуси коршиноси судӣ ба вуҷуд меояд. Асри навин ҷиноятҳоеро рӯйи кор овард, ки қаблан дар содиргардӣ мушоҳида карда намешуданд, мисли ҷиноятҳо дар соҳаи техникаи компютерӣ ва амсоли инҳо. Дар ҷиноятҳо вобаста ба савдои одамон низ метавон аз нақши хулосаи коршинос ёдовар гардид. Тафтиши ҷиноят раванди басо мураккаб маҳсуб меёбад, ки барои ба даст овардани маълумоти воқеӣ истифодаи дониши махсус лозим мебошад[1].

Дар ошкорнамоии ҷиноятҳо ба муқобили савдои одамон метавон аз нақши экспертизаи техникаи компютерӣ ёдрас гардид. Чунки дар замони имрӯза фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти ошкорнамоӣ ва бартараф намудани ҷиноятu ҷинояткорӣ бояд ба талабот ва вазъи ҷомеаи мутамаддини имрӯза ҷавобгӯ бошад.

Муайян намудани ҷабрдидагони савдои одамон ҷараёни мушкил, ихтилофнок ва нозук мебошад. Истифода бурдани экспертизаи компютерӣ дар тафтиши ин намуди ҷиноят яке аз марҳилаҳои тадқиқот мебошад. Бояд қайд намуд, ки объекти ин намуди экспертиза компютерҳои фардӣ, дастгоҳу таҷҳизотҳои шабакавӣ ва лавозимоте маҳсуб меёбанд, ки тавассути онҳо ба шабака пайваст шудан имкон пайдо менамояд. Бешубҳа барои ошкор намудани чунин маврид дониши махсус лозим мегардад. Бо гузаронидани экспертизаи компютерӣ дар раванди ошкорнамоии ҷиноятҳо вобаста ба савдои одамон маълумоти компютерии дар раванди исбот татбиқшаванда ошкор карда мешавад. Маълумоти компютерии дар раванди исбот татбиқшаванда гуфта, маълумоти воқеие фаҳмида мешавад, ки тавассути системаи компютерӣ коркард шудааст ва тавассути шабакаҳои телекоммуникатсионӣ интиқол дода мешавад. Ин маълумот барои қабули инсон дастрас мебошанд ва дар асоси онҳо тибқи муқаррароти қонун барои парвандаи тадқиқшаванда дорои аҳамият мебошанд. Чунин маълумотҳо дар воситаҳои гуногуни электронӣ чоп мегарданд. Барои муқаррар намудани чунин маълумотҳо хулосаи эксперти соҳаи техникаи компютерӣ зарур мебошад.

Ҷиноятҳо вобаста ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давраи амалиётҳои солҳои 1992-юм пайдо гардидаанд. Маҳз дар он давра барои хариду фурӯши одамон замина ба вуҷуд омада буд, махсусан барои савдои кӯдакон. Дар ин замон гурӯҳҳои калони ҷиноятӣ ташкил дода шуданд, ки баҳри манфиати худ чунин намуди ҷиноятро тайёр ва ба иҷро мерасониданд. Барои содир намудани чунин кирдори бадахлоқона ҷинояткоронро лозим аст, ки нақшаи содирнамоии амали худро тайёр намоянд. Баъзан вақт баъди тавассути фиребу найранг ва ё ҳам бо роҳи зуроварӣ розӣ намудани одамон ё худ объекти ин намуди ҷиноят гурӯҳҳои ҷинояткор барои берун аз ҷумҳурӣ содир намудани амалиётҳои ғайриинсонии худ ҳуҷҷатҳои қалбакӣ баҳри берун намудани шахс аз ҳудуди ҷумҳурӣ ва гуё шахсият

---

[1] *Бурков И. В., Мурзиков А. В.* Заключение эксперта как вид доказательств. – Владимир: Транзит Икс, 2001. – С. 139-144.

ихтиёрона барои ба хориҷ сафар намудан розӣ шуда бошад, расмиёти гуногун ба иҷро расонида мешавад.

Аз ҷумла, омода намудани ҳуҷҷатҳо вобаста ба берун баромадани шаҳрванд аз ҳудуди ҷумҳурӣ тартиби гуногуни ҳуҷҷатгузорӣ анҷом дода мешавад. Яъне, дар вақти анҷом додани чунин намуди ҷиноятҳо таркиби дигар ҷиноят низ ба вуҷуд омаданаш мумкин мебошад. Чунончи ҷиноятҳо вобаста ба тасарруф ё вайрон кардани ҳуҷҷат, штамп, мӯҳр (м. 339 КҶ ҶТ) ва ё ҳам сохтакорӣ, тайёр кардан ё ба соҳибияти каси дигар додани ҳуҷҷат, мукофоти давлатӣ, штамп, мӯҳр ва бланкаҳои қалбакӣ (м. 340 КҶ ҶТ) мумкин аст, содир карда шаванд[1]. Агар таркиби чунин ҷиноятҳо ба вуҷуд омада бошад, ошкорнамоии чунин маврид танҳо тавассути хулосаи коршиносони судӣ имкон пайдо менамояд. Барои муқаррар намудани ҷой доштан ва ё надоштани сохтакорӣ дар ҳуҷҷатҳо ба намуди экспертизаи судии техникии тадқиқоти ҳуҷҷатҳо зарурият пайдо менамоем. Дар ин намуди экспертиза ҳолатҳои ҷой доштани сохтакорӣ муқаррар гардида, меъёри вайрон гардидани қонунгузории ҷиноятии кишвар ошкор карда мешавад.

Баҳри ошкорнамоии чунин ҳолат танҳо дониши коршиноси судӣ лозим мебошад, чунки танҳо шахсияти дорандаи чунин дониш ва малакаи махсус коршиноси судӣ мебошад. Дуруст аст, дар ошкорнамоии ҷиноятҳо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳар кадом вобаста бо салоҳияти худ нақши муайянро иҷро менамоянд, чӣ дар марҳилаи тафтиш ва ҳам дар тадқиқи парвандаҳо. Аммо бояд аз нақши махсус доштани хулосаи коршиноси судӣ низ ёдовар гардем.

Мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» ба ҳайси субъектони дигари давлатии амаликунандаи муқовимат ба савдои одамон Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ баромад менамояд. Вазорати адлия мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, амалигардонии сиёсати давлатӣ ва танзими ҳуқуқиро дар соҳаи ҳуқуқэҷоднамоӣ, кӯмаки ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон, тарғиби ҳуқуқӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, экспертизаи судӣ-криминалистӣ ва дигар соҳаҳои адлия таъмин менамояд[2].

Мавҷуд будани чунин меъёр дар қонуни соҳавӣ бори дигар аз ин шаҳодат медиҳад ки дар ошкорнамоии ҷинояти мазкур коршиносони судӣ дар канор набуда, баҳри ошкорнамоии ҷиноят ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони масъул тамоми сайъу кушиши худро ба истифода медиҳанд.

Дар раванди ошкорнамоии ҷиноятҳо алайҳи савдои одамон аз асосҳои илми криминалистика васеъ истифода бурда мешавад, мисли айниятнамоӣ; Муайян намудани қурбониёни савдои одамон ҷараёни меҳнатталаб мебошад. Яъне, на ҳар шахсоне, ки ҷиҳати ёрӣ гирифтан муроҷиат менамоянд, қурбонии ин намуди ҷиноят мебошанд. Дар таҷриба ҳолатҳо фиребнамоӣ вобаста ба вонамуд намудани қурбонии ин намуди ҷиноят ба назар мерасад. Ва баҳри ин зарурияти таҳияи як қатор расмиёт ва механизмҳои махсус ба вуҷуд меояд. Мақсади таҳияи чунин расмиёт боварӣ ҳосил намудан ҷиҳати он, ки дар ҳодисаи ҷойдошта шахси мазкур дар ҳақиқат қурбонии ҳамин ҷиноят гаштааст ё не?

Айниятнамоии қурбониёни савдои одамон ин маҷмуи амалҳои мақомоти салоҳиятдори давлатӣ, аз он ҷумла бо ёрии дигар ташкилоту мақомотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ. Ҷараёни айнияткунонӣ бояд бо дарназардошти эҳтироми ақидаҳо ва мустақилияти қурбонии айнияткунонидашаванда амалӣ гардонида мешавад. Бино-

---

[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи соли 1998, таҳти № 574 // Ахбори Маљлиси Олии Љумњурии Тољикистон. – 1998. – № 9. – Мод. 68-69.

[2] Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» / А. Ғ. Холиқзода, Т. Ш. Шарипов, К. Ҳ. Солиев [ва диг.]. Нашри 2-юм такмилдодашуда. – Душанбе, 2017. – 476 с.

бар ин чараёни айнияткунонӣ бояд қисми ҷудонашавандаи механизми ҳимояи қурбониёни ин ҷиноят маҳсуб ёбад.

Омилҳое, ки чараёни айнияткунонии қурбонии савдои одамонро осонтар мегардонанд, инҳо унсурҳое, мебошанд, ки имконияти шинохти инсонро осон мегардонанд. Мисли синну сол, миллат, ҷинс, ҳуҷҷатҳо, ҷойи охирини қарордошта далели истифода гардидани зуроварӣ нисбати ӯ ва ғайра.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилҳои боло қайд кардан лозим аст, ки дар ошкорнамоии ҷиноятҳо вобаста ба савдои одамон зарурати таъин намудани экспертизаҳои криминалистӣ ба миён омада, он бо исифодаи донишҳои махсус бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба расмият даровардa мешавад.

Хулосаи коршиносони судӣ барои ошкор намудани сабабу шароитҳое равона мегардид, ки аз ошкор гардидани чунин сабабу шароитҳо натиҷаи тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ вобастагии сахт дошта, ҷиҳати татбиқшавии адолати судӣ заминагузорӣ менамояд.

**УДК 343.43**

***Толонбаев У. С.***
*Старший преподаватель кафедры уголовного права Академии МВД Кыргызской Республики им. генерал-майора милии Э. Алиева, подполковник милиции*
*E-mail: tolonbaev.ulukbek@mail.ru*

## К ВОПРОСУ О СОСТОЯНИИ БОРЬБЫ С ТОРГОВЛЕЙ ЛЮДЬМИ В КЫРГЫЗСКОЙ РЕСПУБЛИКЕ

Торговля людьми – это глобальная и сложная проблема, которая затрагивает множество стран, включая Кыргызскую Республику. Власти Кыргызстана принимают меры для противодействия с этим явлением, но проблема сохраняется.

Последними важными шагами в противодействии торговле людьми является внесение изменений в Закон Кыргызской Республики «О предупреждении и борьбе с торговлей людьми» от 24 января 2023 г., за № 8[1].

В законе описывается основные функции и полномочия субъектов, которые участвуют в деятельности по предупреждению и борьбе с торговлей людьми в Кыргызстане. В соответствии с этими положениями, органы исполнительной власти и их территориальные органы (например, министерства, ведомства и комитеты) имеют обязанность разрабатывать и реализовывать различные меры, направленные на предупреждение и борьбу с торговлей людьми. Меры могут включать в себя профилактические, режимные (организационные), информационные, воспитательные и другие действия для предотвращения, выявления и пресечения случаев торговли людьми. Эти меры направлены на защиту потенциальных жертв и наказание тех, кто замешан в торговле людьми. Также предоставляется механизм предоставления информации, материально-технических и финансовых средств, транспортных средств и средств связи, медицинского оборудования и лекарственных средств спе-

[1] Закон Кыргызской Республики «О внесении изменений в Закон Кыргызской Республики «О предупреждении и борьбе с торговлей людьми» от 24 января 2023 г., за № 8 // [Электронный ресурс]. – URL: https://cbd.minjust.gov.kg/112467 (дата обращения: 113.11.2023).

циализированным учреждениям, оказывающим помощь лицам, пострадавшим от торговли людьми. Это предназначено для обеспечения адекватной помощи жертвам торговли людьми. Порядок предоставления вышеуказанных ресурсов и средств регулируется решениями Кабинета Министров Кыргызской Республики.

Вышеперечисленные положения обеспечивают координированный подход со стороны различных государственных органов для борьбы с торговлей людьми и защиты прав потенциальных жертв. Такие меры важны для обеспечения эффективной борьбы с этим серьезным нарушением прав человека как торговля людьми.

Кроме этого, 28 октября 2021 г. был принять действующий Уголовный Кодекс Кыргызской Республики (далее – УК КР), который ужесточает наказание, для преступников, занимающихся торговлей людьми и жертвами для этого выбирали детей. Так в УК КР был предусмотрен новый состав преступления статья 167 УК КР «Торговля детьми»[1]. Данная статья устанавливает серьезные наказания для тех, кто выбирает жертв торговли людьми детей.

Одним из ученых, кто исследовал проблемы торговли людьми является Атай Молдобаев. В своем исследовании проблем торговли людьми он отмечал что, основными сферами эксплуатации людей в Центральной Азии является сельское (домашнее) хозяйство, строительство, сексуальное рабство, детский труд, а также переправка людей в зону боевых действий на Ближнем Востоке после проведения соответствующей вербовки. К тому же, характер торговли людьми в регионе имеет свои отличия в каждой отдельно взятой стране, где социально-экономический уровень республики выступает в качестве ключевого фактора и определяет масштабы проблемы. К примеру, ВВП на душу населения в Казахстане за 2015 год составил 25 044 долл. США, Туркменистане – 16 532 долл. США, Узбекистане – 6 086 долл. США, Кыргызстане – 3 433,6 долл. США, Таджикистане – 2 833 долл. США. Макроэкономические показатели напрямую коррелируют с уровнем развития проблемы торговли людьми: Казахстан и Узбекистан являются в меньшей степени странами транзита и в большей – назначения, все остальные республики региона являются транзитными пунктами и странами происхождения человеческих ресурсов. Исходя из этого утверждения становится очевидным, что уязвимыми слоями для торговли людьми являются: иностранные трудовые мигранты; внутренние трудовые мигранты; неблагополучные слои населения; женщины и дети[2].

Из приведенного исследования А. Молдобаева можно сделать следующие выводы:

1. Основными сферами эксплуатации людей в регионе включают сельское (домашнее) хозяйство, строительство, сексуальное рабство, детский труд и переправку людей в зону боевых действий на Ближнем Востоке после проведения соответствующей вербовки. Эти формы торговли людьми могут варьироваться от страны к стране.

2. Социально-экономический уровень республик влияет на масштабы проблемы торговли людьми. Низкий ВВП на душу населения в ряде стран региона делает их более уязвимыми для торговли людьми. Казахстан и Узбекистан, с более высоким ВВП на душу населения, склонны принимать лиц в качестве назначения, в то время как другие республики региона чаще выступают в роли транзитных пунктов и стран происхождения человеческих ресурсов.

3. Уязвимыми группами для торговли людьми в регионе являются иностранные трудовые мигранты, внутренние трудовые мигранты, неблагополучные слои

[1] Уголовный кодекс Кыргызской Республики от 28 октября 2021 г., за № 127 (Введен в действие Законом КР от 28 октября 2021 г., за № 126).

[2] *Молдобаев А.* Проблема торговли людьми является нетрадиционной для Кыргызстана // [Электронный ресурс]. – URL: https://cabar.asia/ru/ataj-moldobaev-problema-torgovli-lyudmi-yavlyaetsya-netraditsionnoj-dlya-kyrgyzstana (дата обращения: 19.10.2023).

населения, женщины и дети. Эти группы подвергаются риску эксплуатации и торговли своими трудовыми и личными ресурсами.

Исходя из этого, можно сделать вывод о необходимости разработки и реализации мер для предупреждения и борьбы с торговлей людьми в регионе. Эти меры могут включать в себя усиление контроля над миграцией, улучшение экономической ситуации в уязвимых странах и региональное сотрудничество для борьбы с этой серьезной проблемой.

На основе вышеуказанного считаем необходимым рассмотреть вопрос о разработке и реализации мер активизации борьбы с торговлей людьми в Центральной Азии, так как, доказывает история и практика, торговля людьми – это серьезная проблема, которая требует комплексного подхода. В связи с этим, предлагаем некоторые конкретные шаги по активизации усилий, которые, на наш взгляд, смогут быть полезными в ходе борьбы с этим проявлением:

1. Усиление контроля в области миграции. Центральные и местные государственные органы могут усилить контроль над миграцией, с целью предотвращения незаконной переправки людей через границы. Это может включать в себя такие меры, как улучшение характера приграничных проверок, обмен информацией между странами и сотрудничество с международными организациями.

2. Улучшение экономической ситуации. Одной из главных причин проблем торговли людьми заключается в экономической уязвимости некоторых групп населения. Поддержка программ по борьбе с бедностью, образованию и созданию рабочих мест может помочь снизить уровень уязвимости и сделать менее привлекательной альтернативу торговли людьми.

3. Региональное сотрудничество. Региональные страны могут сотрудничать в борьбе с торговлей людьми, обмениваясь информацией, координируя действия правоохранительных органов и разрабатывая общие стратегии по предотвращению этой проблемы. Региональные организации могут также играть важную роль в содействии сотрудничеству.

4. Профилактические меры и образование. Важным аспектом борьбы с торговлей людьми является информирование общества и обучение людей, как избегать стать жертвами торговли людьми. Профилактические меры и образовательные программы могут помочь увеличить осведомленность населения в этой области.

5. Судебные меры и наказание. Эффективная система правосудия и наказание лиц, замешанных в торговле людьми, являются неотъемлемой частью борьбы с этим преступлением. Важно убедиться, что законодательство стран региона соответствует международным стандартам и что оно строго применяется.

Эти меры могут стать эффективным средством борьбы с торговлей людьми в регионе, и важно, чтобы различные заинтересованные стороны, включая правительства, международные организации, НПО и общество, сотрудничали в этом вопросе для достижения наилучших результатов.

**ТДУ 343.1**

***Урфонзода Д. С.***
*Муаллими калони кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия*
*E-mail: sadonschoev.donisch@yandex.ru*

***Одиназода А. Ғ.***
*Муаллими кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтенанти калони милитсия*
*E-mail: sadonschoev.donisch@yandex.ru*

# МАСЪАЛАҲОИ БАНАҚШАГИРИИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲОИ САВДОИ ОДАМОН ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

## ВОПРОСЫ ПЛАНИРОВАНИЯ РАССЛЕДОВАНИЯ ТОРГОВЛИ ЛЮДЬМИ В УГОЛОВНОМ ПРОЦЕССЕ

Сифати тафтиш ва муҳлати ҳар як парвандаи ҷиноятӣ аз он вобаста аст, ки муфаттиш чихел тафтиши парвандаро ташкил мекунад ва ба нақша мегирад.

Тафтиши оқилона – ин интихоби оқилона, ҷобаҷогузорӣ, истифодаи самаранок ва мақсадноки қувваҳову воситаҳое, ки ба мақсади истеҳсолоти мурофиаи ҷиноятӣ истифода мешаванд фаҳмида мешавад[1].

Банақшагирӣ ва ташкилӣ байни ҳамдигар алоқаи зич доранд. Чораҳои ташкилӣ аз вазифагузории нақша бар меоянд, банақшагириро талаб мекунанд ва ба нақша ҳамроҳ мешаванд. Аз имкониятҳои нақшавӣ то як андоза элементоҳи зерин бавуҷуд меоянд: мӯҳлат, давомнокӣ ва пайдарҳамии амалҳои тафтишотӣ[2].

Муаянкунии самти нақша вобаста ба тафтиши савдои одамон дар бисёр мавридҳо аз то чӣ андоза донистани санадоҳи меъёрии танзимкунандаи соҳаи муҳоҷират ва омаду рафт ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан қонунгузории соҳаи меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои алоҳида инчунин системаи сарҳадот ва назорати гумрукиро донистани муфаттиш вобастагии калон дорад.

Вобаста ба тобеият, ҳаҷм ва мушкилии парвандаи ҷиноятӣ дар самти савдои одамон чунин нақша тартиб дода мешавад: дар умум ба парванда, ба ҳодисаҳои алоҳида, ба айбдоркуниҳои алоҳида.

Бе шубҳа гуфтан мумкин аст, ки дар тафтиши парвандаҳои савдои одамон нақшаи хаттӣ тартиб додан зарур аст, ки ин чандидн маротиба дар амал исбот шудааст. Илми криминалистика дар асоси амалияи тафтишотӣ якчанд шакли нақшаи хаттиро муаян кардааст: нақша-ҷадвал, нақша-тарҳ, нақша-шоҳмот, нақша-шабака ва ғайраҳо. Парвандаҳои ҷиноятии савдои одамон мушкил ва ҳаҷман бисёранд, ба ҳамин дар бисёр мавридҳо ин гуна парвандаҳо аз ҷониби гуруҳи муфаттишон пешбурд карда мешаванд, ки ба нақшаи умумӣ ниёз пайдо мешавад. Ташкили умумии кори муфаттишон вобаста ба тафтиши парвандаҳои ҷиноятии ба савдои одамон алоқаманд хусусиятҳои худро дорад. Тафтиши парвандаи ҷиноятии савдои одамон аз ҷониби гурӯҳи муфаттишон нақшаи возеҳро талаб мекунанд, ки аз тарафи роҳбари гурӯҳи тафтишотӣ тартиб дода мешавад.

---

[1] *Ларин А. М.* Расследование по уголовному делу: планирование, организация. – М.: Юрид. лит., 1970. – С. 59.
[2] *Сичкаренко А. Ю.* Противодействие торговли людьми и использованию рабского труда. [Захираи электронӣ]. – URL: https://ставф.крду.мвд.рф/upload/site122/document_file/T4-_Osobenn_ rassledov.pdf (санаи муроҷиат: 28.11.2023).

Бо назардошти муқаррароти Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбари гурӯҳи тафтишотӣ бо қарори худ парвандаи ҷиноятиро дар истеҳсолоти худ қабул намуда, ҳамчун роҳбари гурӯҳи муфаттишон ва дигар кормандони оперативӣ баромад мекунад.

Чӣ хеле, ки амалияи тафтишотӣ оид ба парвандаҳои савдои одамон нишон медиҳад мувофиқи мақсад аст, ки дар марҳилаҳои тафтиши ҷиноятҳои савдои одамон ба хотири ҳарчи зудтар санҷидани миқдори зиёди амалҳои тафтишотӣ гурӯҳи тафтишотӣ таъсис дода шавад.

Дар марҳилаҳои минбаъда вобаста ба мушкилоти парванда, миқдори гумонбаршудаҳо ва ҳодисаҳои ҷиноятӣ гурӯҳи тафтишотӣ мумкин аст хурд карда шавад.

Роҳбари гурӯҳи тафтишотӣ самти тафтиши парвндаро муаян карда, нақшаи минбаъдаи парвандаи ҷиноятиро тартиб дода ҳаматарафа ва холисона санҷидани парвандаи ҷиноятиро ба уҳда мегирад[1].

Ғайр аз ин, роҳбари гурӯҳи тафтишотӣ чунин ӯҳдадориҳоро ба зимма мегирад: ҳамаи маълумотҳое, ки вабаста ба парвандаи ҷиноятии савдои одамон ворид мешванд ба тартиб дарорад; ҳаммаи камбудиҳо ва мухолифатҳоро оид ба парвандаи тафтишшаванда ошкор намуда, вобаста ба имконият бартараф намояд; ҳамаи аъзоёни гурӯҳи тафтишотиро аз маълумотҳои воридгардида барои тафтиши парвандаи ҷиноятӣ зарур огоҳ намояд то, ки минбаъд чораи дуруст андешида шавад; дар як вақт амалҳои тафтишотии гурӯҳи тафтишотиро бо ҳам мувофиқ намояд, то, ки ба дубораморӣ ва сарфи беҳудаи вақт роҳ надиҳанд.

Ин уҳдадориҳо асосан дар марҳилаҳои аввали тафтиши парвандаи ҷиноятӣ вобаста ба савдои одамон заруранд.

Мувофиқи мақсад шуморида мешавад, ки дар ташкили кори гурӯҳи тафтишотӣ вобаста ба савдои одамон дастурҳои зерин ба инобат гирифта шаванд:

– муайян кардани ҳолати минбаъдаи амалҳои тафтишотӣ, ки дар марҳилаҳои аввал бояд чигуна анҷом дода шаванд;

– барои омӯзиш ва таҳлили далелҳо ба гурӯҳи тафтишотӣ ворид намудани муфаттишони ҷавон ва ба ин васила имкон муҳаё намудан ба муфаттишони пуртаҷриба барои пурсиши гумонбаршудаҳо ва дигар амалҳои тафтишотии ҷиддӣ;

– агар дар парвандаи тафтишшаванда вобаста ба савдои одамон гумонбаршудаи ҷинси зан бошад, ба гурӯҳи муфаттишон ворид намудани шахсе, ки қобилияти бо зан барқарор кардани муносибатро дорад ва аз ҷиҳати психологӣ тавонад бо зан гуфтугӯ барқарор кунанд ё аз ҳама хубаш муфаттиш ҷинси зан бошад;

– агар гумонбаршаванда нишондоди нодуруст диҳад ё ин, ки далелҳои сохтаю бардуруғ пешниҳод намояд хубтар аст, ки ба гурӯҳи тафтишотӣ муфаттши пуртаҷриба аъзо карда шавад, то бо ин категорияи гумонбаршавандагон кор карда тавонад;

– аз ҳама хуб дар гурӯҳ бояд миқдори муфаттишон бо миқдори гумонбаршавандаҳо тақсим шаванд, илова бар ин як корманди дигар барои азназаргузаронии делеҳо ва пурсиши шоҳидон зам карда мешавад. Агар миқдори муфаттишон аз гумонбаршавандаҳо камтар бошад дар ин ҳолат бояд парвандаро аз рӯйи тобеияти қонунӣ-самтӣ ба як муфаттиши пуртаҷриба равон карда ба ҳар як гумонбаршавандаи муқовиматкунанда як муфатиш вобаста карда мешавад.

Тақсими вазифагузорӣ дар байни аъзоёни гурӯҳи тафтишотӣ вобаста ба савдои одамон мумкин аст ин тавр сурат гирад:

– фарзияҳои пешниҳодгардида гурӯҳбанди шуда ба умумӣ ва асосӣ тақсим мешаванд;

– ҳодисаҳое, ки ба савдои одамон алоқамананд муайян карда мешаванд;

---

[1] *Ларин А. М.* Расследование по уголовному делу: планирование, организация. – М.: Юрид. лит., 1970. – С. 72.

– амалҳои гурӯҳи ҷиноӣ марҳилабандӣ карда мешаванд;

– ҳолатҳо ва сабабҳое, ки барои парванда заруранд бояд марҳила ба марҳила исбот карда шаванд;

– намудҳои амалҳои тафтишотӣ ва қобилияти аъзоёни гурӯҳ муайян карда мешаванд[1].

Вобаста ба ин вазифаҳои роҳбари гурӯҳ ба ҳеҷ ваҷҳ мустақилияти мурофиавии аъзоёни гурӯҳро маҳдуд намесозанд.

Чихеле, ки амалияи тафтишотии ҷиноятҳо вобаста ба савдои одамон нишон медиҳад нақшаи тартибдодаи роҳбари гурӯҳи тафтишотӣ бе чунучаро таъсири амалӣ ба рафти тафтиши парвандаи ҷиноятии совдои одамон мерасонад ва нақшаҳои инфиродии дигар аъзоёни гурӯҳи тафтишотӣ аз тарафи роҳбари гурӯҳ тасдиқ карда мешаванд. Дар марҳилаҳои аввали тафтиши парвандаи савдои одамон аз ҷониби гурӯҳи муфаттишон ҳаррӯза мубодила ва натиҷагирӣ карда мешаванд[2]. Дар марҳилаҳои баъдин бо мақсади мутобиқ кардани амалҳои тафтишотии муфатишон, байни муфаттишон ва кормандони оперативӣ, ки дар тафтиши парвандаи ҷиноятӣ иштирок мекунанд муаянкунии рафти минбаъдаи парванда вобаста аз вазифа ва натиҷаҳои бадастомада аз марҳилаҳои аввал дар охири ҳафта ё моҳ натиҷагирӣ карда мешаванд.

Дар рафти мурофиа ҳар як муфаттиш ҳуқуқ дорад ба саволҳои калидии парванда фикри худро баён намояд, вале қарори охиронро вобаста ба парванда роҳбари гурӯҳи тафтишотӣ қабул мекунад. Агар ба чунин саволҳои принсипиалӣ ҳамчун бандубасти амали айбдоршавандаҳо ва интихоби чораҳои пешгирӣ ба гумонбаршавандаҳо, муфаттиш бо раҳбари гурӯҳ ба мувофиқа наоянд, роҳбари гурӯҳ амаликунии қарори худро ба яке аз муфаттишон вогузор мекунад ё ин, ки шахсан амалӣ мегардонад. Агар аъзоёни дигари гурӯҳи тафтишотӣ ба чунин саволҳои калидӣ розӣ набошанд, метавонанд ба прокуроре, ки бевосита ҳамин парвандаи ҷиноятиро назорат мекунад шикоят кунанд.

Тафтиш ва ҷамъоварии далелҳо дар парвандаи ҷиноятӣ вобаста ба савдои одамонро муфаттиш бо роҳи гузаронидани амалҳои тафтишотии гуногун амалӣ мегардонанд. Тайёрӣ ба гузаронидани амалҳои тафтишотӣ нақши муҳим барои дуруст ва самаранок гузаронидани амалҳои тафтишотӣ мебозад.

Табиист, ки шарт ва рафти бурдани ин ё он амали тафтишотӣ дар бисёр мавридҳо аз ҳолати содиршавии ҷиноят, мавқеъи шахсони ҷиноятро содир намуда ва инчунин маҳорати шахсони парвандаро тафтишкунанда вобастагӣ дорад. Аммо саволҳои умумие вуҷуд доранд, ки дар вақти таёрӣ ва банақшагирии амалҳои тафтишотӣ ҳали худро талаб мекунанд:

1. Мақсади амали тафтишотӣ чист ва дар рафти гузаронидани чунин амал чӣ натиҷа ба даст меояд?

2. Кай ва бо кадом тартиб бояд амали тафтишотӣ бояд гузаронида шавад?

3. Дар куҷо ва дар кадом шароит бояд амали тафтишотӣ гузаронида шавад?

4. Чихел бояд иштирокчиёни амалҳои тафтишотӣ даъват карда шаванд?

5. Ки бояд дар вақти гузаронидани амалҳои тафтишотӣ иштирок намояд, инчунин кадом мутахасисон метавонанд дар гузаронидани амали тафтишотӣ лозим шаванд ва чихел онҳоро бояд даъват кард?

6. Вазифаҳо чихел дар байни иштирокчиёни гурӯҳи тафтишотӣ тақсим карда мешаванд?

7. Кадом ашёҳо, ҳуҷҷатҳо ё маълумотҳо мумкин аст дар вақти гузаронидани амали тафтишотӣ лозим шаванд ва дар куҷо ҷойгиранд?

---

[1] Методика расследования торговли людьми: учебное пособие / А. А. Хамдамов, О. А. Камалов, У. Э. Расулев и др. – Ташкент: Академия МВД Республики Узбекистан, 2015. – С. 108.

[2] *Фахруддинов Р. Р.* Методика расследования торговли людьми: авторе. дисс. ... канд. юрид. наук // [Электронный ресурс]. – URL: https://www.dissercat.com/ (дата обращения: 28.11.2023).

8. Кадом воситаҳои илму техника мумкин аст дар вақти гузаронидани амалҳои тафтишотӣ истифода шаванд ва чихел истифодабарии онҳоро мо бояд ташкил кунем?

9. Мумкин аст дар вақти гузаронидани амалҳои тафтишотӣ ягон ҳолати таъхирнопазир пайдо шавад ва дар чунин вазъият чӣ бояд кард?

Вобаста ба мушкилиҳои парвандаи ҷиноятии алоқаманд ба савдои одамон мувофиқи мақсад аст, ки нақшаи хаттии амалҳои тафтишотӣ ташкил карда шавад, навобаста аз он, ки ҳар як муфаттиш ин гуна саволҳоро мустақилона ҳал мекунад.

Аз омузиш ва баҳодиҳии маҷмуи далелҳои бадастомада муфаттиш бояд хулоса барорад, ки кадоме аз фарзияҳо асосӣ ва мушаххасанд.

Ӯ муайян мекунад:

– оё вазифаи ошкор кардани ҷинояти савдои одамон иҷро шудааст;

– оё ҳодисаи ҷиноят, шахсияти ҷиноятkор ва гуноҳи ӯ муайян шудааст;

– оё ҷиноят пурра ошкор шудааст, ягон маълумот дар бораи шариконии ҷиноят, дигар ҳодисаҳои фаъолияти ҷиноятӣ ё содир намудани ҷиноятҳои дигар аз ҷониби айбдоршаванда аз тафтишот пинҳон намондааст;

– оё ҳамаи амалҳои таъхирнопазир барои мустаҳкам кардани изҳои ҷиноят иҷро шудаанд;

– оё ҳама ҳолатҳову ҳодисаҳои ҷиноят, ки барои парванда муҳиманд пурра ошкор карда шудаанд;

– далелҳои гунаҳкоркунандаи гумонбаршуда то чӣ андоза пурра ҷамъоварӣ ва санҷида шудаанд;

– оё барои таъмини ҷуброни зарари моддӣ тамоми чораҳои зарурӣ андешида шудаанд;

– дар ин марҳилаи тафтишот кадом вазифаҳои нав бояд ҳал карда шаванд ва оё зарурати пешбарии фарзияҳои нав ба миён намеоянд.

Мо як қисми нопурраи унсурҳои криминалистии банақшагирии тафтишоти савдои одамонро номбар кардем. Аз ҷониби мо танҳо он ҷанбаҳое пешниҳод шуданд, ки хусусияти маъмулӣ доранд ва метавонанд барои қабули қарорҳои дахлдор аз ҷониби кормандони соҳаи тафтишот ва оперативии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми тафтишу ошкоркунии ҷиноятҳои ба савдои одамон алоқаманд ҳамчун роҳнамо хизмат кунанд.

**ТДУ 326.1:348.71**

***ХАЙРУЛЛОЕВ Ф. С.***
*Дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҳуқуқшинос – машваратчии Ташкилоти ҷамъиятии «Инсон ва Адолат», номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ*
*E-mail: nigora_farrukh@mail.ru*

## МУҚОВИМАТ БО САВДОИ ОДАМОН ДАР РАДИФИ КОНСЕПСИЯИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ДИН

### ПРОТИВОДЕЙСТВИЕ ТОРГОВЛЕ ЛЮДЬМИ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ КОНЦЕПЦИИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОЛИТИКИ В СФЕРЕ РЕЛИГИИ

Савдои одамон яке аз ҷиноятҳои вазнинтарини замони муосир ба шумор меравад, ки сарҳади он қаламрави тамоми ҷаҳонро фаро мегирад. Савдои одамон дар

радифи гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, терроризм ва экстремизм ба ҷиноятҳои фаромиллӣ мансуб мебошад ва дар аксар ҳолатҳо, чи тавре, ки таҷриба нишон медиҳад, ҳамқадам мебошанд.

Бисёре аз шахсони диндоре, ки ба ин ҷиноят даст мезананд, дар аксарияти ҳолатҳо савдои одамро аз нигоҳи дин раво мебинанд. Чунин ақида солҳои 2013-2018 дар қаламрави Сурия ва Ироқ паҳн гардида, боиси савдои шумораи зиёди одамон, хусусан, кӯдакон ва занҳо шудааст[1]. Баъзеҳо аз нигоҳи дин раво будани савдои одамонро бинобар мансуб будан ба дини дигар асоснок мекунанд[2], ки гӯё тибқи ақидаи дини ислом савдои нафареро, ки ба дини ғайриислом шомил аст ё бедин мебошад, ҷоиз мешуморад.

Бояд қайд кард, ки имрӯзҳо дар кишварамон Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми апрели соли 2018, таҳти № 1042 тасдиқ шудааст, дар кори муқовимат бо савдои одамон нақши арзандаро мебозад[3]. Яке аз нуктаҳои муҳими Консепсияи зикршуда зарурати қабули онро нишон дода, чунин шарҳ медиҳад: «Дар пайи тавсеа ёфтани раванди ҷаҳонишавӣ, воситаҳои иттилоотӣ ва доман паҳн кардани мухолифати ғояву ақидаҳои гуногуни динӣ, муҳити динии суннатии кишвар ба дастгирии давлат эҳтиёҷ пайдо кардааст».

Дуруст, дини ислом эҳтиёҷ ба дастгирӣ надорад. Ба қавли шоир: «Ислом ба зоти худ айб надорад…». Аммо муҳити динии суннатии мо ба дастгирии давлат эҳтиёҷ дорад, зеро маҳз солҳои охир, чи тавре дар Консепсия гуфта мешавад, ба фазои динии кишвар ворид гаштани ғояву ақидаҳои ҳизбу ҳаракатҳои исломии барои муҳити динии Тоҷикистон нораво, ки моҳияти сиёсии таблиғотӣ доранд, сабаби дар ҷомеа ривоҷ ёфтани дидгоҳҳои ифротию тундравона гаштааст, ки аз ин вазъият бахши муайяне аз аҳли илму фарҳанг ва дар маҷмуъ аҳли ҷомеа изҳори ташвиш ва нигаронӣ менамоянд.

Ҳадафи асосии Консепсия муқаррар намудани дурнамои дарозмуҳлат ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои динии инсон ва шаҳрванд, рушди пояҳои давлати дунявӣ, густариши таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром ба тамоми дину мазҳабҳо, таъмини амният ва ҳамдигарфаҳмиву ризоият дар фазои динии кишвар мебошад.

Такя ба гуфтаҳои боло якчанд тезиси муҳимро дар радифи масъалаи баррасишаванда қайд кардан лозим меояд.

*Якум,* тибқи сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи исломӣ озодии инсон ва ҳаёти инсон арзиши олӣ дорад ва маҳрум кардани он бо мақсади савдои одам иҷозат дода намешавад. Чи тавре дар Қуръон оварда мешавад: «Ҳамоно, фарзандони Одамро гиромӣ кардем…» (Қуръон, 17 (Исро): 70)[4].

Бояд қайд кард, ки ин оят ба баъзе гуманистҳои давраи Ренессанс дар Аврупо таъсири бузург расонд. Ва ин беҳтарин тавсифи он аст, ки Худо мардумро чи гуна гиромӣ додааст. Ва ин бояд яке аз ишораҳои зиёде дар Қуръон бошад, ки ҳама мардум баробаранд.

Аммо, пештар аз ин, ба чунин хулоса Саъдии Шерозӣ омадааст, ки дар мисраҳои заррини худ мегӯяд:

*Бани одам аъзои якдигаранд,*
*Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.*

---

[1] Катастрофа в мусульманском мире: террористы торгуют рабынями по $200 // [Электронный ресурс]. – URL: https://ria.ru/20140909/1023381902.html (дата обращения: 24.10.2023).

[2] Работорговля: ИГИЛ торгует женщинами из секты езидов // [Электронный ресурс]. – URL: https://vbulahtin.livejournal.com/1014574.html (дата обращения: 24.10.2023).

[3] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]: аз 4-уми апрели соли 2018, таҳти № 1042 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин» // Дастрасӣ аз ММИҲ «ADLIA».

[4] Дар ҳамин ҷо ва минбаъд истифода бурда шудааст: Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ). – Душанбе: «Ирфон», 2007. – 616 с.

*Чу узве ба дард оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад қарор.*
*Ту, к-аз меҳнати дигарон бегамӣ,*
*Нашояд ки номат монанд одамӣ!*

*Дуюм,* занон, ки бештар қурбонии савдои одамон мешаванд, бояд мавриди ҳимояи махсуси давлат қарор дода шаванд. Чуноне, ки дар Қуръон меояд: «Эй муъминон, … Ва бо занон ба ваҷҳи писандида муошират кунед…» (Қуръон, 4 (Нисо): 19)

Такя ба ин оят, дар Эъломияи исломии «Нақши занон дар ҷомеаи тараққикарда», ки моҳи сентябри соли 2000 аз ҷониби Шурои Академияи ҳуқуқшиносӣ (фиқҳ)-и исломӣ дар назди Созмони Конференсияи Исломӣ[1] бо қарори № 114 (8/12) қабул шудааст, оид ба муносибати эҳтиромонаи ҳаматарафа нисбати занон, рад намудани муомилаи бераҳмона дар ҳаёти маишӣ, ки дар натиҷа дар ҷалби занон ба фоишагарӣ ва савдои одамон зоҳир мегардад, таъкиди зиёд мешавад.

Хушбахтона, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали худ дар ҷомеа баланд бардоштани мақоми занонро яке аз ҳадафҳои худ нишон дод, ки ин иқдом аз рӯйи моҳияти худ ба муносибати Ислом бар занон мувофиқат мекунад. Яъне дини ислом низ бо зуҳури худ нишон дод, ки яке аз ҳадафҳои он мавқеи ҳуқуқии занонро ҳимоя намудан мебошад[2].

*Сеюм,* савдои одамон ҳамчун кирдори ба ҷамъият хавфнок бо сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи исломӣ тасдиқ шудааст. Масалан, дар Қуръони карим меояд: «Гуфтанд: «Қасам ба Худо, ҳамоно Худо туро (Юсуфро) бар мо (бародарони Юсуф) бартарӣ додааст ва ба дурустӣ, ки мо хатокунанда будем» (Қуръон, 12 (Юсуф): 91).

Аз мазмуни муқаррароти дар боло зикршуда маълум мешавад, ки савдои одам як амали нангин, ки боиси пушаймонӣ дорад, ба ҳисоб меравад.

Чи тавре, ки олими барҷастаи рус Л. Р. Сюкияйнен қайд мекунад, кулли олимони ҳуқуқи исломии муосир дар кишварҳои Шарқи Наздик, аллакай нисбати амалҳои террористӣ, экстремистӣ ва дар радифи онҳо савдои одамон (қайд – аз муаллиф) фикру хулосаҳои худро баён карданд, ки тибқи онҳо савдои одамон дар қатори терроризму экстремизм аз нигоҳи арзишҳои дини исломӣ ба ислом мухолиф буда, амали манъшудааст, ба ислом ягон иртибот надорад ва бо ягон чиз сафед намегардад, зеро дар пояи он арзишҳои олии ахлоқии дини ислом поймол шуда истодаанд[3].

Зиёда аз ин, аз баромади Л. Р. Сюкияйнен дар барномаи В. Т. Третьяков «Философские беседы: Что делать?» бармеояд, ки фиқҳи имрӯза, ки ба шариати ислом такя мекунад, қонунгузории дунявии давлатҳоро дар самти муқовимат бо савдои одамон эътироф карда, онро дар доираи қонунгузории исломӣ низ қабул дорад[4].

Хулосаи мазкур бисёр муҳим аст, зеро намояндагони гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ қонунгузории дунявиро бо ҳар баҳона ва беасос гӯё «аз нигоҳи динӣ» эътироф намекунанд.

Албатта, тибқи Консепсия иштироки иттиҳодияҳои динӣ дар раванди бунёди давлати дунявӣ дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа муҳим аст, аз ин рӯ, онҳо ба ин раванд бояд ҳатман ҷалб шаванд.

[1] Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми декабри соли 1992 аъзои Созмони мазкур мебошад.
[2] *Хайруллоев Ф. С.* Ислам пришел именно для защиты прав женщин // Вечерка. 26.11.2022 // [Электронный ресурс]. – URL: https://vecherka.tj/archives/33590 (дата обращения: 09.11.2023).
[3] *Сюкияйнен Л. Р.* Исламское право и диалог культур в современном мире // Нац. исслед. ун.-т «Высшая школа экономики». – М.: Изд. дом Высшей школы экономики, 2021. – 684 с.
[4] Философские беседы: «Что делать?» В чем своеобразия мысли мусульман? [Электронный ресурс]. – URL: https://youtu.be/gmT1ah_JDys?si=Zql2PArCfMf1kpGn. (дата обращения: 03.11.2023).

Иштироки иттиҳодияҳои динӣ пеш аз ҳама бояд дар шакли хутбахонӣ дар масъалаи зид будани дини ислом ба чунин амалҳои зишту ҷинояткорона, ба мисли савдои одамон, терроризму экстремизм инъикос гардад. Зиёда аз ин, ходимони динӣ бояд такмили ихтисоси худро на танҳо дар мадрасаҳо, донишкадаи исломии Тоҷикистон, инчунин дар Академияи идоравии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаранд, то ин ки вазифаҳои ба зиммаи онҳо дар боло вогузошташуда дар сатҳи дахлдор иҷро шаванд.

Инчунин, барномаҳои давлатие, ки мавриди амал қарор доранд, бояд ба таври реалӣ истифода шаванд. Сухан оид ба Барномаи давлатӣ Дар бораи мубориза бо ҷинояткорӣ барои солҳои 2008-2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми ноябри соли 2007, таҳти № 543 (бо тағйиру иловаҳо аз 2-юми июли соли 2015, таҳти № 442) меравад, ки тибқи мазмуни он омӯзиши арзишҳои олии ахлоқии дини ислом дар мактабҳои олӣ яке аз роҳҳои мубориза бо ҷиноятҳои фаромиллӣ дар назар дошта мешавад.

Зарур аст, ки мақомоти назоратӣ иҷрои барномаи давлатии мазкурро санҷиш карда, хулосаи худро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд, ки такя ба хулосаи мазкур Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои минбаъдаи худро дар самти мазкур андешад.

**ТДУ 351.74:343.431**

***Ҳайдарзода З. П.***
*Сардори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети № 6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия*
*E-mail: haydarzoda.zafar@yandex.com*

## ДУРНАМОИ МУКАММАЛСОЗИИ АСОСҲОИ ТАШКИЛӢ-ҲУҚУҚӢ ДАР БАЪЗЕ ВОҲИДҲОИ СОХТОРИИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ ДАР САМТИ МУҚОВИМАТ БА САВДОИ ОДАМОН

### ПЕРСПЕКТИВЫ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ОРГАНИЗАЦИОННО-ПРАВОВЫХ ОСНОВ В НЕКОТОРЫХ СТРУКТУРНЫХ ПОДРАЗДЕЛЕНИЯХ ОРГАНОВ ВНУТРЕННИХ ДЕЛ В СФЕРЕ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ТОРГОВЛЕ ЛЮДЬМИ

Бояд зикр намуд, ки иҷрои вазифаҳои муҳимтарини ҳифзи ҳуқуқии давлат, аз ҷумла муқовимат ба савдои одамон, ҷиноятҳои бо он алоқаманд ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо дар ин самт ба сарбории мақомот ва ҷузъу томҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст.

Мақомоти корҳои дохилӣ сершумортарин ва сервазифатарин мақомоти ҳифзи ҳуқуқӣ башумор меравад. Ин ҳолат мураккабии таркиби ташкилӣ-сохтории онро бо иерархия, гуногунтаркибӣ ва бо ҳам пайвастагии унсурҳои системаи Вазорати корҳои дохилӣ (минбаъд – ВКД), шохабандии робитаҳои дохилӣ ва берунӣ, серамалии инкишоф ва қобилияти фаъолона мутобиқат шудан дар муҳити тағйирёбандаи фаъолиятро ба миён меорад.

Бинобар сабаби дар сатҳи баланд қарор доштани латентнокии савдои одамон, пешгирӣ, ошкоркунӣ, рафъ ва кушодани ҷиноятҳои категорияи мазкур, одатан, ба

воситаи амали намудани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ[1], яъне аз ҷониби воҳидҳои сохтории салоҳиятдори мақомоти корҳои дохилӣ бо истифода аз усул ва тактикаҳои махсусе, ки ба фаъолияти онҳо хос мебошад, амалӣ карда мешавад.

Барои ташкили иҷрои вазифаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар самти мазкур дар дастгоҳи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ду воҳиди сохтори он бевосита масъул мебошанд. Яке аз онҳо Раёсати кофтуковӣ ҷиноятии (минбаъд – РКҶ) ВКД мебошад, ки дар доираи салоҳият ва вазифаҳои худ оид ба коркард ва амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи пешгирӣ, ошкоркунӣ, рафъ ва кушодани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, аз он ҷумла, ба муқобили обурӯ ва эътибори шахсият фаъолиятро амалӣ менамояд. РКҶ дар доираи тамоми мақомот барои ташкили муайян ва ошкор намудани ҷиноятҳои ба моликият ва амнияти иттилоотӣ алоқаманд, мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои аз тарафи шаҳрвандони хориҷӣ ва нисбати онҳо содиршаванда, муайян ва ошкор намудани ҷиноятҳои аз қайд руйпушнамуда ва ниҳонӣ (латентӣ), бо ноболиғону ҷавонон алоқаманд ва ҷиноятҳо ба муқобили обрӯю эътибор ва ахлоқи шахсият, кофтуковӣ ҷиноятқорон ва шахсони бедарак гумшуда, муайянкунии ҷасадҳои шахсияташон номаълум, инчунин коркарди стратегия ва такмили меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошанд.

Дар сохтори воҳиди мазкур «Шуъбаи мубориза бар зидди ҷиноятҳо ба муқобили обрӯю эътибор ва ахлоқи шахсият» фаъолият менамояд, ки сохтори мазкур аз гурӯҳ ва шуъбачаҳои зерин иборат мебошад: а) шуъбачаи мубориза бар зидди ҷиноятҳои ахлоқӣ; б) шуъбачаи мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон бо мақсади истисмори шаҳвонӣ; в) гурӯҳ оид ба пешгирӣ ва мубориза бар зидди паҳншавии касалиҳои вируси норасоии масунияти одам.

Воҳиди мазкур мутобиқи қонунгузории амалкунанда ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро нисбат ба шахсоне амалӣ менамояд, ки онҳо ба ташкил ё нигаҳдошти фоҳишахонаҳо, даллагӣ ё занҷаллобӣ фоҳишагӣ, ҷалби одамон бо мақсади истисмори шаҳвонӣ ва муқовимат бо дигар ҷинояту ҳуқуқвайронкуниҳои бо он алоқамандро амалӣ менамоянд (исқоти ғайриқонунии ҳамл ё ба он маҷбур сохтани зан, сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам ё сироят кардан бо касалии зӯҳравӣ, ҷиноятҳое, ки ба озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии шахсият таҷовуз мекунанд) ва бо ин мақсад:

– вазъияти оперативиро дар самти истисмори шаҳвонӣ, фоҳишагӣ, паҳнкунии бемориҳое, ки бо роҳи алоқаи ҷинсӣ паҳн мешаванд, даллагӣ, нигоҳ доштани фоҳишахонаҳо ва дигар ҷиноятҳое, ки ба озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии шахсият таҷовуз мекунанд меомӯзад, таҳлил ва баҳогузорӣ мекунад; пешгӯӣ, банақшагирии чорабиниҳоро амалӣ намуда, назорати иҷрои онҳоро таъмин мекунад;

– сабаб ва шароитҳоеро, ки ба паҳншавии истисмори шаҳвонӣ ва дигар ҷиноятҳу ҳуқуқвайронкуниҳое, ки бо он алоқаманд (фоҳишагӣ, сироят кардан бо касалиҳои вируси норасоии масунияти одам ё сироят кардан бо касалии зӯҳравӣ), муайян намуда пешниҳодҳои худро ба вазорату идораҳои дахлдор ирсол мекунад;

– фаъолияти дигар самтҳои хизмат ва ҷузъу томҳои мақомоти корҳои дохилиро оид ба огоҳонӣ, пешгирӣ, рафъ ва кушодани ҷиноятҳо дар самти ахлоқ, истисмори шаҳвонӣ ва дигар ҷиноятҳу ҳуқуқвайронкуниҳои бо он алоқаманд, оид ба профилактика ва огоҳонии паҳншавии касалиҳои вируси норасоии масунияти одам ва касалии зӯҳравиро ҳамоҳанг менамоянд;

– дар якҷоягӣ бо дигар самтҳои хизмат ва ҷузъу томҳои мақомоти корҳои дохилӣ чорабиниҳои оперативӣ-профилактикии маҷмӯиро коркард ва амалӣ

---

[1] *Рогова И. Г.* Криминологическая характеристика торговли людьми // Российский следователь. – 2014. – № 5. – С 42.

менамояд; ҳамкориро дар самти мазкур бо дигар воҳидҳои сохторӣ-ташкилии ВКД, дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ ва муассисаҳои тиббӣ, ташкил мекунад;

– баррасии саривақтӣ ва босифати аризаҳо, хабарҳо, маълумотҳо оид ба ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои самти мазкур таъмин мекунад; таҷрибаи мусбиро оид ба муқовимат ба ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои самти мазкур меомӯзад ва ба фаъолияти амалӣ ворид менамояд.

Ин самтҳои фаъолият, моҳиятан, чун қоида дар минтақаҳои ҷумҳурӣ низ бояд амали гарданд. Масалан, дар раёсатҳои ВКД дар вилоятҳои Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе, гурӯҳи ноҳияҳои Рашт шуъбаҳои кофтуковӣ ҷиноятӣ мавҷуданд, ки дар сохтори онҳо шуъбачаҳои (гурӯҳҳои) мубориза бар зидди ҷиноятҳо ба муқобили обрӯю эътибор ва ахлоқи шахсият, ташкил карда шудаанд. Дар шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бошад, самтҳои (гурӯҳҳои) ҳаммонанд дар шуъбачаҳои кофтуковӣ ҷиноятӣ, дар Раёсати ВКД дар нақлиёт ва дар воҳидҳои он дар ҷойҳо (шуъба ва шуъбачаҳои ВКД дар нақлиёт) бошад шуъба ва шуъбачаҳои (гурӯҳҳои) кофтуковӣ ҷиноятӣ фаъолият мекунанд, ки дар онҳо низ самтҳои (шуъбача ва гурӯҳҳои) ҳаммонанд ҷой доранд.

Дигар воҳиди сохторе, ки бевосита ба савдои одамон ва ҷиноятҳои бо он алоқаманд муқовиматкунанда, ин Раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили (минбаъд – РМЗҶМ) ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Бояд қайд кард, ки аз оғози солҳои 1990-ум рушди шаклҳои нави ҷинояткории муташаккил роҳбарияти давлату ҳукуматро маҷбур кард, ки бо мақсади таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти шаҳрвандон, баланд бардоштани самаранокии муқовимат ба ҷинояткории муташаккил ва ҳуқуқвайронкуниҳо чораҳо оид ба такмил додани сохторҳои ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла дар воҳидҳои сохтории ВКД – Раёсати мубориза бар зидди ҷинояткории муташаккил[1], қабул карда шаванд[2].

Чуноне, ки С. М. Иншаков қайд мекунанд, яке аз талаботҳои қатъии ҳаёти иҷтимоӣ ин ҳақиқати баҳснопазири зерин мебошад, ки «ҳуқуқ» – бе механизми махсуси давлатӣ, ки барои иҷро кардани талаботҳои ҳуқуқӣ қобилияти маҷбуркуниро дорад, оҷиз мебошад, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бошад ҷузъи асосии ин механизм ба ҳисоб меравад[3].

Дар вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони мақомоти корҳои дохилӣ 6-уми феврали соли 2010, ки ба 85-солагии таъсисёбии милитсияи тоҷик бахшида шуда буд, қайд намуданд, ки ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ ҳамкории минтақавӣ ва байналмилалиро оид ба муқовимат ба ҷинояткории трансмиллӣ, аз ҷумла ба савдои одамон, пурзур намоянд[4].

---

[1] *Ҳайдарзода З. П.* История развития специальных органов МВД Республики Таджикистан в сфере противодействия организованной преступности и торговле людьми // Вестник Барнаульского юридического института МВД России. – 2016. – № 1 (30). – С. 137-141; *Ҳайдарзода З. П.* Развитие организационно-структурных подразделений УБОП МВД Республики Таджикистан в сфере противодействия организованной преступности и торговле людьми // Вестник Барнаульского юридического института МВД России. – 2016. – № 3 (32). – С. 175-181.

[2] Министерство внутренних дел – надёжная опора Независимости. – Душанбе: Контраст, 2011. – С. 23-24.

[3] *Иншаков С. М.* Уровень и структура криминальной латентности как показатель эффективности деятельности правоохранительных органов (по результатам одного исследования) // Криминологический журнал Байкальского государственного университета экономики и права. – 2010. – № 4. – С. 5-9.

[4] Выступление главы государства на встрече с работниками органов внутренних дел, посвященной 85-летию таджикской милиции. Душанбе, 06.02.2010 г. [Электронный ресурс] // Официальный сайт Президента Республики Таджикистан. URL: http://www.president.tj/ node/2234 (дата обращения: 10.04.2017).

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани гуфтаҳои боло соли 2010 аз ҷониби кормандони оперативии РМЗҶМ 6 ҳолати савдои одамон нисбат ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷойивазкунии онҳо ба хориҷи кишвар муайян карда шуд. Тадриҷан кормандони Раёсат малакаи заруриро оид ба пешгирӣ, ошкоркунӣ, рафъ ва кушодани ҷиноятҳои бевосита ба савдои одамон алоқамандро аз худ намуда, таҷрибаи муайян оид ба муайянкунӣ ва тафтиши ин гуна ҷиноятҳо ба вуҷуд омад. Дар натиҷа, дар давоми зиёда аз даҳ соли охир шумораи ҷиноятҳои муайяншудаи самти мазкур як чанд маротиба зиёд шуд.

Инчунин бояд қайд кард, ки зиёда аз 80 % парвандаҳои ҷиноятӣ бо моддаи 130(1) КҶ ҶТ «Савдои одамон» дар асоси маълумотҳои оперативии кормандони РМЗҶМ ва воҳидҳои ҳудудии он оғоз карда шуданд[1]. Ин дар бораи он шаҳодат медиҳад, ки Раёсати мазкур аз рӯзи таъсисёбӣ то имрӯз дар мубориза бо шаклҳои нави ҷинояткории муташаккил[2], аз ҷумла бо савдои одамон, нақши муҳимро ишғол мекунад.

Бояд қайд намуд, ки дар сохтори Раёсати болозикр воҳиди махсусгардонидашуда – намунаи «Маркази муқовимат ба савдои одамон», ки имрӯз амал менамояд аз соли 1999 бо номи «Шуъбаи мубориза бар зидди рэкет ва одамрабоӣ» ташкил карда шуда буд, ки баъдан бо мақсади дар амал татбиқ намудани ухдадориҳои байналмилалии базимагирифта ҳамчун узви Созмони Милали Муттаҳид дар доираи талаботи ҳуҷҷатҳои асосӣ дар самти мубориза бо ҷинояткории муташаккил, аз ҷумла бо савдои одамон ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ, ки моҳи майи соли 2002 Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро тасдиқ (ратификация) кардааст бо фармоиши ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми апрели соли 2004, таҳти № 232 дар заминаи Шуъбаи мазкур – «Шуъбаи мубориза бар зидди рэкет, одамрабоӣ ва хариду фурӯши одамон» ташкил карда шуд. Сипас Шуъбаи мазкур бо мақсади дар амал татбиқ намудани банди «б» қисми 1 моддаи 6 ва қисми 2 моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон»[3] аз 15-уми июли соли 2004, таҳти № 47 бо фармоиши ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми апрели соли 2009, таҳти № 218 ба «Шуъбаи мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон» мубадал гардонида шуд. Соли 2017 бошад бо мақсади иҷро намудани моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон»[4] ва банди 18 «Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018»[5] шуъбаи мазкур ба «Маркази муқовимат ба савдои одамон» (минбаъд – ММСО, Марказ) табдил дода шуд.

Мақсаднокии қабули ин гуна қарор бо он ба миён омада буд, ки азнавташкилкунии воҳидҳои сохтории охирон гузаронидашуда дар ин самт соли 2009 баъди қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон» амалӣ шуда буд. Бинобар сипарӣ шудани вақти тӯлонӣ, Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» қабул карда шуд, ки он дар

---

[1] Тибқи маълумотҳои омории ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2018 – 123 ҳолати савдои одамон (м. 130(1) КҶ ҶТ), 114 ҳолат – ҷалби одамон барои истисмор (м. 132 КҶ ҶТ) ва 120 ҳолат – савдои ноболиғон (ст. 167), ҷамъ – 357 ҷиноят ба қайд гирифта шудаанд, ки зиёда аз 60 % онҳо аз ҷониби кормандони РМЗҶМ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуданд ва дар умум 90 % ин гуна ҷиноятҳо аз ҷониби милитсия кушода мешаванд. Ниг.: *Ҳайдарзода З. П.* Правовые и организационные основы деятельности органов внутренних дел Республики Таджикистан по противодействию торговле людьми: монография / под научной редакцией И. Ю. Захватова. – Душанбе: «Мехроч-Граф», 2020. – С. 150.

[2] *Розиқзода А.А., Рахматуллоев Х.У., Асоев Х.Ф., Носиров А.Д.* 75 лет Таджикской милиции (1925-2000): учебник. Душанбе: РАХНЭ, 2000. С. 19.

[3] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2004. – № 7. – Мод. 454.

[4] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – № 7 (ч. 1). – Мод. 393.

[5] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми июли соли 2016, таҳти № 326.

шакли нав ташкил кардани воҳиди сохтории махсусгардонишудаи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти муқовимат ба савдои одамон пешбинӣ мекард.

ММСО дар якҷоягӣ бо дигар ҷузъу томҳои мақомоти корҳои дохилӣ, дигар субъектҳои муқовимат ба савдои одамон чорабиниҳои маҷмӯии оперативӣ-тактикӣ ва пешгирикунандаро амалӣ менамояд. Аз ҷониби Марказ бо мақсади муқовимат ба савдои одамон вазъияти оперативӣ омӯхта, таҳлил ва баҳогузорӣ карда мешавад ва дар асоси он пешгӯӣ, банақшагирии фаъолияти оперативӣ-хизматӣ амалӣ карда шуда, назорати он таъмин карда мешавад. Ғайр аз ин аз ҷониби Марказ сабаб ва шароитҳое, ки ба паҳншавии ин гуна ҷиноятҳо мусоидат мекунанд, муайян ва ҷамъбаст карда мешаванд; ба фаъолияти амалӣ таҷрибаи мусбии кор ворид карда мешаванд; пешниҳодҳо, ки ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар вазорату идораҳои манфиатдор оид ба муқовимат ба савдои одамон ва ҷиноятҳои бо он алоқаманд ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо равона карда шудаанд, коркард ва ворид карда мешаванд.

Инчунин, РМЗҶМ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон муқовиматро бар зидди ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористидошта, киберҷиноятkорӣ, бар зидди ҷиноятҳо дар самти гардиши ғайриқонунии металлҳои ранга ва сангҳои гаронбаҳо, бар зидди ҷиноятҳо дар самти моликияти зеҳнӣ ва дигар зуҳуротҳои ҷинояткории муташаккил амалӣ менамояд.

Дар сохтори РМЗҶМ инчунин, Дастаи махсуси зудамал (ДМЗ)[1] дохил мешавад, ки вазифаи асосии он дастгир кардани аъзоёни гурӯҳҳои муташаккил, аз ҷумла бо одамрабоӣ ва савдои одамон машғул буда; безараргардонии ҷинояткорони силоҳнок, ки муқобилият нишон медиҳанд; озод кардани гаравгон ва ғайра мебошад.

Ҳамзамон, РМЗҶМ дорои воҳидҳои минтақавии тобеи марказ ба монанди шуъбаҳои минтақавӣ оид ба мубориза бар зидди ҷинояткории муташаккил (ШММЗҶМ)[2] дар ВМКБ, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе, гурӯҳҳи ноҳияҳои Ҳисору Ваҳдат мебошад, ки ба онҳо мустақилона қабул кардани қарор дар мубориза бар зидди ҷинояткории муташаккил дар баробари воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият медиҳад.

Ба ақидаи мо, РМЗҶМ дар давоми фаъолияти худ вазифаҳои душворро дар самти мубориза бо шаклҳои гуногуни ҷинояткории муташаккил, аз ҷумла савдои одамон иҷро карда, имрӯз ҳамчун воҳиди сохтории ВКД яке аз субъектҳои асосӣ дар муқовимат ба ҷинояткории муташаккил, аз ҷумла савдои одамон буда, дар ин рӯйхат мавқеи пешсафро ишғол мекунад. Аммо, бо сабаби ба вуҷуд омадан ва ташаккул ёфтани шаклҳои нави ҷинояткорӣ ва ҳудуди паҳншавии он, ин воҳиди сохторӣ тағйиротҳои фаъол ва босифатро талаб мекунамояд.

Бояд қайд кард, ки шуруъ аз соли 1999 воҳидҳои махсусгардонидашудаи минтақавии ШММЗҶМ РМЗҶМ дар самти савдои одамон ва ҷиноятҳои ба он алоқаманд дар вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе, гурӯҳи ноҳияҳои Ҳисору Ваҳдат фаъолият мекунанд. Зарурияти объективии ташкили воҳидҳои махсусгардонидашудаи минтақавии муқовимат ба савдои одамон дар он мебошад, ки ҳолатҳои содир шудани ҷиноятҳои мазкур тадриҷан доираи васеъи паҳншавиро қабул карда буданд.

Тибқи талаботҳои Қонуни мазкур воҳиди махсусгардонидашудае, ки имрӯз дар сохтори РМЗҶМ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номи «Маркази муқовимат ба савдои одамони» амал менамояд бояд ба воҳиди махсусгардонидашуда оид ба муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон табдил ёфта, ваколатҳои амалигардонии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, таъқиби

[1] ДМЗ инчунин дар ШММЗҶМ дар вилоятҳои Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Хатлон ва Суғд ҷой доранд.
[2] Дар ШММЗҶМ шуъбача ва ё гурӯҳҳои муқовимат ба савдои одамон фаъолият мекунанд.

ҷиноятии шахсоне, ки ҷиноятҳои ба савдои одамон алоқамандро содир намудаанд, муайян ва айнияткунонии қурбониёни савдои одамон, ҳифзи онҳо, инчунин амалигардонии фаъолияти иттилоотӣ-таҳлилӣ ва маҳзани мутамаркази маълумотҳоро дар самти мазкур дар доираи тадбиқи вазифаҳо ва ваколатҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта бошад.

Бояд қайд намоем, ки то азнавташкилкунии воҳидӣ-сохторӣ дар сохтори Марказ созмон додани воҳиди махсусгардонишудаи тафтишотӣ ва ҳамзамон ташкили шароитҳо барои бурдани маҳзани ягонаи иттилоотӣ-оморикии маълумотҳо дарназар буд. Аммо дар рафти гузаронидани чорабинии азнавташкилкунии воҳидӣ-сохторӣ, воҳиди махсусгардонишудаи тафтишотӣ ташкил карда нашуд, ғайр аз ин вазифаи «ваколатдори калони оперативии гурӯҳи таҳлил ва банақшагирӣ», ки то ин дам дар сохтори «Шуъбаи мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон» амал мекард, дар рафти азнавташкилкунии сохторӣ барҳам дода шуд, ки ин барои ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳои оморӣ душвориҳоро ба миён овард.

Гуфта наметавонем, ки сабаби асосии ин нокифоягии таҷрибаи азнавташкилкунии сохторӣ дар мақомоти корҳои дохилӣ мебошад. Дар ҳолати мазкур, ба фикри мо, саҳв бо сабаби саросемагӣ ҳангоми қабули қарорҳои ташкилӣ-воҳидӣ ба вуҷуд омад. Мо борҳо шоҳиди ташкили сохторҳои нави ташкилӣ шуда будем, ки онҳо то ҳол босамарона фаъолият мекунанд.

Ба сифати мисоли мусбӣ тағйироти сохториро овардан мумкин аст, ки ба «Маркази муқовимат ба экстремизми РМЗҶМ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» тааллуқ дорад. То ташкил шудани марказ дар таркиби Раёсати мазкур ду шуъбаи мустақил фаъолият мекард: «Шуъбаи пешгирӣ ва барҳамзании ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта» ва «Шуъбаи пешгирӣ ва барҳамзании ҷиноятҳои хусусияти террористидошта». Дар ҳар як шуъба вазифаи ваколатдори калони оперативии гурӯҳи таҳлил ва банақшагирӣ ҷой дошт. Ташкили «Маркази муқовимат ба экстремизм» дар заминаи ҳар ду шуъба амали карда шуд ва бар ивази воҳидҳои ваколатдорони калони оперативии гурӯҳи таҳлил ва банақшагирӣ – «шуъбачаи таҳлил, банақшагирӣ ва коркарди амалиётҳои махсус» ташкил карда шуд, ки пас аз як чанд муддат сохтори мазкур ба шуъба табдил дода шуд, ки ин қарори қабулгардидаи воҳидӣ-сохторӣ фаъолиятро оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм самараноктар намуд.

Сабаби асосии ташкили «Шуъбаи таҳлил, банақшагирӣ ва коркарди амалиётҳои махсус» ин афзоиши бошиддати шумораи ҷиноятҳои бақайдгирифташудаи хусусияти экстремистӣ-террористидошта ва зарурияти ҷорӣ намудани маҳзани марказонидашудаи маълумотҳо мебошад, ки онҳо ба ҷинояткории хусусияти экстремистӣ-террористӣ тааллуқ доранд[1].

Агар ин мантиқро ҳамчун асос гирем, мақсаднокии ташкили сохтори таркибии шуъбачаи (гурӯҳи) таҳлил, банақшагирӣ ва маҳзани марказонидашудаи маълумотҳо дар самти савдои одамон дар сохтори Маркази муқовмат ба савдои одамон асосҳои зеринро дар бар мегирад: якум, порчавӣ (бесилисилавӣ) ва нопурррагии бақайдгирии маълумотҳои оморӣ дар самти савдои одамон (баъзе қисм ё самтҳои он умуман пешбари карда намешаванд); дуюм, дар давоми зиёда аз чордаҳ сол болоравии ҷиноятҳои бевосита ба савдои одамон алоқаманд (14,35 %)[2]

---

[1] Соли 2010 – 5; соли 2011 – 28; соли 2012 – 69; соли 2013 – 71; соли 2014 – 171; соли 2015 – 437; соли 2016 – 604; соли 2017 – 506 ҷиноятҳо ба қайд гирифта шуданд. Ниг.: *Хафиззода Ш. Х.* Политико-правовые меры противодействия экстремизму и терроризму в Республике Таджикистан // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2017. – № 4 (36). – С. 153-160.

[2] Моддаҳои 104 қ. 2 б. «н», 110 қ. 2 б. «н», 122, 130 қ. 3 б «б» ва «в», 130.1, 130.2, 131 қ. 3 б. «б», 132, 165, 166, 167, 238, 239, 241.1, 241.2, 335 қ. 3, 335.1 қ. 3, 335.2, 339 қ. 3, 340 қ. 3 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

ва ҷиноятҳои алоқаманд ба он (39,86 %)[1] дида мешавад; сеюм, ташкилу пешбурди маҳзани маълумотҳо дар воҳидҳои махсугардонидашудаи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун субъекти асосии муқовимат ба савдои одамон, дар моддаҳои 13, 17 ва 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» аз 26-уми июли соли 2014, таҳти № 1096 пешбинӣ шудаст.

Бояд қайд кард, ки сохтори ташкилӣ-воҳидии ММСО айни замон аз «шуъбачаи мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон» ва «шуъбачаи мубориза бар зидди одамрабоӣ» иборат мебошад. Бинобар он, ки масъалаи одамрабоӣ дар солҳои 1990 то аввалҳои 2000 дар давраи мухолифатҳои (ҷангӣ) шаҳрвандӣ ва фаъолияти зиддиҷамъиятии шумораи калони гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ, аз ҷумла аз ҳисоби собиқ аъзоёни «Иттиҳоди мухолифини тоҷик», ки силоҳро насупорида, иттиҳодияҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ва гурӯҳҳои ҷиноятиро ташкил карда буданд дар бар мегирифт, хеле мубрам буд. Азбаски давоми солҳои охир дар ҷумҳурӣ, ҳарсоле тақрибан то 10 ҷиноят бо моддаи 130 «Одамрабоӣ» КҶ ҶТ бандубастгардида бақайд гирифта мешаванд, ки ин аз каммақсаднок будани фаъолияти воҳиди сохтории мазкур шаҳодат медиҳад.

Бо пешниҳоди Гурӯҳи корӣ оид ба амалигардонии банди 18 Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018 – вобаста ба таъсис додани «Маркази муќовимат ба савдои одамон» дар заминаи «Шуъбаи мубориза ба хариду фурӯши одамони РМЗҶМ ВКД», сохтмони бино ва бо таљњизоти зарурї муљањњаз гардонидани он, инчунин тањия ва тасдиќи Низомномаи Марказ, ки дар назди Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон созмон дода шуда буд, сохтори охирин бояд бо таври зерин иникос мегардид:

1) Шуъбаи иттилоотӣ-таҳлилӣ ва банақшагирӣ;

2) Шуъбаи тафтишотии № 1 (тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба далелҳои савдои одамон, ки бо мақсади истисмори шаҳвонӣ содир шудаанд);

3) Шуъбаи тафтишотии № 2 (тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба далелҳои савдои одамон, ки бо мақсади истисмори иқтисодӣ содир шудаанд);

4) Шуъбаи кор бо қурбониёни савдои одамон;

5) Шуъбаи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ;

6) Котибот;

7) Қисми навбатдорӣ.

Бояд гуфт, ки дар баробари азнавташкилкунии воҳидӣ сохтории мазкур тасмим гирифта шуда буд, ки марказ ба воҳиди сохтории мустақили РМЗҶМ ВКД табдил меёбад. Аммо, чи хеле ки маълум шуд, ин амал бармаҳал ва аз ҷиҳати иқтисодӣ беасос буд, ки амали карда нашуд. Ғайр аз ин, сохтори дохилии марказ тағйир дода нашуд; салоҳиятҳои роҳбарон ва кормандони марказ, бе тағйир монд. Дигаргунии мусбӣ, ки фаъолияти пурмазмуни марказро дар бар гирад, амалӣ нашуд, ки ин дар навбати худ, самараи хуби ҳифзи ҳуқуқиро ба миён наовард.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳангоми ташкилӣ-таҳрезӣ ва амалигардонии воқеии сохтори Маркази муқовимат ба савдои одамони РМЗҶМ бояд доираи умумии чораҳои ҳифзи ҳуқуқие, ки барои муқовимат ба савдои одамон равона карда шудаанд баназар гирифта шуда, ба ду самти асосӣ тақсим карда шавад: 1) муқовимат ба ҷиноятҳое, ки бевосита ба савдои одамон алоқаманд мебошад; 2) муқовимат ба ҷиноятҳое, ки ба савдои одамон мусоидат мекунанд. Бо ин мақсад бояд ду воҳиди мувофиқ бунёд кардан шавад. Сохтори таъминкунандаро бошад дар намуди шуъбачаи (гурӯҳи) таҳлил, банақшанирӣ ва бурдани маҳзани марказонидашудаи маълумотҳо мумкин аст пешниҳод кард.

---

[1] Моддаҳои 123, 124, 125, 126, 130 ба истисноии қ. 3 б. «б» ва «в», 131 ба истисноии қ. 3 б. «б», 134, 138, 139, 140, 141, 142, 142.1, 149, 152, 153, 153.1, 155, 168, 169, 171, 172, 241, 323.1, 335 ба истисноии қ. 3, 335.1 ба истисноии қ. 3, 336, 401 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар як маврид, бо дида баромадани салоҳиятҳои Шуъбаи мубориза бар зидди ҷиноятҳо ба муқобили обрӯю эътибор ва ахлоқи шахсияти РКҶ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иваз намудани номи шуъбачаи мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон бо мақсади истисмори шаҳвонӣ ба шуъбачаи мубориза бар зидди ҷиноятҳои ба шаъну шарафи шахсият таҷовузкунанда метавонад амалӣ карда шавад. Ин барои мустаҳкам кардани ҳамкории мақомот ва воҳидҳои корҳои дохилӣ оид ба огоҳонӣ, ошкоркунӣ ва рафъи ҷиноятҳое, ки ба шаъну шарафи инсон таҷовуз мекунанд, инчунин барои пешгирӣ кардани такроршавии вазифаю салоҳиятҳо байни Маркази муқовимат ба савдои одамони РМЗҶМ ва Шуъбаи мубориза бар зидди ҷиноятҳо ба муқобили обрӯю эътибор ва ахлоқи шахсияти РКҶ зарур мебошад.

Дар баробари он, ташаббуси фаъолноккунии ҳамкории «байнисоҳавӣ» оид ба масъалаҳои муқовимат ба савдои одамон бояд аз ҷониби ММСО РМЗҶМ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун сохтори давлатии манфиатдор дар ин самти фаъолият ва масъул дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба воситаи муовини якуми вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки раиси Комиссияи байнидоравӣ оид ба муқовимат ба савдои одамон мебошад[1], амалӣ карда шавад.

Ин барои он зарур аст, ки сохторӣ ташкиии воҳидҳои дар боло номбаршуда, барои муқовимат кардан бо ҷиноятҳои аз лиҳози мазмуну таркиб ҳаммонанд даъват шуда бошанд ҳам, дар алоҳидагӣ фаъолият мекунанд, «тақсимоти» натиҷаҳои умумӣ дар самти муқовимат бо ҷиноятҳо бар зидди шаъну шарафи шахсият бошад одатан ҳамчун «рақобати носолим» ба чашм мерасад.

Инчунин бояд қайд кард, ки воҳидҳои РКҶ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз сохторҳои камтарин дар низоми субъектҳои муқовимат ба савдои одамон ва ҷиноятҳои бо он алоқаманд мебошад, ки ташкили фаъолияти онҳо бо таври зарурӣ ба роҳ монда шудаст. Аммо, бо дарназардошти тағйиротҳои дарназар буда дар сохтори воҳидҳои мубориза бо ҷинояткории муташаккил бояд вазифаҳои ошкоркунӣ, пешгирӣ ва кушоиши ҷиноятҳо, ки бо истисмори шаҳвонӣ алоқаманд мебошанд, аз воҳидҳои кофтукови ҷиноятӣ ба воҳидҳои мубориза бо ҷинояткории муташаккил дода нашаванд, бинобар он, ки воҳидҳои ҳудудии РКҶ сохтори оперативӣ-ҷустуҷӯии аз ҳама сершоха ва сершумор дар низоми ВКД Ҷумхурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Воҳидҳои кофтукови ҷиноятӣ дар ҳама қисмҳои маъмурӣ-ҳудудии ҷумҳурӣ фаъолият мекунанд. Нисбат ба воҳидҳои ҳудудии РМЗҶМ бошад, аз рӯйи шумораи кормандон ва вазифаҳои дар назди онҳо буда нисбат ба РКҶ камтар мебошанд. Воҳидҳои РМЗҶМ дар сатҳи ноҳиявӣ ҷой надоранд ва онҳо асосан ба намудҳои муташаккили ҷинояткорӣ муқовимат нишон медиҳанд.

Аз ҳолати мазкур хулоса баровардан мумкин аст, ки воҳидҳои ҳудудии РМЗҶМ, бо дарназардошти баҳогузории вазъияти оперативӣ дар кишвар, ба масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти муштараки оперативӣ-хизматии воҳидҳои гуногуни мақомоти корҳои дохилӣ, ки барои муқовимат ба савдои одамон равона карда шудаанд, бояд диққати худро равона намоянд. Вазифаҳои (функсияи) Шуъбаи мубориза бар зидди ҷиноятҳо ба муқобили обрӯю эътибор ва ахлоқи шахсияти РКҶ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад бояд асосан бар муқовимат ба истисмори шаҳвонӣ ва дигар ҷиноятҳое, ки ба шаъну шарафи инсон таҷовуз мекунанд, равона карда шавад. Дар як маврид бо ин қарор мутавозият ва такроршавӣ байни Маркази муқовимат ба савдои одамон ва Шуъбаи мубориза бар зидди ҷиноятҳо ба муқобили обрӯю эътибор ва ахлоқи шахсият аз

[1] Сардори РМЗҶМ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад котиби масъули Комиссияи байнидоравӣ оид ба муқовимат ба савдои одамон мебошад. Ниг.: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми марти соли 2023, таҳти № 84 «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8-уми июли соли 2017 «Дар бораи Комиссияи байнидоравӣ оид ба муқовимат ба савдои одамон»» // [Захираи электронӣ]. – Дастрасӣ аз ММИҲ «ADLIA».

байн бурда мешавад. Ғайр аз ин, имконият медиҳад, ки шумораи воҳидии сохторҳои мувофиқи зиддиҳуқуқии самти мазкур беҳтар карда шавад.

Ҳамин тариқ, дар охир ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Бо дарназардошти бисёрсубъектии фаъолияти муқовимат ба савдои одамон, ҷиноятҳои бо он алоқаманд ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо зарурияти такмили сохторӣ-ташкилии он такмил дода шуда, ваколату салоҳиятҳои мақомот ва воҳидҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амалияи ҳуқуқтадбиққкунӣ ва муносибатҳои ҳуқуқиро дар соҳаи таҳқиқшаванда амалӣ мекунанд, муайян карда шаванд, аз ҷумла: Маркази муқовимат ба савдои одамони РМЗҶМ ва воҳидҳои ҳудудии он, инчунин созмон додани сохторӣ-ташкилии мақсаднок – маркази ҳамоҳангсози муқовимат ба савдои одамон, ҳаммонанд ба Шуро зери Роҳбарии муовини вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон – сарпарасти самт (дар ноҳия, шаҳр ва вилоятҳо – муовини сардори ШВКД, РВКД), ки ба онҳо ваколатҳои ҳамоҳангсозӣ ва назорат вогузор карда мешавад.

2. Фаъолияти воҳидҳои сохтории Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳудудии он дар самти муқовимат ба савдои одамон, ҷиноятҳои бо он алоқаманд ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо дар он ҳолат самараи ҳифзи ҳуқуқи интизоршавандаро дода метавонад, ки агар дар сохти ташкилӣ-сохторӣ азнавкунӣ шавад, салоҳияти шахсони вазифадори ваколатдор муайян карда шавад ва низоми баҳогузории фаъолияти онҳо ташаккул дода шавад. Дар ин ҳолат кушишҳои муштараки воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, тафтишотӣ ва дигар воҳидҳои мақомоти корҳои дохилӣ хусусияти мувофиқшавӣ, босамараи фаъолияти оперативӣ-хизматиро аз худ мекунанд.

3. Бо мақсади фаъолноккунии муқовимат ба паҳншавии савдои одамон, ҷиноятҳои бо он алоқаманд ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо бояд Низомнома оид ба ташкили ҳамкории воҳидҳои сохтории ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳудуди он дар самти муқовимат ба савдои одамон, ҷиноятҳои бо он алоқаманд ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо коркард ва ба амал даровarда шавад.

4. Сабабҳои пастбудани самаранокии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба савдои одамон инҳо мебошанд: а) мавҷуд набудани низоми таъмини ҳуқуқии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, ки ба талаботҳои иҷтимоӣ ҷавобгӯ бошанд ва барои ҳамоҳангсозии кушишҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, дигар мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ин самт имконият диҳад; б) такроршавии вазифаҳои субъектҳои ин фаъолият ё ба зимаи касе гузоштани масъулият бо сабаби мавҷуд набудани ангезакунонии «аён»-и ин фаъолият, инчунин системаи баҳогузории он; в) аз ҷониби кормандони мақомоти корҳои дохилӣ надоштани донишҳои пурра вобаста ба усулҳои муосири муқовимат бо ҷинояткорӣ; г) мавҷуд набудани стратегияи ягонаи муқовимат ба савдои одамон, расмиятчигии робитаҳо дар ин самт аз ҷониби кормандони тафтишоти пешакӣ ва воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар сатҳи идоравӣ ва байниидоравӣ.

**ТДУ 343.92**

***ҲАЙДАРЗОДА З. П.***
*Сардори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети № 6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия*
*E-mail: haydarzoda.zafar@yandex.com*

***ҲАЙДАРЗОДА Д. П.***
*Муаллими кафедраи тактикаи махсус ва омодагии ҷисмонии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия*
*E-mail: dhaydarzoda@mail.ru*

# ҶАНГИ ТАҲМИЛӢ-ШАҲРВАНДӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ АСОСИИ ПАЙДОИШИ САВДОИ ОДАМОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА НАҚШИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ДАР МУҚОВИМАТ БА ОН

## ГРАЖДАНСКАЯ ВОЙНА КАК ОСНОВНОЙ ФАКТОР ВОЗНИКНОВЕНИЯ ТОРГОВЛИ ЛЮДЬМИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН И РОЛЬ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ В ПРОТИВОДЕЙСТВИИ ЕЙ

Ислоҳоте, ки дар охири асри XX дар аксарияти ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳодияи Шуравӣ гузаронида шуданд, тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоиро дар бар гирифтанд. Онҳо нафақат асоси ҳуқуқии механизми идоракунии давлатиро тағйир доданд, балки боиси табақабандии назарраси ҷомеа, «шаклдигаркунии» иҷтимоӣ шуданд, ки ин ба ҷаҳонбинии шумораи зиёди шаҳрвандон таъсири манфӣ расонд.

Вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки баъди пош хурдани Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиолистӣ (минбаъд – ИҶШС) дар Тоҷикистон ҷорӣ шуд, ба ҷанги шаҳрвандӣ ва пас аз он ба тезу тундшавии вазъияти криминогенӣ дар кишвар оварда расонд, ки дар он падидаҳои манфии иҷтимоии зиёд ба назар мерасиданд. Дар ҷумҳурӣ, чун дигар давлатҳои Иттиҳодияи Шуравии собиқ, афзоиши ҷинояткории муташаккил ба арши аъло расида буд.

Як қатор олимону намояндагони ташкилоти байналмилалӣ меафзоянд, ки савдои одамон – ин падидаи барои давлатҳои дар ҳолати бесуботии иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодӣ, динию маънавии нооором, ки давраи азсаргузаронии баъд аз ҷангӣ, шакливазкунии криминологӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилиро мегузаронанд, марбут мебошад. Зеро яке аз сабабҳои паҳн шудани савдои одамон ё зуроварии шаҳвонӣ ин ба вуҷуд омадани шароитҳои мусоид барои низоъҳои мусаллаҳона мебошад[1].

Чуноне ки олими рус, «паштушинос» Ю. П. Лалетин қайд менамояд[2], омӯзиши таърихи давлатдорӣ дар хоки Афғонистон аз гузашта то ба имрӯз нишон медиҳад, ки яке аз манбаҳои асосии пур кардани талаботи бозорҳои ғуломфурӯшӣ (савдои

---

[1] *Маджидзода З. Дж.* Организационно-правовой механизм нейтрализации вызовов и угроз в условиях многополярного мира // Диалог – Политика – Экономика. Международный научно-аналитический журнал Межпарламентской Ассамблеи государств – участников СНГ. – 2017. – № 3 (6). – С. 5-12; *Халиуллина Л. Г.* Вооруженные конфликты как катализатор торговли людьми // Точка зрения. Серия: «Политология. Религиоведение». – 2013. – № 2 (11), Ч. 1. – С. 211-217; Доклад Генерального секретаря о сексуальном насилии в условиях конфликта (S/2017/249) [Электронный ресурс] // Официальный сайт Совета безопасности ООН. URL: https:// undocs.org/ru/S/2017/249 (дата обращения: 10.06.2018).

[2] *Лалетин Ю. П.* Межэтническое взаимодействие в Афганистане // Конфликты на Востоке: этнические и конфессиональные / Отв. Ред. А. Д. Воскресенский; МГИМО (У) МИД России. – М.: Аспект пресс, 2008. – С. 292.

одамон), ин таҷовузҳои истилогарона вобаста ба саркӯбиҳои оммавӣ алайҳи ақаллиятҳои этникӣ мебошад, ки намояндагони ин ақалиятҳо манбаи асосии пур кардани бозорҳои ғуломфурӯшӣ маҳсуб меёбанд.

Тоҷикистон чун дигар кишварҳои собиқ ИҶШС, бо ин навъи ҷиноят дар се даҳсолаи охир рӯ ба рӯ гардид. Зеро раванди демократикунонӣ ва барқароршавии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳолатҳои бисёр вазнин гузашт. Дигаргунсозиҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон ба зиддиятҳои ҳасоси иҷтимоӣ, мураккаб гардидани вазъи иҷтимоию сиёсӣ, криминогенӣ ва ниҳоият ба сар задани ҷанги бародаркуши солҳои 1992-1997 оварда расонд[1].

Оқибатҳои мунокишаҳои мусаллаҳона дар он зоҳир гардид, ки ниҳоят ба болоравии шумораи ташкилоти криминогенӣ ва ҷинояткории фаромиллӣ оварда расонд[2]. Анҷом додани қатли оммавии олимон ва ходимони намоёни ҷумҳурӣ афзоиш ёфт, болоравии далелҳои одамрабоӣ, гирифтани гаравгонон ва савдои онҳо[3], дигар ҷиноятҳои махсусан вазнин, ба назар мерасид. Дар натиҷаи авҷи вазъияти криминогенӣ, хисороти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 10 млрд доллари ИМА-ро ташкил дод ва зиёда аз 150 ҳазор нафар одамон ҷон бохтанд, 50 ҳазор кӯдакон ятим ва бештар аз 30 ҳазор занон бешавҳар монданд, садҳо ҳазор одамон маъюбу бе саробон гардиданд[4], тақрибан як миллион нафар бо умеди дарёфти минтақаи нисбатан бехавф[5], маҷбуран тарки кишвар карданд.

Дар ҳолати ҷанги шаҳрвандӣ на танҳо ҷараёни ҷинояткорӣ шиддат гирифт, балки муташаккилшавию мусаллаҳгардии он низ афзоиш ёфт. Дар баробари ин мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла мақомоти корҳои дохилӣ на ҳамеша ба муроҷиати шаҳрвандон ва далелҳои ошкорои амалҳои зиддиҳуқуқӣ саривақтӣ вокуниш нишон медоданд. Дар чунин вазъият аҳолӣ ба чунин қолаби зиндагӣ мутобиқ гардид, муроҷиати шаҳрвандон барои дастгир кардани ҷинояткорон кам шуд ва дар натиҷа ҳолати лотентии ҷинояткорӣ афзоиш ёфт. Болоравии устувори ҷинояткории ретседивӣ, гурӯҳӣ ва касбӣ ба воқеияти рӯз табдил ёфт.

Хавфнокии проблемаҳои ҷойдоштаро ба назар гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади муътадил гардонидани ҳолат дар ин самт якчанд чораҳоро андешид, аз ҷумла:

а) дар ҷойҳо барқароркунии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, идоракунӣ ва таъминсозии фаъолияти пурсамари онҳо;

б) баргардонидани гурезагон ва муҳоҷирони иҷборӣ ба Ватан;

в) таъмини кафолати бехатарии шахсии шаҳрвандон аз ҷумла гурезагон ва муҳоҷирони иҷбории ба Ватан баргардонидашуда;

г) расонидани ёрии моддӣ ва муқарар намудани имтиёзҳои гуногун ба камбизоатон, аз ҷумла гурезагон ва муҳоҷирони иҷбории ба Ватан баргардонидашуда;

---

[1] *Косимов С., Абдухаликов У. А., Розикзода А. Ш.* Деятельность органов внутренних дел Республики Таджикистан в годы независимости (1991-1997 гг.). Т. 1: За конституционный строй, мир и национальное согласие: учебник / Под общ. ред. Х. Х. Шарипова. – Душанбе: Ирфон, 2006. – С. 16.

[2] Министерство внутренних дел – надёжная опора независимости: учебник. – Душанбе: Контраст, 2011. – С. 14.

[3] *Мулладжанова Н. А.* Уголовно-правовые аспекты торговли людьми на примере Республики Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2021. – С. 22.

[4] *Рахмонов А. С., Рахмонов Б. Ш.* Роль и место Республики Таджикистан в системе безопасности и противодействие современным нетрадиционным угрозам в ЦАР // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Сер. обществ. наук. – 2016. – № 2 (67). – С. 107-116.

[5] *Шарипова К. С.* Национальная безопасность Республики Таджикистан в контексте региональных и международных вызовов: дис. ... канд. полит. наук. – Душанбе, 2017. – С. 45-46; Выступление Президента Республики Таджикистан на Международной конференции Европейского Союза и ряда стран соседей и партнеров по укреплению границ и усилению борьбы с наркотиками от 21.10.2008 г. // [Элек. ресурс]. – Режим доступа: http://www.President.tj/ru (дата обращения: 04.03.2018).

д) қабули Қонун дар бораи авфи шахсоне, ки дар задухурдҳои мусалаҳона даст доштанд ва дар як маврид бесилоҳгардонии онҳо.

Аммо, баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии сулҳ ва ваҳдади миллӣ дар соли 1997 Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 485 аз 1-уми августи соли 1997, «Дар бораи авфи иштирокчиёни муқовиматҳои сиёсӣ ва ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид ва якҷояшавии қувваҳои мусаллаҳи Иттиҳоди мухолифини тоҷик дар қисмҳои ҳарбии ҷумҳурӣ гузаронида шуд. Аммо як қисми қувваҳои мухолифини тоҷик, силоҳро насупорида, иттиҳодияҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ва гурӯҳҳои ҷиноятиро ташкил карда, дар ҳудуди кишвар даст ба ҷинояту ҷинояткорӣ заданд.

Бинобар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади муътадил гардонидани ҳолат дар ин самт фаъолияти минбаъдаро пурзӯр намуда, мубoризаро бар зидди ҷинояткорӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқ нигаронида, мақомоти судӣ, прокуратура, корҳои дохилӣ, гумрук, андоз ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқукро аз унсурҳои ҷиноятӣ ва ашхоси тасодуфӣ тоза намуданд.

Дар баробари ин Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тадбиқи амалигардонии барномаҳои маҷмӯии ислоҳоти сохторӣ доир ба таъмини рушди иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ шуруъ намуд, зеро сатҳи пасти рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон, ҳамчун таҳдид ба бехатарии амнияти миллӣ эътироф гардида буд[1].

Новобаста ба чораҳои андешидашуда, шумораи ҷиноятҳои махсусан вазнин, ки бо истифода аз яроқи оташфишон ё бо таҳдиди истифода бурдани он содир карда мешуданд, чандкарата афзуданд ва ҳолатҳои одамрабоӣ бо мақсади гирифтани пул зиёд шуданд. Дар васоити ахбори омма хабарҳо дар бораи бедарак шудани одамон ва бурдани шаҳрвандон ба хориҷи кишвар бо мақсади фурӯш ва трансплатaтсияи ғайриқонунии узвҳои бадан ба нашр расиданд[2]. Унсурҳои ҷиноятӣ аз рӯйи принсипи «ба ҳар ҷизе, ки аз ҷониби қонун манъ карда нашудааст, иҷозат ҳаст» амал мекарданд[3].

Қонунгузории он давра дар самти муқовимат ба савдои одамон номукаммал буд, зеро кодексҳои ҷиноятии ҷумҳуриҳои ИҶШС шарикиро дар шакли «гурӯҳи муташаккил» ва ҷавобгарии ҷиноятиро барои «одамрабоӣ» пешбинӣ намекард[4]. Кирдорҳои содиршаванда расман танҳо ба диспозитсияи як моддаи Қонуни ҷиноятӣ – «бандитизм» мувофиқат мекарданд. Чуноне, ки С. А. Потапова қайд менамоянд «маҳз қонуни бад, пастсифат яке аз сабабҳои асосии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳо мебошад»[5].

Соли 1998 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни ҷиноятӣ дар таҳрири нав қабул шуд, аммо муҳити ҷиноятӣ ҳам тағйир ёфт, шумораи силоҳнокшавӣ ва таҷҳизото-

[1] *Шарипова К. С.* Национальная безопасность Республики Таджикистан в контексте региональных и международных вызовов: дис. ... канд. полит. наук. – Душанбе, 2017. – С. 11.

[2] *Рахимов М. С.* Ответственность за торговлю людьми: история международного права и уголовного законодательства зарубежных государств: монография. – Душанбе: Полиграфический комбинат, 2013. – С. 38.

[3] *Литвинов Н. Д.* Работорговля и организованная преступность в России // Работорговля в России и организованная преступность: информационно – криминологический сборник / Сост. Н. Д. Литвинов, И. В. Даньшин, Е. Колесникова. – Воронеж: ЭЦ Национальной безопасности, 2015. – С. 3.

[4] Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон аз соли 1961 (бо тағйиру иловаҳо аз 01.06.1988 с.). – Душанбе: Ирфон, 1988. – 216 с.

[5] *Потапова С. А.* Организация взаимодействия органов внутренних дел с другими правоохранительными органами по противодействию экономической преступности: по материалам Дальневосточного федерального округа: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2010. – С. 30.

нии техникии[1] он афзуд ва «муттаҳидшавии» гурӯҳҳои ҷиноятӣ бо мансабдорони коррупсиянершуда[2] ба вуҷуд омад. Яке аз оқибатҳои он ин савдои одамон – ҷиноятe, ки нафақат ба генофонди миллат, балки ба амнияти давлат суиқасд мекунад, рӯйи кор омад.

Савдои одамон ва ҷиноятҳои бо он алоқаманд, ки ҳам дар дохили кишвар ва ҳам берун аз кишвар содир мешаванд, одатан хусусияти гурӯҳи муташаккилро доштa, бо сабаби он, ки бо убури сарҳади давлатӣ алоқаманд мебошанд, хусусияти байналмиллалӣ доранд. Аз ин лиҳоз, мукаммалгардонии қонунгузорӣ дар самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти муқовимат ба савдои одамон ногузир буд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади муайян кардани заминаҳои ҳуқуқии ташкили муқовимат ба савдои одамон тадбирҳои зерин андешида шудаанд:

– тасдиқ (ратификация) кардани ҳуҷҷатҳои асосӣ дар самти мубориза бо ҷинояткории муташаккил, аз ҷумла бо савдои одамон ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ (майи соли 2002);

– талаботи санадҳои байналмилалӣ ба қонунгузории ҷиноятии кишвар ворид (имплементатсия) карда шуданд: моддаи 130[1] «Хариду фурӯши одамон»[3], дар таҳрири нав қабул намудани моддаи 167 «Хариду фурӯши ноболиғон»[4], ворид намудани қисмҳои 3 ба моддаҳои 339 «Тасарруф ё вайрон кардани ҳуҷҷат, штамп, мӯҳр» ва 340 «Сохтакорӣ, тайёр кардан ё ба соҳибияти каси дигар додани ҳуҷҷат, мукофоти давлатӣ, штамп, мӯҳр ва бланкаҳои қалбакӣ» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мазмуни зерин: «Кирдорҳои дар қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда пешбинигардида, ки бо мақсади савдои одамон содир шуда бошад»[5];

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон» таҳия ва қабул карда шуд[6], ки он дар таҳрири нав бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 1096 аз 26-уми июли соли 2014 «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон»[7], иваз карда шуд;

– бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 710 аз 7-уми марти соли 2012 «Дар хусуси тасдиқи Созишнома дар бораи ҳамкории вазоратҳои корҳои дохилии (политсияи) давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон, ки дар шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Русия, санаи 17-уми сентябри соли 2010 ба имзо расидааст» тасдиқ (ратификация) карда шуд;

– бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 682 аз 8-уми феврали соли 2012 «Дар хусуси тасдиқи Ёддошти тафоҳум

---

[1] *Зоиров Д. М.* Преступность современного Таджикистана: предварительные подходы к исследованию // Правовое поле современной экономики. – 2015. – № 12. – С. 176-183.

[2] Дар бораи пурзур намудани мубориза бо ҷинояткории муташаккил: Қарори Съезди дупутатони халқии ИҶШС аз 23-юми декабри соли 1989 // [Захираи электронӣ]. – Режим обращения: https: //law-book.online/istoriya-prava/postanovlenie-sezda-narodnyih-deputatov-sssr-26536.html. (санаи муроҷиат: 11.12.2023).

[3] Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми январи соли 2019, таҳти № 1554 // Дар таҳрири нав бо номи «Савдои одамон» қабул шуд.

[4] Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми январи соли 2019, таҳти № 1554 // «Савдои кудакон».

[5] Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми августи соли 2003, таҳти № 33 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2003. – № 8. – Мод. 456.

[6] Дар бораи мубориза бар зидди харуду фурӯши одамон: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15-уми июли соли 2004, таҳти № 47 (аз 26-уми июли соли 2014 қувваи худро гум кард) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2004. – № 7. – Мод. 454.

[7] Ахбори Маљлиси Олии Љумњурии Тољикистон. – 2014. – № 7 (қ. 1). – Мод. 393.

байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо Бюрои САҲА дар Тоҷикистон» тасдиқ (ратификация) карда шуд;

– дар давраи сипаригардида як қатор барномаҳои мақсадноки давлатӣ қабул гардиданд[1];

– «Қоидаҳои таъсиси марказҳои дастгирӣ ва кӯмак ба қурбониёни савдои одамон»[2] ва «Низомномаи намунавии Марказҳои дастгирӣ ва кӯмак ба ҷабрдидагони хариду фурӯши одамон»[3] тасдиқ карда шуданд. Ҳуҷҷатҳои мазкур тартиб, талабот ва шартҳои ташкили чунин марказҳо, инчунин самтҳои асосии фаъолият ва салоҳияти онҳоро муайян мекунанд.

– бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 327 аз 27-уми июли соли 2016 «Дар бораи Тартиби амалӣ намудани маҷмӯи тадбирҳо дар доираи механизми бозравонии қурбониёни савдои одамон», қабул гардид;

– бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 342 аз 2-юми июли соли 2019 «Дар бораи номгӯи ҷиноятҳои бо савдои одамон алоқаманд», қабул гардид;

– Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 12 аз 23 декабри соли 2011 (бо тағйироту иловаҳо аз 23.11.2012, № 32) «Дар бораи таҷрибаи татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба хариду фурӯши одамон ва хариду фурӯши ноболиғон» қабул ва мавриди амал қарор дода шуд;

Ба сифати асосҳои қонунгузории пешгирии зӯроварӣ дар оила, ки қурбониёни он, аз ҷумла ноболиғон ва занон метавонанд қурбонии эҳтимолии савдои одамон гарданд, инчунин бо мақсади муайян намудани заминаҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ва ҳамчун кафолатҳои давлатии амалигардонии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои зерин қабул шуданд:

– Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13-уми ноябри соли 1998, таҳти № 682[4];

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2-юми августи 2011, таҳти № 762[5];

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аз 19-уми марти соли 2013, таҳти № 954[1];

---

[1] Дар доираи талаботҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як чанд ҳуҷҷатҳои асосҳои батанзимдарорӣ ва самтҳои афзалиятноки фаъолият дар муқовимат ба савдои одамон тасдиқ гардидаанд. Аз ҷумла: «Барномаи маҷмӯии мубориза ба муқобили савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010» (аз 06.05.2006, № 213); «Барномаи маҷмӯии мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013» (аз 03.03.2011, № 113); «Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023» (аз 03.05.2014, № 294); «Барномаи миллӣ оид ба барҳамдиҳиишаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» (аз 31.10.2014, № 690); «Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018» (аз 27.07.2016, № 326); «Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021» (аз 01.03.2019, № 80); «Барномаи тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда барои солҳои 2020-2024» (аз 25.06.2020, № 387); «Барномаи миллии пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон барои солҳои 2020-2024» (аз 30.07.2020, № 431); «Барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» (аз 31.12.2020, № 703); «Стратегияи милли оид ба назорати маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» (аз 20.03.2021, № 145); «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Точикистон барои давраи то соли 2030» (аз 30.04.2021, № 166); «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» (аз 30.04.2021, № 167); «Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024» (аз 26.02.2022, № 55) ва ғайра.

[2] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2007, таҳти № 100 [Захираи электронӣ]. – Дастрасӣ аз ММИҲ «ADLIA».

[3] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2007, таҳти № 504 [Захираи электронӣ]. – Дастрасӣ аз ММИҲ «ADLIA».

[4] Ахбори Маҷлиси Олии Љумҳурии Тоҷикистон. – 1998. – № 22. – Мод. 303.

[5] Ахбори Маҷлиси Олии Љумҳурии Тоҷикистон. – 2011. – № 7-8. – Мод. 616.

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18-уми марти соли 2015, таҳти № 1196[2];

– қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми марти соли 2014, таҳти № 169 «Дар бораи Рӯйхати корҳои шароиташон зараровар ва хавфнок, ки ба истифодаи меҳнати ашхоси аз 18-сола хурд иҷозат дода намешавад ва ҳадди меъёрҳо ҳангоми дастӣ бардоштан ва кашонидани борҳо»;

– қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми майи соли 2014, таҳти № 294 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023»;

– қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми январи соли 2017, таҳти № 29 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдак»;

– қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми апрели соли 2017, таҳти № 158 «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022»;

– Барномаи таълимӣ вобаста ба «Нақши кормандони маориф дар рафъи меҳнати кӯдакон» ва барномаи берун аз синфӣ дар мавзӯи «Меҳнати кӯдакон ва оқибатҳои он» (соли 2013)[3];

– фармоиши Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17-уми апрели соли 2014, таҳти № 59 «Оиди ба татбирҳои иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми марти соли 2014, таҳти № 169 «Дар бораи Рӯйхати корҳои шароиташон зараровар ва хавфнок, ки ба истифодаи меҳнати ашхоси аз 18-сола хурд иҷозат дода намешавад ва ҳадди меъёрҳо ҳангоми дастӣ бардоштан ва кашонидани борҳо»»;

– Дастурамал доир ба ташкили фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ оид ба пешгирӣ, бартарафкунӣ ва эътино намудан ба ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила, ки бо фармоиши ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20-уми апрели соли 2016, таҳти № 27 б/з тасдиқ шудаст;

– аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидани «Дастурамал барои кормандони муассисаҳои таълимӣ оид ба пешгирӣ ва вокуниш ба ҳодисаҳои зӯроварӣ нисбати кӯдакон»[4].

Бо мақсади рушди қонунгузории миллӣ, барои татбиқи муқаррарот ва талаботҳои он дигаргунсозию азнавташкилкуниҳо амалӣ карда шуда, сохторҳои институтсионии нав ташкил карда шуданд:

– бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаю ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-уми июли соли 2015, таҳти № 526 «Дар бораи таъсиси Шӯрои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис дода шудаст;

– бо мақсади такмили минбаъдаи сиёсати давлатӣ оид ба дастгирии оила ва кӯдак соли 1996 дар заминаи «Комиссия оид ба корҳои ноболиғони назди Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон»[5] – «Комиссияи кор бо ноболиғони назди Ҳукума-

[1] Ахбори Маҷлиси Олии Љумҳурии Тоҷикистон. – 2013. – № 3. – Мод. 197.

[2] Ахбори Маҷлиси Олии Љумҳурии Тоҷикистон. – 2015. – № 3. – Мод. 218.

[3] Первоначальный доклад Республики Таджикистан о мерах, принятых в целях осуществления Факультативного протокола к Конвенции о правах ребенка, касающегося торговли детьми, детской проституции и детской порнографии от 12.01.2017 г. [Электронный ресурс] // Комитет по правам ребёнка Организации Объединённых Наций. URL: http://www.notabene.tj/Doc/Kaz/compl/G170058909.pdf (дата обращения: 16.06.2018).

[4] Дастурамал барои кормандони муассисаҳои таълимӣ оид ба пешгирӣ ва вокуниш ба ҳодисаҳои зӯроварӣ нисбати кӯдакон. – Душанбе: ҶДММ «Меҳрона-2017», 2018. – 50 с. [Захираи электронӣ]. URL: Cover PDV 3 (maorif.tj) (санаи муроҷиат: 13.12.2023).

[5] Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми июни соли 1994, таҳти № 293.

ти Ҷумҳурии Тоҷикистон»[1] таъсис ёфта, соли 2008 дар заминаи он «Комиссия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак»[2] таъсис ва низомномааш тасдиқ шудааст.

– шуруъ аз соли 1999 ҳаммонанд ба маркази муқовимат ба савдои одамон[3] – шуъбаи мубориза бар зидди рэкет ва одамрабоӣ дар сохтори Раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили (минбаъд – РМЗҶМ) ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуд[4];

– бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ – субъектоне, ки муқовиматро бар зидди савдои одамон амалӣ менамоянд ва ташкили ҳамкории онҳо 4-уми январи соли 2005 «Комиссияи байниидоравии мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон» таъсис дода шуд[5];

– барои дастгирӣ ва расонидани кӯмаки тиббию равонӣ ва дигар кӯмаки иҷтимоӣ ба қурбониёни (ҷабрдидагони) савдои одамон дар ҷумҳурӣ якчанд марказҳо, аз ҷумла муассисаи давлатии «Маркази минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ба қурбониёни савдои одамон дар шаҳри Душанбе»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, амал карда истодааст[6];

– соли 2008 дар заминаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Маркази миллии таълимӣ оид ба муқовимат бо савдои одамон»[7] таъсис дода шуда, ба барномаи таълимии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон курси махсуси «Муқовимат ба савдои одамон»[8] ворид карда шудааст, ки чунин курсҳо ба барномаҳо бозомӯзии кадрҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ низ дохил карда шудаанд;

---

[1] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми июли соли 1996, таҳти № 234.

[2] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми августи соли 2008, таҳти № 377 (таҳр. аз 08.02.2017, № 29).

[3] Дар шуъбаҳои минтақавии мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили РМЗҶМ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон шуъбачаҳо (гурӯҳҳои) мубориза ба савдои одамон фаъолият мекунанд.

[4] Баъдан бо мақсади дар амал тадбиқ намудани банди «б» моддаи 6 ва қисми 2 моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон» аз 27-уми апрели соли 2004, таҳти № 47 бо фармоиши ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми апрели соли 2004, таҳти № 232 дар заминаи шуъбаи мазкур шуъбаи мубориза бар зидди рэкет, одамрабоӣ ва хариду фурӯши одамон ташкил карда шуд. Сипас шуъбаи мазкур бо фармоиши ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми апрели соли 2009, таҳти № 218 ба шуъбаи мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон мубадал гардонида шуд. Соли 2017 бошад бо мақсади иҷро намудани моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» ва банди 18 «Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018» шуъбаи мазкур ба маркази муқовимат ба савдои одамон табдил дода шуд.

[5] Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми январи соли 2005, таҳти № 5 ва аз 2-юми апрели соли 2005 бо қарори № 123 Низомномаи он тасдиқ шуд. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 340 аз 8-уми июли соли 2017 (таҳр. аз 02.03.2023, № 84) Комиссияи байниидоравӣ оид ба муқовимат ба савдои одамон дар ҳайати нав ташкил шуд ва Низомномаи он тасдиқ гардид.

[6] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми январи соли 2020, таҳти № 280 «Дар бораи таъсиси муассисаи давлатии «Маркази минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ба қурбониёни савдои одамон дар шаҳри Душанбе»».

[7] Дар соли 2017 бинои маъмурии нави маркази муқовимат ба савдои одамон ва маркази таълимии РМЗҶМ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифода супорида шуд.

[8] Ғайр аз ин, Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018 ба барномаи таълимии курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон ворид намудани мавзуъҳои иловагии муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамонро пешбинӣ кардааст. Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 бошад аз нав дида баромадани барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии муаллимон, инчунин ташкил ва гузарондани курсҳои таълимиро бо иштироки муаллимони муассисаҳои таълимии умумӣ, мактабҳои олӣ ва марказҳои таълимии калонсолон пешбинӣ намуд. Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024 бошад таҷдиди назар кардани барномаҳои таълимии дахлдори курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон, инчунин баргузор намудани курсҳои таълимӣ бо омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, марказҳои бозомӯзии калонсолон дар самти муқовимат ба савдои одамонро пешбини менамоя.

– соли 2009 бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ноболиғон, инчунин барои амалигардонии корҳои профилактикӣ байни ҷавонон дар сохтори ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон – Хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо байни ноболиғон ва ҷавонон ва сипас соли 2020 дар заминаи он Раёсати огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғону ҷавонони таъсис дода шудааст, ки он бевосита ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ноболиғону ҷавононро ҳимоя мекунад;

– бо мақсади пешгирии зӯроварӣ дар оила, дар сохтори штатии шуъбаҳои ҳудудии Раёсати ҳифзи тартиботи ҷамъиятии ВКД ҷумҳурӣ воҳиди нозир оид ба муқовимат бо зӯроварӣ дар оила таъсис дода шудааст (Фармоиши ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17-уми марти соли 2010, таҳти № 271). Ҳамзамон, барои шунавандагон ва курсантони Академияи ВКД курси факултативии таълимӣ – «Пешгирии зӯроварӣ дар оила» ҷорӣ карда шуда, дар низоми тайёрии касбӣ ва хизматии воҳидҳои сохтории мақомоти корҳои дохилӣ омӯзиши мавзӯи «Зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он» пешбинӣ гардидааст[1];

– ҷиҳати самаранок ҳал намудани масъалаҳои шаҳрвандӣ, бахшиши ҷазо, мукофотонӣ, муҳофизати ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак ва мониторинги дурустии иҷрои вазъи муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар сохтори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Тоҷикистон аз 15-уми июли соли 2015 Раёсати кафолати ҳуқуқи инсон ва дар таркиби он «Шӯъба оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак» таъсис дода шудааст[2];

– бо мақсади таъмини эҳтиром, риоя ва пешбурди ҳуқуқу озодиҳои кӯдак 15-уми марти соли 2016 дар ҷумҳурӣ вазифаи муовини Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис дода шудааст[3].

Маҷмӯи чораҳои андешидашудае, ки дар асоси принсипу меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ, бо ҷалби коршиносони ташкилотҳои байналмилалӣ ва дигар ташкилотҳои хориҷӣ вобаста ба пурзӯр намудани муқовимат ба савдои одамон дар асоси таҳлили вазъияти кунунӣ ва дурнамои рушди он, омӯзиши масъалаҳое, ки ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ба ҳифзи озодӣ, шаъну шарафи шахсият хос мебошанд, равона карда шудаанд. Як қатор чорабиниҳои иттилоотӣ-маърифатӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии чорабиниҳо оид ба огоҳонӣ, пешгирӣ, ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои категорияи мазкур, инчунин расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон, гузаронида шуданд.

Аммо ҳамаи чораҳои андешидашуда барои пурра фаъолгардонии муқовимат ба ин гуна намуди ҷиноятқорӣ мусоидат карда натавонистанд. Чунин ба назар мерасид, ки бо тадбирҳои андешидашуда аллакай барои ташаккули заминаи ягонаи ҳуқуқӣ дар ин самт ва фароҳам овардани шароитҳои ташкилӣ барои татбиқи онҳо, аз ҷумла ташаккули механизми фаъолияти муштарак ва ҳамкории мақомоти давлатӣ, тактикаи муташаккилонаи муқовимат ба савдои одамон фароҳам оварда шудаст. Аммо, бояд қайд кард, ки то соли 2010 бинобар як қатор сабабу омилҳо аз

---

[1] Барои нозирони минтақавӣ ва нозирон оид ба муқовимат ба зӯроварӣ дар оила Маводи методӣ оид ба риоя ва иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми марти соли 2013, таҳти № 954 «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ба нашр расонида шудааст (Фармоиши ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2013, таҳти № 31 б/з.).

[2] Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба баъзе фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15-уми июли соли 2015, таҳти № 523 (тахр. 15.08.2016, № 737) // [Захираи электронӣ] Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: http://www.president.tj/ru/ node/9550 (сана муроҷиат: 09.05.2018); Дар бораи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15-уми августи соли 2016, таҳти № 737 // Дастрасӣ аз ММИҲ «ADLIA».

[3] Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ваколатдор оид ба ҳуқуқҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20-уми марти соли 2008, таҳти № 372 [Захираи электронӣ]: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15-уми марти соли 2016, таҳти № 1281 // Дастрасӣ аз ММИҲ «ADLIA».

ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо моддаи 130[1] «Савдои одамон» КҶ ҶТ ягон ҷиноят бандубаст ва ба қайд гирифта нашудааст.

Дар баробари ин, барои чунин шумофевидан, ки ин гуна кирдорҳои ҷиноятӣ дар ҷумҳурӣ содир нашудаанд, асос ҷой надорад. Сабаби асосии ин дар бандубасти нодурусти ин кирдорҳо мебошад. Кор сари он аст, ки онҳо одатан бо дигар моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ бандубаст карда мешуданд. Масалан, бо моддаи 132 «Ҷалби одамон барои истисмор»[1] КҶ ҶТ, бинобар он ки диспозитсияи моддаи 130[1] КҶ ҶТ ва банди «а» моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15-уми июли соли 2004, таҳти № 47 «Дар бораи мубориза ба хариду фурӯши одамон» (айни ҳол қувваи қонуни надорад) мафҳуми зерини савдои одамонро пешниҳод мекунад: «Хариду фурӯши одамон – ин харид ва ё фурӯши одам бо розигӣ ё бе розигӣ ғуломӣ ё расму одатҳои ба ғуломӣ ҳамшабеҳ, асорати қарзӣ ё фарзандхондӣ бо мақсади тиҷорат». Ҷалб кардан, супоридан, интиқол кардан ҳамчун усулҳои содир кардани ҷиноят шарҳ дода мешуданд.

Чуноне, ки таҳлили амалияи тафтишотӣ-судии он солҳо нишон дод, «тартиби» хариду фурӯши одамон, одатан, берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ ба амал меомад. Ҳатто агар қурбониён ба гумонбаршудагони мушаххас ишора карда бошанд ҳам, ин ҳанӯз далели хариду фурӯши одамон набуд ва ин дар ҷараёни тафтишот мушкилиҳоро ба миён меовард. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки он давра амал мекард ба кормандони оперативӣ ва тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо мақсади ҷамъоварии далелҳои зарурӣ ба хориҷи кишвар сафар карданро имконият намедод ва мавҷуд набудани намояндагиҳои дипломатӣ, созишномаҳои байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ ба кормандони мазкур имконият намедод, ки дархостҳои байналмилалиро ба давлате, ки дар қаламрави он нисбати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон савдои одамон содир шудааст, ирсол намоянд. Бинобар ин, шахсони гунаҳкор ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани дигар намуди ҷиноятҳое, ки бо савдои одамон алоқаманд мебошанд (ҷалби одамон барои истисмор, ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ, сохтакорӣ, тайёр кардан ё ба соҳибияти каси дигар додани ҳуҷҷат ва ғайра) ва ҷавобгарии сахти ҷиноятиро пешбинӣ намекарданд, ҷалб карда мешуданд.

Ингуна таҷриба дар дигар давлатҳо низ ҷой доштанд. Масалан, А. Б. Бекмагамбетов далелеро пешниҳод менамояд, ки дар Ҷумҳурии Қазоқистон қисми зиёди парвандаҳои ҷиноятӣ, ки бо сабаби муайян намудани ҳолатҳои савдои одамон оғоз карда мешаванд, на бо моддаҳоии 128 «Савдои одамон» ва моддаи 133 «Савдои ноболиғон» КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон, балки бо моддаи 271 «Ташкил ё нигоҳдории фоҳишахона, ҳамчунин даллагӣ бо ғарази шахсӣ ё занҷаллобӣ» КҶ Ҷумҳурии Қозоқистон бандубаст карда мешаванд[2].

Маҳз барои ҳамин рушди минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳуқуқ ва инкишофи он бо зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ, мутобиқ кардани он бо ҳуқуқи байналмиллалӣ алоқаманд буд3. Бо дарназардошти таҳлили амалияи тафтишотӣ-судӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ моҳи августи соли 2008 диспозитсияи моддаи 130(1) «Хариду фурӯши одамон» КҶ ҶТ дар таҳрири нав пешниҳод шуд ва 26-уми июли соли 2014, таҳти № 1096 Қонуни нави Ҷумҳурии

[1] Бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми январи соли 2019, таҳти № 1554 «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» хориҷ карда шуд.

[2] *Бекмагамбетов А. Б.* Меры борьбы с преступностью по торговле людьми: проблемы криминологического измерения и оптимального законодательного инструментария противодействия (на примере Республики Казахстан) // Международное сотрудничество евразийских государств: политика, экономика, право. – 2015. – № 1 (2). – С. 47.

[3] Доклад Председателя Экономического Суда СНГ Ф. Абдуллоева на Международной научной конференции: 20 лет независимости Республики Таджикистан и 15 лет установлению дипломатических отношений между Республикой Таджикистан и Республикой Беларусь (г. Минск, 07.06.2011 г.) [Электронный ресурс]. – URL: http://www.sudsng.org/download_files/news_files/2011/ doklad_20110608.pdf (дата обращение: 24.07.2018).

Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон»[1] қабул шуд. Дар натиҷаи чораҳои андешидашуда дар давраи аз соли 2010 то 2018 – 237 парвандаҳои ҷиноятӣ бо моддаи 130(1) «Хариду фурӯши одамон» ва моддаи 132 «Ҷалби одамон барои истисмор» КҶ ҶТ оғоз карда шудааст, ки 48,1 % онҳоро моддаи 132 ташкил кард. Барои муқоиса: дар давраи аз соли 2004 то соли 2009 аз рӯйи далелҳои содиршавии ин категорияи ҷиноятҳо 159 парвандаи ҷиноятӣ оғоз шуда, ҳамаи онҳо бо моддаи 132 КҶ ҶТ ба қайд гирифта шуда буданд.

Тадбирҳои минбаъда оид ба такмили қонунгузорӣ дар самти муқовимат ба савдои одамон дар моҳи январи соли 2019 қабул карда шуданд, ки мафҳуми савдои одамон дар диспозитсияи моддаи 130(1) КҶ ҶТ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» мувофиқ карда шуд. Рӯйхати субъектони муқовиматкунанда ба савдои одамон зиёд карда шуда, ба мафҳуми савдои одамон иловаҳо ворид карда шуданд: истилоҳоти «савдои одамон» ва «хариду фурӯши одамон» минбаъд ҳамчун нобаробар муайян карда шуданд. Тартиби нави ба шахс додани мақоми ҳуқуқии «қурбонии савдои одамон» муайян карда шуд ва ғайра.

Хулоса, яке аз сабабҳои муқовимати на онқадар манфиатпазири мақомоти ҳифзи ҳукуқ дар ин самт ин номукаммалии қонунгузории ҷиноятӣ, маъмурӣ маҳсуб меёфт. Новобаста ба он, ки миқдори зиёди қарорҳои ҳукумат ва дигар ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ дар самти муқовимат ба савдои одамон қабул гардидаанд. Айни замон низ мушкилоти муайян дар самти ташкили манфиатпазири фаъолияти мақомоти давлатӣ дар муқовимат ба савдои одамон мавҷуд аст.

Аз ин лиҳоз, зарур аст муқовиматро ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи стратегияи ягонаи давлатӣ амалӣ намоем, ки маҷмӯи чораҳои хусусияти ҳуқуқӣ ва ташкилдоштаро дар бар мегиранд, аз ҷумла:

а) такмили қонунгузории маданӣ, ҷиноятӣ, мурофиавӣ, маъмурӣ;

б) такмили заминаи ҳуқуқии идоравӣ ва байниидоравӣ, ки аз ҷумла масъалаҳои ташкили ҳамкориҳои дохилию беруниро ба танзим медароранд;

в) ташаккули низоми баҳогузории фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, ки ба муқовимат ба савдои одамон нигаронида шудааст;

г) васеъ кардани ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт, аз ҷумла расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ ба қурбониёни савдои одамон ва ғайра.

[1] Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2014, таҳти № 1096 (тахр. аз 02.01.2019) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – № 7 (қ. 1). – Мод. 393.

**ТДУ 343.431**

***ҲАЙДАРЗОДА М. П.***
*Дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия*
*E-mail: murod.23.09.1990@mail.ru*

# ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛЁБИИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ МУҚОВИМАТ БА САВДОИ ОДАМОН

## ВОЗНИКНОВЕНИЕ И РАЗВИТИЕ УГОЛОВНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ОБЛАСТИ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ТОРГОВЛЕ ЛЮДЬМИ

Саводои одамон дар тули таърих яке аз масоили мубрам ва ташвишовари ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳсуб ёфта, дар баробари терроризму экстремизм ва гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор ба гурӯҳи ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ дохил мешавад.

Савдои одамон ва муқовиматнамоӣ ба он таърихи ниҳоят куҳан дорад. Масалан, то солшумории мелодӣ аввалин Эъломияи ҳуқуқи башар соли 539 дар кулоҳи лапарборики аз гил омодагардида ва дар оташ гудохташуда, аз ҷониби Куруши Кабир эълон карда шудааст, ки он бо хатти мехӣ навишта шуда, дар ҷаҳон бо номи «Манифести Куруши Кабир» машҳур аст ва Куруши Кабир аввалин шоҳи давлати Форси қадим мебошад, ки дар асоси ин ҳуҷҷат озодии ғуломон, баробарнажодӣ ва озодии виҷдонро аз ҷониби худи одамон эълон дошт[1]. Ин санади меъёрӣ-ҳуқуқии таърихӣ далели он аст, ки миллати форсу тоҷик дар ҷаҳон аввалин шуда, дар сатҳи давлатдорӣ ғуломӣ ва савдои одамонро маҳкум карда, баробарнажодӣ ва озодии виҷдонро кафолат додааст.

Бо назардошти ин санади бунёдӣ пас аз гузашти чандин солҳо, аниқтараш, аз соли 960 сар карда, то соли 1981 қариб ҳамаи давлатҳои алоҳидаи рӯйи олам қонунҳои махсусе қабул кардаанд, ки дар асоси онҳо ғуломдорӣ ва ғуломфурӯшӣ манъ карда мешуд[2]. Ин анъана минбаъд низ идома ёфт ва аксари давлатҳо қонунҳое қабул намудаанд, ки дар асоси онҳо масъалаи савдои одамон шадидан маҳкум карда шудааст.

Дар ҳудуди собиқ давлатҳои Шуравӣ бошад, пас аз солҳои 1980 истифодаи хизматрасониҳои тиҷоратии шаҳвонӣ оғоз гардид ва дар охирҳои соли 1990 ин масъала ба авҷи аъло расид[3]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, савдои одамон ҳамчун падидаи манфӣ дар давраи амалиётҳои ҷангии солҳои 1992-1997 пайдо гардид. Зеро маҳз дар давраи амалиётҳои ҷангӣ барои паҳн гардидани савдои кӯдакон замина ба миён омад. Дар ин давра гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ ташкил гардиданд, ки ба савдои одамон, махсусан занону кӯдакон машғул буданд. Дар солҳои 1994-1995 дар замоне, ки дар бисёр минтақаҳои Тоҷикистон ҳолатҳои гуруснагӣ ҳукумфармо буд, ҳодисаҳои фурӯхтани духтарон ва кӯдакон аз ҷониби волидайн ва

[1] Права человека. Цилиндр Кира (539 год до н. э.) // [Электронный ресурс]. – URL: http://www. humanrights.com/ru (дата обращения: 08.11.2023).
[2] Хронология отмены рабства в странах мира // [Электронный ресурс]. – URL: http://www. taday.ru (дата обращения: 08.11.2023).
[3] Торговля людьми с целью принудительного труда. Регулирование найма трудящихся-мигрантов: учебное пособие. – Женева: «Международное бюро труда», 2006 // [Электронный ресурс]. – URL: http:www.ilo.org/public /russian/ region (дата обращения: 09.11.2023).

хешу таборони наздики онҳо пайдо шуданд. Дар ин давра дар ноҳияҳои наздисарҳадӣ ҳодисаҳои ба таври оммавӣ ба шавҳар додани духтарони ноболиғ низ ба назар мерасид[1].

Бо назардошти ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ нигоҳ накарда, 6-уми ноябри соли 1994 Конститутсияи худро қабул намуд ва дар он моддаҳои 5, 34, 35 ва ғайраро ворид кард, ки онҳо кирдорҳои ба меҳнати маҷбурӣ, ғуломӣ ва савдои одамон алоқамандро шадидан маҳкум менамоянд. Масалан, дар моддаи 5 омадааст, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошад. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии он дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Дар моддаи 34 модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлат қарор дода шудааст. Дар моддаи 35 бошад омадааст, ки ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, њифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ њангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад ва ҳеҷ кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад[2].

Бо мақсади ҳифз намудани ин муқарраротҳои конститутсионӣ мақомоти қонунгузори кишвар 21-уми майи соли 1998, таҳти № 574 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро (минбаъд – КҶ ҶТ) қабул карда, дар он як қатор ҷиноятҳоеро ворид кард, ки ба савдои одамон ва ё меҳнати ғуломона алоқаманд буданд. Ба онҳо пеш аз ҳама моддаҳои 130 «Одамрабоӣ», 131 «Ғайриқонунӣ маҳрум кардан аз озодӣ», 132 «Ҷалби одамон барои истисмор», 134 «Маҷбуркунӣ» ва ғайра дохил мешаванд, ки онҳо низ бо холигиҳои ниҳоят зиёд вориди кодекси мазкур шуда буданд.

Новобаста ба он ки будани ҷинояти савдои одамон зарурат дошт ва ин ҷиноят дар солҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ хеле зиёд ба назар мерасид, вале он дар Кодекси ҷиноятии амалкунанда то соли 2003 ворид карда нашуд ва ин масъала баҳсу мунозираҳои зиёдро ба миён меовард.

Барои ҳамин, мақомоти қонунгузор 21-уми майи соли 2003, таҳти № 852 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул карда, дар асоси он ба КҶ ҶТ моддаи 130(1)-ро бо номи «Хариду фурӯши одамон» ворид намуд ва моддаи 167 «Хариду фурӯши ноболиғон» дар таҳрири нав қабул гардид. Ҳамзамон, 1-уми августи соли 2003 ба моддаҳои 339 ва 340 КҶ ҶТ қисми 3 илова карда шуд, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои тасарруф ё вайрон намудани ҳуҷҷат, штап, муҳр ва ё барои сохтакории онҳо, ки бо мақсади хариду фурӯши одамон содир мешаванд, пешбинӣ намуд.

Бар замми ин, мақомоти қонунгузор 17-уми майи соли 2004, таҳти № 35 Қонуни дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул карда, дар асоси он ба аксарияти меъёрҳои КҶ ҶТ тағйироту иловаҳои зарурие ро ворид намуд, ки баъзе аз онҳо ба гурӯҳи ҷиноятҳое, ки ба савдои одамон мутааллиқ мебошанд дахл доранд. Масалан, дар бандҳои «б» қисмҳои 2 моддаҳои 130, 131 ва 181 КҶ ҶТ содир намудани қирдоре, ки қаблан ҷинояти пешбининамудаи моддаҳои 130, 130(1), 131 ва 181 КҶ ҶТ-ро содир кардааст ҳамчун такрори ҷиноят пазируфта шуд. Дар банди «в» қисми 3 моддаи 130 бошад, содир шудани одамрабоӣ бо мақсади гирифтани аъзои бадан ё

[1] Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» аз 26-уми июли соли 2014, таҳти № 1095. – Душанбе, 2015. – С. 9.

[2] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 (бо тағйироту иловаҳо аз 26.09.1999, 22.06.2003 ва 22.05.2016).

бофтаҳои ҷабрдида барои трансплантатсия низ илова карда шуд. Моддаи 134 КҶ ҶТ яъне маҷбуркунӣ бошад, пурра дар таҳрири нав қабул карда шуд[1].

Пас аз ворид гардидани ин муқарраротҳо агар аз як ҷониб каму беш проблемаи қонунгузории ҷиноятӣ ҳал шуда бошад, аз ҷониби дигар рақобати байни меъёрҳои КҶ ҶТ дар самти савдои одамон ва такрори баъзе аз меъёрҳои ҳамшабеҳ бараъло ба назар мерасид, ки ин баҳсу мунозираҳои нави илмиро дар байни олимон ба миён меовард.

Бинобар ин, мақомоти қонунгузор бо мақсади ҳалли ин ва дигар масъалаҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза ба хариду фурӯши одамон»-ро 15-уми июли соли 2004, таҳти № 47 қабул кард ва дар он асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии низоми мубориза ба муқобили савдои одамон, вазъи ҳуқуқии ҷабрдидагони савдои одамон ва ғайраро муайян намуд, ки он аз муқаддима, 7 боб ва 24 модда иборат буд[2].

Дар қонуни мазкур, ки қаблан амал мекард, солҳои 2007 ва 2008 як қатор тағйиру иловаҳо воирд карда шуда буданд. Аз ҷумла, мафҳуми «хариду фурӯши одамон», номгуйи субъектҳое, ки дар доираи салоҳияти худ мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамонро амалӣ менамоянд ва салоҳиятҳои баъзе аз онҳо муайян гардид.

Дар баробари мафҳуми «хариду фурӯши одамон» дар қонуни қаблан амалкунанда мафҳумҳои «одамҷалоб», «ҷабрдидаи хариду фурӯши одамон», «ҷалбкунӣ», «истисмор», «меҳнати маҷбурӣ», «ғуломӣ», «асорати қарзӣ», «модари мавридӣ», «мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон», «ҷиноятҳое, ки бо хариду фурӯши одамон вобастаанд» мавҷуд буд. Ногуфта намонад, ки пас аз ворид гардидани мафҳуми «хариду фурӯши одамон» ба қонуни қаблан амалкунанда мақомоти қонунгузор бо мақсади мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро санаи 5-уми январи соли 2008, таҳти № 339; 16-уми июни соли 2008, таҳти № 386 ва 16-уми июни соли 2013, таҳти № 966 қабул кард ва дар асоси он ба моддаи 130[1] КҶ ҶТ тағйиру иловаҳои назаррас ворид намуд. Ҳамзамон 14-уми марти соли 2014 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуд ва дар асоси он ба Кодекси ҷиноятӣ моддаи 130[2] бо номи «Истифодаи меҳнати ғуломона» ворид карда шуд.

Расо пас аз чор моҳи тағйироти дар боло зикршуда, мақомоти қонунгузор Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон»-ро 26-уми июли соли 2014, таҳти № 1096 қабул кард, ки то ин дам амал менамояд ва бо ҳамин қонуни қаблан амалкунанда «Дар бораи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон», ки тули даҳ сол дар ҷумҳурӣ амал мекард, аз эътибор соқит дониста шуд.

Қонуни айни замон амалкунанда мафҳумҳои асосӣ, мақсад ва вазифаҳои муқовимат ба савдои одамон, асосҳои ҳуқуқӣ ва низоми муқовимат ба савдои одамон, сиёсати давлатӣ дар самти муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон, асосҳои ташкилии муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон, асосҳои ҳуқуқии эътироф намудан ва додани мақоми ҳуқуқии қурбонии савдои одамон, расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон, хусусиятҳои расонидани кӯмак ба кӯдакон – қурбониёни савдои одамон, пешгирии савдои одамон, ҳамкории байналмилалӣ дар самти муқовимат ба

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 17-уми майи соли 2004, таҳти № 35 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2004. – № 5. – Мод. 346; – № 7. – Мод. 452-453.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза ба хариду фурӯши одамон» аз 15-уми июли соли 2004, таҳти № 47 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2004. – № 7. – Мод. 454 (бо ҚҶТ аз 26.07.2014, № 1096 аз эътибор соқит дониста шудааст).

савдои одамон, ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳо дар самти савдои одамон ва ғайраро дар бар гирифта, он аз дебоча, 9 боб ва 48 модда иборат мебошад.

Дар ин қонун як қатор мафҳумҳои нав, аз ҷумла: айнияткунонии қурбониёни савдои одамон, асорати қарзӣ, вазъияти ноилоҷӣ, виктимизатсия, ревиктимизатсия, ғуломӣ, савдои кӯдакон, савдои одамон, савдогари одамон, хариду фурӯши одамон ва ғайра мавриди истифода қарор дода шудааст[1].

Чи тавре, ки мушоҳида мешавад, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» ҳам мафҳуми «савдои одамон» ва ҳам мафҳуми «хариду фурӯши одамон» муқаррар карда шудааст.

Новобаста ба он ки қонунгузор дар номи қонуни амалкунанда ба ҷойи ибораи «Хариду фурӯши одамон» «Савдои одамон»-ро истифода бурда, дар моддаи якум, ин мафҳумҳо дар алоҳидагӣ шарҳ ёфта, мафҳуми дуюм нисбат ба якум характери комплексӣ касб намуда буд, оид ба иваз кардани номҳои моддаҳои 130[1] ва 167 КҶ ҶТ то соли 2019 аз ҷониби қонунгузор ҳеҷ иқдоме зоҳир нагардид. Ҳол он, ки мо дар таҳқиқотҳои худ ҳануз дар солҳои 2016-2017 ин паҳлуи масъаларо таҳқиқ карда пешниҳод намуда будем, ки номи моддаи 130[1] КҶ ҶТ «Савдои одамон» гузошта шавад ва моддаи 167 КҶ ҶТ яъне савдои кӯдакон дар қисмҳои 2 ё 3 моддаи 130(1) ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи кирдор пешбинӣ карда шавад ва вобаста ба ин паҳлуи масъала мо далелҳои мутамади илмии раднопазирро пешниҳод карда будем[2].

Мақомоти қонунгузор расо пас аз ду сол, яъне 2-юми январи соли 2019 ба чандин меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» тағйиру иловаҳо ворид карда, дар як вақт Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро дар санаи боло зикршуда қабул намуд ва номи моддаи 130[1] КҶ ҶТ-ро аз «Хариду фурӯши одамон» ба «Савдои одамон» ва номи моддаи 167 КҶ ҶТ-ро аз «Хариду фурӯши ноболиғ» ба «Савдои кӯдакон» иваз карда, диспозитсия ва ҳолатҳои вазнинкунандаи онҳоро то андозае мукаммал намуд.

Бо сабаби он ки аломатҳои ҷиноятҳои дар моддаҳои 130(2) ва 132 КҶ ҶТ дар диспозитсияи моддаи 130(1) КҶ ҶТ мавҷуд буданд мо тахминан 7 сол пеш дар таҳқиқотҳоямон иброз дошта будем, ки ин моддаҳо аз матни Кодекси ҷиноятӣ бардошта шаванд[3] ва хушбахтона қонунгузор ин моддаҳоро дар соли 2019 низ аз матни Кодекси амалкунандаи ҷиноятӣ хориҷ намуд.

Дар баробари ин, мо дар ҳамон солҳо даҳҳо мушкилоту норасогиҳои диспозитсияи моддаи 130(1) КҶ ҶТ-ро манзур кардем, ки онҳо низ дар соли 2019 ба моддаи мазкур ворид ва ё хориҷ карда шудаанд[4]. Масалан, пешниҳод карда будем, ки истилоҳи «новобаста аз розигии қурбонӣ» дар диспозитсия ворид карда шавад, ҳамзамон қайд карда будем, ки дар диспозитсияи моддаи мазкур ҳам калимаи «фиреб» ва ҳам калимаи «қаллобӣ» оварда шудааст ва пешниҳод кардем, ки истилоҳи «қаллобӣ» бардошта шавад, инчунин ба ҷойи калимаи «дуздидан» мо истифода

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» аз 26-уми июли соли 2014, тахти № 1096 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – № 7 (қ. 1). – Мод. 393. (ҚҶТ аз 02.01.2019, № 1563).

[2] *Ҳайдарзода М. П.* Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии савдои одамон: воситаи илмӣ-таълимӣ. – Душанбе: «Эр-граф», 2017. – С. 11-16.

[3] Ниг.: *Ҳайдарзода М. П.* Асари зикршуда. – С. 48-49.

[4] *Ҳайдарзода З. П., Ҳайдарзода М. П.* Баъзе андешаҳо перомуни объекти ҷинояти савдои одамон // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2016. – № 2 (30). – С. 171-177; *Ҳайдарзода М. П., Ҳайдарзода З. П.* Баъзе андешаҳо оид ба тарафи объективии савдои одамон // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2016. – № 3 (31). – С. 130-137; *Ҳайдарзода М. П., Ҳайдарзода З. П.* Аломатҳои тарафи субъективии ҷинояти савдои одамон // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2017. – № 2 (34). – С. 146-153.

кардани калимаи «рабудан»-ро афзал донистем, ки ҳамаи онҳо дар моддаи $130^1$ КҶ ҶТ ворид карда шудаанд.

Бо назардошти ҳамаи ҳолатҳои зикршуда ва тағйиру иловаҳое, ки аз ҷониби мақомоти қонунгузор дар моддаи $130^1$ КҶ ҶТ ворид карда шудаанд, матни ин моддаи Кодекси ҷиноятӣ хеле ташаккул ёфта, ба талаботи имрӯза ҷавобгу карда шудааст.

Ҳамин тавр, дар айни замон моддаи $130^1$ КҶ ҶТ «Савдои одамон» номгузорӣ шуда, дипозитсияи он ҳамчун «Хариду фурӯши одам ва ё нисбат ба ӯ анҷом додани дигар аҳдҳои ғайриқонунӣ, ҳамчунин, новобаста аз розигии қурбонӣ, бо мақсади истисмори ӯ ё бо дигар тарз гирифтани фоидаи ѓайриқонунӣ пешнињод намудан, ҷалб кардан, интиқол, пинҳон кардан, супоридан, ё гирифтани одам бо истифодаи маҷбуркунӣ, рабудан, фиреб, сӯиистифода намудани гунаҳгор аз вазъи хизматии худ, сӯиистифода аз боварӣ ё ҳолати оҷизии қурбонии савдои одамон ва ё ришвадиҳӣ ба шахсе, ки қурбонӣ таҳти вобастагии ӯ қарор дорад» маънедод карда шудааст.

Барои қими 1 моддаи $130^1$ КҶ ҶТ ҷазои ҷиноятӣ дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳашт сол муқаррар карда шудааст.

Дар қисми 2 моддаи мазкур барои такроран, аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, нисбати ду ё зиёда шахс, бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ, бо мақсади аз ҷабрдида гирифтани узв ё бофтаҳои бадан барои пайвандсозӣ, њамчунин ғайриқонунӣ истифода намудани ӯ бо мақсадҳои репродуктивӣ ё таҳқиқоти биотиббӣ, аз тарафи шахси мансабдор ё намояндаи ҳокимият бо истифодаи вазифањои хизматӣ, ё дигар шахсе, ки дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ё дигар ташкилотҳо вазифаи идоракуниро иҷро мекунад, бо ҷойивазкунии ҷабрдида тавассути сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон содир шудани кирдор муайян шудааст ва барои онҳо ҷазои ҷиноятӣ дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ҳашт то дувоздаҳ сол муқаррар карда шудааст.

Дар қисми 3 моддаи $130^1$ КҶ ҶТ бошад омадааст, ки кирдорҳое, ки дар қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда пешбинӣ шудаанд, агар боиси марги ҷабрдидаи савдои одамон ва ё дигар оқибатњои вазнин гардида бошад, аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ва ё дар њолати ретсидиви махсусан хавфнок содир шуда бошад, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз дувоздаҳ то понздаҳ сол ҷазо дода мешавад.

Моддаи мазкур меъёри ҳавасмандкуниро низ доро мебошад, зеро дар эзоҳи он омадааст, ки «Шахси содирнамудаи кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда, ки ихтиёран ба мақомоти дахлдор хабар дода, қурбонии савдои одамонро озод карда бошад, ба шарте дар кирдорҳои ӯ таркиби ҷинояти дигар мавҷуд набошад, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад»[1].

Хулоса, миллати форсу тоҷик дар ҷаҳон аввалин миллате мебошанд, ки дар сатҳи давлатдорӣ бо санади меъёрии ҳуқуқӣ ғуломӣ ва савдои одамонро маҳкум карда, баробарнажодӣ ва озодии виҷдонро кафолат додаанд ва дар замони имрӯза рисолати таърихии худро идома дода, қонунгузории ҷиноятиро дар самти савдои одамон ба дараҷаи зарурӣ мукаммал сохтаанд.

[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи соли 1998, таҳти № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. – № 9. – Мод. 68-69. (ҚҶТ аз 23.12.2021, № 1809).

**ТДУ 343.431**

***Шарипов Т. Ш.***
*Профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат ба коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
*E-mail: Takdirshoh*@mail.ru

***Холиқзода Ш. Л.***
*Дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат ба коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,*
*E-mail: kholikov88@mail.ru*

## САВДОИ ОДАМОН: ПРОБЛЕМА ВА МУЛОҲИЗА

Торговля людьми: проблемы и взгляды

Проблемаҳое, ки мо мехоҳем нисбати онҳо мулоҳизарони намоем аз воқеияти муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон бар меоянд, зеро дар ҷаҳони имрӯз дар баробари терроризму эстремизм, ҷудоихоҳӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухадир ва дигар таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ савдои одамон низ чун ҷинояти фаромиллӣ мушкилоти нигаронкунандаро ба бор меоварад, ки мо онҳоро дар натиҷаи таҳлил ва мавриди омӯзиш қаррор додани таҷрибаи судӣ-тафтишотӣ кишвар, сарчашмаҳои боътимоди расмӣ, таҳқиқотҳои дар ин ҷода гузаронидаи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба даст овардаем.

Ҳамзамон тасмим гирифтаем, ки тамоми проблемаҳои дар самти муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон ҷойдоштаи мавриди мулоҳиза қаррогирандаро ба се гурӯҳ тақсимбанди намуда, дар маърази андешаи олимон гузорем.

I. Проблемае, ки ба амали намудани сиёсати давлат дар самти муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон, мутаалиқ.

Азбаски муқовимат ба савдои одамон фаъолиятест, ки ба огоҳонидан, ошкор намудан, пешгирӣ кардан, таъқиб намудан, ба ҳадди ақал расонидани оқибатҳои савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни он нигаронида шудааст, пас, онро, пеш аз ҳама, тавассути сиёсати давлат ба амал баровардан мумкин аст. Аз ин рӯ, муқаррароти моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 1096 аз 26-уми июли соли 2014 «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон»[1] маҳз ба танзими ҳуқуқии сиёсати давлат дар ин самт нигаронида шудааст.

Амалишавии чунин сиёсат дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, ки ба мубориза бар зидди ҷиноятkории муташаккилонаи фаромиллӣ, савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни ҷиноятҳои зикргардида равона шудаанд, ба роҳ монда мешавад.

Ҷиҳати бартараф ва пешгири намудани он аз натиҷаҳои фаъолияти мақомоти салоҳиятдор муайян мегардад, ки муқовимати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба савдои одам сол то сол рӯй ба пастшавӣ ниҳодааст. Рақамҳои оморӣ, ки ба тариқи интихобӣ дар поён зикр мегарданд, гувоҳи ин гуфтаҳоянд. Чунончӣ, дар соли 2017 – 34 ва соли 2018 – 43 парвандаи ҷиноятӣ нисбати савдогарони одамон оғоз ва тафтиш

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» аз 26-уми июли соли 2014, таҳти № 1096 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – № 7 (қ. 1). – Мод. 393. (ҚҶТ аз 02.01.2019, № 1563).

шудааст, ки ин рақам дар соли 2019 – 27 ва соли 2020 ба 20 парвандаи ҷиноятӣ расидааст. Аз ҷумла, дар соли 2020 – 12 парвандаи ҷиноятӣ бо моддаи 130(1) «Савдои одамон» ва 8 парвандаи ҷиноятӣ бо моддаи 167 «Савдои кӯдак» оғоз ва тафтиш шудаанд.

Ҳангоми муқовимат намудан бо савдои одамон талаб карда мешавад, ки дар муқовимат бо ин падидаи номатлуб бояд муносибати якхелаи давлат нисбати ду тарафи ин масъала мавриди ҳалу фасл қарор дода шавад: аз як тараф, ҳангоми ба амал баровардани адолати судии ҷиноятӣ ба роҳ мондани фаъолият барои пешгирии ҷинояткорӣ ва садди роҳи кӯшиши содиркунии ҷиноят гаштан, аз тарафи дигар, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шахсе, ки объекти савдои одамон гардида, бо роҳёбии чунин касон ба дастгирӣ ва дастрасии кумакҳои дахлдоре, ки санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ дар ин ҷода пешбини намудаанд.

Аз нигоҳи мо проблемаи аввал бо барраси намудани се ҳолат рабт дорад:

1. Савдои одамон ҷинояти муташаккили фаромилӣ. Чунон ки аз муқаррароти моддаи сеюми Конвенсия СММ зидди ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ аз 15-уми ноябри соли 2000 «ҷиноят хислати фаромиллӣ дорад, агар:

a) он дар бештар аз як давлат содир гардида бошад;

b) он дар як давлат содир гардидааст, вале қисми асосии тайёрӣ, банақшагирӣ, роҳбарӣ ё назорати он дар дигар давлат анҷом дода шудааст;

c) он дар як давлат содир шудааст, вале бо иштироки гурӯҳи муташаккили ҷинояткоре, ки фаъолияти ҷиноятиро дар бештар аз як давлат анҷом медиҳад; ё

d) он дар як давлат содир шудааст, вале оқибатҳои асосии он дар дигар давлат эҳсос мегардад»[1].

Дар робита ба чунин хислат масъалаи савдои одамон дар шароити ҳозира таҳти диққати ҷиддии ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дорад, зеро он ҳамчун падидаи манфӣ ба паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоии ҷомеаи инсонӣ зарари ҷубронноnазир расонида, ба ҳуқуқҳои фитрии инсон, чун ҳуқуқ ба ҳаёт, саломатӣ ва озодӣ бахусус бонувон таҷовуз менамояд. Дар марҳилаи кунуни чунин ба чашм мерасад, ки вуҷуди арзишманди зан ба унвонии мазҳарии ҷамоли илоҳӣ, тимсоли муҳаббат, иффат ва покӣ, дар солҳои охир дастхуши суиистифодаи густурдаи соҳибони қудрат, расона ва сарват шудааст. Дар бархе аз ҷомеаҳо ин вуҷуди азизро дар ҳадди абзори таблиғотӣ паст кардаанд ва ҳамаи падидаҳои иффату ҳарими зебоиҳо ва покиҳоро шикастаанд.

Таҳлилҳои муҳаққиқон аз он шаҳодат медиҳанд, ки мушкилоти савдои одамон сарҳади давлатҳоро нодида гирифта, байни кишварҳои инкишофёфта ва рӯ ба инкишоф фарқият намегузорад. Он ҳам дар ҷомеаи қашшоқ ва ҳам дар ҷомеаи сарватманд хеле хуб мутобиқ шудааст. Аз рӯйи иттилооти намояндаи Созмони аминят ва ҳамкорӣ дар Аврупо оид ба мубориза ба муқобили савдои одамон Хелги Конрад, ҳамасола танҳо ба давлатҳои Аврупо аз 200 то 500 ҳазор нафар одамон интиқол дода шуда, ба қурбониёни савдои одамон шомил мегарданд; 60 фоизи онҳоро занҳо ва 40 фоизашонро мардҳо ташкил медиҳанд. Тибқи Департаменти давлатӣ ИМА, ҳамасола дар ҷаҳон зиёда аз 700 ҳазор нафар одамон фурӯхта ва тавассути сарҳадҳои давлатӣ интиқол дода мешавад. Аз рӯйи баҳодиҳии созмони ғайриҳукуматии байналмилалии Anti-Slavery International дар ҷаҳон зиёда аз 27 миллион одамон ба таври воқеӣ ғулом мебошанд[2]. Илова бар ин, хусусияти савдои одамон дар минтақа дар ҳар як кишвари алоҳида фарқ мекунад, ки дар он ҷо сатҳи иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ ҳамчун омили асосӣ баромад карда, миқёси мушкилотро муа-

---

[1] Конвенция Организации Объединенных Наций против транснациональной организованной преступности Резолюция № 55/25 178 Генеральной Асамблей ООН [Электронный ресурс]. – URL: http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/ conventions/orgcrime.shtml (дата обращения: 13.12.2021).

[2] Особенности предотвращения и расследования преступлений, связанных с торговлей людьми: учебное пособие / Данилова М. [и др.]; под общ.ред И. Г. Шушкевича. – М.: Волтерс Клувер, 2008. – С. 5.

йян мекунад. Масалан, Маҷмаи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ба ҳар сари аҳолӣ соли 2015 дар Қазоқистон 25 044 доллар, Туркманистон 16 532 доллар, Узбакистон 6 086 доллар, Қирғизистон 3 433,6 доллар, Тоҷикистон 2 833 доллари ИМА-ро ташкил додааст[1].

Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ мустақиман бо сатҳи рушди мушкилоти савдои одамон алоқаманданд: Қазоқистон ва Ӯзбекистон то андозае кишварҳои транзитӣ ва то андозае макони таъинот мебошанд, дар ин росто Тоҷикистон асосан кишвари тавлиди захираҳои инсонӣ мебошанд. Бар асоси ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки гурӯҳҳои осебпазири савдои одамон инҳоянд: муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ; муҳоҷирони меҳнатии дохилӣ; гурӯҳҳои камбизоати аҳолӣ; занон ва кӯдакон.

Тибқи рейтинги ҷаҳонии кишварҳо «The Global Slavery Index», аз рӯйи шумораи одамонӣ дар шароити ғуломӣ қарор дошта, ки аз ҷониби бунёди ҳуқуқи башарӣ Австралия Walk Free Foundation барои соли 2016 тартиб дода шудааст, вазъ дар минтақа чунин ба назар мерасад (нигаред ба ҷадвали зер).

**Ҷадвал: Шумораи мутлақи одамон дар ғуломӣ аз рӯйи кишварҳо[2]**

| Рейтинг (дар маҷмуъ 167) | Кишварҳо (дар маҷмуъ 167) | Фоизи қурбониҳои дар шароити ғуломии муосир қарор дошта (аз шумораи умумии аҳолӣ) | Аз шумораи умумии одамони дар шароити ғуломии муосир қарор дошта |
|---|---|---|---|
| 1 | Ҳиндустон | 1.400 | 18, 354, 700 |
| 2 | Чин | 0.247 | 3, 388, 400 |
| 3 | Покистон | 1.130 | 2, 134, 900 |
| 5 | Узбекистон | 3.973 | 1,236, 600 |
| 64 | Қазоқистон | 0.467 | 81, 600 |
| 74 | Тоҷикистон | 0.638 | 54,100 |
| 99 | Қирғизистон | 0.467 | 27, 700 |
| 116 | Туркманистон | 0.295 | 15, 800 |
| 167 | Люксембург | 0.018 | 100 |

2. Мавқеи Тоҷикистон вобста ба мутаалиқ будани он ба давлати пайдоишӣ (манбаъ), транзитӣ ва таъинотӣ.

Ногуфта намонад, ки Протокол оид ба пешгирӣ ва рафъи савдои одамон, хусусан занону кӯдакон ва ҷазо барои он, ки иловаи Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ бо қатъномаи 55/25 Маҷмаи Умумии СММ аз 15-уми ноябри соли 2000 қабул шудааст (Протоколи Палермо) мебошад, тамоми давлатҳоро вобста ба воқеияти муносибат бо ин падидаи иртиҷоӣ ба давлатҳои пайдоиш (манбаъ), транзит ва таъинотӣ ҷудо менамояд. Тоҷикистон давлати манбаъ ва ба андозаи камтар давлати мизбон барои мардҳо, занҳо ва кӯдакони мавриди меҳнати иҷборӣ қароргиранда ва давлати манбаъ барои занҳо ва кӯдакони мавриди хариду фурӯш бо ҳадафи истисмори шаҳвонӣ қароргиранда мебошад.

3. Мавқеи Тоҷикистон дар раддае, ки Гузориши солонаи аз ҷониби Департаменти давлатии ИМА оид ба мониторинги савдои одамон нашр карда мешавад.

---

[1] Всемирный Банк. Индикаторы мирового развития [Электронный ресурс]. – URL: http:// databank.worldbank.org/data/reports.aspx?source=2&series=NY.GDP.PCAP.PP.CD (дата обращения: 20.09.2023).
[2] The Global Slavery Index 2016 [Электронный ресурс]. – URL: http://www.globalslaveryindex.org/findings/ (дата обращения: 20.09.2023).

Мавзӯи мазкурро мавриди барраси қаррор дода, он нуктаро низ бояд қайд намуд, ки дар сатҳи байналмилалӣ гузориши оид ба савдои одамон омода карда мешавад. Гузориш оид ба савдои одамон гузориши солонаест, ки аз ҷониби Департаменти давлатии ИМА оид ба мониторинги савдои одамон нашр мешавад. Дар он рейтинги ҳукуматҳо дар асоси кушишҳои эҳтимолии онҳо дар мавриди эътироф ва мубориза бо савдои одамон гурӯҳбанди карда шудааст.

Гузориш кишварҳоро дар асоси мутобиқати онҳо ба стандартҳое, ки дар Санади (Акт) оид ба ҳифзи қурбониёни савдои одамон (Trafficking Victims Protection Act (TVPA)) соли 2000 муқаррар шудааст, ба се сатҳ гурӯҳбандӣ мекунад. Сатҳҳо иборатанд:

Кишварҳои сатҳи 1: ҳукуматҳои онҳо стандартҳои ҳадди ақали TVPA-ро пурра риоя мекунанд.

Кишварҳои сатҳи 2: ҳукуматҳо на ҳама стандартҳои ҳадди ақали TVPA-ро пурра риоя мекунанд, аммо барои худро мутобиқ намудан ба ин стандартҳо саъю кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳанд.

Кишварҳои сатҳи 2, ки ҳукуматҳояшон пурра стандартҳои ҳадди ақали TVPA-ро пурра риоя намекунанд, вале барои мувофиқат кардан ба ин стандартҳо саъю кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳанд ва:

Шумораи мутлақи қурбониёни шаклҳои вазнини савдои одамон хеле зиёдбуда ё ба таври назаррас меафзояд; ё ягон далели афзоиши саъю кӯшиши барои мубориза бо шаклҳои вазнини савдои одамон нисбат ба соли гузашта вуҷуд надорад; ё муайян кардани он, ки кишвар барои ба стандартҳои ҳадди ақал расонидани худ кӯшишҳои зиёд ба харҷ медиҳад, ба ӯҳдадории кишвар оид ба андешидани чораҳои иловагӣ дар соли оянда асос ёфтааст.

Кишварҳои сатҳи 3: ҳукуматҳо стандартҳои ҳадди ақал пурра риоя намекунанд ва барои иҷрои он кӯшишҳои зиёд ба харҷ намедиҳанд.

Дар иртибот ба чунин раддиябанди пеши назар овардани Гузориши соли 2020 Департаменти давлатии ИМА оид ба мониторинги савдои одамон дар Тоҷикистон аз манфиат холи нест «Бо он, ки дар самти мазкур кӯшишҳои назаррас харҷ шудаанд, ҳукумати Тоҷикистон ба меъёрҳои ҳадди ақали худ дар маҳви савдои одамон пурра ҷавобгӯ нагардид. Ба таври умум нисбат ба давраи гузаштаи ҳисоботӣ ҳукумат афзоиши кӯшишҳои худро ба радифи 2 намоиш дод. Ин кӯшишҳо иборат аз ҷазодиҳии шумораи бештари савдогари одамон, расониндани ёрӣ ба адади бештари қурбониён дар паноҳгоҳҳои давлатӣ, қабули қонуне, ки имкони ҳаққи истиқомат пайдо кардан барои 20000 нафари бе шаҳрвандӣ фароҳам месозад ва идомаи пешгирӣ аз истифодаи меҳнати кӯдакон дар ғуночини ҳосили пахта. Бо ин ҳама ҳукумат ба меъёри ҳадди ақал дар якчанд соҳа ҷавобгӯ набуд. Фасоди фарогир ба интиқоли шахсони қурбонии савдои одамон шуда аз марз боис шуда давлат аз ягон тафтишот, муҷозот ва ё ҳукмбарорӣ нисбати кормандонаш, ки дар амали савдои одамон робита дошта эълон накард. Судҳо барои якчанд савдогари одамон ҳукмҳои сабук бароварда, ҳукумат барои шоҳидон ягон барномаи ҳифзи шоҳид муҳайё насохт ва дар татбиқи қонуни ҳифзи шоҳид норасоиҳо боқӣ монданд». Аз мудариҷаи Гузориш ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии натиҷаи саъю кӯшиши кишварро дар самти муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон пайдо кардан мумкин аст.

Ҷанбаҳои мусбии натиҷаи саъю кӯшиши кишвар дар самти муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон:

а) аз ҷазодиҳии шумораи бештари савдогари одамон;

б) расониндани ёрӣ ба адади бештари қурбониён дар паноҳгоҳҳои давлатӣ;

в) қабули қонуне, ки имкони ҳаққи истиқомат пайдо кардан барои 20000 нафари бе шаҳрвандӣ фароҳам месозад;

г) идомаи пешгирӣ аз истифодаи меҳнати кӯдакон дар ғуночини ҳосили пахта.

Ҷанбаҳои манфии натиҷаи саъю кӯшиши кишвар дар самти муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон:

а) бо ин ҳама ҳукумат ба меъёри ҳадди ақал дар якчанд соҳа ҷавобгӯ набуд;

б) фасоди фарогир ба интиқоли шахсони қурбонии савдои одамон шуда аз марз боис шуда давлат аз ягон тафтишот, муҷозот ва ё ҳукмбарорӣ нисбати кормандонаш, ки дар амали савдои одамон робита дошта эълон накард;

в) судҳо барои якчанд савдогари одамон ҳукмҳои сабук бароварда;

г) ҳукумат барои шоҳидон ягон барномаи ҳифзи шоҳид муҳайё насохт ва дар татбиқи қонуни ҳифзи шоҳид норасоиҳо боқӣ монданд.

II. Проблемае, ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ нисбати баъзе унсурҳои таркиби ҷиноятӣ савдои одамон, мавҷуд буда.

Ҳаминро бояд тазаккур дод, ки миёни олимони ҳуқуқшинос дар хусуси он ки объекти бевоситаи ҷинояти савдои одамонро чӣ ташкил медиҳад, андешаи ягона мавҷуд нест. Чунончи чанде аз олимон объекти бевоситаи ҷинояти мазкурро озодии шахсӣ, обрӯ ва эътибор медонанд[1]. Ба андешаи олими Беларус А. Б. Барков ҷинояти дар моддаи 181 КҶ Ҷумҳурии Белорус (м. 130(1) КҶ ҶТ) пешбинишуда ба озодии шахсии инсон таҷовуз оварда, ӯро аз имконияти мустақилона муайян кардани макони зист, намуди фаъолият, дар бештар мавридҳо аз сарнавишти худ маҳрум сохта, ӯро ба ғулом, мол табдил дода, обрӯ ва эътибори шахсияташро паст мезанад[2].

Гурӯҳи дигари олимон ба сифати объекти бевоситаи ин ҷиноят маҳз озодии ифодаи иродаи инсонро медонанд[3]. Ба андешаи В. В. Марчук объекти бевоситаи савдои одамонро муносибати ҷамъиятие ташкил медиҳад, ки таъминкунандаи озодии шахсии инсон мебошад[4].

Аз нигоҳи олимони Украина объекти бевоситаи савдои одамонро бояд эътибори инсон ё ахлоқи ҷамъиятӣ донист. Ҳақ бар ҷониби муҳаққиқи белорус Н. И. Ретнева аст, ки ӯ чунин менависад: «Таҷовуз ҳангоми савдои одамон дар навбати аввал алайҳи инсон ва ҳуқуқҳои ӯ нигаронида шудааст. Таъсир ба ахлоқи ҷамъиятӣ мумкин аст танҳо ҳамчун имконияти ин ҷиноят баррасӣ шавад, зеро ахлоқи ҷамъиятӣ дар бештар мавридҳо, умуман, «зарар» намебинад ва таҷовуз ба он нигаронида нашудааст (сухан дар хусуси он меравад, ки инсон барои истифода чун коргари кироя барои истисмори меҳнаташ фурӯхта мешавад)»[5].

Аксари муҳаққиқон дар андешаи он мебошанд, ки объекти бевоситаи савдои одамонро бояд озодии шахсии инсон[6], озодии шахсият[7], озодии шахсӣ[1], озодии инсон[2], озодии шахсии ҷабрдида[3] донист.

---

[1] Уголовное право Республики Беларусь. Особенная часть / А. И. Лукашов [и др.]: под общ ред. А. И. Лукашова. Минск: Тесей, 2001. – С. 145.

[2] Комментарий к Уголовному кодексу Республики Беларусь / Н. Ф. Ахраменка [и др.]: под общей ред. А. В. Баркова. Минск: Тесей, 2003. – С. 465.

[3] Уголовное право Республики Беларусь. Особенная часть: учебное пособие // Н. Ф. Ахраменка [и др.]: под общ. ред. Н. А. Бабия, И. О. Грунтова. Минск: Новое знание, 2002. – С. 195.

[4] *Марчук В. В.* Торговля людьми (уголовно-правовой анализ и квалификация) / В. В. Марчук / Суд. вест. – 2002. – № 4. – С. 42.

[5] *Ретнева Н. И.* Уголовная ответственность за торговлю людьми: [монография] // Под общ. ред. Э. А. Саркисовой. – Минск: Академия МВД Республики Белорусь, 2008. – С. 35.

[6] *Ретнева Н. И.* Уголовная ответственность за торговлю людьми: [монография] // Под общ. ред. Э. А. Саркисовой. – Минск: Академия МВД Республики Белорусь, 2008. – С. 35; *Коростылев О. И.* Противодействие торговле людьми и использованию рабского труда: научно- практическое пособие // Под общ. ред. докт. юр. наук, проф. Т. В. Пинкевич. – Ставрополь: СФКРУ МВД России, 2008. – С. 36; *Горелик А. С.* Полный курс уголовного права: В 5 т. // Под общ. ред. док. юр. наук, проф, Заслуженный деятель науки Российской Федерации А. И. Коробеева. Т.П: Преступления против личности. – СПб: Издательство Р. Асланова «Юридический центр Пресс», 2008. – С. 430.

[7] Особенности предотвращения и расследования преступлений, связанных с торговлей людьми: учебное пособие / Данилова М. [и др.]; под общ. ред И. Г. Шушкевича. – М.: Волтерс Клувер, 2008. – С. 58.

Мавқеи мазкур дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳо – аъзоёни ИДМ мустаҳкам карда шуда, дар асосҳои бо ҳам алоқамандии мартабавии объектҳои хелӣ, намудӣ ва бевоситаи ҷиноят созмон дода шудааст.

Ногуфта намонад, ки дар баробари аниқ гардидани объекти бевоситаи ҷинояти савдои одамон аҳамияти бениҳоят муҳимро дуруст муайян намудани моҳият ва мазмуни мафҳуми озодии инсон доро мебошад, зеро чунин аниққунӣ имконият медиҳад, ки ҷиноятҳои муқобили озодии шахсии инсонро, аз ҷумла савдои одамон аз кирдорҳои ғайриҷиноятӣ ҷудо карда шавад ва бо ҳамин тариқ муайян кардан мумкин аст, ки таҷовуз ба озодии шахсии инсон дар кадом ҳолат ҷинояти мустақил буда ва дар кадом ҳолат қисми таркибии унсурҳои дигар кирдорҳои таҷовузкоронаро ташкил дода метавонад.

Барои дарки дуруст ва аз нигоҳи ҳуқуқи ҷиноятӣ таъриф додани мафҳуми озодии шахсии инсон зарурати мурочиат кардан ба фаҳмиши мафҳуми озодӣ, ки дар фалсафа роиҷ аст, ба миён меояд.

Мазмуни мафҳуми озодӣ аз нигоҳи фалсафа мумкин аст, чун рафтор, ҳаракати фард, ки аз рӯйи ирода ва интихоби мехостагӣ ва мақбули худ мувофиқ ба қоидаҳои рафтори дар ҷомеа муқарраршуда амал кардан донист. Имконияти зоҳиршавии иродаи инсон танҳо ҳангоми мавҷуд будани дарки рафтори худ дар муҳити воқеӣ дар назар дошта мешавад.

Дар заминаи дарки фалсафии озодӣ таърифи назариявӣ-ҳуқуқии мафҳуми мазкур ба миён меояд. Дар назарияи ҳуқуқ озодӣ ҳамчун мухторияти инсон, ҷой надоштани маҳдуд кардани ҳаёт ва фаъолияти ӯ, имконияти аз ҷониби ӯ мустақилона интихоб намудани тарзи зиндагӣ, фаъолият ва рафтори худ дар шароити мавҷудияти давлат ва ҷомеаи феълӣ дониста мешавад[4].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дигар таърифи озодии шахсӣ пешниҳод карда мешавад. Бо вуҷуди он ки таърифҳои мазкур аз нигоҳи пуррагӣ тафовут надошта бошанд ҳам, дар бештари ин таърифҳо ишора ба ибораҳои озодии интихоб, дарккардашуда, бошуурона ва ғайра ҷойгир карда шудаанд. Чунин тарзи баёни андеша дар таърифи пешниҳоднамудаи В. В. Марчук низ мушоҳида мегардад. Аз ҷумла, ӯ ба он ишора намудааст, ки озодии шахсӣ ин на танҳо озодии ҷисмонӣ (яъне, озодии ҳаракат, муайян намудани макони будубош ва ғайра), инчунин, озодиест, ки дар он ягон хели таъсири рӯҳӣ ҷиҳати тағйир додани рафтори инсон ҷой надорад[5].

Воқеан, тавре муҳаққиқ Н. И. Ретнева афсӯс мехӯрад, таърифи зикршуда низ ба андозаи зиёд ба таърифи мафҳуми озодии шахсият мутааллиқ мебошад, зеро фарқ миёни мафҳуми «озодии шахсият» ва «озодии инсон» дарк карда намешавад. Ҳол он ки чунин фарққунонӣ дар навбати аввал барои ҷавоби дуруст додан ба саволҳои зерин хеле ҳам зарур аст: оё дар чунин як таъриф бояд унсури ҳолати озодии худро дарк кардани инсон ва оё озодиро шахсе, ки чи гуна аз Протокол оид ба пешгирӣ ва рафъи савдои одамон, хусусан занону кӯдакон ва ҷазо барои он дар хусуси вазъияти оҷизӣ бармеояд (масалан, хурдсолӣ, номукаллафӣ ва ғайра) соҳиб аст, бояд ҷой дошта бошад; оё таҷовуз ба озодии онҳо ҷиноят дониста мешавад.

Агар аломати мусовиро миёни мафҳуми «озодии шахсият» ва «озодии инсон» гузорем, пас, чунин савол ба миён омаданаш мумкин аст: Оё нафарони номукаллаф

---

[1] *Буряк М. Ю.* Торговля людьми и борьба с ней (криминологические и уголовно-правовые аспекты): дис. канд. юр. наук. – Владивосток, 2005. – С. 150.

[2] Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Отв. ред. В. И. Лебедев. – 10-е изд., переаб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2010. – С. 323.

[3] *Солиев К. Х.* Комментарий к преступлениям, связанным с торговлей людьми. – Душанбе: Академия МВД Республики Таджикистан, 2011. – С. 41.

[4] *Даурова Т. Г.* Институт прав человека в России / Т. Г. Даурова. – Саратов: Издательство Саратовского университета, 1998. – С. 92.

[5] *Марчук В. В.* Торговля людьми (уголовно-правовой анализ и квалификации) / Суд. весн. – 2002. – № 4. – С. 42.

ва хурдсоле, ки озодии худро чи гунае, ки нисбат ба озодии шахсият истифода бурда мешавад, дарк мекунад? Дар чунин ҳолат то чи гуна дуруст будани савдои хурдсолон ё номукаллафон чун созмондиҳандаи таркиби ҷинояти дар моддаи 130[1] КҶ ҶТ пешбинишуда бо сабаби ҷой надоштани яке аз унсурҳои таркиби ҷиноят объект зери шубҳа қарор мегирад[1]. Муҳаққиқ Н. И. Ретнева андешаи худро бо суханони Н. А. Бабий тақвият бахшида, таъкид мекунад, ки муносибатро баҳри муайян кардани мафҳуми озодии инсонро бояд каме тағйир дод. Воқеан, озодии инсон аз озодии ҷисмонӣ ва озодона амал намудан мувофиқан бо иродаи худ, ақлу виҷдонро ба роҳбарӣ гирифтан таркиб ёфтааст[2]. Ҳамин нукта мусаллам аст, ки таркиби дуюми мафҳум ба ғайр аз озодии шахсият дигар чизе нест. Пас, озодии ҷисмонӣ гуфта, чӣ дар назар дошта мешавад? Ба андешаи чанде аз олимон чунин озодӣ бояд ҳуқуқи табиии инсонро, ки аз лаҳзаи таваллуд пайдо шуда, тавассути давлат аз таҷовузи ҷинояткорон, аз ҷумла, аз сӯистеъмоли шахсе, ки ӯ вобаста буда, қобилияти ҳодисоти нисбаташ бамиёномадаро дарк ва баҳо доданро надорад, дар бар гирифта, объекти ҳифз ҳуқуқи ҷиноятӣ бошад.

Дар ин сурат тахти мафҳуми дахлнопазирии ҷисмонӣ бояд ҳолати шахсият дар шароити ҷой надоштани ҳаракатҳои зӯроварии зиддиҳуқуқие аз ҷониби ҳама гуна шахсоне дониста мешавад, ки бутунии организмро вайрон нанамуда, фаъолияти муътадили функсионалии онро халалдор насозад[3].

Бо назардошти чунин тарзи таҳлил ба мазмуни озодӣ, ки онро объекти ҷинояти савдои одамон мумкин аст эътироф намуд, ҳолате низ дохил мешавад, ки агар он нисбат ба номукаллафон ё хурдсолон содир шуда бошад, зеро чунин андеша бевосита аз таърифи ҷинояти мазкур, ки дар Протокол оид ба пешгирӣ ва рафъи савдои одамон, хусусан занону кӯдакон муқаррар шудааст, бармеояд. Ҳуҷҷати мазкур ибораи «ҳолати заифӣ», инчунин, дар таърифи савдои одамон ҷойгир кардани тарзи «бо роҳи ришва додан дар шакли пардохт ё фоида барои гирифтани розигии шахсе, ки дигар шахсро назорат мекунад», истифода мебарад.

Ҳуқуқ ба озодии шахсӣ, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, ба ҳар як инсон новобаста аз синну сол, вазъи саломатӣ, мукаллафӣ кафолат дода мешавад. Ҳифзи озодии шахсиро набояд аз имконияти ҳақиқии амалӣ гардонидани он вобаста донист. Ҳуқуқи инсон ба озодӣ ҳамчун неъмати ҳуқуқи табиӣ тахти ҳифзи қонуни ҷиноятӣ қарордошта донист ва давлат уҳдадор аст чораҳои заруриро барои ҳимояи ин неъмат андешад. Ҳаракати шахсе, ки ба озодии шахсии инсон новобаста аз синну соли он таҷовуз меоварад, инчунин, қобилияти дарки амали чунин таҷовузро дорад ё не, бояд ҷинояти муқобили озодии шахсии инсон эътироф гардад.

Бо назардошти андешаҳои баёншуда зери мафҳуми озодии шахсӣ ҳамчун объекти савдои одамон ҳолати аз ҷониби инсон даркшавандае фаҳмида мешавад, ки ҳангоми он ӯ дар асоси қоидаҳои рафтори дар ҷомеа қабулгашта вобаста ба ирода ва хоҳиши худ бо назардошти эътиқод, манфиат ва талаботи худ имконияти воқеии бемаҷбурнамоӣ амалнамуданро дорад, инчунин, ҳуқуқи табиии инсон оид ба ҳимояи давлатӣ аз таҷовуз ба дахлнопазирии ҷисмонӣ, ки аз лаҳзаи таваллуд ба вуҷуд меояд, фаҳмида мешавад.

Ба сифати объекти бевоситаи иловагии ҷинояти савдои одамон мумкин аст ҳаёт ва саломатӣ (б. «е» ва «ж» қ. 2, б. «а» ва «б» қ. 3 м. 130(1) КҶ ҶТ), озодӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ноболиғ, инкишофи муътадил ва тарбия намудани ӯ (б. «б» қ. 2 м. 130(1) КҶ ҶТ), тартиби муқарршудаи истифода намудани уҳдадориҳои худ аз

[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи соли 1998, тахти № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. – № 9. – Мод. 68-69 (ҚҶТ аз 23.12.2021, № 1809).

[2] Уголовное право Республики Беларусь. Особенная часть: учебное пособие. – Минск: Новое знание, 2002. – С. 182; *Ретнева Н. И.* Уголовная ответственность за торговлю людьми: монография // Под общ. ред. Э. А. Саркисовой. – Минск: Академия МВД Республики Белорусь, 2008. – С. 40.

[3] *Авденкова М. П.* Право на физическую свободу // Государство и право. – 2005. – № 3. – С. 18.

ҷониби хизматчиёни давлатӣ ё кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ (б. «в» қ. 2 м. 130(1) КҶ ҶТ), тартиби муқарраршудаи муносибат бо ҳуҷҷатҳои расмӣ (б. «д» қ. 2 м. 130(1) КҶ ҶТ) ё тартиби муқарршудаи гузаштан аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (б. «г» қ. 2 м. 130(1) КҶ ҶТ) баромад карда метавонанд.

III. Проблемае, ки дар қонунгузории Ватанӣ нисбат ба он, ки то чи андоза миёни меъёрҳои муқаррар кардаи моддаҳои 130(1), 167 КҶ ҶТ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон № 1096 аз 26-уми июли соли 2014 «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» ва Протоколи Палермо дар маҷмӯ ҷой доранд.

Ба андешаи муҳаққиқони ватанӣ моддаи 130(1) КҶ ҶТ дар муқоиса бо таърифи дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон», ки амалан пурра ба таърифи меъёри стадартии байналмиллалӣ мувофиқ аст, баръакс боиси тафсири нодурусти ин падидаи ҷиноятӣ мегардад, зеро он имплементатсияи муносиби меъёрҳои байналмилалии дар ин соҳа ба уҳдагирифти кишвари моро бадтар менамояд. Аз ин рӯ дар самти қонунгузори оид муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон, низ якқатор прблемаҳо ҷойдорад, ки ҳали оҷилиро тақозо менамоянд. Чуноҷӣ:

1. Ба сохтори тафсири мафҳуми савдои одамон ворид намудани унсури «харид ва фурӯш» ба қадри кофӣ асоснок карда нашудааст. Зеро сухан сари он аст, ки дар моддаи 130(1) КҶ ҶТ, инчунин моддаи 3 Протоколи Палермо дар номгӯи тарзҳои (ҳаракатҳои) содир намудани ҷиноят аллакай «супоридан ва гирифтан» зикр шудааст, ки мувофиқи тафсири умум эътирофшуда ва амалияи ҳифзиҳуқуқ ҳам муздноk ва ҳам бемузд супоридани ва гирифтанӣ шахсро бо мақсади истисмо дар бар мегирад, яъне аз он ҷумла «харид ва фурӯш», ки маънои «супоридани бебозгашти инсонро ба шахси дигар ба ивази пул ё дигар подош» дорад. Маҳз аз ҳамин сабаб ҳангоми исботи супоридан ё гирифтани шахси моил кардашуда муқаррар кардан ва байқад гирифтани фактҳои ба ғайр аз супоридани худи шахс, додани пул ё дигар подош ба ивази ӯ муқаррар карда шаванд. Ҳамин тариқ, зарурати ворид намудани унсури «фурӯш ва харид» ба мафҳуми «савдои одамон» вуҷуд надорад ва мавҷуд набудани он ба ҳеҷ ваҷҳ ба масъалаҳои тафтишот ё исботи далели савдои одамон таъсир намерасонад.

2. Илова бар ин, мехоҳем таваҷҷуҳи дигарро ба як унсури диспозитивии таърифи савдои одамон, ки дар моддаи 1 Қонун, аз ҷумла ифодаи «ё нисбат ба ӯ анҷом додани дигар аҳдҳо» равон намоям. Ин маънои онро дорад, ки дар он мебоист тамоми ҳолатҳои имконпазире, ки дар робита ба қурбони ба миён меоянд, фаро гирифта мешуд, яъне ба ҷуз аз «хариду фурӯш», аз ҷумла «туҳфа» ё «ба иҷора додани инсон». Бо чунин тарзи муносибат, ягон далели мантиқӣ вуҷуд надорад, зеро аллакай дар матни модда «супоридан ва гирифтан» дигар намудҳои аҳдҳои эҳтимолиро пурра фаро мегирад[1].

Ба андешаи мо пеши назар овардани моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» ва банди 3 тавзеҳоти Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба хариду фурӯши одамон ва хариду фурӯши ноболиғон» аз 23-юми декабри соли 2011, таҳти № 12 (бо тағйиру иловаҳои бо қарори Пленум аз 23-юми ноябри соли 2012, таҳти

---

[1] *Сатторов Ф. М.* Рекомендации относительно формирования базовой понятийно-правовой платформы в сфере противодействия торговле людьми. – Душанбе: Из-во «Кондор», 2012. – С. 15-16; Рекомендации по комплексной оптимизации ряда правовых подходов в сфере противодействия торговле людьми. – Душанбе: Изд-во «Ирфон», 2017. – 43 с.; *Раджабов Р. М.* Оптимизация Закона Республики Таджикистан «О противодействии торговле людьми и оказании помощи жертвам торговли людьми» // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2017. – № 3 (35). – С. 55-62.

№ 32 ворид гардида) дар хусуси дарки фаҳмиши填 ибораиҳои «харид ва фурӯши одам», «супоридан ва гирифтани одам» бо чунин маъни: «хариду фурӯши одам – анҷом додани аҳди дутарафаи музднок, ки ба супоридани одам аз ҷониби шахси ӯро дар асоси қонунӣ ё ғайриқонунӣ таҳти вобастагиаш қарордода ба шахси (шахсони) дигар бар ивази подош равона шудааст»; «супоридани шахс, дар ҳаракати миёнарав ҳангоми содир намудани амалиётҳои хариду фурӯши одамон, ҳамчунин минбаъд супоридани ҷабрдида ба шахсони дигар пас аз хариду фурӯши ӯ аз ҷониби харидор»; «супоридани шахс бо подош ва ё ройгон буда, ҷабрдида чи бо асосҳои қонунӣ ва чи ғайриқонунӣ метавонад дар ихтиёри гунаҳгор нигоҳ дошта шавад; «гирифтани одам, ҳаракати муқобили супурдан аст. Гирифтани ҷабрдида, бо ба даст овардани ҷабрдида дар натиҷаи супурдан, тӯҳфа, ивазкунӣ, қарз додан ва ғайра алоқаманд мебошад» метавонад то чи андоза аз мубрамияти дар қонун дуруст ҷойгир намудани ибораҳои мазкур гувоҳӣ диҳад.

**ТДУ 343.575.3**

***Шарифзода В.***
*Дотсенти кафедраи назари идоракунии фаъолияти ҳифзИ ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия*
*E-mail: vafo-84@mail.ru*

## ПЕШГИРИИ ВИКТИМОЛОГИИ ҶИНОЯТКОРИИ САВДОИ ОДАМОН

### ВИКТИМОЛОГИЧЕСКАЯ ПРОФИЛАКТИКА ТОРГОВЛИ ЛЮДЬМИ

Пешгирии ҷинояткорӣ – низоми чораҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ барои пешгирӣ намудан ё аз байн рабудан ва ё миқдоран кам кардани сабаб ва шароитҳои ҷинояткорӣ, боздоштани ҳуқуқвайронкунӣ ва ба танзимдарории рафтори шахсон равона карда шударо меноманд[1]. Пешгирии махсус (криминологӣ) аз чораҳое иборат аст, ки онҳо барои пешгирӣ, монеъа шудан ба ҳодисоти криминогенӣ, тарбияи шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд ё метавонанд онро содир намоянд, равона карда шудааст. Ҳар як ҷиноят вобаста бо характери криминогении худ методҳои пешгириро доро мебошад. Яке аз ин ҷиноятҳо савдои одамон мебошад. Савдои одамон кирдори ҷиноятие мебошад, ки хариду фурӯши ғайриқонунии одамонро бо мақсади истисмор дар бар мегирад. Омӯзиши хусусиятҳои криминологии савдои одамон ба таҳияи стратегияҳои самараноки мубориза бо ин навъи ҷиноят, ҳифзи ҷабрдидаи эҳтимолӣ ва ба ҷавобгарӣ кашидани ҷинояткорон мусоидат мекунад. Аз ҳамин сабаб бояд барои пешгири кардани ин ҷинояти мудҳиш аз пешгирии виктимологӣ васеъ истифода бурд.

Пешгирии виктимологӣ дар криминология, ки ба таври табиӣ ба системаи фаъолияти умумии профилактикӣ дохил мешавад эътироф шудааст. Пешгирии виктимологӣ – ин низоми чораҳои умумииҷтимоӣ ва махсуси-криминологӣ мебошад, ки он ба системаи иҷтимоии огоҳонии ҷиноятҳо ворид карда шудааст ва ба паст кардани виктимаи (ҷабрдидашавии) инфиродӣ ва оммавӣ бо кӯмаки бартараф кардани тамоюли манфии виктимӣ (ҷабрдидашавӣ), фаъол кардани имкониятҳои

[1] *Кабанов П. А.* Виктимологическое измерение последствий современной Российской преступности: криминологический анализ официальной статистики 2009-2016 гг. // Виктимология: научно-практический журнал. – 2017. – № 2 (12). – С. 5-23.

муҳофизавии ҷабрдидагони эҳтимолӣ ва таъмини бехатарии онҳо равона карда шудааст[1].

Муайян кардани ҷабрдидагони эҳтимолӣ вазифаи душвор мебошад, барои он ки аксарияти шахсон, ки аз амалҳои ҷиноятӣ ҷабр диданд, ба мақомотҳои ваколатдор мурочиат намекунанд. Муайян кардани шахсон, ки тамоюли баланди виктимӣ доранд, вобаста аз он ки ин тамоюли гурӯҳӣ ё инфиродӣ мебошад, ба душвории он нигоҳ накарда фарқияти калон дорад. Муайян кардани шахсон, ки виктимии баланди онҳо аз касбу ҳунар вобаста мебошад, нисбатан осон мебошад[2].

Дар заминаи савдои одамон, хусусиятҳои ҷабрдидашави метавонанд инҳоро дар бар гиранд:

1. Осебпазирии ҷабрдида: аксар вақт ҷабрдидагони савдои одамон одамоне мебошанд, ки дар ҳолати осебпазир қарор доранд, ба монанди муҳоҷирон, гурезаҳо, шахсони бе ҷои истиқомати муайян, кӯдакон ва инчунин маъюбон.

2. Оқибатҳои равонӣ: ҷабрдидаи савдои одамон метавонанд оқибатҳои осебро аз қабили стресс, депрессия, изтироб ва эҳсоси гунаҳкорӣ ва шарм эҳсос кунанда.

3. Иҷтимоӣ ҷудокунӣ (мурдад): ҷабрдидаи савдои одамон аксар вақт дар ҳолати ҷудокунии иҷтимоӣ қарор доранд, аз имконияти муоширати озод ва тамос бо ҷаҳони беруна маҳрум мебошанд.

4. Истисмор: дар натиҷаи савдои одамон, ҷабрдидагон ба шаклҳои гуногуни истисмор, аз ҷумла меҳнати маҷбурӣ, истисмори ҷинсӣ, фарзандхондии ғайриқонунӣ ва дигар шаклҳои вайрон кардани ҳуқуқ ва шаъну шарафи онҳо дучор мешаванд.

Амалигардонии пешгирии виктимологӣ нисбат ба ҷинояткории савдои одамон муҳим мебошад.

Хулоса омӯзиши хусусиятҳои ҷабрдидаи савдои одамон ба мо имкон медиҳад, ки оқибатҳои ин ҷиноятро амиқтар фаҳмем ва чораҳои муассирро барои пешгирӣ, ҳифзи ҷабрдидагон ва пешгирии ин падидаи ба ҷомеа хатарнок таҳия кунем.

**УДК 342.7**

***Шукюров Ш. Т.***
*Доцент кафедры «Административной деятельности ОВД» Академии Полиции МВД Азербайджанской Республики, доктор философии по праву, доцент, полковник полиции*
*E-mail: shahin1967@mail.ru*

***Шукюрли М. Ш.***
*Секретарь судебного заседания Хазарского районного суда города Баку Азербайджанской Республики*
*E-mail: murad_shukurlu@mail.ru*

***Посвящается 30-летию со дня образования «Бюро по координации борьбы с организованной преступностью и иными опасными видами преступлений на территории государств – участников СНГ» при Совете Министров Внутренних Дел СНГ***

[1] *Квашис В. Е.* Проблемы повышения уровня виктимологических исследований // Виктимология: научно-практический журнал. – 2018. – № 1 (15). – С. 7-12.

[2] *Майоров А. В.* Модель развития виктимологической ситуации // Виктимология: научно-практический журнал. – 2018. – № 1 (15). – С. 30-36.

# ГОСУДАРСТВЕННАЯ ПОЛИТИКА ПРАВООХРАНИТЕЛЬНЫХ ОРГАНОВ В ОБЛАСТИ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ТОРГОВЛЕ ЛЮДЬМИ

Торговля людьми является одной из форм насилия в отношении ее наиболее частых жертв: женщин и детей. Она также является одной из форм противоправного вмешательства в сферу международного семейного права, поскольку отдельные виды торговли людьми связаны с искажением или недобросовестным использованием законных семейных порядков[1].

Под торговлей людьми обычно понимается процесс, в результате которого отдельные лица попадают в эксплуатацию или удерживаются в этом состоянии с целью получения экономической выгоды. Торговля людьми может вестись внутри одной страны или может сопровождаться перемещением через границы. Женщины, мужчины и дети становятся жертвами торговли людьми для достижения ряда целей, в том числе с целью их использования для принудительного труда и эксплуатации на фабриках, фермах и в частных домашних хозяйствах, для сексуальной эксплуатации и принудительной выдачи замуж[2].

Международное сотрудничество государств в сфере борьбы с торговлей людьми началось с Декларации о прекращении торговли неграми, принятой на Венском конгрессе 1815 г., и до конца XIX века такое сотрудничество осуществлялось в рамках борьбы с работорговлей.

В начале XX века происходит осознание необходимости запрещения как работорговли, так и самого рабства. Одновременно с этим внимание международного сообщества привлекает проблема пресечения продажи женщин и детей без цели обращения их в рабство, а преимущественно для занятия проституцией.

Однако принятые Международный договор о борьбе с торговлей белыми рабынями от 18 мая 1904 г., Международная конвенция о борьбе с торговлей белыми рабынями от 4 мая 1910 г., Международная конвенция о борьбе с торговлей женщинами и детьми от 30 сентября 1921 г., Международная конвенция о борьбе с торговлей совершеннолетними женщинами от 11 октября 1933 г. и Конвенция о борьбе с торговлей людьми и с эксплуатацией проституции третьими лицами от 2 декабря 1949 г. не содержали определения понятия торговли людьми. Более того, первое официальное упоминание в международно-правовом акте термина «торговля людьми» вне зависимости от их пола и возраста имело место в Конвенции 1949 г., которая, как следует из ее преамбулы, объединяет в себе вышеуказанные акты[3].

Торговля людьми представляет собой вид нелегальной предпринимательской деятельности, который в некоторых случаях использует для своей выгоды международные миграционные потоки. Она оказывает глубочайшее воздействие на свои жертвы, причиняя им психологический и физический вред и травмируя их, а также повышая их шансы заразиться такими опасными болезнями, как ВИЧ/СПИД[4].

Эксплуатация людей ради наживы практикуется издавна, и международные усилия, направленные на борьбу с ней, стали прилагаться не менее ста лет назад, задолго до появления современной системы прав человека. Однако торговля людьми

---

[1] Борьба с торговлей людьми. Руководство для парламентариев. Межпарламентский союз и ЮНОДК. Издание Организации Объединенных Наций // [Электронный ресурс]. – URL: file:///F:/26.10.23-%D0%A0%D0%9D%D0%9A (дата обращения: 01.11.2023).

[2] Права человека и торговля людьми. Изложение фактов № 36. ООН. – Нью-Йорк – Женева, 2014. – С. 9.

[3] Торговля людьми без цели обращения в рабство // [Электронный ресурс]. – URL: https://studme.org/41126/pravo/torgovlyalyudmibez_tseli_obrascheniya_rabstvo] (дата обращения: 02.11.2023).

[4] Борьба с торговлей людьми. Руководство для парламентариев. Межпарламентский союз и ЮНОДК. Издание Организации Объединенных Наций. // [Электронный ресурс]. – URL: file:///F:/26.10.23-/Handbook_for_Parliamentarians_Russian_V0983316.pdf (дата обращения: 02.11.2023).

стала вызывать серьезную озабоченность только в последнее десятилетие. За этот же период вокруг этой проблемы сложилась всеобъемлющая правовая база.

Подобные перемены подтверждают, что произошел фундаментальный сдвиг в том, как международное сообщество воспринимает эксплуатацию людей. Они подтверждают также, что изменились ожидания, возлагаемые на правительства и другие стороны относительно того, как им следует бороться с торговлей людьми и предупреждать ее. Поэтому подход, ориентированный на защиту интересов жертв, пользуется все более широкой поддержкой со стороны международного сообщества[1].

Движущими силами торговли людьми являются гендерное неравенство, отсутствие равных возможностей, вопиющее экономическое неравенство как внутри государств, так и между ними, коррупция и уязвимость, являющиеся результатом неадекватности судебной и правоохранительной систем, гражданской нестабильности и невыполнения государствами своих функций по защите и обеспечению своих граждан. Одним из факторов, способствующих процветанию торговли людьми, является наличие спроса на платные сексуальные услуги и дешевую рабочую силу для строительства, обрабатывающего производства, промышленности и домашнего хозяйства[2].

Провозглашается, что человек, его права и свободы являются высшей ценностью, их признание, соблюдение и защита являются обязанностью государства (ст. 2 Конституции РФ)[3].

Самое первое определение торговли людьми было включено в Протокол 2000 года о предупреждении и пресечении торговли людьми, особенно женщинами и детьми, и наказании за нее, дополняющий Конвенцию Организации Объединенных Наций 1 Рекомендуемые принципы и руководящие положения по вопросу о правах человека и торговле людьми: комментарий (публикация Организации Объединенных Наций, в продаже под № R.10.XIV.1), против транснациональной организованной преступности (Протокол о предупреждении и пресечении торговли людьми). С того момента это определение было включено во многие другие правовые и политические документы, а также в национальные законы[4].

В рамках законодательства о борьбе с торговлей людьми должно также признаваться, что лица, ставшие объектами торговли людьми, являются жертвами, имеющими право на защиту их основных прав человека[5].

Права человека являются центральным элементом нового осмысления проблемы, и в настоящее время широко признана необходимость применения правозащитного подхода к торговле людьми. Как сказано далее в изложении фактов, для подобного подхода требуется понять, каким образом происходит нарушение прав человека при торговле людьми и, как обязаны, действовать государства согласно международному праву в области прав человека. Он направлен одновременно на выявление и устранение дискриминационной практики и неравного распределения

---

[1] Права человека и торговля людьми. Изложение фактов № 36. ООН. – Нью-Йорк – Женева, 2014. – С. 1.

[2] Борьба с торговлей людьми. Руководство для парламентариев. Межпарламентский союз и ЮНОДК. Издание Организации Объединенных Наций // [Электронный ресурс]. – URL: file:///F:/26.10.23-%D0% (дата обращения: 04.11.2023).

[3] *Глотов С. А., Сальников С. В.* Противодействие торговле людьми: правовое регулирование, зарубежная и отечественная практика. – М.: Международный юридический институт, 2009. – С. 4.

[4] Права человека и торговля людьми. Изложение фактов № 36. ООН. – Нью-Йорк – Женева, 2014. – С. 2.

[5] Борьба с торговлей людьми. Руководство для парламентариев. Межпарламентский союз и ЮНОДК. Издание Организации Объединенных Наций // [Электронный ресурс]. – URL: file:///F:/26.10.23-%D0% (дата обращения: 04.11.2023).

полномочий, лежащих в основе торговли людьми, позволяющих торговцам людьми оставаться безнаказанными и лишающих жертв справедливости[1].

Государства обязаны принять меры к построению комплексной структуры, имеющей целью предупреждение виктимизации и ревиктимизации, защиту тех, кто пострадал от данного вида преступления, а также преследование виновных в судебном порядке. Государства должны принять меры для борьбы с факторами, способствующими распространению торговли людьми, стремясь таким образом обеспечить своих граждан, чтобы снизить степень их уязвимости перед торговцами людьми и создать альтернативы эксплуатации, которая время от времени сопутствует спросу на дешевый труд и услуги. Применяя правовые нормы и осуществляя мониторинг в отношении противоправной деятельности, государства должны быть бдительными, для того чтобы свести к минимуму прибыли, которые может приносить торговля людьми[2].

Серьезную опасность для государств – участников СНГ представляет такой вид преступной деятельности, как торговля людьми, особенно женщинами и детьми. Торговля людьми как разновидность криминального бизнеса стала одной из сложнейших проблем, которая давно вышла за пределы отдельных государств, занимая одно из ведущих мест в транснациональной преступности[3].

Становясь участниками договора, государства накладывают на себя строгие обязательства международно-правового характера и обязуются гарантировать, что их собственное национальное законодательство, политика или практика соответствуют требованиям договора и согласуются с его стандартами. Эти обязательства подлежат исполнению в международных судах и трибуналах с соответствующей юрисдикцией, таких как Международный Суд, Международный уголовный суд или Европейский суд по правам человека, и в зависимости от внутреннего законодательства могут применяться в национальных судах.

Поскольку торговля людьми является сложным вопросом, который можно рассматривать с разных точек зрения, актуальными являются многие договоры. Основные договоры по борьбе с преступностью, такие как Конвенция Организации Объединенных Наций против транснациональной организованной преступности и Конвенция Организации Объединенных Наций против коррупции, также применимы к борьбе с торговлей людьми, равно как и Римский статут Международного уголовного суда. Они дополняют договоры, специально и исключительно направленные на борьбу с торговлей людьми[4].

Вопросы взаимодействия стран СНГ в обеспечении всесторонней безопасности являются одними из самых востребованных. Практически на каждой встрече главы государств и правительств рассматривают и принимают решения в этой сфере. Подход здесь один – новым вызовам и угрозам противостоять сообща, постоянно и решительно, как в рамках Содружества Независимых Государств, так и на глобальном уровне[5].

При определении, что именно требуется от государств в борьбе с торговлей людьми, могут быть применимы также другие признанные источники международного права, такие как обычаи, общие принципы и решения международных судов.

---

[1] Права человека и торговля людьми. Изложение фактов № 36. ООН. – Нью-Йорк – Женева, 2014. – С. 1.

[2] Борьба с торговлей людьми. Руководство для парламентариев. Межпарламентский союз и ЮНОДК. Издание Организации Объединенных Наций // [Электронный ресурс]. – URL: file:///F:/26.10.23-%D0% (дата обращения: 04.11.2023).

[3] О сотрудничестве государств – участников СНГ в борьбе с торговлей людьми (2009 г.) // [Электронный ресурс]. – URL: http://cis.minsk.by/page/13762 (дата обращения: 06.11.2023).

[4] Права человека и торговля людьми. Изложение фактов № 36. ООН. – Нью-Йорк – Женева, 2014. – С. 11.

[5] О сотрудничестве государств – участников СНГ в борьбе с торговлей людьми (2009 г.) // [Электронный ресурс]. – URL: http://cis.minsk.by/page/13762 (дата обращения: 06.11.2023).

Запрещение рабства широко признано как часть обычного международного права, в обязательном порядке распространяющаяся на все государства, независимо от того, являются ли они фактически участниками одного или более договоров, конкретно запрещающих рабство. Общий принцип права присущи всем основным правовым системам и поэтому является частью международного права. Общий принцип права, применимый к торговле людьми, заключается в том, что никто не должен нести ответственность за преступление, которое его вынудили совершить[1].

Создание системы международного контроля как за претворением в жизнь юридических обязательств, взятых на себя государствами в области прав человека, включая борьбу с работорговлей и под невольным состоянием людей, так и деятельность созданных для этих целей международным сообществом специализированных организаций является одним из наиболее значимых достижений в этой сфере за последнее столетие.

Функции международного контроля постоянно расширяются и совершенствуются, при этом некоторые формы и методы заимствуются из внутренней практики государств или 200-летней мировой истории борьбы с рабством. Контроль существенно повышает эффективность применения согласованных норм и принципов международного права каждым государством – участником международных соглашений, ответственность за их пунктуальное выполнение.

Формы такого контроля во многом зависят от характера нарушенных (систематически нарушаемых) прав человека и могут быть самыми разнообразными. Они определяются Уставом, решениями ООН и ее специализированных учреждений, международными организациями и соглашениями универсального и регионального характера (например, Уставом, конвенциями, резолюциями Совета Европы, в т. ч. Европейской Конвенцией о защите прав человека и основных свобод и дополнительными протоколами к ней, работой Европейского Суда по правам человека и т. д.)[2].

Наконец, важно принимать во внимание множество документов по борьбе с торговлей людьми, которые не являются, строго говоря, правовыми. К ним относятся:

– Рекомендуемые принципы и руководящие положения по вопросу о правах человека и торговле людьми;

– Руководящие принципы по борьбе с торговлей людьми, подготовленные Детским фондом Организации Объединенных Наций (ЮНИСЕФ), и по борьбе с торговлей людьми и предоставлению убежища, подготовленные Управлением Верховного комиссара Организации Объединенных Наций по делам беженцев (УВКБ);

– резолюции, принятые Генеральной Ассамблеей и Советом по правам человека; выводы и доклады международных правозащитных механизмов, таких как договорные органы и специальные процедуры, и не имеющие силы договоров соглашения между странами по вопросам репатриации и реинтеграции жертв торговли людьми.

Эти разнообразные источники «мягкого права» не налагают прямых обязательств на государства, и не наделяют правами отдельных лиц или группы. Поэтому для сохранения целостности международного права важно не преувеличивать их юридический вес. Однако некоторые инструменты мягкого права могут быть частью международно-правовой базы, способствуя, например, выявлению или подтверждению конкретной правовой тенденции либо даже содействуя развитию обычного международного права в конкретном аспекте борьбы с торговлей людь-

